ISSN 2305-0535

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ

Национальная академия наук Таджикистана
Институт философии, политологии и права

National academy of sciences of Tajikistan
Institute of philosophy, political science and law



# МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ

4/1 (57) / 2025

# АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ

4/1 (57 / 2025

# THE ACADEMIC LAW JOURNAL

4/1 (57) / 2025



Душанбе Dushanbe
2025

**МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ**
**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН – 4/1 (57)/2025**

---

**МУАССИС:** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатнома оид ба қайд гирифтани тахти № 279/МҶ–97 аз 31 марти соли 2023. Маҷалла аз моҳи январи соли 2012, чаҳор маротиба дар як сол нашр мешавад.

Маҷалла ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил аст. Маҷаллаи илмӣ аз январи соли 2014 ба Шохиси иқтибосоварии илмии Русия (РИНЦ) ворид аст. Мақолаҳо бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мегарданд.

**Суроғаи редаксия:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел./факс: 221–56–89; 221–65–85; e–mail: buriev–68@mail.ru; **Суроғаи интернетӣ:** http://majalla.ifppanrt.tj

**Маҷалла бо дастгирии**
**Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.**

**Шурои таҳририя:**

**Раиси Шурои таҳририя:** Буризода Э.Б. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Аъзои Шурои таҳририя:** Маҳмудзода М.А. – академик, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Насриддинзода Э.С. – узви вобаста, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Раҳимзода М.З. – узви вобаста, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Идизода Ф.Ф. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Зоир Ҷ.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Шарипов Т. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Шарифзода Ф.Р. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Раҳмон Д.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Сафарзода А.И. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Имомов А.И. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Маликова А.Х. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Самара, ФР); Қанатбек Азиз – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (Бишкек, РК); Азиззода У.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Одиназода Р.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Шонасриддинов Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Раҷабзода М.Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Ҳайати таҳририя: Сармуҳаррир:** Буризода Э.Б. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Муовини сармуҳаррир:** Раҷабов С.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;
**Котиби масъул:** Холинова М.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Аъзои ҳайати таҳририя:** Бобоҷонзода И.Ҳ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Гадоев Б.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Иброҳимов С.И. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Нематов А.Р.– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Назар Н.Ҷ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Сафарбекзода Ҳ.С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Абдуҷалилов А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Раҳмадҷонзода Р.Р. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Муродзода А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Абдулхонов Ф.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Насуриён П.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Мансурзода А.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ; Маҳмадуллозода Н.Р. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Таҳриру такмили матн:** Раҷабов С.А., Набиев Ф.С., Мирзоева С.С.

*Мақолаҳо мавриди тақриз қарор мегиранд. Мақолаҳо бо ҳамон матне, ки муаллиф пешниҳод кардааст чоп мегарданд. Мавқеъ ва афкори ҳайати таҳририя на ҳамеша бо мавқеъ ва афкори муаллифон мувофиқ аст. Ҳангоми истифода ва иқтибос аз маводҳои "Маҷаллаи академии ҳуқуқ" ишора ба он ҳатмист.*

© **Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2025.**
© **Ҳайати муаллифон, 2025.**

## МУНДАРИҶА
## МАСОИЛИ ДОҒИ РӮЗ

**Сафарбекзода Ҳ.С., Амирзода А.У.** Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ........ 8
**Давлатзода К.Д.** Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ........ 13
**Қодирзода Т.Қ., Убайдзода Х.Ш.** Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ........ 21

**Мирзохофизиён М.М.** Истифодаи зеҳни сунъӣ ва масоили ҳуқуқии он......26

**6D030100 – ҲУҚУҚШИНОСӢ**
**ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5.1.1)**
**Буризода Э.Б., Наҷмуддинов Ш.М.** Ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии истифодабарии замин дар давлати Сомониён......29
**Саидзода М.Ш.** Падидаҳои ҳуқуқи маданӣ ва оилавии давлати Сосониён......33
**Буризода Э.Б., Қодирзода С.М.** Афкори сиёсию ҳуқуқи ва иҷтимоии Ҳусайн Воизи Кошифӣ......37
**Қодирзода С.М.** Баррасии мафҳуми ҳокимият ва навъҳои гуногуни он аз нигоҳи Абунасри Форобӣ......41
**Майнусов Д.Ф.** Таҳлили ҳуқуқӣ ва иҷтимоии достони Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ......44
**Ҳусаинова Ш.М.** Баъзе масъалаҳои назариявии мафҳум ва мазмуни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ......50
**Хушвахтзода Х.Х.** Асосҳои сиёсию ҳуқуқии ташаккули ниҳоди хизмати ҳарбӣ ва идоракунии ҳарбӣ дар асри VIII......54
**Алиназарова К.Ғ.** Ниҳодҳои мустамликавии ҳарбии баррасии бахсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон......58
**Муҳаммадӣ Д.И.** Оид ба ташаккули низоми мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони шуравӣ (солҳои 1917-1991)......63

**ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) (ИХТИСОС: 5. 1. 2)**
**Иброҳимов С.И., Бобоев М.М.** Низоми ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......68
**Скачкова Г.С.** Тамоюлҳои муосири рушди қонуни меҳнат дар Русия......76
**Хуршедзода М.Х.** Масоили таносуби меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва конститутсионӣ......81
**Одиназода Р.С., Ашурзода М.С.** Принсипҳои асосии назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон......86
**Султонзода Б.С.** Ҳокимияти намояндагӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ: масъалаи назария......91

**ИЛМҲОИ ХУСУСӢ – ҲУҚУҚӢ (МАДАНӢ) (ИХТИСОС: 5.1.3)**
**Ҳаитов С.П.** Хусусиятҳои ҷиноӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳои андоз дар Тоҷикистон......96
**Давлятов С.Р.** Баланд бардоштани шуури ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ дар раванди ислоҳотҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ......101
**Назирмадзода Д.Н.** Масъалаҳои ҳуқуқии бекор кардани никоҳ......107
**Маҳмадуллозода Н.Р., Музаффарзода М.Ш.** Нақши санадҳои корфармо–шартномаи коллективӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ......110
**Маҳмадуллозода Н.Р.** Дигар мақомоти дохилидавлатӣ оид ба робитаҳои беруна дар соҳаҳои махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......114
**Кодирзода Т.Қ., Ҳакимзода Д.А.** Ҷанбаҳои назариявии ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ......120
**Саидов Б.А.** Рушди таъмини ёрии ҳуқуқӣ дар мурофиаи маданӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол......129
**Тоҷиддини Б.** Низоми миллии танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......134
**Нематов А.Р., Иброҳимова М. Ф.** Механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд......143
**Табаров Н.А.** Нақши қонунгузорӣ оид ба судҳо дар ташаккули ҳуқуқи мурофиавӣ......147

**6D030200 - ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**
**ИЛМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚӢ (ИХТИСОС: 5.1.5)**
**Обидова М.Н.** Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар самти амнияти экологӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон......152
**Исматзода А.И.** Аз доктрина то принсипҳо: танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории давлатҳо дар самти истифодаи устувор ва ҳифзи обҳои байналмилалӣ......157
**Иброҳимов С., Бободжонзода О.** Мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ......169

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН**
**Халимханов А.А.** Фаъолияти бонкӣ ҳамчун объекти танзими молиявӣ - ҳуқуқӣ......173
**Холиқов И.А.** Омилҳои таърихии ташаккули идеяи дунявият дар давлатдории халқи тоҷик......182
**Шоев С.Ҳ.** Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш......189
**Азизқулова М.Қ.** Масоил ва аҳамияти принсипи қонуният дар ҳуқуқи ҷиноятӣ......193

**ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН**

**АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ**
**ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА**
**НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА – 4/1 (57)/2025**

**УЧРЕДИТЕЛЬ:** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации № 279/МҶ–97 от 31 марта 2023 г. Журнал издается ежеквартально с января 2012 г. Журнал входит в перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан. Научный журнал с 2014 г. входить в РИНЦ РФ. В журнале статьи печатаются на таджикском, русском и английском языках.

**Адрес редакции:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33. Тел./факс: 221–56–89; 221–65–85; e–mail: isalanrt@rambler.ru; buriev–68@mail.ru; **Электронный адрес журнала:** http://majalla.ifppanrt.tj

**Журнал издан при содействии и поддержке**
**Профсоюза работников образования и науки Республики Таджикистан.**

**Редакционный Совет:**

**Председатель редакционного совета:** Буризода Э.Б. –доктор юридических наук, профессор.

**Члены редакционного совета:** Махмудзода М.А. – академик, доктор юридических наук, профессор; Насриддинзода Э.С. – чл-корр АН РТ, доктор юридических наук, профессор; Рахимзода М.З. –чл-корр. АН РТ, доктор юридических наук, профессор; Идизода Ф.Ф. – кандидат юридических наук, доцент; Зоир Дж.М. – доктор юридических наук; Шарипов Т. – доктор юридических наук, профессор; Шарифзода Ф.Р. – доктор юридических наук, профессор; Рахмон Д.С. – доктор юридических наук, профессор; Сафарзода А.И. – доктор юридических наук, профессор; Имомов А.И. – кандидат юридических наук, профессор; Азиззода У.А. – доктор юридических наук, профессор; Маликова А.Х. – доктор юридических наук, профессор; (Самара, РФ); Канатбек Азиз – доктор юридических наук, профессор; (Бишкек, КР); Одиназода Р.С. – доктор юридических наук; Шонасриддинов Н. – кандидат юридических наук, доцент; Раджабзода М.Н. – кандидат юридических наук, доцент

**Редакционная коллегия:**

**Главный редактор:** Буризода Э.Б. – доктор юридических наук, профессор.

**Заместитель главного редактора:** Раджабов С.А. – доктор юридических наук, профессор;

**Ответственный секретарь**: Холинова М.М. – кандидат юридических наук.

**Члены редколлегии:** Бободжонзода И.Х. – доктор юридических наук, профессор; Гадоев Б.С. – доктор юридических наук, профессор; Гаюров Ш.К. – доктор юридических наук, профессор; Ибрагимов С.И. – доктор юридических наук, профессор; Нематов А.Р. – доктор юридических наук, доцент; Назарзода Н.Дж. – доктор юридических наук; Абдуджалилов А. – доктор юридических наук; Рахмадджонзода Р.Р. - доктор юридических наук, доцент; Сафарбекзода Х.С. – доктор юридических наук, доцент; Муродзода А. – доктор юридических наук; Абдулхонов Ф.М. – кандидат юридических наук; Насуриён П.А. – кандидат юридических наук; Мансурзода А.М. – кандидат юридических наук; Махмадуллозода Н.Р. – кандидат юридических наук.

**Редакция и корректура:** Раджабов С.А., Набиев Ф.С., Мирзоева С.С.

*Статьи рецензируются. Тексты статей публикуются в авторской редакции. Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов. При использовании и цитировании материалов ссылка на "Академический юридический журнал" обязательна.*

**© Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, 2025.**
**© Коллектив авторов, 2025.**

## СОДЕРЖАНИЕ

## АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ДНЯ

**Сафарбекзода Ҳ.С., Амирзода А.У.** Правовая политика как фундаментальная основа правотворческой политики ........ 8
**Давлатзода К.Д.** Уголовно-правовая характеристика преступлений против сетей интернет и их вспомогательного оборудования (вредоносные программы, DoS-атаки)........ 13
**Кодирзода Т.К., Убайдзода Х.Ш.** Правовое воспитание как процесс формирования правового сознания и правовой культуры в общеобразовательных учреждениях........ 21
**Мирзохофизиён М.М.** Исползование искусственного интеллекта и её правовые проблемы........ 26

## 6D030100 - ЮРИСПРУДЕНЦИЯ
## ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1)

**Буризода Э.Б., Наджмуддинов Ш.М.** Историко-правовые аспекты отношения прав землепользования в Саманидском государстве ...29
**Саидзода М.Ш.** Феномены гражданского и семейного права Сасанидского государства...33
**Буризода Э.Б., Кодирзода С.М.** Политические, правовые и социальные мысли Хусейна Воизи Кашифи...37
**Кодирзода С.М.** Обзор концепции власти и ее различных типов с точки зрения абу Насри Фараби...41
**Майнусов Д.Ф.** Правовой и социальный анализ истории Сиовуша в «Шахнаме» Фирдоуси ...44
**Хусаинова Ш.М.** Некоторые теоретические вопросы понятия и сущности правоохранительной деятельности ...50
**Хушвахтзода Х.Х.**. Политические и правовые основы формирования института военной службы и военного управления в VIII веке...54
**Алиназарова К.Г.** Военно-колониальные институты для рассмотрения правовых споров в Бадахшане...58
**Мухаммади Д.И.** О формировании системы органов гражданской регистрации в Советском Таджикистане (1917-1991)...63

## ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2)

**Иброхимов С.И., Бобоев М.М.** Система судебной власти в Республике Таджикистан...68
**Скачкова Г.С.** Современные тенденции развития трудового права России...76
**Хуршедзода М.Х.** Вопросы соотношения норм уголовного и конституционного законодательства ...81
**Одиназода Р.С., Ашурзода М.С.** Основные принципы государственного контроля в области использования и охраны земель в соответствии с законодательством Республики Таджикистан ...86
**Султонзода Б.С.** Представительная власть в системе государственной власти: теоретический вопрос...91

## ЧАСТНО – ПРАВОВЫЕ (ЦИВИЛИСТИЧЕСКИЕ) НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 3)

**Хаитов С.П.** Уголовно – правовая характеристика налоговых преступлений в Таджикистане...96
**Давлятов С.Р.** Повышение правосознания субъектов экономических отношений в процессе реформирования системы юридического образования и воспитания ...101
**Назирмадзода Д.Н.** Правовые проблемы расторжения брака ...107
**Махмадуллозода Н.Р., Музафарзода М.Ш.** Роль актов работодателя – коллективного договора в регулировании трудовых отношений ...110
**Махмадуллозода Н.Р.** Иные внутригосударственные органы внешних сношений в специальных сферах Республики Таджикистан...114
**Кодирзода Т.К., Хакимзода Д.А.** Теоретические аспекты защиты трудовых прав и правовых интересов субъектов трудовых отношений...120
**Саидов Б.А.** Развитие обеспечения юридической помощи в гражданском судопроизводстве в независимом Таджикистане...129
**Тоджиддин Б.** Национальная система правового регулирования управления трудом в Республике Таджикистан ...134
**Нематов А.Р., Иброхимова М. Ф.** Механизм правового регулирования трудовых и других связанных с ними отношений...143
**Табаров Н.А.** О роли законодательства о судах в формировании процессуального права ...147

## 6D030200-МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО
## МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ НАУКИ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 5)

**Обидова М.Н.** Внедрение норм международного права в области экологической безопасности в правовую систему Республики Таджикистан...152
**Исматзода А.И.** От доктрин к принципам: международно-правовое регулирование сотрудничества государств в сфере устойчивого использования и охраны международных водотоков ...157
**Иброхимов С., Бободжонзода О.** Правовое положение беженцев в международном праве ...169

## ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ

**Халимханов А.А.** Банковская деятельность как объект финансово-правового регулирования ...173
**Холиков И.А.** Исторические факторы формирования идеи светскости в государственности таджикского народа...182
**Шоев С.Х.** Политические и правовые мысли таджикского просветителя Ахмада Дониша...189
**Азизкулова М.К.** Вопросы и значение принципа законности в уголовном праве...193

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

**ACADEMIC LAW JOURNAL**
**INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW**
**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN – 4/1 (57) / 2025**

**Founder:** A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law of Tajikistan National Academy of Sciences. The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Registration certificate No. 279 / MJ-97 dated March 31, 2023. The journal has been published quarterly since January 2012. The journal is included in the list of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan. Since 2014, the scientific journal has been included in the RSCI of the Russian Federation. Articles in the journal are published in Tajik, Russian and English.

**Editorial address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, 33 - Rudaki, ave. Tel./fax: 221–56–89; 221–65–85; e–mail: buriev–68@mail.ru; **Electronic address** of the journal: http://majalla.ifppanrt.tj

**The journal is published with the assistance and support of**
**Trade union of workers of education and science of the Republic of Tajikistan.**

**Chairman of the Editorial Council:** Burizoda E.B. – Doctor of Law, professor.

**Members of the Editorial Council:** Mahmudzoda M.A. – Academician, Doctor of Law, Professor; Nasriddinzoda E.S. - Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor; Rakhimzoda M.Z. - Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor; Idizoda F.F. candidate of legal sciences; Zoir J.M. - Doctor of Law; Sharipov T. - Doctor of Law, Professor; Sharifzoda F.R. – Doctor of Law, Professor; Rahmon D.S. – Doctor of Law, Associate Professor; Safarzoda A.I. – Doctor of Law, Professor; Imomov A.I. – Candidate of Legal Sciences, Professor; Azizzoda U.A. – Doctor of Law, Professor; Malikova A.Kh. – Doctor of Law, Professor; (Samara, RF); Kanatbek Aziz - Doctor of Law, Professor (Bishkek, KR); Odinazoda R.S. - Doctor of Law; Shonasriddinov N. - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor; Rajabzoda M.N. - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor.

**Editorial Board:**

**Editor–in–chief:** Burizoda E.B. – doctor of juridical sciences, professor.

**Deputy editor–in–chief:** Rajabov S.A.– doctor of juridical sciences, professor.

**Executive secretary:** Cholinova M.M. - candidate of legal sciences.

**Members of the editorial board:** Bobojonzoda I.Kh. – doctor of law, professor; Gadoev B.S. – – doctor of law, associate professor; Gayurov Sh.K. – doctor of law, associate professor; Ibragimov S.I. – doctor of law, professor; Nematov A.R. – doctor of law, associate professor; Nazarzoda N.J. – doctor of law; Safarbekzoda Kh.S. – candidate of legal sciences, associate professor; Murodzoda A. - doctor of law; Abdulkhonov F.M. – candidate of legal sciences; Abdujalilov A. - doctor of legal sciences; Rahmadjonzoda R.R. - doctor of law, associate professor; Nasuriyon P. - candidate of legal sciences; Mansurzoda A.M. – candidate of legal sciences; Mahmadullozoda N.R. - candidate of legal sciences.

**Edition and correction:** Rajabov S.A., Nabiev F.S., Mirzoeva S.S.

*The articles shall be critically reviewed. Texts of articles are published in an authorial release. Opinion of editorial members may not coincide with opinion of authors. While using and quoting of materials citation on "Academic Law Journal" is obligatory.*

**© A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, 2024.**
**© Team of authors, 2024.**

## CONTENTS

## ACTUAL PROBLEMS OF DAY

**Safarbekzoda H.S., Amirzoda A.U.** Legal policy as a fundamental basis for law-making policy......8
**Davlatzoda K.D.** Criminal Law Characteristics of Crimes Against Internet Networks and Their Ancillary Equipment (malware, DoS attacks)......13
**Kodirzoda T.K., Ubaidzoda H.Sh.** Legal education as a process of formation of legal consciousness and legal culture in educational institutions......21
**Mirzohofizien M.M.** The use of artificial intelligence and its legal problems......26

### 6D030100 - JURISPRUDENCE
### THEORETICAL AND HISTORICAL LEGAL SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 1)

**Burizoda E.B., Nadzhmuddinov Sh.M.** Historical and legal aspects of the relationship of land use rights during the Samanids state......29
**Saidzoda M.Sh.** Phenomena of civil and family law of the Sasanian state......33

**Burizoda E.B., Kadirzoda S.M.** Political, legal and social thoughts of Husain Voizi Koshifi ........ 37
**Kadirzoda S.M.** A review of the concept of authority and its different types from the point of view of abu Nasri Farabi ........ 41
**Mainusov D.F.** Legal and social analysis of the story of Siyovush in Firdawsi's "Shahnameh" ........ 44
**Khusainova Sh.M.** Some theoretical issues of the concept and essence of law enforcement activities ........ 50
**Khushvaktzoda Kh.Kh**. Political and legal foundations for the formation of the institution of military service and military administration in the 8th century ........ 54
**Alinazarova K.G.** Military-colonial institutions for the consideration of legal disputes in Badakhshan ........ 58
**Muhammadi D.I.** On the formation of the system of civil registration bodies in Soviet Tajikistan (1917-1991) ........ 63

## PUBLIC – LEGAL (STATE – LEGAL) SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 2)

**Ibrokhimov S.I., Boboev M.M.** The sistem of the judicial power in the Republic of Tajikistan ........ 68
**Skachkova G.S.** Modern trends in the development of labor law in Russia ........ 76
**Khurshedzoda M.Kh.** Questions of the relationship between the norms of criminal and constitutional legislation ........ 81
**Odinazoda R.S., Ashurzoda M.S.** Basic principles of state control in the field of land use and protection according to the legislation of the Republic of Tajikistan ........ 86
**Sultonzoda B.S.** Representative power in the system of state power: a theoretical issue ........ 91

## PRIVATE LEGAL (CIVILISTIC) SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 3)

**Khaitov S.P.** Criminal and legal characteristics of tax crimes in Tajikistan ........ 96
**Davlyatov S.R.** Raising the legal awareness of subjects of economic relations in the process of reforming the system of legal education and upbringing ........ 101
**Nazirmadzoda D.N.** Legal problems of divorce ........ 107
**Mahmadullozoda N.R., Muzaffarzoda M.Sh.** The role of employer acts – the collective agreement in the regulation of labor relations ........ 110
**Mahmadullozoda N.R.** Other internal state bodies of foreign relations in specialized spheres of the Republic of Tajikistan ........ 114
**Kodirzoda T.Q., Hakimzoda D.A.** Theoretical aspects of the protection of labor rights and legal interests of the subjects of labor relations.. ........ 120
**Saidov B.A.** Development of legal aid provision in civil proceedings in independent Tojikistan ........ 129
**Tojiddin B.** National system of legal regulation of labour management in the Republic of Tajikistan ........ 134
**Nematov A.R., Ibrokhimova M.F.** The mechanism of legal regulation of labor and other related relations ........ 143
**Tabarov N.A.** On the role of judicial legislation in the formation of procedural law ........ 147

## 6D030200 - INTERNATIONAL LAW
## INTERNATIONAL LEGAL SCIENCES (SPECIALTY: 5. 1. 5)

**Obidova M.N.** Implementation of international environmental security norms into the legal system of the Republic of Tajikistan ........ 152
**Ismatzoda A.I.** From doctrines to principles: international legal regulation of state cooperation in the sphere of sustainable use and protection of international watercourses ........ 157
**Ibragimov S., Bobojonzoda O.** Legal status of refugees in international law ........ 169

## THE TRIBUNE OF YOUNG SCIENTISTS

**Khalimkhanov A.A.** Banking activities as an object of financial and legal regulation ........ 173
**Kholiqov I.A.** Historical factors in the formation of the idea of secularism in the statehood of the tajik people ........ 182
**Shoev S.H.** Political and legal thoughts of Tajik educator Ahmad Donish ........ 189
**Azizkulova M.K.** Issues and significance of the principle of legality in criminal law ........ 193

## RULES FOR AUTHORS

МАСОИЛИ ДОҒИ РӮЗ=АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ДНЯ=ACTUAL PROBLEMS OF DAY

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ БУНЁДИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ

**Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, муовини Ректор оид ба илм ва инноватсия. E-mail.: hukmiddin-1981@mail.ru;
**Амирзода Афсона Умархон** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторант (Phd) E-mail. amirzoda.afsona@mail.ru,

Дар мақолаи мазкур ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, шаклу усулҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ҳамаи олимон мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо сиёсати ҳуқуқӣ меомӯзанд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мубрами сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки имконияти пешгӯи намудани рушди низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузориро дорад.

**Калидвожаҳо:** Сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуэҷодкунӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқ, низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, консепсия, ғояҳои ҳуқуқӣ, татбиқи ҳуқуқ, воситаҳои ҳуқуқӣ, техникаи ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ.

Ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ доир мегардад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, шаклу усулҳоии амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ҳамаи олимон мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо сиёсати ҳуқуқӣ меомӯзанд. Тавре А.П. Мазуренко қайд мекунад, «сиёсати ҳуқуқӣ асоси бунёдии ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад» [4, 13]. Ба ақидаи С.В. Поленина сиёсати ҳуқуқӣ пеш аз ҳама «ҳамчун сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пазируфта мешавад» [10, 180]. Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) қайд мекунад, ки сиёсати ҳуқуқӣ категорияи илмии назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, бо дарназардошти категорияҳои дигари илмӣ, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунӣ бояд таҳқиқ карда шавад [13, 68-75].

Аз ин хотир, таҳқиқи мафҳум, мақсадҳо. афзалиятҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ барои омӯзиши ҳаматарафаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи методологиро ташкил медиҳад.

Ба ақидаи А.П. Коробова сиёсати ҳуқуқӣ маънои пешниҳод ва амалисозии ғояҳои ҳуқуқии дорои аҳамияти стратегиро дорад. Ба ин маъно сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳоди барномаи назариявиро дар назар дорад. Ғояи ҳуқуқӣ ҳамчун шакли танзими ҳуқуқӣ ё самтҳои стратегии рушди давлат ва ҷомеа шарҳ дода мешавад [3, 11].

К.А. Феованов қайд мекунад, ки сиёсати ҳуқуқӣ бо пешниҳоди барномаи назариявӣ маҳдуд нашуда, бо дарназардошти хусусияти бештар амалӣ доштанаш бо тарҳрезии барномаи амалӣ бояд машғул бошад [5, 9].

Ба ақидаи В.В. Трофимов асоси сиёсати ҳуқуқиро на ғояҳои ҳуқуқӣ, балки карорҳои ҳуқуқӣ, ки натиҷаҳои ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд, ташкил диҳанд. Ин зайл қарорҳо бояд ҳатман мазмуни илмӣ дошта бошанд. Ҳамзамон бо ин, қарорҳои ҳуқуқӣ аз як тараф бояд мутобиқ ба воқеият бошанд, аз тарафи дигар натиҷаҳои ҳуқуқиро марбут ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт пешбинӣ карда тавонанд. Илова бар ин, қарорҳои ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф гарданд [16, 144].

Дар заминаи чунин андешаҳо мафҳуми дигари сиёсати ҳуқуқӣ пешкаш мешавад. Дар ин ҳолат сиёсати ҳуқуқӣ бо истилоҳи «сиёсати ҳуқуқ» иваз карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқ маънои пешбинии илмии натиҷаҳои амалӣ гаштани нишондоди ҳуқуқиро дорад.

Як қатор муаллифон мафҳумҳои «сиёсати ҳуқуқӣ» ва «сиёсати ҳуқуқ»-ро фарқ накарда, якҷоя истифода мебаранд. Ба андешаи А.В. Поляков, сиёсати ҳуқуқӣ ё сиёсати ҳуқуқ «маҷмуи тасаввурот оид ба роҳҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба ҳолатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа баҳри наздик шудан ба идеали ҳуқуқӣ мебошад» [11, 421].

Ба ақидаи В.А. Рудковский асоснокии илмии сиёсати ҳуқуқӣ талаботи асосӣ мебошад. Ба ибораи дигар, сиёсати ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Дар акси ҳол сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи

тадбирҳое баромад мекунад, ки дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ амалӣ гашта, вале низоми мушаккилона надоранд. Дар чунин ҳолат тадбирҳо дар самти сиёсати ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо амалӣ карда мешаванд, чунки ба як барномаи умумии илмӣ такя надоранд. Дар ниҳояти кор, сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун низоми тадбирҳои ҷудогонаи бенизом ба натиҷаи дилхоҳ намеорад [12, 7].

Ба ақидаи И.С. Морозова «сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти давлат оид ба фароҳам овардани шароит барои ташаккули равандҳо ва тағйироти ҷамъиятии барои давлат муфид мебошад» [6, 150].

Ба ақидаи Н.И. Матузов «сиёсати ҳуқуқӣ намуди сиёсат буда, маҷмуи тадбирҳо, ғояҳо, вазифаҳо, мақсадҳо, барномаҳо, усулҳое, мебошад, ки дар соҳаи амали ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд» [8, 28].

Р.Ш. Шарофзода мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «Сиёсати ҳуқуқӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки бо истифода аз чораҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва дигар, бо мақсади танзим ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад» [19, 637].

Ҳамчунин, нишонаҳои зерини сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд:

1) шакли таносуби сиёсат ва ҳуқуқ мебошад;

2) яке аз намудҳои сиёсати давлат (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва диг.) маҳсуб мешавад;

3) самти стратегии танзими ҳуқуқиро муайян мекунад;

4) бо иштироки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандон амалӣ мешавад;

5) муносибати субъектони сиёсати ҳуқуқиро ба масоили муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ифода мекунад;

6) дар соҳаи ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ роҳандозӣ мешавад;

7) барои таъмини сифати ҳаёти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад;

8) афзалиятҳои рушди ҳуқуқиро муайян мекунад;

9) манфиатҳои миллиро ҳимоя мекунад;

10) ба амалӣ гаштани ғояҳои ҳуқуқии стратегӣ (волоияти ҳуқуқ ва қонун, давлати ҳуқуқбунёд ва диг.) мусоидат мекунад.

Дар асарҳои илмӣ намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Чунончи. А.В. Малько сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ, сиёсати тафсири ҳуқуқӣ, сиёсати доктриналӣ, сиёсати таълими ҳуқуқиро ҷудо мекунад [7, 18].

Р.Ш. Шарофзода намудҳои сиёсати ҳуқуқиро бо дарназардошти намудҳои мақомоти давлатӣ (сиёсати ҳуқуқии Президент, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар), таҷзияи ҳокимият (сиёсати қонунэҷодкунӣ, сиёсати иҷрои ҳуқуқ, сиёсати ҳуқуқии судӣ), самтҳои фаъолияти давлатӣ (сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ, сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқии иттилоотӣ, сиёсати ҳуқуқии экологӣ ва дигар), соҳаҳои ҳуқуқ (сиёсати ҳуқуқии конститутсионӣ, сиёсати ҳуқуқии маданӣ, сиёсати ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар), институтҳои ҳуқуқ (сиёсати ҳуқуқии соҳаи интихобот, сиёсати ҳуқуқии соҳаи раъйпурсӣ ва дигар) ҷудо мекунад [14, 27-29].

Аз ин хотир, олимон зарурати ислоҳоти ҳуқуқиро дар доираи сиёсати ҳуқуқӣ собит мекунанд. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи муҳимми ислоҳоти ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, ҳангоми муайян намудани мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ маҳз ба ҳамин паҳлуи масъала диққат медиҳанд. Ҳамин тариқ, сиёсати ҳуқуқӣ як намуди сиёсат мебошад:

– сиёсати ҳуқуқӣ ба мисли намудҳои дигари сиёсат барои пешрафти ҷомеа, алалхусус, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад;

– сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун намуди сиёсат самти муҳимми фаъолияти давлат буда, истифодаи тадбирҳои давлатиро талаб мекунад;

– сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун намуди сиёсат бояд муташаккилона, мунтазам, бо истифода аз чорабиниҳои давлатӣ амалӣ гардад;

– сиёсати ҳуқуқӣ бо намудҳои дигари сиёсат робита дорад ва якҷоя бо онҳо дар рушди ҷомеа саҳмгузор аст.

Сиёсати ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои дигари сиёсат нақши пешбаранда дорад. Ҳолати мазкур дар он зоҳир мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳаёти ҳуқуқиро танзим мекунад, аз ҷумла қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро таъмин мекунад. Аз тартиботи ҳуқуқии ҷомеа устувории муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар вобастагӣ дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳаёти ҷомеа муташаккиливу устувориро ворид намуда, ба ин васила барои ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ мегузорад.

Агар сиёсати ҳуқуқӣ ноустувор бошад, ба асосҳои илмӣ такя накунад, пас ҳадафҳои аслии он роҳандозӣ намешаванд. Аз ҷумла амалӣ накардани тадбирҳои зарурӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқии ҳуқуқэҷодкунӣ боиси он мегардад, ки қарорҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа (қонунҳо, санадҳои дигари меъёрӣ ва ҳуқуқӣ) бидуни талаботи воқеӣ, сарфи назар аз воқеияти иҷтимоӣ қабул мешаванд, байни санадҳои меъёрӣ ихтилоф ба миён меояд.

Ҳоло санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вориди низоми ҳуқуқии кишвар мегарданд. Дар натиҷа самти нави сиёсати ҳуқуқӣ – мутобиқати қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, мувофиқати байни ҳуқуқи дохилӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар дохили давлатҳо ба миён меояд.

Тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ бо омилҳои дигар низ муайян мешавад. Яке аз онҳо зарурати ба инобат гирифтани манфиатҳои воҳидҳои марзиву маъмурии мамлакат ба шумор меравад. Ба инобат гирифтани манфиатҳои воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва минтақаҳои ҷудогона дар шароити инкишофи раванди демократӣ, вусъати худидораи маҳаллӣ, таъмини мустақилияти хоҷагидории минтақаҳои ҷудогонаи кишвар, аз ҷумла ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ талаби тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҳар як аз сатҳи зикршуда тадбирҳои мушаххасро талаб мекунад. А.В. Малко зарурати тарҳрезии сиёсати ҳуқуқиро дар ҳар кадом аз сатҳи зикршуда муҳим мешуморад [5, 9].

Ҳангоми тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки яке аз шаклҳои муҳимми амалисозии он аст, мебояд ҷиддӣ назар кард. Дар шароити имрӯза фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ рӯ ба афзоиш дорад. Талаботи нави ҷомеа зарурати қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқиро ҳам дар сатҳи парламент ва ҳам дар сатҳи мақомоти намояндагии маҳаллӣ талаб мекунад. Дар ин ҳолат ҳуқуқэҷодкунӣ ба яке аз шаклҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ табдил меёбад.

Зимни амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зерин бояд ба инобат гирифта шавад: а) мутобиқ намудани ҳадафҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи парламент ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ; б) мутобиқ намудани натиҷаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар марказ ва маҳалҳо; в) пешбинии механизми аз байн бурдани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ; г) ба инобат гирифтани манфиатҳои маҳалҳои ҷудогона ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказӣ.

Ҳамчунин, омӯзиши фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон барои муайян намудани сифати санадҳои меъёрии маҳаллӣ, ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақомоти маҳаллӣ, ба инобат гирифтани манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои афзалиятноки маҳалҳои ҷудогона, ҷалби муассисаҳои илмӣ ба омӯзиши санадҳои меъёрии мақомоти намояндагии маҳаллӣ, экспертизаи онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Ҳалли ин вазифаҳо зарур аст, чунки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Ҷавҳари илми сиёсати ҳуқуқиро «дониши тахассусӣ оид ба таҳия ва интишори санадҳои ҳуқуқӣ (қоидаҳои меъёрэҷодкунӣ), қоидаҳои мураттабсозии ҳуқуқ ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои баланд бардоштани сатҳи ташкили ҳуқуқэҷодкунӣ ва баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои он коркарди ҳаматарафа ва истифодаи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим дорад. Таҳияи нокифояи ин қоидаҳо дар бештари мавридҳо татбиқи дурусти меъёрҳоро душвор мегардонад, асосҳои тартиботи ҳуқуқиро халалдор месозад» [6, 150].

Сиёсати ҳуқуқӣ зимни ҳалли масъалаҳои стратегӣ донишҳои илмҳои дигарро истифода мебарад. Чунончи, донишҳои ҷомеашиносӣ барои мутобиқ намудани ақидаҳои илмӣ ба воқеият метавонад хизмат намояд ва аз ин лиҳоз, дар илми сиёсати ҳуқуқӣ бояд истифода шаванд. Ба андешаи В.А. Бачинин: «Ҷомеа аз нуқтаи назари ҷомеашиносии ҳуқуқӣ низоми мураккаб буда, бо он ҳуқуқ алоқаи зич дорад. Ҳуқуқ баҳри инкишофи муътадили худ ин алоқаро бояд инъикос намояд. Аз ин хотир, ҷомеашиносии ҳуқуқӣ дар ин ҳолат ба сифати низоми ҳуқуқии мустақил баромад намуда, дониши илмиро оид ба ҷомеа, ки ба он одамон эҳтиёҷ доранд ва инкишофи муътадили институтҳо ва механизмҳои ҳуқуқиро таъмин мекунанд, ташаккул медиҳад» [1, 31].

Ҳангоми инъикоси ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ дар навбати аввал манфиатҳо ба инобат гирифта мешаванд. Ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ба инъикоси табиати иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат мекунад. Ба ақидаи В.В. Субочев вобастагии ҳуқуқ аз ҳаёти иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки механзимҳои дар давлат муқарраршуда дар робита бо сатҳи ифодаи ҳуқуқии манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат истифода мешаванд[15, 61].

Аммо на ҳамаи манфиатҳо, балки манфиатҳое, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд, дар ҳуқуқ инъикос карда мешаванд. Ба андешаи Н.Н. Вопленко дар ин ҳолат «танзими ҳуқуқӣ аз ҳад мегузарад», ҳуқуқ беандоза ба ҳаёти иҷтимоӣ дахолат мекунад [2, 83].

Тавре мушоҳида мешавад, сиёсати ҳуқуқӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи бевосита дорад. Аз ин хотир олимон зимни таҳлили сиёсати ҳуқуқӣ паҳлуҳои гуногуни он, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро меомӯзанд. Ин далели он аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самт ва шакли асосии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Сиёсати ҳуқуқӣ маҳз дар ҳолати ифода гардиданаш дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти амалӣ пайдо мекунад, чунки ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Дар шароити имрӯза сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ унсури зарури марҳилаи нави инкишофи таърихӣ мебошад. Ҳаёти имрӯзаи ҷомеа

ва давлатро бе сиёсати ҳуқуқӣ наметавон тасаввур кард. Ҳоло сиёсати ҳуқуқӣ ҷузъи ҳаёти ҷомеа, одамон ва давлат мебошад. Дар ҳолате, ки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикисон тибқи м. 1 Конститутсия давлати ҳуқуқбунёди демократӣ эълон шудааст, нуфузи ҳуқуқ, нақши он дар пешрафти ҳаёти ҷомеа, танзими муносибатҳои нави ҷомеа, амалӣ гаштани ислоҳоти ҷомеа меафзояд. Дар ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳим дар соҳаи таъмини волоияти қонун, боло бурдани нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳз сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ саҳми асосӣ дорад. Аз ин хотир, тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа ва талаботи нави замона вазифаи аввалиндараҷа буда, барои болоравии нуфузи ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд мусоидат мекунад.

Бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6 феврали соли 2018 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 тасдиқ карда шуд [17].

Мутобиқи банди 1-уми Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 саъю кӯшиш ба натиҷанокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва устувории он яке аз омилҳое мебошад, ки зарурати қабули Консепсияро талаб мекунад. Тавре дар матни банди мазкур зикр мешавад, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои қабулгашта на ҳама вақт самаранок амал менамоянд. Дар натиҷа ҳадафҳои дар назди онҳо ҳангоми қабул гаштанашон гузошташуда иҷро намегарданд, ки боиси ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ё дар таҳрири нав қабул кардани онҳо мешаванд. Аз ин ҷо дар оянда зарурати таъмини натиҷанокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва устувории он ба миён меояд.

Илова бар ин, дар банди мазкури Консепсия қайд карда мешавад, ки таркиби қонунгузорӣ мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, дар он мухолифат, номутобиқатӣ ва камбудӣ ҷой дошта метавонанд. Аз ин хотир, бартараф намудани ихтилофу номутобиқатӣ байни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун масъалаи муҳимми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф мешавад. Ҳамчунин, дар Консепсия зарурати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмил ва татбиқи якхелаи забон ва ислоҳоти ҳуқуқӣ ҳамчун самти афзалиятноки такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, пешбинӣ мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Сиёсати ҳуқуқӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бевосита шаҳрвандон мебошад, ки дар заминаи ғояҳои ҳуқуқӣ, барномаҳо, дастовардҳои илмӣ, ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат, бо истифодаи воситаҳои таъсиррасонии муташаккилона ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар доираи тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва стратегияи рушди ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

2. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли афзалиятноки амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, тартибу интизомро дар ҳаёти ҷомеа таъмин мекунанд.

3. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди мустақил ва самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки вазифаҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 дар соҳаи пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, истифодаи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз он ҷумла истилоҳоти давлатӣ, таъмини ягонагии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳз дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳалли худро меёбанд.

4. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мубрами сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки имконияти пешгӯи намудани рушди низоми ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузориро дорад. Ин имконияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузаштани ҷомеа ба давраи рақамигардонӣ ва истифодаи технологияҳоои зеҳни сунъӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

**Адабиёт:**


1. Бачинин В.А. Основы социологии права и преступности. – СПб., 2001.
2. Вопленко Н.Н. Право в системе социальных норм. – Волгоград, 2003.
3. Коробова А.П. Правовая политика как общетеоретическая проблема // Правовая политика и правовая жизнь. – 2001. – № 2. – С. 11.
4. Мазуренко А.П. Правотворческая политика: понятие и соотношение со смежными юридическими категориями // Государство и право. – 2010. – № 4. – С. 13.
5. Малько А.В. О необходимости формирования правовой политики в регионах // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень. – Тамбов, 2008. – С. 9.
6. Малько А.В. Правовая политика и организация правовой жизни // Российская правовая система / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 150.

7. Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. – Ноябрь. – С. 18.

8. Матузов Н.И. Общая концепция и основные приоритеты российской правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. – Ноябрь. – С. 28.

9. Морозова И.С. Место и роль льгот в правовой политике государства // Правоведение. – 1997. – № 4. – С. 150.

10. Поленина С.В. Правотворческая политика // Российская правовая политика. Курс лекций / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2003. – С. 180.

11. Поляков А.В. Общая теория права. – СПб., 2003.

12. Рудковский В.А. О принципах правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. – 2003. – № 4. – С. 7.

13. Сатибалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов // Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. – 2013. – 3/2 № (108). – С. 68- 75.

14. Сатибалдыев Р.Ш. Правовая политика как фактор прогрессивного развития общества // Правовая жизнь. – Душанбе, 2013. – № 3. – С. 27-29.

15. Субочев В.В. Интерес и право: анализ взаимосвязи // Актуальные проблемы правоведения. – 2003. – № 3. – С. 61.

16. Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. – Тамбов. 2008. – С. 144.

17. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2018» аз 6 феврали соли 2018, № 1005: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=130946&conttype=3 (санаи муроҷиат 19.08.2024).

18. Феофанов К.А. Никлас Луман и функциональная идея ценностно-нормативной интеграции: конец вековой дискуссии // Социологические исследования. – 1997. – № 3. – С. 11.

19. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, 2023.

**Сафарбекзода Хукмиддин Сафарбек** – доктор юридических наук доцент, Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, проректор по науки и инновации. E-mail: hukmiddin-1981@mail.ru; **Амирзода Афсона Умархон** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, докторант (Phd). E-mail: amirzoda.afsona@mail.ru

### Правовая политика как фундаментальная основа правотворческой политики

В данной статье рассматривается формирование и реализация правотворческой политики на основе правовой политики.

Правотворческая политика является составной частью и видом правовой политики. Понятие, принципы, цели, приоритеты, задачи, формы и методы реализации правотворческой политики определяются с учетом понятия, принципов, целей, задач правотворческой политики. Все ученые изучают понятие правотворческой политики в связи с правовой политикой. Правотворческая политика является актуальным направлением правовой политики, поскольку она имеет возможность прогнозировать развитие правовой системы и законодательной системы.

**Ключевые слова:** правовая политика, правотворческая политика, правовые нормативные акты, принципы права, правовая система, законодательная система, правотворческая деятельность, концепция, правовые идеи, реализация права, правовые средства, правовая техника, правовое регулирование.

**Safarbekzoda Hukmiddin Safarbek-** doctor of law, Bokhtar state University named after Nosir Khusrav, vice-rector for science and Innovation. E-mail. hukmiddin-1981@mail.ru; **Amirzoda Afsona Umarhon-** Bokhtar state University named after Nosir Khusrav, doctoral (Phd). E-mail. amirzoda.afsona@mail.ru,

### Legal policy as a fundamental basis for law-making policy

This article discusses the formation and implementation of law-making policy on the basis of legal policy.

Law-making policy is an integral part and a kind of legal policy. The concept, principles, goals, priorities, objectives, forms and methods of law-making policy implementation are determined taking into account the concept, principles, goals and objectives of law-making policy. All scholars study the concept of law-making policy in relation to legal policy. Law-making policy is an important aspect of legal policy, as it allows to predict the development of the legal system and legislation in general.

**Key words:** legal policy, legislative policy, legal norms, principles of law, legal system, legislative system, legislative activity, concept, legal ideas, implementation of law, legal means, legal technique, legal regulation.

МАСОИЛИ ДОҒИ РӮЗ=АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ДНЯ=ACTUAL PROBLEMS OF DAY

# ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ - ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ВА ТАҶҲИЗОТҲОИ ЁРИРАСОНИ ОНҲО (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)

**Давлатзода Комрон Давлат -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, ходими хурди илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ. E-mail:komron231823@gail.com

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки замони муосир, тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) бахшида шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки айни замон тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо бо далели истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ гуногун арзёбӣ мегардад. Зеро ҷаҳони муосирро бе пешрафти технологӣ тасаввур кардан ғайриимкон буда, тамоми корбарони технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти худ як маротибае бо таъсири манфӣ – барномаҳои зараровари компютерӣ ва ҳамлаҳои DOS рӯ ба рӯ мешаванд.

**Калидвожаҳо:** барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DOS, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, иттилоот, объекти ҷиноят, амнияти иттилоотӣ

Инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад. Таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир мебошад, зеро таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонуни ба системаҳои иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд [34, 192-193].

Маврид ба зикри хос аст, ки таълимот дар бораи объекти ҷиноят ва аломатҳои он яке аз назарияҳои асосӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, ҷанбаҳои илмиву амалии он ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ объекти ҷиноятро, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад, он муносибатҳои ҷамъиятие ташкил менамуданд, ки ҳангоми содир кардани кирдор ба онҳо зарар расонида мешавад ва ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд (муносибати бо ном монистӣ) пешбини менамоянд [17, 120].

Илми ҳуқуқи ҷиноятии давраи пасошуравӣ фақат он муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки қонунгузории ҷиноятӣ ҳимоя мекунад, ба сифати объекти ҷиноят эътироф менамояд. «Қисми зиёди муҳаққиқон объекти ҷиноятро маҳз аз рӯйи ин давраҳо омӯзиш мекунанд» [18, 111-123]. Онҳо иброз медоранд, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои мустақили ҳуқуқ ифода мегардад, ки барои он пешбини кардани қоидаҳои рафтор фақат чун василаи батанзимдароии ҳаракатҳо шахс мебошад.

Бахусус, пажуҳишгарони соҳавии ватанӣ Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, иброз менамоянд, ки объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки қонунгузории ҷиноятӣ онро ҳимоя карда, дар заминаи тааруз ба он зарар ворид мегардад [33, 143]. Андешаи муаллифони болозикр ақидаи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Чунин мавқеъро бештари олимони давлатҳои пасошӯравӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Андешаи ба ин монандро Б.С. Никифоров, пешниҳод намудааст, ки ба сифати объекти ҷиноят манфиатҳои ҷамъиятии зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дошта, ки кирдор бар зидди он сафарбар гардидааст, дар назар дорад [24, 14].

Нишондоди амалкард дар бораи объекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз ҷузъҳои муҳим ва хеле душвор маҳсуб меёбад. Объекти ҷиноят дар маъхазҳои илмӣ ҳамчун ҳуқуқҳои субъективии шахс, арзишҳо ҳамчун шарти ҳаёти солими ҷомеа, манофеи ҳаётӣ, ҳуқуқӣ ва дигар институтҳои ба инҳо алоқамад, ки бо санадҳои амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ ҳимоя мегарданд, ифода мегардад. Объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие ифода мешаванд, ки давлат ба ҳимоя онҳо диққкат медиҳад ва ҷиҳати вайрон намудани онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро мувофиқи мақсад медонад. Аз руйи объекти ҷиноят зиннаи ба ҷамъият хавфнок будани ҷиноятро муайян менамоянд.

Маълум мегардад, ки пажуҳишгарони ИҶШС ва давраи нав дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳудуди моҳияти объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳимояшавандаро [8, 34-36] дар назар доранд. Муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун объекти кирдор криминалистҳои хориҷӣ низ мепазиранд [35, 192-193]. Тарзе, ки ишора гардид

объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки зери ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарор гирифтааст ва ҳангоми содир гардидани кирдор ба ин муносибатҳо зарар расонида мешавад ё дар зери хатари расидани зарар мавҷуданд. Дар ин самт мо ҷонибдори андешаи он олимоне ҳастем [28, 170-174], ки ба андешаи онҳо объекти ҷиноят эътироф намудани танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ на ҳамеша самти кирдори аз ҷиҳати хавфнокии онро барои ҷамъиятӣ инъикос мекунад, зеро ки мафҳуми объекти ҷиноят категорияи мураккаби бисёрҷанба ва мураккаби ҳуқуқӣ (муносибати плюралистӣ) мебошад.

Ба андешаи мо, муносибати плюралистӣ бар хилофи муносибати монистӣ мафҳум ва моҳияти объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо нигаронида шудаанд (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), гуногунии онро дар амалия пурратар инъикос мекунад.

Аммо айни замон объекти ҷинояти баррасишаванда бо далели истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ дар содир намудани навъҳои зиёди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ба истилоҳ «анъанавӣ» гуногун арзёбӣ мегардад. Зеро ҷаҳони муосирро бе пешрафти технологӣ тасаввур кардан ғайриимкон буда, тамоми корбарони технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти худ як маротибае бо таъсири манфӣ – барномаҳои зараровари компютерӣ ва ҳамлаҳои DOS рӯ ба рӯ мешаванд. Ин навъ барномаҳои зарaррасонро якранг наметавон тасниф намуд: қисме аз онҳо нисбатан безараранд, қисми дигар метавонанд на танҳо ба дороиҳои иттилоотӣ, балки ба худи таҷҳизоти компютерӣ зарари ҷуброннопазир расонанд [31, 9-23].

Намуди асосии таркиби кирдор, ки моҳият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро аниқ мекунад ва мундариҷаю мафҳуми онро равшан мекунад, объекти ҷиноят ифода мегардад. Дар асл, моҳияти иҷтимоии ҷинояти содиршударо объекти кирдор муайяну далелнок мегардонад ва барои муайян кардани кирдори бандубастшаванда хеле муҳим маҳсуб меёбад. Тарафи таърихӣ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи ягонае ҷой дорад, ки тиқи он «кирдор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тааруз меорад ва он ҳамчун объект истифода мешавад.

Зери мафҳуми объекти умумии кирдор (минбаъд объекти ҷиноят) – ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамояд, ки аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор гирифтааст. Чун қоида ба ҳайси объекти ҷиноят гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ пешбинигардида эътироф карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз проблемаҳои объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, аз ҷумла барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS, дар айни замон хеле баҳсталаб ифода гардида, вобаста ба масъалаи мазкур аз шумораи умумии таҳқиқотҳои анҷомёфта, ҳамагӣ 2%-и пажуҳишҳо [6, 138-144] ба ин самт равона гардидаанд, ки дар шароити бо суръат инкишоф ёфтани технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ воқеан ҳам нигаронкунанда арзёбӣ мегардад.

Дар ин самт, моҳияти умумии моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси баҳсу мунозира мегардад, зеро дар фасли «Ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ» ҷой додани боби 28 барои мушаххас намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ имкон фароҳам меорад. Бо ин мақсад, қисми зиёди олимон бар он андешаанд, ки объекти умумии ҷинояти баррасишаванда муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ифода мегардад [9].

Муҳаққиқони соҳавӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро вобаста ба 2 замина: амудӣ ва уфуқӣ гурӯҳбанди мекунанд [23, 124-126]. Дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии ҶТ таърифи иро гардида ба назар гирифта шудааст.

Вобаста ба таснифоти амудӣ (аз боло ба поён) маҷмуи объектҳои ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) аз рӯйи иерархияи онҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита

Аз таҳлили адабиёти илмии мавҷуда оид ба объекти умумии ин ҷиноят [4, 78-82] бармеояд, ки ихтилофи олимон дар масъалаи муайян кардани объекти умумии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS), муносибатҳои ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ ба мушоҳида мерасад. Азбаски дар мафҳуми васеи ҳамаи ҷиноятҳо, ки ба ин ё он объект таъсир мерасонанд ба амнияти ҷамъиятӣ низ, зарар мерасад, чунки дар ҳар як ҳолати даст задан ба объекти муайян ин дар аксуламал ва рафтори ҷамъият инъикос меёбад, ки чун қоида, ҷой доштани падидаи ҷиноят дар муҳит онҳоро безобита месозад. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои ҷамъиятие, ки баронмаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS ба онҳо зарар мерасонанд, барои ҷомеа махсусан муҳиманд, ҳимояи онҳо бояд бо чораҳои муассиртарин ва самарабахш амалӣ карда шавад.

Як гурӯҳи муҳаққиқон иброз медоранд, ки объекти умумии ин намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок фарогири маҷмуи муносибатҳои

ҷамъияте мебошад, ки дар раванди истифодабарии бехатари маълумоти компютерӣ ташаккул ёфтааст. Масалан, С.И. Никулин «бехатарии иттилоот ва системаҳои коркарди иттилоотро бо истифода аз компютерҳо» объекти ин ҷиноятҳо, муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) баррасӣ мекунад [29, 303]. Б.С. Комиссаров андешаи С.И. Никулинро ҷонибдори намуда, иброз менамояд, ки объекти ин навъи ҷиноятро чунин муайян мекунад: «муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, истифода ё паҳнкунии иттилоот ва ё ҳифзи онҳо». Чунин мавқеъро олимони рус Ю.И. Ляпунова [21, 8-15] ва П.Н. Панченко [25, 113] ҷонибдорӣ менамояд.

Андешаи С.И. Никулин ва Б.С. Комиссаров қисман ҷонибдори намуда (зеро онҳо мушаххас объекти ин ҷиноятро барраси накарда, дар шакли маҳдуд андешарони намудаанд) чунин мешуморем, ки объекти ҷинояти мазкурро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти зерин ташкил мекунад:

1) Дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ;

2) Фоидаовариҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, моликият ва арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ);

3) Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғ.) ташкил медиҳанд.

Дар марҳилаи муосири рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назари дигарро дар масъалаи объекти намудии ҷиноят низ дидан мумкин аст. Ҷиҳати муайян кардани навъи объекти намудии ҷиноят андешаҳои муҳаққиқон бо ҳам мувофиқат надорад [22, 9]. Ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) мазмунан дар боби 28 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки боби 28 КҶ ҶТ объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) мебошад.

Оид ба ин масъала моро зарур аст, ки ақидаҳои олимонро дар ин самт баррасӣ намоем.

Баъзе муаллифон объекти намудии ин ҷиноятро «маҷмуи муносибатҳои мансуб ба бехатарии истифодаи компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, амнияти иттилооти ва ТИК» медонанд [20, 772].

Гурӯҳи дуюми олимон дар доираи объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), «амнияти иттилоотӣ», яъне «ҳифзи иттилоот ва захираҳои иттилоотии ҷомеа аз ҳамлаҳои кибериии дохилӣ ва берунӣ» тавсиф менамоянд [27, 28].

Гурӯҳи сеюми олимон ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, ки ба сифати соҳибмулк амал мекунанд ва муносибатҳои мансуб ба бехатарии истифодаи компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ арзёбӣ менамоянд [7, 40].

Объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), гурӯҳи нисбатан маҳдуди муносибатҳо ки ҳамон як манфиати ин муносибатҳоро инъикос менамоянд, муттаҳид месозад.

Аз таҳлили андешаҳои гурӯҳи олимони зикр гардида метавон қисман ба андешаи олими рус С.В. Бородин такя намуд, зеро аз нигоҳи ӯ «объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро, ҳифзи манфиатҳо тавассути маҷмуи қонунгузориҳои ҷиноятӣ дар соҳаи бехатарии таҳия истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК ташкил медиҳад» [1, 346]. Албатта барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS тавре дар боло ишора намудем, ба манфиатҳо ва муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ зарраи бузурги моддию маънавӣ мерасонанд ва ё таҳдиди ба вуҷуд овардани чунин зарарро доранд.

Аз таҳлили ин андешарониҳо метавон гуфт, ки дар моҳияти мафҳуми объекти намудии дар моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амнияти иттилоотии компютерӣ ва воситаҳои техникии коркард, қабул ва интиқоли онҳо ба назар гирифта шавад. Дар чунин сурат ин тамоюл маънидодкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода гардида, дар бар гирандаи нигоҳ доштан, коркарди маълумоти компютерӣ, фаъолияти воситаҳои техникии истифодабарии маълумоти компютерӣ, системаҳои телекоммуникатсионии электронӣ махсуб меёбад.

Бинобар ин, объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро маҷмуи муносиабҳои ҷамъиятие ки дар натиҷаи содиршавии онҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот зарар мебинад, аммо ин ҷо як масъаро иброз бояд намуд, ки муносиабҳои ҷамъиятие, ки объекти намудии ин ҷиноятро ташкил медиҳад на танҳо ба боби 28 КҶ ҶТ маҳдуд мешаванд. Дар бобҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҶТ моддаҳое

пешбинӣ шудаанд ки объекти онҳо объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо мебошанд (м.м. 144; 146 ва ғ.)

Вобаста ба объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) бошад, дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун ҷой дорад.

Яке аз меъёрҳои таснифоти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти бевоситаи ҷиноят мебошад, ки маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро аз нигоҳи истифодаи қонунӣ ва бехатари иттилооти компютерӣ ва захираҳои иттилоотӣ дар бар мегирад.

Оид ба объекти бевоситаи ҷиноятҳои таҳлилшуда муҳаққиқон нуқтаи назари гуногун доранд. Дар китоби дарсии муаллифон Ю.И. Битко ва С.Ю. Битко ба таври мухтасар объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ҳамчун «манфиатҳои дорандагони иттилооти компютерӣ ва тартиби дастрасӣ ба он»; амнияти иттилооти компютерӣ; шароити бехатари кор барои компютерҳо, системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои онҳо номида шудааст [2, 315].

Ҳангоми таҳқиқи объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ба андешаи олимон А.Н. Попов ва С.А. Воронсов такя намудан мувофиқи матлаб буда, дар қатори ин, бо ба инобат гирифтани қонунгузории ҷорӣ, мафҳуми объекти бевосиата бояд ба таври зайл ифода карда шавад [32]: «Ҳуқуқҳои бо қонун ҳифзшаванда бояд объекти бевоситаи барномаҳои зараровар, ҳуҷумҳои DoS ва ҳимояи манфиатҳои соҳибони маълумоти компютерӣ ва танзимгарони системаҳои маълумоти дар эҷод, истифодабарӣ, паҳн кардан, пешкаш кардан, истифодабарии маълумоти компютерӣ; фаъолияти амниятии компютерҳо, нармфазорҳои компютерӣ, шабакаҳои алоқа, низомҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ИК-ии электорнӣ ҳисобида шавад».

Махсус тазаккур дод, ки истилоҳи «низомҳои маълумотдиҳӣ» ва «ТИК-и электронӣ» аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа нисбат ба «низоми компютерӣ» ва «шабакаи алоқа» фарохтаранд, чунки онҳо мақсади мураккаб дошта, барои хадамоти алоқа ва хизматрасонӣ, интиқол, қабул ва истифодабарии маълумоти компютерӣ татбиқ мегардад.

Дар як вақт, вобаста ба махсусиятҳои худ ин кирдорҳои дарбаргирандаи 2 объект ифода меёбад

Объекти асосии ин кирдорҳо мустақиман муносибатҳои ҷамъиятие ифода мегарданд, ки бо қонун асос ёфта, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони маълумоти компютерӣ ва танзимгарони низомҳои иттилоотониро дар самти эҷод, истифодабарӣ, соҳибӣ намудан, паҳн намудан, пешниҳод намудан, коркарди маълумоти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, низоми компютерӣ, шабакаҳои алоқа, низомҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ИК-электронӣ таъмин менамоянд.

Тафсири муфассалтарро дар китоби дарсии муаллифон Л. Гаухман ва С.В. Максимов мушоҳида менамоем. Ба андешаи муаллифон, объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки он таъмингари дастрасии қонунӣ, коркард, табдил додан, истифодаи иттилооти компютерӣ аз ҷониби худи шахси дастрасидошта, инчунин истифодабарандагони дигар, фаъолияти эътидолнок ва кори дурусти компютерҳо, додаҳо ва ё шабакаҳои алоқа ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки манофеи хизматиро муқарар менмоянд ифода мегардад. Албатта объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳуҷумҳои DoS) муносибатҳои зайли ҷамъиятиро дар бар гирифтааст, ки онро чунин гурӯҳбанди менамоем:

1) муяясаргардии қонунӣ, омода намудан, истифодабарӣ, тағйир додан ва коркарди маълумоти компютериро таъмин таъмин мекунад;

2) кушиши низомнокӣ МЭҲ ва ё шабакаи алоқа;

3) манфиатҳои соҳибкорӣ, ки ба муомилоти таҷҳизоти ин компютерҳо алоқаманд мебошанд. Объекти бевоситаи ин ҷиноят, ки аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардидааст, дар асоси қисми 2-и моддаи 303-и Кодекси ҷиноятӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки вобаста ба хусусияти онҳо дигар арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро (ҳаёти инсон, саломатии одамон ва ғ.) таъмин мекунанд, баррасӣ мешавад. Олимони соҳа оид ба объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо чунин ибрози андеша намудаанд: низоми кори компютерҳо, нармфазорҳо ва додаҳо ё шабакаҳои алоқа, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи соҳибмулк пешбини гардидааст; манфиатҳои эҷод, истифодабарӣ, табдил додан ва истифодаи иттилооти компютерӣ, ки тибқи қонун ҳамчун иттилооти дастрасии маҳдуди худи таҳиякунанда ва истеъмоли истифодабарандагони дигар тасниф шудааст; манфиатҳои кори дурусти компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳо. Объекти бевоситаи ҷиноят мувофиқи қисми 2 модда 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мундариҷа бо объекти ҷиноятии

дар ин модда пешбинишуда пурра мувофиқат мекунад [30, 704].

Нуқтаи сеюми ибрози андешаҳо ин аст, ки объекти бевосита барои ҳамаи он кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке, ки дар боби 28 пешбини гардидаанд, умумият дорад. Инҳо муносибатҳои ҷамъияти барои таъмини амнияти иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва раванди фаъолияти муътадили компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳоро ташкил менамоянд. Дар асоси таҳлили таркиби ҷиноятҳои таҳлилшаванда метавон гуфт, ки амнияти иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда, ки таъмини се хусусияти он – махфият, якпорчагӣ ва дастрасиро дар назар дорад – объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро ба таври комил муайян мекунад. Объекти бевосита ҳамзамон метавонад шароити дурусти кори компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳо бошад, аммо дар ин самт амнияти иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда набояд ба таҳдид дучор шаванд.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ ва ҳуқуқи ба баррасии моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда метавон мақеи устувор ва консептуалиро оид ба масъалаи объекти бевосита пайдо намуд ва дар ин замина онҳоро тасниф кард.

Ҳамин тариқ, ҳамчун объекти бевоситаи ин навъи ҷиноят ба таври зайл пешбинӣ мешаванд:

1. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодаи бехатари мошинҳои ҳисоббарори электронӣ [13, 871].

2. Муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки истифодаи муқаррарии бехатари иттилооти компютериро таъмин мекунад [10, 605].

3. Муносибатҳои ҷамъиятӣ барои таъмини амнияти иттилооти компютерӣ ва кори муътадили компютерҳо, системаҳо ва шабакаҳои интернетӣ [14, с. 838].

4. Алоқамандии ҷамъиятӣ, ки системаҳои ҳуқуқии дастрасӣ, коркард ва паҳнкунии маълумоти компютериро муқарар менамояд [26, 5].

5. Ҳуқуқи соҳиби низоми компютерӣ ба дахлнопазирии таъминоти барномавӣ [5, 340-348].

6. Ҳуқуқи соҳибмулк ба дахлнопазирии маълумот, зери ҳимоя коркарди аломатҳо зеҳнӣ ва моддии ТИК [12, 679].

7. Муносибатҳо дар самти амнияти иттилоотӣ [3, 559].

8. Муносибатҳои ҷамъиятии ба таъмини амнияти компютерӣ равонагардида ва амнияти низоми иттилоотӣ [19, 6].

Корбурди объекти иловагӣ хусуситяи ихтиёрӣ дорад. Мавҷудияти он ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст. Объекти иловагӣ метавонад, бахусус, моликият, ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, амнияти экологӣ, асосҳои сохти конститутсионии ҶТ ва монанди инҳо ифода гардад. Мавҷудияти объекти иловагӣ, албатта, дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноятро баланд мебардорад, ки ҳангоми ба гунаҳгор таъин кардани ҷазои одилона бояд ба инобат гирифт. Объекти иловагии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шуда, ҳуқуқ, озоди ва манофеи қонунан ҳифзшавандаи шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд.

«Вуҷуд доштани 2 объекти бевоситаи кирдорҳои баррасишавандаро як зумра пажуҳишгарон иброз намудаанд. Бахусус, Ю.А. Красиков бар он андеша аст, ки ҳуқуқи шахсии шаҳрвандон, дахлнопазирии самти хусусӣ, муносибатҳои молумулкӣ (чунончӣ, дар замина вайрон гардидани кори муқаррарии ТИК), амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ объекти иловагии кирдорҳои зикрёфта мебошанд» [11, 704].

Дар ин зинна, И.А. Попов бар он назар аст, ки «манфиатҳои моддии ҷабрдида ҳамчун объекти иловагии ин кирдор мебошад» [15, 766]. Ю.В. Белянинова, А.М. Дедов, А.А. Дедов бар ин назаранд, ки «ба сифати объекти иловагӣ манфиатҳои молу мулкии шаҳрвандон дар соҳаи иттилооти компютерӣ амал мекунанд» [16, 766].

Албатта андешаҳои Ю.А. Красиков И.А. Попов Ю.В. Белянинова, А.М. Дедов ва А.А. Дедов дар самти объекти иловагии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) боиси ҷонибдорист, зеро дар натиҷаи содиршавии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои инсон, моликият, амниятӣ ҷамъиятӣ ва монанди инҳо зарар мебинад.

Объекти бевоситаи иловагӣ дар паҳнкунии барномаҳои зараровар ҳамеша вуҷуд хоҳад дошт ва дар ин маврид таснифи ин навъи ҷиноят бояд ба таври амалӣ сурат гирад. Объекти бевоситаи иловагиро мансуб ба хислат ба таври зайл метавон тасниф кард: ҳуқуқҳои молу мулки, фаъолияти иқтисодӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳуқуқҳои ихтироъ ва патентӣ, дахнопазирӣ, ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ ва монанди инҳо.

Хуллас, дар заминаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба чунин хулоса метавон омад:

1. Объекти ҷиноятҳои муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) муносибатҳои ҷамъиятӣ: дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ (муомилоти бехатари

иттилооти компютерӣ аз ҳамлаҳои киберӣ), инчунин кирдори шахс, манфиатҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, молу мулк, дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғ.) ташкил медиҳанд.

2. Объекти намудии ҷиноятҳо бар муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, муносибатҳои махсуси ҷамъиятии аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ ҳимояшаванда дар самти бехатарии эҷод, истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК, яъне ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот ташкил медиҳад.

3. Объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо муносибатҳои зайли ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки онро ба таври зайл гурӯҳбанди намудан мувофиқи мақсад аст: 1) дастрасии ғайриқонунӣ, омода намудан, истифода кардан иваз намудан ва коркарди маълумоти компютериро таъмин менамояд; 2) фаъолияти бонизоми МЭҲ ва ё шабакаи онҳо; 3) манфиатҳои соҳибкорӣ, ки ба муомилоти таҷҳизоти ин компютерҳо алоқаманд мебошанд. Объекти бевоситаи ин ҷиноят, ки аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардидааст, дар асоси қисми 2-и моддаи 303-и Кодекси ҷиноятӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки вобаста ба хусусияти онҳо дигар арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро (ҳаёти инсон, саломатии одамон ва ғ.) таъмин мекунанд, баррасӣ мешавад.

4. Вобаста ба хусусияти худ ҳамлаҳои DoS ҳамчун намуди киберҷиноятҳо фарогири ду объект мебошад:

- Объекти асосии ин кирдорҳо мустақиман муносибатҳои ҷамъиятие ифода мегарданд, ки бо қонун асос ёфта, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони маълумоти компютерӣ ва танзимгарони низомҳои иттилоотониро дар самти эҷод, истифодабарӣ, соҳибӣ намудан, паҳн намудан, пешниҳод намудан, коркарди маълумоти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, низоми компютерӣ, шабакаҳои алоқа, низомҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ИК-электронӣ таъмин менамоянд;
- объекти иловагии ин кирдорҳо муносибатҳои ҷамъиятие ифода мегардад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ ба расмият шинохта шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд.

5. Аз баррасӣ ва таҳлили объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интнренети ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо бар меояд, ки ин кирдорҳои барои ҷамъият хавнок (нармфазорҳои зараррасон, ҳуҷумҳои DoS) на фақат ба амнияти иттилоотӣ зарар мерасонад, сонияи ба муносибаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ё гурӯҳи зиёди номуайяни сайёра (махсусн, дар ҳолати терроризми маҷозӣ) зарар мерасонанд ё хавфи расонидани чунин зарарро ба бор меоранд. Қонунгузории ҷиноятии ватанӣ категорияи ҷинояти мазкурро дар боби 28 муқарар намудааст ва бо ба инобат гирифтани дигар муносибатҳои ҷамъияти, ин боб (чуночӣ терроризм дар фазои маҷозӣ, экстремизм дар фазои маҷозӣ, таъқиби маҷозӣ , мактуби фишигӣ) зарур меҳисобем, ки фасли нав дар КҶ ҶТ бо номи «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» ворид карда шавад.

**Адабиёт:**


**1.** Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л. Российское уголовное право: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристь,1997. – С. 346.

**2.** Бытко Ю.И., Бытко С.Ю. Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник. – Саратов: Изд-во «Научная книга», 2005. – 315 с.

**3.** Ваулина Т.И. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 1998. – С. 559.

**4.** Вепрев С.Б., Нестерович С.А. Киберпреступность как новая форма преступности / С.Б. Вепрев, С.А. Нестерович // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2018. – №3. – С. 78-82; Воронцова С.В. Киберпреступность: проблемы квалификации преступных деяний / С.В. Воронцова // Российская юстиция. – 2011. – №2. – С. 14-19.

**5.** Витвицкий А.А. Уголовное право. Особенная часть: учебник / Под ред. В.Н. Петрашева. – М., 1999; Клепицкий И.А. Уголовное право России. Особенная часть: учебник / Отв. ред. Б.В. Здравомыслов. – М., 1996. – С. 340-348.

**6.** Давлатзода К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содиршавии киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144.

**7.** Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2001.

**8.** Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве / Н.И. Загородников // Труды ВЮА. Вып. XIII. – М., 1951. – С. 32-46.

**9.** Кодекси чиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [CD-ROM].

**10.** Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – 4-е изд., перераб, и доп. – М.: Норма, 2006.

**11.** Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – 4-е изд., перераб, и доп. – М.: Норма, 2006. – С. 704.

**12.** Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой / Под ред. С.И. Улезько. – Ростов н/Д: Издат. центр «МарТ», 2002. – С. 679.

**13.** Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под общ. ред. Н.Г. Кадникова. – М.: Юриспруденция, 2008. – 871с.

**14.** Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно правовой анализ с материалами судебное следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – М.: Экзамен, 2007. – 6-е изд. – С. 772.

**15.** Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – Москва: Издательство «Экзамен», 2007. – С. 772.

**16.** Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. А.П. Новикова. – М.: Экзамен, 2006. – С. 766.

**17.** Коржанский Н.И. Объект посягательства и квалификация преступлений: учебное пособие. – Волгоград: НИиРИО ВСШ МВД СССР, 1976. – 120 с.

**18.** Кудрявцев В.Н., Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. - 228 с.

**19.** Кузнецов А.П., Гарипова Н.В. Проблемы определения непосредственного объекта в преступлениях в сфере компьютерной информации / А.П. Кузнецов, Н.В. Гарипова // Следователь. – 2008. – №7. – С. 6.

**20.** Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно правовой анализ с материалами судебное следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – М.: Экзамен, 2007. – 6-е изд. – С. 772.

**21.** Ляпунов Ю.И., Максимов В.Ю. Ответственность за компьютерные преступления / Ю.И. Ляпунов, В.Ю. Максимов // Законность, 1997. - №1. – С. 8-15.

**22.** Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – 189 с.

**23.** Пионтковский А.А., Ромашкин П.С., Чхиквадзе В.М. – М.: Наука, 1970. – С. 124-126.

**24.** Никифоров Б.С. Избранное труды / Составитель канд. юрид. наук А.А. Гравина – М: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации, 2010. – С. 14.

**25.** Панченко П.Н. Уголовное право России. Общая часть. Учебное пособие. – Н. Новгород: Нижегородская высшая школа МВД РФ, 1995. – С. 113.

**26.** Попов А.Н. О предмете преступления, предусмотренного ст. 272 УК РФ / А.Н. Попов // Криминалисть. – 2008. – №1. – С. 5.

**27.** Смирнова Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 28.

**28.** Уголовное право России. Общая часть: учебник / Под ред. И.Э. Звечаровского. – Москва: Норма: Инфра-М, 2010. – С. 170-174.

**29.** Уголовное право. Особенная часть: учебник / Под ред. Рарог А.И. – М.: Изд-во ИМПЭ, 1996. – С. 303.

**30.** Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / Под ред. Л.Д. Гаухмана, С.В. Максимова. – М.: Эксмо, 2004. – 704 с.

**31.** Казарин О.В., Шаряпов Р.А. Вредоносные программы нового поколения – одна из существующих угроз международной информационной безопасности / О.В. Казарин, Р.А. Шаряпов // Вестник РГГУ. Серия: Документоведение и архивоведение. Информатика. Защита информации и информационная безопасность. – 2015. – №12 (155). – С. 9-23.

**32.** Федер. закон «Об информации, информационных технологиях и о защите информации» от 27 июля 2006 г., №149ФЗ // Рос. газ. – 2006. – 29 июля; Федер. закон «О персональных данных» от 27 июля 2006 г., №152ФЗ // Рос. газ. – 2006. – 29 июля; Гражданский кодекс Российской Федерации (часть четвертая) от 18 дек. 2006 г., №230ФЗ // Рос. газ. – 2006. – 22 дек.

**33.** Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – С. 143.

**34.** Шарофзода Р.Ш. Таъмини амнияти иттилоотӣ / Р.Ш. Шарофзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии

ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – Ҷилди II. – С. 192-193.

**35.** Шуберт Л. Об общественной опасности преступного деяния: пер. со словац. Р.П. Разумовой / Под ред. Гельфера. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 23.

**Давлатзода Комрон Давлат** – доктор юридических наук, доцент, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, младший научный сотрудник отдела государственного права; E-mail: komron231823@gail.com

**Уголовно-правовая характеристика преступлений против сетей интернет и их вспомогательного оборудования (вредоносные программы, DoS-атаки)**

Данная статья посвящена одному из актуальных и дискуссионных вопросов современности – уголовно-правовая характеристика преступлений против сетей интернет и их вспомогательного оборудования (вредоносные программы, DoS-атаки). Автор отмечает, что в настоящее время уголовно-правовая характеристика преступлений против сетей интернет и их вспомогательного оборудования, обеспечивающего их функционирование, оценивается по-разному в связи с использованием компьютерных и информационно-коммуникационных технологий. Поскольку современный мир невозможно представить без технического прогресса, и все пользователи современных информационно-коммуникационных технологий хотя бы раз в своей деятельности сталкиваются с негативным воздействием вредоносных компьютерных программ и DOS-атак.

***Ключевые слова:*** вредоносные программы, DOS-атаки, информационно-коммуникационные технологии, Интернет, информация, объект преступления, информационная безопасность.

**Davlatzoda Komron Davlat** - Doctor of Law, Associate Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Junior Researcher, Department of Public Law; E-mail: komron231823@gail.com

**Criminal Law Characteristics of Crimes Against Internet Networks and Their Ancillary Equipment (malware, DoS attacks)**

This article addresses a pressing and controversial issue today: the criminal law characterization of crimes against internet networks and their auxiliary equipment (malware, DoS attacks). The author notes that the criminal law characterization of crimes against internet networks and the auxiliary equipment that ensures their operation is currently assessed differently due to the use of computer and information and communications technologies. Since the modern world is unimaginable without technological progress, all users of modern information and communications technologies at least once in their lives encounter the negative impact of malware and DoS attacks.

**Keywords:** malware, DOS attacks, information and communication technologies, Internet, information, object of crime, information security.

# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

**Қодирзода Тоҳир Қамар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, ходими пешбари илмӣ,. E-mail: t. kodirzoda@mail.ru; **Убайдзода Хубон Шукрубло** - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, докторанти PhD-и. Email:khubonubaydova@gmail.com.

Дар мақолаи мазкур дар бораи тарбияи ҳуқуқӣ, ҳамчун раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки барои андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи ҳуқуқии шаҳрвандон, масъулияти шаҳрвандон, беҳдошти раванди бозомӯзии шаҳрвандон бо назардошти қонунҳои амалкунанда, муайян кардани мафҳуми тарбияи ҳуқуқӣ таҳлил анҷом дода шудааст. Таъкид карда мешавад, ки тарбияи ҳуқуқӣ барои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ равона гардида, онро пурра мегардонад ва шакли ифодаи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, қонунҳо, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, унсурҳои тарбияи ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, иттилоотнокии ҳуқуқӣ, тарғиботи ҳуқуқӣ, тарбияи ватандустӣ.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ низоми қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шароит ва тақозои замон ташаккул меёбад. Нуктаи калидӣ дар ин ҷараён баргузории Сессияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 1992 мебошад, ки дар он барои ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъи сиёсию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон 74 санадҳои ҳуқуқӣ таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид[18, 76-80]. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самтҳои гуногун, аз қабили иқтисодиёт, амният, маориф, фарҳангу иҷтимоиёт ва тарбияи ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус дода, сулҳу субот ва амнияти давлатро таъмин намуданд.

Аз ҷумла, оид ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, ки асоси баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо мебошад, дар ин Сессия чораҳо андешида шуд. Дар замони Истиқлоли давлатӣ ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ соли 1994 қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ барои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон гузошт[10].

Вобаста ба моҳияти Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди миллӣ буда, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро эълон ва таъмин мекунад».[19, 8; 6, 10-19; №7-42;].

Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз менамояд ва онҳо бевосита амалӣ мешаванд.

Дар Конститутсия як қатор принсипҳои кафолати конститутсионии шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст, ки донистани он ба ҳар як шахс дар амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо лозим мебошад, аз қабили: - ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад ва ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин; дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад ва ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад ва ғайра[10, 3-437].

Тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар дигар санадҳои қонунгузорӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми июли соли 2013 «Дар бораи маориф» [12] маориф - раванди таълиму тарбияро таъмин мекунад, раванди таълиму тарбия, ки ба инкишофи муносибатҳои маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ равона карда шудааст, ифода мекунад; муассисаи таълимӣ - ташкилоти таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ раванди таълиму тарбияро барои хонандагон ба роҳ монда, барномаҳои таълимиро амалӣ мегардонад; тарбия - раванди мақсадноки ба воя расонидани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ ва ғайра мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024 «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи

кӯдак»[14] таълиму тарбияи кӯдакро бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона кардааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», [13] ҷашну маросимро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022 «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мафҳумҳое ҳастанд, ки маънои тарбияи ҳуқуқиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ медиҳанд, аз ҷумла, Ватан, ин маънои Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ватандӯстӣ - муҳаббати шахс ба Ватан ва содиқона хизмат кардан, тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳо, ки бахри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан мебошанд.[11, 126]

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] шарт ва тартиби ақди никоҳ, қатъ ва беэътибор донистани он, муносибатҳои молумулкии зану шавҳар, падару модар ва фарзандон, дигар аъзои оила, муносибатҳое, ки вобаста бо фарзандхондӣ, васояту парасторӣ, ба тарбия гирифтани кӯдакон, таълиму тарбияи фарзанд ба миён меоянд, тартиби сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва муносибати дигари оилавиро ҷиҳати ташкили оила, солимии оила, тарбияи дурусти фарзандон ба танзим даровардааст.

Таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ғайр аз Конститутсия ва қонунҳои зикргардида, инчунин дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, № 565 тасдиқ шудааст ва ғайра амалӣ мегардад.[17, 429; 2, 464; 4, 76-91; 8, 43-54; 9, 154-171]

Сатҳи баланди тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ замина мегузорад, ки хонандагон аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ огаҳ бошанд ва онҳоро истифода баранд. Низоми таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз иттилоотонии ҳуқуқӣ, машваратдиҳии ҳуқуқӣ ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, ҷалби хонандагон дар раванди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра иборат мебошад.

Дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (кӯдакистон, синфҳои ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва таълими калонсолон) дар тафаккури таълимгирандагон фаҳмиши ҳуқуқӣ бояд ташаккул дода шавад. Ба муассисаҳои таълимӣ на танҳо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ (ташкилотҳое, ки хизматрасонии ҳуқуқиро иҷро мекунанд) зарур аст, ташриф оранд. Дар сатҳи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ интихоб ва ҷорӣ намудани фанҳое, ки дониш ва малакаро дар самти фарҳанги ҳуқуқӣ ва зиддикорупсионӣ ба таълимгирандагон ташаккул медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад. Дар чаҳорчӯбаи корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, мизҳои мудаввар, тренингҳо, семинарҳо ва чорабиниҳои дигар оид ба фаҳмондадиҳии муқаррароти қонунгузорӣ ва гирифтани ёрии ҳуқуқӣ зарур аст.

Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ин раванди ба маълумоти ҳар як хонанда расонидани мазмуну мундариҷаи Конститутсия ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии давлат дар шакли фаҳмо мебошад, то хонанда тавонад онро барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва иҷрои уҳдадориҳояш истифода намояд. Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд яке аз воситаҳои муҳими таъсирбахши мақсаднок ва ба таври оммавӣ баланд бардоштани таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии хонандагон гардад.

Ба роҳ мондани корҳои таблиғоти ҳуқуқӣ ба таври васеъ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон тавассути бунёди низоми муваффақ ва динамикии бо иттилоот мусаллаҳ, ки дар он субъект ва объекти идоракунӣ, функсияҳои онҳо, мақсадҳои асосӣ ва миёнамуҳлат, воситаҳои муносиби расидан ба онҳо возеҳ муайян мешаванд. Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ дар ташаккули миллати баландмаърифат воситаи калидӣ мебошад [5, 46-64].

Ҳамзамон, таҳлили ҳолати муосири тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт ба инобат гирифтани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тамоюлҳои нав зарур аст. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти маҷмуӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти маърифатнокии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарурати тағйир додани муносибатҳо мавҷуд аст. Дар робита бо ин нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маърифатнокии ҳуқуқӣ ва фаъолияти маърифатпарварии хусусияти иттилоотӣ-ташвиқотидошта бояд баланд бардошта шавад, зеро имрӯз ташаккули сатҳи баланди маърифатнокии ҳуқуқӣ бе иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, тамоми хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи ҳуқуқшиносони ҷумҳурӣ номумкин аст.

Аз ин рӯ, дар ин самт тағйироти куллӣ, ки дигаркунии ҷиддии модели институтсионалиро дар татбиқи сиёсати маърифатнокии ҳуқуқӣ талаб менамояд, зарур аст. Ҳамчунин маърифатнокии ҳуқуқӣ бояд талаботи гурӯҳҳои мақсаднокро ба инобат гирифта, расмиёти баҳодиҳии сифат ва натиҷанокии ин фаъолиятро пешбинӣ намояд.

Дар замони мо яке аз роҳи баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳои онҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Бахусус донистан ва фаҳмидани самаранокии расмиёти ғайрисудӣ ва тосудии танзими баҳсҳо рафтори махсусро оид ба амалигардонии воситаҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа ташаккул хоҳад дод. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз тарғиби воситаву механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад[1].

Унсурҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ инҳо шуда метавонанд: иттилооти ҳуқуқӣ, яъне интиқоли дониш дар бораи ҳуқуқ; таълими ҳуқуқӣ ин ташаккули татбиқи ҳуқуқ; ҷалб ба фаъолияти ҳуқуқӣ бо маънои истифодаи донишҳои гирифташуда дар амал ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, яъне муносибати эҳтиромона ба қонун ва боварӣ ба зарурати риояи он. Ин унсурҳо ба ташаккули хоҳиши бошуурона барои рафтори қонунӣ нигаронида шудаанд.

Тарбияи ҳуқуқии мактаббачагон раванди мақсадноки ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, шуур ва рафтори қонунии хонандагон тавассути таълим, иттилоот, татбиқи амалии дониш ва ташаккули муносибати эҳтиромона ба қонунҳо ва ҳуқуқ мебошад. Мақсади тарбияи ҳуқуқӣ рушди мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар кӯдакон, ташаккули фаҳмиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ, инчунин эътиқод дар зарурати риояи қонунгузорӣ барои ҳаёт дар ҷомеа мебошад.

Мазмуни иҷтимоии ҳуқуқии шахс омӯзиши усулҳои дахлдори тафаккури хоси фарҳанги ҳуқуқӣ, забони ҳуқуқӣ, қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ, арзишҳо, анъанаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Бо ёрии тарбияи ҳуқуқӣ фарҳанги ҳуқуқиро аз худ карда, инсон қобилиятҳо, ниёзҳо ва арзишҳои худро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, бе фардикунонии ҳуқуқ, иҷтимоикунонӣ вуҷуд дошта наметавонад. Раванди синтези ҷанбаҳои муайян (омилҳо), ки шароити соҳаи иҷтимоӣ-ҳуқуқиро бо омилҳои шахсӣ (инсонӣ) тавсиф мекунанд, механизми иҷтимоикунонии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки ба он системаи тарбияи ҳуқуқӣ дохил мешавад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад: иттилоотӣ; арзёбӣ; танзимкунанда; қонунӣ; ташкилӣ. Компоненти охирин аҳаммияти муҳим дорад, агар дар ташкили тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, давлат ҳамчун ташкилкунандаи ин раванд фаъолона (на расман) иштирок кунад ва намояндагони мақомоти давлатӣ бо намунаи худ тавассути амалияи ҳуқуқии давлатӣ хонандагонро тарбия кунанд.

Аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дар он аст, ки вазифаҳо ва самтҳои калидӣ оид ба оптимизатсияи корҳои таълимии ҳуқуқӣ дар шароити муосир муайян карда шудаанд, ки аз ҳама муҳим сиёсати давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ҳадди аксар мувофиқа кардани ниёзҳо ва манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат тавассути сохтани матритсаи идеалии ҳуқуқии рафтори намояндагони ҳокимияти давлатӣ равона шудааст. Илова бар ин, муайян карда шудааст, ки иҷтимоикунонии ҳуқуқии ҷомеа берун аз тарбияи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Дар шароити ноустувории сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ тағйироти низоми арзишҳо (ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, оилавӣ ва ғайра) ба амал меояд. Вайрон кардани тартиботи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба таназзули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахс мусоидат мекунад. Ҳамаи ин зарурати ҷустуҷӯи равишҳои нав ва институтҳои иҷтимоикунонии ҳуқуқиро ба миён меорад. Ба унсури асосии механизми иҷтимоикунонии ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дохил мешавад.

Тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар системаи таълими умумӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Аммо бар хилофи дигар ҷанбаҳо, он (тарбияи

ҳуқуқӣ) ҳадафи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқиро дорад, ки ин махсусан дар давраи эҳёи миллию фарҳангии давлати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ муҳим аст.

Дар давраи муосир категорияи "таълими ҳуқуқӣ" ҳам дар адабиёти ҳуқуқӣ, педагогӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ ва ҳам дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ истифода мешавад. Масалан, тарбияи ҳуқуқӣ ин фаъолияти ташаккули хонандагон (шахсият) бо доираи васеи огоҳӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ, дарки огоҳонаи воситаҳои ҳуқуқӣ (қонунҳо), қобилияти рафтори қонунӣ ва мавқеи фаъоли ҳуқуқии ташаккулефта[16, 8].

Дар сарчашмаҳои илмӣ дар байни ҳуқуқшиносон нуқтаи назари маъмул ин аст, ки тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ системаи чорабиниҳоест, ки аз ҷониби давлат, шаҳрвандон ва дигар ташкилотҳои мактабӣ, томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо мақсади ташаккули шуури мусбати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии хонандагон ва ҷомеа дар маҷмӯъ амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, тарбияи ҳуқуқӣ муассисаҳои таҳсилоти умумӣ самти мушаххаси худро дорад, ки ба ҳалли бисёр вазифаҳои мураккаби иҷтимоию ҳуқуқӣ, ки бо ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқ ҳамчун арзиши иҷтимоӣ, идеологияи ҳуқуқӣ аз ҷониби хонандагон алоқаманданд ва мусоидат мекунад, ки масъулияти ҳуқуқӣ баланд бошад.

Аммо, тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ наметавонад раванди ҷудогонаи фаъолият бошад, зеро ҳама гуна фаъолияти тарбиявӣ бо ниёзҳо ва манфиатҳои ҷамъиятӣ, инчунин самтҳои асосии давлат алоқаманд аст. Тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонад танҳо дар сурате самаранок ва муваффақ бошад, ки ҳадафҳои он вазъи воқеии ҷомеа, тамоюл ва шакли рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии онро объективӣ инъикос кунанд. Яъне, барои натиҷаи беҳтарини чунин фаъолият, донистани имконияти объективии тарбияи ҳуқуқӣ тавассути татбиқи воқеии он дар шароити муосир зарур аст.

Дар муайян кардани мақсади тарбияи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ инҳо дохил мешаванд: такмили сатҳи муайяни шуури ҳуқуқӣ ба воситаи дастрасии донишҳои ҳуқуқии ҳам хусусияти умумӣ ва ҳам ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар маҷмӯъ; сохтани анъанаҳои ҳуқуқӣ, ки системаи арзишҳои ҳуқуқиро тавассути таҳияи сифатҳо, аз қабили эҳтиром ба ҳуқуқ, боварӣ ба зарурат ва фоиданокии он, омодагӣ ва қобилияти амал кардани қонунӣ ва фаъолро ба вуҷуд меоранд.

**Адабиёт:**


1. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз 27 ноябри соли 2019 № 599. http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 02.03.2025).
2. Furthermore Бободжонзода И.Х. Современные проблемы морально-этических норм и права в медицине. — Душанбе: Шоҳин-С, 2022. – 464с.
3. Бобоҷонзода И.Ҳ. Масоили ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Монографияи датаҷамъона. Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И. – Душанбе, 2004. – 437с.
4. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ// Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. Коллективи муаллифон: зери таҳрири д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ., профессор А.Р. Нематов. – Душанбе: МН «Дониш», 2023. – С.76-91.
5. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ: проблемаҳои назариявӣ–ҳуқуқӣ. // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ "Маърифати ҳуқуқӣ-омили тақвияти тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният", бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ. Душанбе, 19 апрели 2024. – Душанбе: Дониш, 2024. – С. 46-64.
6. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ., Проблемаҳои муайяннамоии мафҳуми "маърифати ҳуқуқӣ" аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ Тоҷикистон // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2024. – №1(49). – С. 10-19.
7. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Андешаҳо дар ҳошияи суханронии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи таҷлили 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи Конференсияи илмию амалии «Конститутсия кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд». // Зери таҳрири проф. Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – С. 37-42.
8. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Фаҳмиши «маърифати ҳуқуқӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир (маҷаллаи илмӣ). – 2024. –№1(1).–С. 43-54.
9. Бобоҷонзода И.Ҳ., Тағойназаров Ш.Т., Қодирзода Т.Қ. «Тақриз ба Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: «ЭР-граф», 2015. 415с.» // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023 январ-март. -№1 (41). – С. 154-171.

**10.** Кодекси оилаи Ҷумҳури Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 22, мод. 303; соли 2017,№1-2,мод.18)

**11.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул гардида, тағйиру иловаҳо ба он аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва соли 2016 бо тартиби раъйпурсии умумихалқӣ ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – 126 с.;

**12.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022 «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2022,№ 887 қабул карда шуд.

**13.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми июли соли 2013 «Дар бораи маориф»Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 1148, №7, мод. 624; Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., №1462.

**14.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, № 2048 «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». https://www.google.com (санаи муроҷиат 23.02.2025).

**15.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2024, № 2049 «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак». https://www.google.com (санаи муроҷиат 23.02.2025).

**16.** Матвиенко Л. М. Правовое воспитание старшеклассников в процессе изучения гуманитарных предметов: автореф. дис. ... кандидата пед.наук: 13.00.01. – Волгоград, 2004.

**17.** Маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор, академики АМИТ Маҳмудзода М.А. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: МН «Дониш», 2024. – 429 с.

**18.** Меликов У.А. Санадҳои ҳуқуқии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2022. – №3(7). – С. 76-80.

**19.** Эмомалӣ Раҳмон. Ҳар як халқу миллат ҳамон Конститутсияеро дорад, ки ба он сазовор аст. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.

**Кодирзода Тахир Камар** – доктор юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права,ведущий научный сотрудник, E-mail: t. kodirzoda@mail.ru; **Убайдзода Хубон Шукрублю** - Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, докторант PhD. E-mail: khubonubaydova@gmail.com.

### Правовое воспитание как процесс формирования правового сознания и правовой культуры в общеобразовательных учреждениях

В данной статье речь идет о правовом воспитании, как процессе формирования правового сознания и правовой культуры в общеобразовательных учреждениях, направленном на принятие мер по постоянному повышению правовых знаний и навыков и ответственности граждан, совершенствованию процесса переподготовки граждан с учетом действующего законодательства, раскрытию концепции правового воспитания. Следует отметить, что правовое воспитание направлено на формирование правового образования, дополняет его и является формой выражения правового воспитания.

**Ключевые слова:** Конституция, законы, общеобразовательные учреждения, элементы правового воспитания, правовое образование, правовая информированность, правовая пропаганда, патриотическое воспитание.

**KodirzodaTahir Kamar-** doctor of Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Senior Researcher, E-mail: t. kodirzoda@mail.ru; **Ubaidzoda Hubon Shukrublo-**National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, PhD student. E-mail: khubonubaydova@gmail.com.

### Legal education as a process of formation of legal consciousness and legal culture in educational institutions

This article deals with legal education as a process of forming legal consciousness and legal culture in general education institutions, aimed at taking measures to continuously improve the legal knowledge and skills of citizens, the responsibility of citizens, improving the process of retraining citizens, taking into account current legislation, disclosing the concept of legal education. It should be noted that legal education is aimed at the formation of legal education, complements it and is a form of expression of legal education.

**Keywords:** Constitution, laws, educational institutions, elements of legal education, legal education, legal awareness, legal propaganda, patriotic education.

# ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА МАСОИЛИ ҲУҚУҚИИ ОН

**Мирзоҳофизиён М.М.** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети №4, Сардори кафедра, полковники милитсия. E-mail: mirzohafizov81@mail.ru

Инноватсия ва зеҳни сунъӣ – пояи нави идоракунии давлатии муосир мебошад, ки навсозии низоми идоракунии давлатӣ дар заминаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва истифодаи мақсадноки зеҳни сунъӣ яке аз самтҳои меҳварии сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз воситаҳои муосири идоракунии давлатӣ шинохта шудааст. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳукумати электронӣ ба баланд шудани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ, шаффофият ва кам кардани дахолати шахсӣ дар равандҳои маъмурӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** Зеҳни сунъӣ, ҳаммонандкунӣ, иноватсия, илм, таълим, таҳсил, таърих, ҳуқуқ, назария, амалия, идоракунии давлатӣ

Масоили амалияи илми психология дар таъсиррасони ба шуури инсонӣ яке аз омилҳои асосӣ дар гуфтугу шунид, баёни фикру андеша, пешниҳод ва қабули он буда, ҳамаи ин зинаи муайяни худро дорад, ки сантъати суханварӣ ба шумор меравад.

Вобаста ба ин дар ҷаҳони муосир истифодаи зеҳни сунъӣ ва инчунин аз шабакаҳои интернетӣ дилхоҳ маълумотҳое, ки пешниҳод мегардад бе санҷиши дақиқ 50 - фисади аҳолии истифодабарандагони он ба ин маълумотҳо бовари ҳосил намуда, ибрози андеша мекунанд.

Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ бар меояд, ки Сарвари давлат рушди устувори мамлакатро бо тағйироти сохторӣ ва зеҳнӣ дар низоми идоракунӣ мепайванданд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ давлате метавонад мавқеи устувор дошта бошад, ки идоракунии он бар пояи дониш, таҳлил, инноватсия ва истифодаи технологияҳои пешрафта инъикос ёфта бошад. Агар дар давраҳои қаблӣ захираҳои табиӣ ва қувваи ҷисмонӣ ҳамчун омили асосии рушд баррасӣ мегардиданд, имрӯз неруи зеҳнӣ, инноватсия ва идоракунии самараноки давлатӣ ба манбаи асосии пешрафт табдил ёфтааст [1].

Инноватсия ва зеҳни сунъӣ – пояи нави идоракунии давлатии муосир мебошад, ки навсозии низоми идоракунии давлатӣ дар заминаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва истифодаи мақсадноки зеҳни сунъӣ яке аз самтҳои меҳварии сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Паём ҳамчун санади муҳими сиёсӣ на танҳо ҷамъбасти дастовардҳои марҳилаи гузашта, балки нақшаи стратегии гузариш ба модели сифатан нави идоракунии давлатӣ мебошад, ки самаранокӣ, шаффофият ва ҷавобгӯ будан ба талаботи ҷомеаи муосирро кафолат медиҳад [2].

Таъсири ҳаргуна шухии бе маврид ва баёни фикри нодурусти бе таҳлил дар шабакаҳои интернетӣ ба психологияи насли наврас таъсири гуногунро мерасонад. Истифодабарандагони бештари сайтҳои интернетиро дар замони тараққиёти технологӣ маҳз ҷавонон ва наврасон ташкил медиҳанд.

Имрӯзҳо бо истифодаи зеҳни сунъӣ бозиҳои зиёди компютерӣ пайдо гардидааст, ки омили таъсиррасонии сахти психологӣ ба ҷавонон ва наврасон гардида, тарз ва усули содирнамоии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниро бо бераҳмӣ меомӯзонад. Амалҳои ҷиноӣ ба монанди куштор бо истифодаи яроқи оташфишон ва яроқи сард асосан қисми таркибии ин бозиҳои компютериро дарбар мегирад. На ҳама вақт волидайн тарзи дурусти истифодаи интернетиро назорат намудаанд, ки боиси давра ба давра вайрон намудани шуурнокии кудакон гардидааст.

Аксари мушкилоти идоракунии муосир на аз камбуди захираҳо, балки аз маҳдудияти тафаккури идорӣ ва набудани равишҳои нав сарчашма мегиранд. Дар чунин шароит инноватсия дигар танҳо маҷмуи технологияҳо нест, балки ба фалсафаи нави идоракунӣ табдил мёбад, ки фарҳанги хизматрасонӣ, муносибат ба шаҳрванд ва масъулияти хизматчии давлатиро тағйир медиҳад. Бе ислоҳоти тафаккурӣ ва фарҳангии идорӣ ҳатто пешрафтатарин технологияҳо наметавонанд натиҷаи дилхоҳ диҳанд. Имрӯз ҳама қишри ҷомеъа бе шабакаи интернетӣ худро тасаввур карда наметавонанд, ин як вобастаги воқеъӣ мебошад. Аммо барои истифодаи дурусти интернет, зеҳни сунъӣ ва низоми рақамӣ бояд чораҳои дахлдор андешид [3].

Амнияти иттилооти бо роҳи маҳдудияти дастрасӣ ба баъзе аз шабакаҳо, тарзи дурусти истифодаро ба роҳ мондан, бо гузоштани рамзҳои

махфӣ, бо истифодаи барномаҳои таъмини бехатарии шабакавӣ имконпазир аст.

Баёни фикр ва ибрози андеша барои пешрафт ва бартарафи камбуди хуб аст, аммо маълумотҳои дақиқ ва истифодаи забони бе олоиши тоҷикӣ, риояи фарҳангу маданият ва ибратгиранда асоси ин кор бояд бошад. Истифодаи зеҳни сунъӣ бо риояи маърифати ҳуқуқӣ баён намудани фикру андеша, риояи талаботи санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ ва расму оини миллӣ қобили қабул аст [4].

Зеҳни сунъӣ, низоми рақами дар фаъолияти пардохтҳои ғайринақдӣ ва саноатикунонӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Барои самаранокии истеҳсолоти молу маҳсулот бояд мутахассисони соҳавии ватанӣ бештар омода карда шуда, барномаи давлатии рушди саноаткунониро бо истифодаи зеҳни сунъӣ бояд амали намуд [5].

Истифодаи дурусти зеҳни сунъӣ дар фаъолияти давлатӣ самаранокии худро дорад, ки ин бе шубҳа дуруст аст. Вале дар раванди таълим барои инкишофи шуурнокӣ дар байни ҷавонони синну соли муайян на он қадар беҳбудиро дорост. Маҳдудияти истифодаи зеҳни сунъӣ барои наврасоне, ки дар таҳсил фаро гирифта шудаанд то синни 16 сола амали кардан зарур аст, чунки давраи инкишофи зеҳнии ҷавонон ва шуурнокии онҳо то ин синро асосан дар бар мегирад.

Аммо истифодаи зеҳни сунъӣ дар сохтани маълумотҳои бардуруғ ва бо истифодаи овозу симои шахси дигар низ имрӯз дар шабакаҳои интернетӣ маъмул гардидааст, ки бояд мо огоҳ бошем. Албатто масъалаи сохтани симо ва овози шахси дигар бо истифодаи зеҳни сунъӣ барои содир намудани кирдорҳои ҷиноӣ ба монанди: шантаж, таҳқиркунӣ, тухмат чавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Вале ҳастанд ҳолатҳое, ки бо истифодаи симои дигар шухии бе маврид ва ё дар овезаҳо истифода менамоянд, ки бояд ҷавобгарии маъмурӣ барои ин кирдорҳо муайян карда шавад (асос дар зер оварда мешавад) [6].

Таъсири руҳӣ - равонӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ дар олами маҷози муаммо ва баҳси зиёдеро ба бор овардааст. Дар бисёр ҳолатҳо муайян намудани субъекти ҷавобгари ғайри имкон аст. Масалан воситаи нақлиёти бе сарнишин дар ҳолати содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва муайян намудани субъект ҳамчун ҷавобгарӣ баҳси илмӣ ва қонуниро ба бор овардааст.

Истифодаи зеҳни сунъӣ талаботи замони муосир буда, бояд ҷиҳати барасмиятдарори аз ҷиҳати қонунгузорӣ тадқиқоти муайянеро талаб менамояд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки бо истифодаи зеҳни сунъӣ ҳаммонандкунии симо ва овози шахси дигар бояд дар қонунгузорӣ бо ворид намудани муқарароти муайянро ба танзим даровaрда шавад.

Дар замони муосир асоси фаъолият ва робитаи байни аҳоли бо роҳи гуфтушунид ва истифодаи психологӣ ба тaври маҷозӣ ба роҳ монда шудааст. Огоҳи ёфтани ҳар як шаҳрванд аз кирдорҳои қаллобон бо истифодаи зеҳни сунъӣ ва психологӣ дар системаи бонкӣ ва истифодаи кортҳо ва фаъолияти идораву корхонаҳои давлатӣ саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯз дар олами маҷозӣ ва шабакаҳои интернетӣ релс-саҳначаҳои хурди шухӣ-таҳқиромез бисёр паҳн мегардад, ки ба тамаддун ва фарҳанги мо бегона мебошад. Бояд таълиму тарбия ва маҳдудияти муайян нисбат ба истифодаи он ба роҳ монда шавад, ки насли оянда аз таъриху тамаддуни худ дур гашта ба бегонапарастӣ роҳ надиҳанд. Ҳамзамон экосистемаи миллии инноватсионӣ ташаккул ёфтааст, ки дар он ҳамкории зичи давлат, илм, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин мегардад. Маҳз ҳамин ҳамкории фарогир имкон фароҳам овард, ки идеҳои илмӣ аз марҳилаи назариявӣ ба сатҳи татбиқи амалӣ дар идоракунии давлатӣ амали гардонида шавад [7].

Дар ин раванд тараққиёт ва истифодаи зеҳни сунъӣ ба яке аз воситаҳои калидии идоракунии муосири давлати табдил ёфтааст. Истифодаи он дар таҳлили маълумоти давлатӣ, банақшагирии иҷтимоию иқтисодӣ, мониторинги равандҳо ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки шаффофиятро тақвият дода, эътимоди шаҳрвандонро ба давлат афзоиш диҳад. Қарорҳое, ки бар пояи маълумоти дақиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қабул мегарданд, сатҳи хатоиҳоро коҳиш дода, самаранокии сиёсати давлатиро баланд мебардоранд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллатт муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // аз 16 декабри 2024 сол. ш.Душанбе.

2. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дар бораи илм ва сиёсати давлати оид ба илму техника», (аз 21.05.1998с. № 597, ба он бо Қонун аз 17.05.2004 с. № 25, аз 30.07.2007с. № 335, аз 31.12.2008 с. № 477 бо тағйироту иловаҳо);

3. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлати, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 08.12.2003 с. № 53, бо Қонуни ҶТ аз 26.03.2009 с. № 494 бо тағйироту иловаҳо);

4. Этические соображения и предвзятость в области искусственного интеллекта/машинного обучения // ScienceDirect. - Амстердам: Elsevier, 2025. - С. 1-10.;

5. Хольцингер А. В. Что нам нужно для создания понятных систем искусственного интеллекта // Препринт arXiv. - 2017. - 20 с.;

6. Этика искусственного интеллекта // ЮНЕСКО. - Париж: ЮНЕСКО, 2025. - 120 с.;

7. Стэнфордский искусственный интеллект, ориентированный на человека //. - Стэнфорд: Стэнфордский университет, 2025. - 150 с.;

8. Искусственный интеллект может ускорить научный прогресс, но настоящими препятствиями на пути прогресса являются культурные и институциональные факторы // Вестник ученых-атомщиков. - Чикаго, 2025. - 15 с.

**Мирзохофизиён М.М.** - кандидат юридических наук, Академия МВД Республики Таджикистан, Начальник кафедры административного права и административной деятельности 4 -го факультета кандидат юридических наук, полковник милиции. E-mail: mirzohafizov81@mail.ru

**Исползование искусственного интеллекта и её правовые проблемы**

Инновация и искусственный интеллект – являются новыми основами современного государственного управления, которое требует обновления системы государственного управления на фендаменте современных инновационных технологий, а также целевое использование искусственного интеллекта является одним из важнейших направлений государственной политики. Реализация электронного правительства в Республике Таджикистан считается одним из современных способов государственного управления. Как показывает мировая практика электронное правительство способствует повышению уровня и качества оказания государственных услуг, уменьшения индивидуального вмешательства в администартивные процедуры.

**Ключевые слова:** Искусственный интеллект, гармонизация, инновация, наука, образование, истонрия, право, теория, практика, государственное управление

**Mirzohofizien M.M.** – Candidate of Law Sciences, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, 4th Faculty, Head of the Department of Administrative Law and Administrative Activities at the Colonel of Police. E-mail: mirzohafizov81@mail.ru

**The use of artificial intelligence and its legal problems**

Innovation and artificial intelligence are the new foundations of modern public administration, which requires updating the public administration system based on modern innovative technologies, as well as the targeted use of artificial intelligence is one of the most important areas of public policy. The implementation of e-government in the Republic of Tajikistan is considered one of the modern methods of public administration. As world practice shows, e-government contributes to improving the level and quality of public services, reducing individual interference in administrative procedures.

**Keywords:** Artificial intelligence, harmonization, innovation, science, education, history, law, theory, practice, public administration

**МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 4/1 (57) / 2025**
**АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025**

**ИХТИСОСИ 6D030100** – ҲУҚУҚШИНОСӢ = ЮРИСПРУДЕНЦИЯ= JURISPRUDENCE

**СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 1. -** ТЕОРЕТИКО – ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРАВОВЫЕ НАУКИ = ИЛМҲОИ НАЗАРИЯВӢ–ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ = THEORETICAL AND HISTORICAL LEGAL SCIENCES

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

**Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ. E-mail: buriev-68@mail.ru; **Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқ. E-mail: shohiddin.n@mail.ru

Мақолаи мазкур ба масъалаи муносибатҳои ҳуқуқи истифодабарии замин дар замони давлатдории Сомониён бахшида шуда, муаллиф зикр менамояд, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон замони Сомониён барои рушди муносибатҳои сиёсӣ, иқтимоӣ ва фарҳангӣ даврони асосӣ ба шумор рафта, дар баробари дигар самтҳои муносибатҳои истифодабарии замин, шакли навро ба худ касб намудааст. Дар ин давра замин асосан ба гурӯҳҳои зайл: 1) заминҳои ҳиҷозӣ ё заминҳои муқаддас; 2) заминҳои хироҷӣ; 3) мулкҳо; 4) иқтаъ ва 5) вақф ҷудо мешуд.

**Калидвожаҳо:** Сомониён, ҳуқуқи замин, муносибатҳои заминдорӣ, заминҳои муқаддас, заминҳои хироҷӣ, мулкҳо, иқтаъ, вақф.

Замони давлатдории Сомониён яке аз давраҳои муҳим дар рушди ҳаёти иҷтимоии тоҷикон маҳсуб шуда, сохти феодалӣ ба марҳилаи олии худ расида, муносибатҳои истифодабарии замин низ дар асоси талаботи иртибототи сохти ҷамъиятии мазкур сурат мегирифт.

Давраи ба вуҷуд омадани муносибатҳои феодалӣ як марҳилаи муҳимми ташаккули муносибаҳои ҳуқуқии истифодаи замин буд, ки аз асрҳои I–VII оғоз ёфта, дар асрҳои IX–X устувор гардид ва то асри XIII идома ёфт. Ин раванд бо тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳамроҳ буд, ки заминро ба як унсури асосии идоракунии давлат ва ҷомеа табдил дод. Сарчашмаҳои ҳуқуқии ин давра, аз қоидаҳои ғайрирасмӣ то санадҳои хаттӣ, асоси ҳуқуқии қонунгузории минбаъдаро гузоштанд ва дар таърихи заминдории Тоҷикистон нақши калидӣ бозиданд.

Сохтори давлати Сомониён феодалӣ буд, ки манфиати заминдорону тоҷирони калонро дастгирӣ менамуд. Соҳибони асосии замин давлат ва феодалони калон маҳсуб меёфтанд ва замин ба категорияҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, феодалӣ, мулкӣ ва вақф тақсим мешуд [3, 408]. Дар умум, замин ва муносибати заминдорӣ аз ҷониби девонҳои вазир, аз-зиё (мулкҳои давлатӣ) ва вақф назорат карда мешуд.

Вақф – қитъа ва ё замине маҳсуб меёфт, ки барои масрафи мадраса ё масҷид ё дигар муассисаҳои динӣ бахшида мешуд. Ин гуна замин то Ислом низ вуҷуд дошта, баъд аз футуҳоти Хилофати араб дар давлатҳои исломӣ низ зуҳур карда, дар даврони Сомониён то андозае ривоҷ ёфтааст. Ин аст, ки давлати Сомониён яке девонҳои асосии худро бо номи "Вақф" ихтисос дода буд. Девони вақф ба нигаҳбонӣ, ҳисобу китоби замину дигар биноҳову иншооти хайрия расидагӣ мекард [9, 109].

Ҳамчунин, дар ин замон ба хотири хидмат инъом додани замин ба кормандони давлатӣ, ҳарбиён ва дигар табақаҳои иҷтимоии кишвар хеле маъмул буд. Замини инъомшуда, иқтаъ номида мешуд. Баъзан, деҳа ё ноҳияи калонеро давлат чун иқтаъ ба ин ё он амалдори давлатӣ мебахшид. Ин гуна амалдорон вазифадор буданд, ки ҳиссаи худ ва ҳукумати марказиро аз иҷорагирандагони замин ҳосил намоянд ва тартиботу низом ва тобеияти сарзаминро низ таъмин намоянд. Хонадони Сомониён ҳам, соҳиби заминҳои зиёд буда, девони махсусе дахлу харҷи ин заминҳоро назорат мекард. Бо пурра мусулмоншавии аҳолӣ ва афзудани нақши руҳониён, дар умури давлатдорӣ миқдори заминҳои вақф низ афзоиш ёфта, барои таъсиррасонии диндорон ба ҳаводиси сиёсӣ ва иқтисодии кишвар замина фароҳам меомад [9, 109].

Андозҳо, аз ҷумла андоз аз замин, бештар ба шакли пулӣ рӯёнида мешуданд. Шаклҳои дигари

андозу баҳрагирӣ аз меҳнати мардум, чун ба таври супоридани маҳсулот ва ё бекорӣ (кори маҷбурӣ) низ маъмул буд. Муаррихони ин давра, аз ҷумла Наршахӣ ҳаҷми андози ин ё он мулкро баён намуда, хироҷи яксолаи Бухороро ба 200 ҳазор дирҳами нуқра баробар гуфтааст. Хироҷи солонаи Сомониёнро ҷуғрофидони маъруфи ин аср Ибни Ҳавқал 40 миллион дирҳам номидааст. Масъалаи ҷамъоварии хироҷ ва супоридани он ба марказ яке аз масъалаҳои асосӣ буд, ки бар асари он, баъзан ҷангҳои шадид низ рух медод. Аз ҷумла, яке аз сабабҳои ҷанги бародарон Наср ва Исмоил напардохтани хироҷи Бухоро ба хазинаи марказии давлат буд [9, 110].

Сомониён яке аз аввалин давлатҳои мустақили тоҷикон низ заминро ҳамчун манбаи асосии қудрат ва даромад истифода мебурд. Дар ин давра зимоми идораи кишвар ба зиммаи амир вогузор шуда буд, ки яке аз салоҳиятҳои ӯ додани замини "иқтаъ" ба шумор мерафт [2, 117]. Тибқи низоми "иқтаъ" замин ба ашрофон ва сарлашкарон барои хизмат ба давлат дода мешуд. Ин заминҳо аз ҷониби деҳқонон коркард мешуданд, ки дар ивази он, андоз (хироҷ ва ушр) месупориданд.

Дар ин марҳила, санадҳои хаттӣ, аз қабили маншурҳо ва фармонҳо, пайдо шуданд, ки ҳуқуқи истифодаи замин ва вазифаҳои тобеонро муайян мекарданд. Ин санадҳо нишон медиҳанд, ки муносибатҳои ҳуқуқии истифодаи замин дар ин давра ба як низоми мураккаб табдил ёфта буд, ки бо муносибатҳои заминдории калон алоқаманд буд. Масалан, дар водии Зарафшон заминҳои обӣ ба ашрофони маҳаллӣ дода мешуданд, ки онҳо дар ивази хизмат ба амир аз онҳо даромад мегирифтанд. Ин сохтор муносибатҳои феодалиро устувор кард, зеро замин на танҳо манбаи иқтисодӣ, балки асоси қудрати сиёсӣ низ буд.

Доир ба омӯзиши давраи Сомониён муаррихони ватанӣ Н. Неъматов ва А. Мухторов руҷӯъ намуда, дар ин самт таҳқиқоти монографӣ анҷом додаанд, ки барои баррасии паҳлуҳои гуногуни ин замон, аз ҷумла муносибатҳои истифодабарии заминдорӣ маълумот оварда шудааст [6, 5].

Вобаста ба низоми ҳуқуқии давлати Сомониён аз ҷониби И.Д. Сафаров якчанд мақола ва таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст, ки оид ба дарки мукаммали низоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла оид ба истифодаи замин ва об дар ин давра маълумот медиҳад. Ӯ тибқи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ таснифоти зерини шаклҳои заминдорӣ аз рӯйи хусусияти моликияташон дар замони Сомониёнро чунин муайян намудааст [7]:

1. **Заминҳои "мулки султонӣ" заминҳои султонӣ (амирӣ).** Одатан, дар он давра фонди давлатии замин хеле калон буд, ки заминҳо дар шароити ҷамоати деҳот истифодашавандаро дар бар мегирифт. Маълумоти дигаре низ дар ин масъала мавҷуданд: мувофиқи маълумоти муаллифи "Таърихи Бухоро" Муҳаммад Наршахӣ, Исмоили Сомонӣ ба манфиати наслҳои худ ё вақфҳо бо мақсади зиёд кардани заминҳои давлатӣ заминҳои заминдорони хусусиро, ки дар ҷойҳои гуногуни кишвар ҷой гирифта буданд, харидорӣ мекард. Ҳамаи ин категорияи заминҳо, дар маҷмуъ ҳамчун "девони мулк" муайян карда мешуданд, зеро баҳисобгирии андозҳои аз онҳо воридшуда ва назорати ҳолати заминҳо аз ҷониби Девони вазир (ё девони зиё) тавассути мансабдорони сершумор амалӣ карда мешуд.

2. **Заминҳои хусусии "мулк"** асосан ба аъзои сулолаи Сомониён, деҳқонон, намояндагони руҳониёни олӣ, мансабдорон, савдогарон ва артиш тааллуқ доштанд. Заминҳои хусусӣ, бешубҳа, соҳибони хурд (деҳқонони сарватманд ва ғайра) низ доштанд. Дар байни соҳибони заминҳои хусусӣ онҳое буданд, ки дар соҳаи андозбандии давлатӣ имтиёзҳои гуногунро соҳиб буданд.

3. **Заминҳои "вақф"** дар асл дар ихтиёри муваққатӣ ё абадии намояндагони дин қарор доштанд, гарчанде ки ба муассисаҳои гуногуни динӣ(масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо) ба таври ҳуқуқӣ тақдим карда мешуданд. Дар асоси вақфҳо моликияти замини муассисаҳои динӣ (масҷидҳо, мадрасаҳо ва ғайра) афзоиш ёфт. Дар асл, ин фондҳои замин ва даромади онҳо дар дасти намояндагони олии динӣ буд.

Ҳамчунин, дар замони Сомониён моликият ба замин дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи исломии музориат (доду гирифти кишоварзӣ бо якдигар) ба танзим дароварда мешуд ва он панҷ намуди заминистифодабариро муайян мекард: **1) заминҳои ҳиҷозӣ ё заминҳои муқаддас; 2) заминҳои хироҷӣ; 3) мулкҳо; 4) иқтаъ 5) вақф** [8, 319].

Ба гурӯҳи заминҳои ҳиҷозӣ заминҳое маҳсуб буданд, ки паёмбари ислом Муҳаммад (с) зиндагӣ ва ё қадам ниҳодааст. Ҳатто ин гурӯҳи заминҳо аз муомилот берун буданд.

Ба гурӯҳи заминҳои хироҷ заминҳое мансуб мешуданд, ки арабҳо дар ҷангҳои кишваркушоӣ ва ғазовати худ ба даст оварда буданд. Баъдан, ин гуна заминҳоро ба амирони мулкҳо ва наслҳои худ мерос гузошта, ба давлат андоз мепардохтанд.

Ба гурӯҳи заминҳои мулкӣ заминҳои амирон ва феодалони калон низ дохил мешуданд, ки дар оғоз қисмате аз ин заминҳо аз ҷониби амирон ба "иқтаъ"

ва қисмати дигар ба иҷора дода шуда буд. Дар аксар маврид заминҳои иҷора ва ё иқта метавонист ба замини мулк табдил дода шавад.

Ба гурӯҳи заминҳои иқтаъ заминҳое шомил мегашт, ки ҳарбиёни собиқ бар ивази хизматҳои хеш аз амирони сомонӣ ба тариқи тӯҳфа ё муваққатӣ гирифта буданд. Инчунин, иқтаъи хизматчиёни ҳарбӣ ба ворисони онҳо ба мерос мегузашт, агар меросхур ба хизмати артиш ворид шавад.

Ба гурӯҳи заминҳои вақф заминҳое мансуб буданд, ки дар ихтиёри масҷид ва мадрасаҳо қарор доштанд [8, 319].

Ҳамчунин, муҳаққиқ Ш. Азимов дар таҳқиқоти худ "Давлат ва ҳуқуқи Сомониён" [1, 99] ин намудҳои истифодабарии заминро низ шарҳу тавзеҳ додааст.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки оид ба намуди заминдории вақф муҳаққиқи шинохтаи ватанӣ А. Қушматов таҳқиқоти ҷудогона анҷом дода, намудҳои истифодаи заминҳои вақфро аз нигоҳи таърихӣ муайян кардааст [4].

Дар маҷмуъ, истифодаи замин дар замони давлатдории Сомониён бо асосҳои гуногуни ҳуқуқӣ аз тарафи деҳқонон амалӣ карда мешуд. Даромад аз истифодаи қитъаи замин, асосан ба фоидаи соҳибони замин мегузашт. Ин ҳолатро меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, ки ба қоидаҳои исломӣ ва ҳадисҳо асос меёфтанд, ба низом медароварданд.

Пас аз суқути Сомониён ва омадани давлатҳои нав, аз қабили Ғазнавиён, Қарахониён ва Хоразмшоҳиён (асрҳои XI–XIII), муносибатҳои феодалӣ дар ҳудуди собиқ давлати Сомониён бо тағйироти муайян идома ёфтанд. Дар ин давра, замин аксаран таҳти назорати ҳокимони маҳаллӣ ва ашрофони ҳарбӣ қарор дошт, ки онро ба деҳқонон барои кишоварзӣ ва андозсупорӣ медоданд. Фатҳи муғулҳо дар асри XIII ин низомро то андозае тағйир дод, вале асоси феодалӣ боқӣ монд. Дар минтақаҳои кӯҳистони имрӯзаи Тоҷикистон, аз қабили Дарвоз ва Рашт, низоми ҷамоатӣ то андозае ҳифз шуд, вале дар водиҳо, аз ҷумла Фарғона ва Ҳисор, муносибатҳои феодалӣ бартарӣ доштанд. Замин ҳамчун воситаи асосии идоракунии иҷтимоӣ истифода шуда, тобеияти деҳқонон ба заминдоронро таъмин мекард. Дар ин давра, қоидаҳои ғайрирасмии маҳаллӣ ва фармонҳои ҳокимон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқии замин амал мекарданд, ки ин ба ташаккули минбаъдаи қонунгузорӣ мусоидат намуд. Масалан, дар минтақаи Хатлон заминҳои калон ба сарлашкарони муғул дода шуданд, ки онҳо аз деҳқонон андозҳои вазнин мегирифтанд.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои ҳуқуқии истифодабарии замин дар замони Сомониён, ки дар он низоми феодалӣ роиҷ буд, дар асоси санадҳои хаттӣ барои танзими замин истифода мешуданд. Одатан дар ин даврон 5 гурӯҳи истифодабарии замин бо номҳои заминҳои ҳиҷозӣ ё заминҳои муқаддас, заминҳои хироҷӣ, мулкҳо, иқтаъ ва вақф дар асоси тартиботи низоми давлатдории Сомониён сурат мегирифт.

**Адабиёт:**


**1.** Азимов, Ш. Государстово и право Саманидов [Текст] / Ш. Азимов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 168 с.

**2.** Буризода, Э.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал [Матн] / Э.Б. Буризода. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 260 с.

**3.** Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.

**4.** Қушматов, А. Вақф / А. Қушматов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 192 с.

**5.** Мухторов, А. Сомониён: замон ва макон [Матн] / А. Мухторов. – Хуҷанд, 1999. — 288 с.

**6.** Негматов, Н.Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-Xвв.) [Текст] / Н.Н. Негматов. – Душанбе, 1977. – 279 с.

**7.** Сафаров, И. Правовая система государства Саманидов (IX-X вв.). Монография [Текст] / И. Сафаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 197 с.

**8.** Холиқзода, А.Ғ. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик. Монография [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, Ш.Ш. Шоисадзода, А.Х. Аминҷонов, М.С. Соҳибзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 508 с.

**9.** Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.



**Буризода Эмомали Бозор** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, Завотделом истории государства и права. E-mail: buriev-68@mail.ru; **Наджмуддинов Шохиддин Мирзомуддинович** – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотим Улугзаде, старший преподаватель кафедры международных отношений и права. E-mail: shohiddin.n@mail.ru


**Историко-правовые аспекты отношения прав землепользования в Саманидском государстве**


Данная статья посвящена вопросу о правах землепользования в период существования государства Саманидов.

Автор отмечает, что в истории таджикской государственности эпоха Саманидов была

ключевым периодом развития политических, экономических и культурных связей, и наряду с другими областями землепользования она также приобрела новую форму.

В этот период земли в основном делились на следующие группы: 1) земли Хиджаза (святые земли); 2) хироджные земли; 3) мильк; 4) икта; 5) вакф.

**Ключевые слова:** Саманиды, земля, отношения землевладения, священные земли, земли, приносящие дань, поместья, икта, вакф.

**Burizoda Emomali Bozor -** Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bahavaddinov, chief of department. E-mail: buriev-68@mail.ru; **Nadzhmuddinov Shohiddin Mirzomuddinovich -** Tajik International University of Foreign Languages named Sotim Ulughzoda, Senior Lecturer in the Department of International Relations and Law. E-mail: shahiddin.n@mail.ru

**Historical and legal aspekts of the relationship of land use rights during the Samanids state**

This article is devoted to the issue of land use rights during the existence of the Samanid state.

The author notes that in the history of Tajik statehood, the Samanid era was a key period in the development of political, economic and cultural ties, and along with other areas of land use, it also acquired a new form.

During this period, the lands were mainly divided into the following groups: 1) the lands of Hijaz (holy lands); 2) the lands of Islam; 3) milk; 4) iqta; 5) waqf.

**Key words:** Samanids, land, land tenure relations, sacred lands, lands that bring tribute, estates, iqta, waqf.

# ПАДИДАҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ВА ОИЛАВИИ ДАВЛАТИ СОСОНИЁН

**Саидзода Муҳаббат Шералӣ** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ. E-mail: mukhabbat. saidzoda@mail.ru

Дар мақола муносибатҳои молумулкӣ, шартномаҳо, вазъи ҳуқуқии шахс, муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои ақди никоҳ, муносибатҳое, ки аз ҳуқуқи мерос бармеоянд, инчунин вазъи ҳуқуқии ғуломон дар давлати Сосониён мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** шартнома, қобилияти ҳуқуқии шахс, муносибатҳои оилавӣ, никоҳ, қобилияти ҳуқуқӣ, моликияти меросӣ, молу мулк, фарзандхондӣ, шаклҳои никоҳ, оила, ғулом, мерос, синни никоҳ, ақди никоҳ.

Меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дар давлати Сосониён амал мекарданд, чун қоида тибқи ҳуқуқи муқаррарӣ ва қисман тибқи Қонуннома пешбинӣ шуда буданд.

Мувофиқи "Қонунномаи Сосониён" шахс аз лаҳзаи таваллуд қобилияти ҳуқуқдорӣ пайдо менамуд ва ин ҳолат то рӯзи вафоташ идома меёфт, ки ба моддаи 18-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, ҳангоми вафоташ қатъ мегардад мутобиқ мебошад.

То фаро расидани синни 15 солагӣ шахс дар муносибатҳо комилҳуқуқ ба шумор намерафт. Мувофиқи ин Қонуннома шахс аз 15 солагӣ қобилияти амали ҳуқуқиро соҳиб шуда, бо фаро расидани он, шахс метавонист сарвари оила шавад. Масъалаи ба балоғат расидан дар маросими динӣ ботантана қайд карда мешуд. Аз ин лаҳза шахс ҳуқуқи барпо намудани оиларо доро мешуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мутобиқи талаботи қисми 1-и м.22-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти шахси воқеӣ барои бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, барои худ ба миён овардани ӯҳдадорӣ ва иҷро намудани он (қобилияти амалкунии маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, ҳангоми расидан ба синни ҳаждаҳ ба вуҷуд меояд.

Қисми 2-и ҳамин модда пешбинӣ менамояд, ки агар қонун бастани ақди никоҳро то ба синни ҳаждаҳ расидан иҷозат диҳад, шахси воқеии ба синни ҳаждаҳ нарасида аз вақти бастани ақди никоҳ пурра қобилияти амалкуниро ба даст меорад.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани ақди никоҳро аз синни 18 солагӣ иҷозат додааст, аммо дар ҳолатҳои мустасной қонуни мазкур иҷозат додааст, ки синни никоҳии издивоҷшавандагон ба муҳлати 1 сол бо ҳалномаи суд кам карда шавад.

Қобилияти амали ҳуқуқии шахсро тибқи Қонуннома маҳдуд ё тамоман бекор кардан мумкин буд. Ҳангоми содир кардани ҷинояти вазнин, муфлису қарздор шудан, додрас амали ҳуқуқии шахсро маҳдуд месохт. "Фавтида" эълон кардани шахси комилҳуқуқ ҳангоми содир кардани ҷинояти вазнин низ бо қарори додгоҳ ба амал меомад.[1, 7]

Бояд зикр намуд, ки мувофиқи қонунгузории мадании Тоҷикистон (м.31) суд метавонад қобилияти амалкунии шахси воқеъиро дар натиҷаи мубталои қиморбозӣ, суиистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъаовар худ ё оилаи худро дар ҳолати вазнини моддӣ қарор медиҳад, маҳдуд намояд. Дар ин ҳолат шахс ҳуқуқ дорад танҳо аҳдҳои хурди маиширо ба анҷом расонад. Аҳдҳои дигарро бошад бо розигии парастор ба анҷом расонида метавонад.

Мутобиқи фасли 16 банди 2-и Қонуннома қарздор наметавонад қабл аз пардохти қарз ё анҷоми таахҳудот-ухдадориҳои молии худ амволи худро ба дигаре вогузор ё туҳфа(ҳибба) кунад. Қонунгузор дар ин ҳолат бо мақсади ҳифзи манфиатҳои қарздиҳанда ва ҳифзи моликияти ӯ ваколатҳои қарзгирро маҳдуд месозад.

Таҳлили Қонунномаи Сосониён собит месозад, ки дар он меъёрҳое пешбинӣ гаштааст, ки он аз табиати адолати иҷтимоӣ доштани он далолат мекунанд. Мисол: Мувофиқи фасли 16, банди 10 Дайн ё моли ашудод (кафан, садақа, хумс,закот ва соири воҷиботи молии шаръӣ) ё ҷаримаи гуноҳи маргарзонро набояд аз амволи мавриди ниёзи шахс ва хонаводаи ӯ каср намуд. Ин меъёр аз он шаҳодат медиҳад, ки на дар ҳама ҳолат молу мулки ҷавобгарро каср намудан мумкин аст.

Дар м.432-и Кодекси мурофияи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ номгуи молу мулки шаҳрвандон, ки тибқи ҳуҷҷатҳои иҷро онҳоро ситонидан мумкин нест, пешбинӣ шудааст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра ашхоси алоҳида дорои имтиёзҳои

муайяни ҳуқуқӣ буданд, ки бо пайдоиши ҳуқуқ танзими ҳимояи манфиатҳои одамон ҳамчун қисми таркибии танзими меъёрӣ, роҳи эътирофи расмӣ ҷустуҷӯ карда мешуд. Дар давраи ташаккули тамаддунҳо ашхоси мукаллаф – фарди алоҳида, ки имтиёзҳои муайян дошт, ҳисобида мешуданд. [2, 11]

Мувофиқи талаботи Қонуннома ҳамон шахсе дорои ҳуқуқи пурра ва мукаллафият буд, ки пайрави дини зардушт, ба синни балоғат расида бошад, ва зери васоят қарор надошта бошад. Ҷинси марди ба балоғатрасида ҳуқуқи барпо намудани оиларо доро мешуд ва ӯ оила барпо намуда, аз зери ҳокимияти падар озод гашта, гарчанде, ки дар манзили падар зиндагӣ кунад ҳам, шахси мустақил ба ҳисоб мерафт.

Тибқи талаботи Қонуннома аз даст додани қобилияти соҳибҳуқуқӣ танҳо бо марг ба миён меомад. Лекин, аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқи ориёӣ, пурра аз даст додани қобилияти ҳуқуқӣ “маҳви шахси воқеӣ” дар ҳолати зинда будани инсон низ ба миён меомад, агар ӯ барои содир намудани ҷинояти вазнин маҳкум шуда бошад.

Тибқи сарчашмаи номбурда, танҳо шахси озод дорои қобилияти ҳуқуқдории комил ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз ғулом танҳо дар ҳолатҳои алоҳида ва маҳдуд метавонист субъекти ҳуқуқ бошад, дар аксарияти ҳолатҳо объекти ҳуқуқ боқӣ мемонд. Ба таври пурра ҳар як нафари озоди ҷамоаи шаҳрвандӣ ва динӣ, ки ба синни балоғат расидааст, метавонист соҳибҳуқуқ ва мукаллаф бошад.

Мавқеи ҳуқуқии шахси ҷисмонӣ дар ҳуқуқи хусусӣ дар мақоми мард таҷассум мёёбад, ки сарвари оила ба ҳисоб мерафт. Аз ин хотир, дар матнҳои ҳуқуқии асримиёнагӣ мавқеи оилавии сарвари оила, дигар мафҳумҳоро, ки муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандиро ифода менамуданд, маҳдуд менамуд.

Аз тарафи дигар, барои мавқеи ҳуқуқӣ ва мукаллафият мансубияти шахс ба яке аз ҷамоаҳои оилавӣ зарур буд. Аз ин мавқеъ соҳибияти молумулкӣ, стурият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо нисбат ба оила ва ҷамоаи оилавӣ вобаста аст. Қайд намудан зарур аст, ки дар як қатор ҳолатҳо бо озод будан, мансубият ба ҷамоаи оилавӣ ва мавқеи оилавӣ, мансубият ба ин ё он гурӯҳи синнусолӣ муҳим буд.[3, 6]

Дар ин давра “марги шаҳрвандӣ” васеъ истифода мегардид, ки мувофиқи он инсон тамоми молумулки фаъол ва ғайрифаъоли худро аз даст медод. Ҳатто ҳамон миқдори воситаҳо, ки барои нигоҳ доштани зан ва фарзандони ӯ зарур буд, мусодира карда мешуд.

Масалан, дар Қонуннома чунин омадааст: “Агар инсон барои ҷинояти бузург маҳкум шуда бошад, пас тамоми молумулке, ки ӯ дорад, бояд мусодира карда шавад. Ақидае иброз карда мешуд, ки мувофиқи он барои талаботи нигоҳ доштани зан ва фарзандони маҳкумшуда, молумулки зарурӣ ҷудо карда мешуд. Лекин дар амалияи судӣ (ё бо муқарраротӣ мурофиавӣ), ин тавр карда намешуд, зеро агар инсон барои ҷинояти бузург маҳкум шавад, ӯ аз зан, фарзандон ва молумулк маҳрум мегардид” [4, 282].

Дар сурати рух додани чунин ҳолат инсон мавқеи худро дар ҷамоаи оилавӣ ва ҳуқуқҳои бо он алоқаманд, аз он ҷумла ҳуқуқи иштирок дар ибодатро аз даст медод. Ҳуқуқи ибодатро ҳатто ҳамон нафаре, ки дар амалӣ намудани ҷинояти вазнин айбдор менамоянд, лекин дар раванди судӣ бегуноҳии ӯ исбот карда мешавад, аз даст медиҳад.

Дар Қонуннома чунин оварда шудааст: “Илова бар ин гуфта мешавад, ки инсоне, ки нисбати ӯ дар гунаҳкор намудан ба амалӣ намудани ҷинояти бузург суд таъйин гардидааст, ҳатто агар бегуноҳ дониста шавад, дар чунин ҳолат тибқи урфу одатҳои муқарраргардида ва амалкунанда дар шаҳр, ӯ наметавонад маросими дуохониро иҷро намояд ва набояд ба ӯ имконият дод, ки дар расму русуми “Дрон–яшт” иштирок намояд” [4, 413].

Дар аҳди қадим молумулки мақсадноки ҷамъиятӣ ва чунин ниҳодҳо, ба монанди хазинаи шоҳ ё ибодатхона метавонистанд бо воситаи намояндагони худ бо шахсони алоҳида муносибати хариду фурӯш анҷом диҳанд, ки ин муносибатҳо тариқи ҳуқуқи хусусӣ танзим карда мешуд. Ниҳодҳои ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ба шахси алоҳида соҳибҳуқуқӣ ва мукаллафияти молумулкӣ, масъулияти мурофиавӣ медоданд, онҳо ба доираи муносибатҳои хусусиву ҳуқуқӣ ҳамчун шахси ҷисмонӣ ворид шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад менамуданд.

Мувофиқи Қонуннома шахсони воқеӣ ба ибодатхонаҳо молумулк, махсусан ғуломонро медоданд ва ин амалҳо бо мувофиқати пурра бо меъёрҳои додугирифт, ки қонунӣ будани чунин додугирифтҳо байни шахсони воқеӣ ҳатмӣ буданд, амалӣ мегардиданд. Масалан, дар Қонуннома чунин қайд карда шудааст: “агар хӯҷаин ғуломи худро ба ибодатхонаи оташ ба ғуломӣ диҳад, онгоҳ ба насли ин ғулом ҳокимият надорад. Ва агар, дар натиҷа, ғулом соҳиби фарзанд ва набера гардад, он гоҳ онҳо ғуломони ибодатхонаи оташ ба ҳисоб меравад: зеро онҳо фарзанд ва набераи ғуломанд, ҳар яке аз онҳо ҳамеша дар ғуломии ибодатхонаи оташ боқӣ мемонанд”[4, 291]. Ибодатхона ва шахси воқеӣ метавонистанд шарик гарданд ва соҳиби муштараки як ашё ё молу мулк шаванд.

Масалан, дар Қонуннома чунин қайд карда шудааст: “Дар як қатор бо дигарон гуфта шудааст,

ки агар ӯ изҳор намояд: хӯчаини муборак ва муқаддаси ман, маро аз ғуломӣ нимозод намуд ва аз се як ҳиссаи боқимондаи ғуломиро ба ибодатхонаи оташ дод, он гоҳ аз се як ҳисса ин аз он нисф нест, ки ӯ маро озод намудааст" [4, 296].

Шахси озодро ба "ғуломӣ" ҳадди аққал ба ду нафар супоридан имконият дошт: ба соҳибӣ намудани бо навбат ба сифати таъмини кафолат (паянданих), ки ба ақидаи мо, мувофиқи муомилоти додугирифти байни ин одамон ва сардори оилаи нафари супоранда амалӣ мегардид. Дар Қонуннома дар моддаи 57, 14-16 ин масъала арзёбӣ шудааст. Дар моддаи 89, 1-3 бошад ҳолати дигари супоридани шахси озод таваллудшуда ба нафари дигар "ба ғуломӣ" ба муддати як сол ба сифати гарави кафолатӣ қайд гардидааст[4, 297].

То ба имрӯз як қатор аҳдномаҳои алоҳида, ки дар "суди подшоҳӣ" ба расмият дароварда шудаанд, ба мо расидаанд, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ меандозанд. Дар яке аз чунин аҳдномаҳо дар бораи Барлай гуфта шудааст, ки худро ба Фраат – ба мансабдори мақомоти андоз, ки ӯро ба 400 дирҳами нуқра қарздор намудааст, ба ғуломии даччол додааст. Дар чунин ҳолат Барлай ғулом намегардад, танҳо дар назди қарздиҳандаи худ хизмати ғуломиро адо менамояд. Лекин дар аҳднома, инчунин қайд карда шудааст, ки дар ҳолати пурра пардохт накардани қарз, на танҳо тамоми молу мулки Барлай, балки шахсияти ӯ низ барои қонеъ намудани Фраат – қарздиҳанда рабуда мешавад. Таҳлили ин қисмати аҳднома нишон медиҳад, ки то пурра пардохт намудани қарз Барлай ғуломи Фраат, яъне ғуломи муваққатӣ мегардад.[5, 111-120]. Дар робита бо ин, метавон муқаррароти Қонунномаро таъкид намуд, ки мувофиқи он қарздоре, ки қобилияти пардохти пурраи қарзро надорад, барои адокунии қарзи худ бояд ба қарздиҳанда дода шавад. [4, 296].

Мувофиқ ба афкори ҳуқуқии дигар халқиятҳои қадима, ғулом ҳамчун объекти ҳуқуқ муайян карда мешуд. Ғулом дар ҳуқуқи ориёӣ ашё ҳисобида шуда, дар асоси табиати худ моликияти хусусӣ ба ҳисоб меравад. Ҳатто фарзанди ғулом ё ғуломзан қисми ашё ба ҳисоб рафта, моликияти нафаре ба ҳисоб меравад. Ҳамчун ашё, ки дар муомилот қарор дорад, ғулом дорои арзиши муайян буд, ки аз синнусол, сифатҳои чисмонӣ, ихтисосмандӣ, вазъияти бозор вобаста буд. Арзиши миёнаи марди ғулом, ки дар Қонунномa нишон дода шудааст, 500 дирҳамро ташкил менамуд (12, 4-9). [4, 282]

Ғуломро як ё якчанд нафар соҳибӣ мекарданд, ҳар яке мувофиқи ҳиссаи худ, чи тавре ки ба ашё хос аст, фармонравоӣ менамуд. Дар чунин ҳолат ғулом дар истифодабарии бонавбат қарор дошт ва ҳар як нафари молик мувофиқи ҳиссаи худ ӯро истифода менамуд. Фарзандони чунин ғуломон мақоми онҳоро ба мерос мегирифтанд[4, 169].

Дар чунин будани ҳолат ҳуқуқ ба моликият ба соҳибмулк имконият медиҳад, ки на танҳо ғуломро истисмор ва натичаи меҳнати ӯро азони худ намояд инчунин ба шахсияти ғулом ҳамчун ашё муносибат намояд. Ғуломро фурӯхтан ва ба нафари дигар ҳадя намудан ичозат дода шуда буд. Дар ин ҳолат соҳибмулк метавонист, ки ғуломро пуррагӣ ё қисман фурӯшад.

Дар Қонуннома омадааст, ки ғуломро метавон ба мерос гирифт, соҳибмулк метавонист ӯро фурӯшад ва дар гарави кафолатии ипотека истифода намояд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба моликият ба соҳибмулк имконият медод, ки ғуломе, аз чониби касе агар рабурда шуда бошад, тариқи даъвои ревиндикатсионӣ (тасдиқӣ) ва ревокатсионӣ (фасх) баргардонад.

Тамоми ашёҳои бадастовардаи ғулом дар давраи ғуломӣ ба соҳибмулк тааллуқ дошт,ҳатто дар ҳолате, ки агар ашё аз тарафи худи соҳибмулк ба ғулом туҳфа карда шуда бошад ҳам, новобаста аз он, ки ашё ба ғулом тақдим карда шудааст, ғулом ва ин ашёҳо ба соҳибмулк тааллуқ дошт.

Дар яке аз моддаҳои Қонуннома (106, 1-4; 101, 15-17) [4, 295] қайд карда шудааст, ки то он замоне, ки соҳибмулк ғуломро харидааст, ба ин ғулом аз тарафи нафари дигар ашё тақдим гардидааст, ин ашё ба ғулом тааллуқ дорад, агар соҳибмулки пешина ва соҳибмулки нав, ки ғуломро харидааст, аз ин ашё даст мекашанд, яъне ҳуқуқи қонунии соҳибмулкӣ ба ин ашёро рад менамоянд. Ҳатто дар чунин ҳолат соҳибмулк ҳуқуқ ба моликиятро нисбати ин ашё нигоҳ медорад ва пас аз марги ғулом ин ашё маҳз ба ӯ тааллуқ дорад, агар ин ашё ба ғулом танҳо қисман тааллуқ надошта бошад.

Фурӯши ғуломи зардуштӣ ба нафари пайрави дини ғайр манъ буд, зеро чунин ғулом наметавонист дар хонаи соҳибмулке, ки пайрави дини дигар аст, расму оини динии худро ба сомон расонад, ин ҳолат гувоҳи он аст, ки қонунгузорӣ дар чунин ҳолат манфиати ғуломонро ҳимоя мекард.

Аз ин рӯ, ғуломи зардуштияро қабулнамуда метавонист соҳибмулки худро тарк намояд, соҳибмулк бошад ҳуқуқи талаби баргашта гирифтани ғуломро надошт, лекин ҳуқуқ дошт, ки барои зарари расонидашуда даъво намояд. Агар ғулом амволи соҳибмулки дигар гашта бошад, пас соҳибмулки нав уҳдадор буд, ки дар ҳачми арзиши ғулом барои зарари расонидашуда ба соҳибмулки пешина маблағ пардохт намояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки қабул намудани дини зардуштӣ ба ғуломон вазъи ҳуқуқии онҳоро дигаргун наменамуд.

Дар Хуросон, ба монанди дигар кишварҳо, воситаи қатъ гардидани ғуломӣ манумиссия, бахшидани озодӣ ба ғулом аз тарафи соҳибмулк ба ҳисоб мерафт. Ин амал хаттӣ тасдиқ гардида, бо ғуломи озодшуда ҳуҷҷат дода мешуд. Дар ҳолати ҷой надоштани ҳуҷҷати хаттӣ, озодшави ӯ ғайриқонунӣ маҳсуб шуда, соҳибмулки он ҳуқуқ дошт ӯро баргардонад. Дар ҳолате, ки агар ғуломи озодшуда далели озод шудани худро исбот карда наметавонист ӯ ба соҳибмулк баргардонида мешуд.

Дар ҳолати риоя намудани тамоми шартҳо, озодии ғулом бо пешниҳоди ҳуҷҷат ҳукми қонунӣ пайдо менамуд. Ҳатто соҳибмулк метавонист, ки ғуломи дар гаравмондаро, пас аз пардохти арзиши ғулом ба қарздиҳанда, озод намояд. Лекин агар соҳибмулки ғулом, ки ба гарав монда шудааст, қобилияти пардохти қарзро намедошт, ҳуқуқ надошт, ки ғуломро озод намояд[6, 140].

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дар давлати Сосониён низоми ҳуқуқи маданӣ ва оилавӣ ба сатҳи нисбатан баланди рушд расида буд. Танзими муносибатҳои шаҳрвандӣ, молумулкӣ, шартномавӣ ва хусусан муносибатҳои оилавӣ бо назардошти арзишҳои динӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаи зардуштӣ сурат мегирифт.

Дар ин давра ҳуқуқи маданӣ бештар ба ҳифзи моликият, иҷрои ӯҳдадориҳо, риояи адолат дар муомилаҳои иқтисодӣ ва таъмини масъулияти тарафҳо нигаронида шуда буд. Ҳуқуқи оилавӣ бошад, масъалаҳои издивоҷ, талоқ, мерос, мавқеи зан дар ҷомеаро бо назардошти сохтори иҷтимоии замон ба танзим медаровард. Давлати Сосониён тавонист байни низоми маданӣ ва оилавӣ тавозуни муайянеро барқарор созад, ки ин гувоҳи сатҳи баланди ташаккули низоми ҳуқуқӣ дар он давра мебошад. Ин низом ба таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ ва устувории сохтори давлатдорӣ мусоидат карда, барои ташаккули минбаъдаи ҳуқуқи исломӣ ва анъанаҳои ҳуқуқии баъдӣ заминаи назаррас фароҳам овард.

Ба таври умум, метавон хулоса кард, ки падидаҳои ҳуқуқи маданӣ ва оилавии давлати Сосониён яке аз дастовардҳои муҳимми фарҳангиву ҳуқуқии тамаддуни ориёӣ буда, дорои аҳамияти таърихӣ, назариявӣ ва амалии бузург мебошанд.

**Адабиёт:**


**1.** Периханян А.Г Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды. – Ленинград.1973.

**2.** Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно - прававое развитие Таджикистана. –Душанбе: Меҳрона 2017", 2019.

**3.** Периханян А.Г. Общества и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. Ленинград: Наука, 1973.

**4.** Периханян А.Г. Сасанидский Судебник. "Книга тысячи судебных решений" . – Ереван, 1973.

**5.** Exoavations at Dura-Europs.Final Report.V, 1959.

**6.** Холиқзода А.F., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х, Соҳибзода М.С Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе: "ЭР-граф", 2022. – 508 с.



**Саидзода Мухаббат Шерали** - кандидат юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, ведущий научный сотрудник. E-mail: mukhabbat. saidzoda@mail.ru


### Институты гражданского и семейного права Сасанидского государства


В статье анализируются имущественные отношения, договоры, правовой статус лица, семейные отношения, формы брака, отношения, возникающие из наследственного права, а также правовое положение рабов в Сасанидском государстве.



**Ключевые слова**: договор, правоспособность лица, семейные отношения, брак, правоспособность, наследуемое имущество, собственность, усыновление, формы брака, семья, раб, наследование, брачный возраст, брачный договор.



**Saidzoda Muhabbat Sherali -** Candidate of Legal Sciences, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Leading Researcher, Department of History of State and Law. E- mail: mukhabbat.saidzoda@mail.ru


### Phenomena of civil and family law of the Sasanian state


The article analyzes property relations, contracts, legal status of a person, family relations, forms of marriage, relations arising from inheritance law, as well as the legal status of slaves in the Sasanian state.



**Keywords**: contract, legal capacity of a person, family relations, marriage, legal capacity, inherited property, property, adoption, forms of marriage, family, slave, inheritance, marriage age, marriage contract.

# АФКОРИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИ ВА ИҶТИМОИИ ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

**Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ. E-mail: buriev-68@mail.ru; **Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло** – номзади илмҳои ҳуқӯқшиносӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатӣ. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои сиёсат, давлат, ҳуқуқ ва иҷтимоиёт аз нигоҳи яке аз мутафаккирони тоҷику форс Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳлилу барраси қарор дода шудааст, ки ин натиҷаи пешрафти илми тоҷик дар тули таърихи инсоният мебошад, ки масоили давлату давлатдориро дар асрҳо ва сулолаҳои гуногун мавриди таҳқиқоти хеш қарор додаанд. Аз суханони Кошифӣ чунин бар меояд, ки сиёсат ва тадбири умумри мардум василаи таъмини манфиатҳо ва саодати ҳамаҷонибаи ҷомеа бояд бошад, на сирфан забт ва дар ихтиёр гирифтани қудрати идоракунии мардум. Дастёбӣ ба ҳадафҳои таъйиншудаи сиёсат аз нигоҳи Кошифӣ дорои аркони зерин мебошад, ки иҷрои ҳар кадоми онҳо дар идораи беҳтари давлату ҷомеа саҳми арзандаеро доро мебошанд.

**Калидвожа:** Воизи Кошифӣ, сиёсат, адолат, ҳуқуқ, иҷтимоиёт, ҷомеа, суботу оромиш, зулму ситам, вазифаҳову масъулият, афкори гуманистӣ, теократия, идора намудани давлат, мадади ҳамдигар, машварат, ҳоким.

Мавлоно Ҳусайн Ибни Алии Сабзаворӣ маъруф ба Воизи Кошифӣ соли 840/1420 дар Байҳақи Сабзавори Эрон ба дунё омада, соли 910/1505 дар Шаҳри Ҳирот аз дунё рафт[6, 437; 3, 335]. У дар улуми мухталиф монанди диншиносӣ, ҳунари суханварӣ, риёзиёт ва нуҷум маҳоратҳои зиёдеро касб намуда буд. Яке аз касоне буд, ки ҳамзамон бо Абдурраҳмони Ҷомӣ мезист ва тавассути вай низ бо асосҳо ва усуси тариқати суфигарӣ шинос шудааст[1, 115]. Ҳамчунин Амир Алишери Навоӣ низ яке дигар аз шахсони маъруф ва аз дарбориёни он замон буд, ки ӯро ба навиштани китобҳои зиёд ташвиқу тарғиб менамудааст[16,114; 10,255]. Мутаносиб бо давраҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва ирфонии Воизи Кошифӣ, ҳамчунин бар асоси вазифаҳову масъ-улиятҳое, ки дар тӯли ҳаёти худ ишғол намудааст, асарҳои илмию ирфонӣ ва сиёсию иҷтимоии фаровоне аз вай бар ҷой мондааст, ки муҳимтарини онҳо «Тафсири Ҳусайнӣ», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Анвори Суҳайлӣ», «Футувватномаи султонӣ», «Сабъаи Кошифӣ», «Лавомеъ-уш-шамс», «Мувоҳиб –уз-зуҳал», «Лавомеъ-ул-қамар», «Лубби лубоби «Маснавӣ»[11, 356; 12, 424; 13, 516; 14, 113; 15, 358; 4, 266].

Мафҳуми сиёсат ва ақсоми он аз нигоҳи Кошифӣ. Баррасии андешаҳои сиёсию иҷтимоии Воизи Кошифӣ аз ҷиҳатҳои мухталиф дорои аҳамият аст. Зеро, аввалан у дар дастгоҳи иҷроияи ҳокимияти Темуриён ҳамчун қозӣ дар минтақаи Байҳақ иҷрои вазифа менамудааст ва бо усулу асосҳои кори сиёсӣ ошно будааст. Дуввум, дар Ҳирот низ ҳамчун масъули хонақоҳи онҷо таъйин гардида, фаъолият менамудааст. Севвум, робитаҳои наздик бо шахсони сиёсию иҷтимоии барҷастаи замони худ ҳамчун Амир Алишери Навоӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Султон Ҳусайни Бойқаро ва ғайра барқарор намуда буд, ки ин масъала низ ба аҳамияти таҳқиқи андешаҳои сиёсию давлатдори ва иҷтимоии вай меафзояд [7, 218; 2, 168].

Сиёсат ва давлатдорӣ дар андешаи Кошифӣ, тадбири умури шахсӣ ва ҷамъӣ аст. Тавре, ки худи у навиштааст: «Сиёсат забт кардан аст. Сиёсат ду навъ аст: Яке сиёсати нафси худ ва дигарӣ сиёсати ғайри худ. Аммо, сиёсати нафс ба дафъи ахлоқи замима ва касби авсофи ҳамида аст ва сиёсати ғайри худ бар ду қисм аст: Яке сиёсати хавоси муқаррабони даргоҳ ва забту насақи инон. Дуввум, сиёсати авому раоё бар он ваҷҳ, ки бадону бадфеълонро бояд пайваста тарсону ҳаросон дорад ва некону неккирдоронро умедвор созад» [11, 83 // 9, 321].

Масъалаи муҳим дар ин ҷумлаи нақлшуда аз Кошифӣ он аст, ки у сиёсатро забт кардану дар ихтиёр гирифтани умури идораи давлат ва ҷомеа медонад. Ба назари вай сиёсат ҳам дар арсаи фардӣ аст ва ҳам дар арсаи иҷтимоъ. Дар арсаи фардӣ сиёсати мавриди назари Кошифӣ назорат ва идора намудани нафси инсон аз анҷоми корҳои хато ва мазамматшуда мебошад. Яъне, тарбияту тазкия ва пок кардани нафси инсон аз ҳаргуна палидию нопокӣ[11,84]. Фоидаи аслии риоят намудани дастуроти сиёсати фардӣ аз нигоҳи Кошифӣ дар он аст, ки ҳангоме як шахс тарбияти дуруст дида бошад ва ихтиёри нафсаш дар дастони худ бошад, идора намудани давлату ҷомеа бар вай осон мегардад. Вале, агар худи шахси ҳоким натавон аз сиёсатро дар

нафси худ иҷро намояд, пас, чӣ тавр аз вай умеди он меравад, ки сиёсати иҷтимоии давлату ҷомеаро бар асоси манфиатҳои миллат ва ватан ба иҷро гузорад.

Аммо, сиёсати иҷтимоиро ба ду ҷараён шарҳ медиҳад: Яке, идора намудан ва назорат бар корҳову рафтори наздикони дарбори ҳокимият ва ба таври комил забт намудани онҳо дар ихтиёри ҳокими давлату ҷомеа[11, 84]. Таъсири муҳими ин масъала дар он аст, ки пас аз тарбияти дурусти нафси инсон аз лиҳози сиёсӣ, навбат ба тарбияти наздикони ҳоким мерасад. Ҳокими ҷомеа баъд аз тарбияти нафси худ бар асоси сиёсати дурусту саҳеҳ ва бар асоси манфиатҳои миллат ва ватан, бояд ба тарзи ҷиддӣ бар наздикони худ таваҷҷуҳи фаровон намуда, тарбият ва назорат бар рафтори онҳоро дар пеш гирад. Дар марҳилаи дуввуми сиёсати иҷтимоӣ навбат ба тадбири умури раъият ва умури мардум мерасад[11, 86]. Дар ин навбат бояд фазои сиёсию давлатдори ва иҷтимоии ҳокимият ба самте равона шавад, ки инсонҳои бад ва бадкирдор худ ба худ аз ҳокимият ва фазои сиёсии ҳоким бар он доиман ҳаросон бошанд ва хидматкорону некрафторон ҳамеша бояд умедвору ҳавасманд ба хидматгузорӣ бар манфиати давлату ҷоме бошанд.

Кошифӣ барои ҳокими давлату ҷомеа ду вижагии асосиро баён намудааст, ки онҳо адолат ва сиёсатварзӣ мебошанд. Ӯ дар бораи ҳар як аз ин ду асоси муҳими идораи давлату ҷомеа чунин баён мекунад: «Ло мулка илло бил-ъадл» ва «Ло ъадла илло бис-сиёсат»[11, 83-85]. Маънои ин иборахо чунинанд, ки ҳеч мулке ҷуз бо адолат боқӣ ва давомнок намемонад ва ҳеҷ адолате ҷуз бо сиёсатварзию хирадмандию зиракии сиёсӣ иҷро намегардад. Пас, дар натиҷа чунин гуфтан мумкин аст, ки асоси ҳокимият адолат аст ва равишу методи иҷрои адолат сиёсатварзию хирадмандӣ ва зиракии сиёсӣ мебошад. Зеро, боз дар ҷои дигар чунин менависад: «Офатур-риёсат заъфус-сиёсат»[11, 85]. Яъне, офат ва осеби асосӣ дар ҳокимият, надоштани хирадмандию зиракии сиёсӣ дар идораи давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Аз суханони Кошифӣ чунин бармеояд, ки сиёсат ва тадбири умури мардум василаи таъмини манфиатҳо ва саодати ҳамаҷонибаи ҷомеа бояд бошад, на сирфан забт ва дар ихтиёр гирифтани қудрати идоракунии мардум. Дастёбӣ ба ҳадафҳои таъйиншудаи сиёсат аз нигоҳи Кошифӣ дорои аркони зерин мебошад, ки иҷрои ҳар кадоми онҳо дар идораи беҳтари давлату ҷомеа саҳми арзандаеро доро мебошанд:

Адолат - асоси баҳсҳои Кошифӣ дар бораи вазифаҳои ҳокими ҷомеа масъалаи адолат аст. Адолат аз назари вай сабаби оростагию зебоӣ ва равшанибахши ҳокимият ба ҳисоб меравад[11, 23]. Ба андешаи Кошифӣ, ҳоким ва мулки вай бояд тавре бошад, ки ҳар кас аз сузиши зулми ситамгарон ва нодорию фақирӣ ва бечорагӣ ранҷе кашад, битавонад ба ҳокими одил ва мулки адолатпарвари он паноҳ бурда, ҳақи худро тавони ситонидан дошта бошад[13,234; 11,25]. Кошифӣ дар бораи мафҳуми адолат бар он аст, ки он вобаста ба гурӯҳу нажод ва қавмияти хоссе набуда, балки ба ҳамаи табақаҳо ва гуруҳҳои иҷтимоӣ тааллуқ дорад. Дар ғайри ин сурат суботу амният ва оромиши сиёсию иҷтимоӣ аз ҳама гирифта хоҳад шуд ва асосҳои мулку ҳокимият ба ларза хоҳад омад[11, 26].

Албатта вазифаи ҳокими ҷомеа танҳо барқарории адолат нест, балки дар канори ин масъалаи муҳим, бояд зулму ситамро низ аз байн бурда, ҳар ду мафҳумро дар якҷоягӣ ба иҷро дароварад. Кошифӣ дар ҷои дигар чунин мефармояд: «Эй азиз! Аз суи оқибати зулм ва вахомати ситам барандеш».[13, 241 // 5, 6]

Машварат – истифода аз фикру назари афроди ботаҷриба дар умуми сиёсии кишвар амри бисёр муҳим ба шумор меравад. Зеро, яке аз аркони асосии ҷомеаи босубот ва ором, таваҷҷуҳи ҳокимону сиёсатмадорон ба аҳли илму ҳикмат ва соҳиботи хираду тадбир мебошад. Кошифӣ дар бораи ин амри бисёр муҳиму зарурӣ се фоидаи асосиро зикр менамояд: Яке онки агар ҳокимони сиёсӣ дар идораи умумии давлату ҷомеа аз машварати аҳли ҳикмат ва хирадмандон баҳраманд гарданд, корҳояшон ба маслиҳату манфиат ва суботу оромиш анҷом мепазиранд ва хатогиҳо камтар ба чашм мерасанд.

Дигар он ки агар машварат набошад ду натиҷа ба даст меояд, ки дар ҳар ду сурат ба зарари ҳокимон хоҳад буд. Агар кор муваффақиятомез бошад, аҳли хирад ва ҳакимон ба вай мегуянд, ки чаро бидуни машварат чунин кори муҳимеро анҷом дода, аз оқибатҳои он давлату ҷомеаро огоҳ накардай. Аммо, агар муваффақиятомез набошад, ҳама забони таъnаву носизо мегушоянд, ки чун бидуни машварат анҷом додай, чунин натиҷа ба даст омадааст[11, 27]. Пас, кори бемашварат ҳар натиҷае, ки ба даст оварад, асли ин хатогиро аз байн намебарад ва сарзаниши аҳли хираду ҳакимон доиман пушти сари он кор хоҳад буд.

Севвум, онки як зеҳни ҳоким ба танҳоӣ наметавонад ҳамаи паҳлуҳои масъаларо санҷида, хулосаи дурустро ба даст оварад. Чуноне, ки гуфта мешавад, ҳама чизро ҳама кас донад. Ба ҳамин сабаб Кошифӣ гуфтааст, ки «Ло савоба маъа таркил машварати»[11, 27-28]. Яъне, ҳеҷ роҳи дурусту саҳеҳ вуҷуд надорад магар аз роҳи машварат ва ҳамфикрии аҳли хирад.

Ҳамчунин фоидаи дигари машварат аз нигоҳи Кошифӣ дар он аст, ки бори сангини масъулияти анҷоми корҳои сахти ҳокимият, аз гардани як ҳокими танҳо ба гардани ҳамаи аҳли хираду ҳикмат тақсим хоҳад шуд. Яъне, агар муваффақ бошад, ҳама дар он саҳм доранд ва агар шикаст бихурад, боз ҳама дар он саҳмгузор ҳастанд ва таънаҳову сарзанишҳо танҳо ба самти ҳоким равона нахоҳад шуд[11, 86-111].

Рафтори хуб ва шоиста бо мардум ҳамроҳ бо афву бахшиши маҳрумону ситамдидагон сабаби таҳкими пояҳои ҳокимият мегарданд. Аз нигоҳи Кошифӣ афву бахшиши хатокорон тавассути ҳокимон дар айни ҳоле, ки қудрати ҷазо доданро дорад, аз беҳтарин сифатҳо, балки аз аркони суботи ҳокимият ба ҳисоб меравад[13, 243].

Аз дигар нишонаҳои некрафторию хушгуфтории ҳокимон одоби муомила ва муоширати бо мардумон аст. Хулосаи ин масъаларо Кошифӣ дар он медонад, ки иззату ҳурмат ва обрӯи мардумонро ба ниҳояти дараҷа бояд ҳифз намуд. Зеро, агар ҳокимон чунин накунанд, зердастону кормандони ҳокимият аслан чунин масъалаи муҳимро ба инобат нагирифта, сабаби озору азият ва норохатии мардумон мегарданд[13, 244].

Ҳазму дурандешӣ, ҳилму бурдборӣ ва фурутанию тавозуъ низ аз дигар хислатҳои некрафториию хушгуфтории ҳокимон аз нигоҳи Кошифӣ ба шумор меравaнд, ки риояти ҳар кадом аз онҳоро барои амалдорон амри зарурӣ мешуморад[11, 55-70-101].

Дурӣ аз истибдод – нуктаи муҳими дигар дар боби аслҳои ҳокимият аз нигоҳи Кошифӣ дурӣ намудани ҳокимон аз истибдод мебошад. Воизи Кошифӣ решаи ин масъаларо дар шахсияти ҳокимон медонад. Набояд ҳоким танҳо фикру назари худро дар умури идоракунии давлату ҷомеа ба иҷро гузорад, ки дар натиҷа истибдоду зулм дар ҳамаи арсаҳо намоён хоҳад шуд. Балки, ҳоким дар идораи ҷомеа бояд ба умуре пардозад, ки сабаби хидмати бештар ба мардум бар асоси маслиҳат ва манфиати ҳамаи ҷомеа мегарданд[11, 84].

Ҳамчунин, дар ин роҳ бояд аз фикру назари ҳамаи гурӯҳҳо махсусан, аҳли хираду ҳакимон истифода бурда, суботу оромиши ҷомеаро барои ҳамагон таъмин намуд, зеро, Кошифӣ бадтарин намунаи қудратмандию ҳокимиятро истибдод медонад: «Биъсал истиъдод, ал-истибдод»[13, 24]. Яъне, як ҳоким мумкин аст қудратманд бошад ва истибдод низ дошта бошад, ки ин бадтарин навъи қудрат аз нигоҳи сиёсӣ маҳсуб мeёбад.

Футувват ва ҷавонмардӣ -футувват яке аз ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию фалсафии гузаштагон буда, аз давраҳои пеш ҳамчун зодаи ҷомеаи табақотӣ маълум буда, асосан ба табақаҳои аҳли меҳнати шаҳрӣ ва ҳунармандону косибон тааллуқ доштааст. Футувват ё ҷавонмардӣ, ки решаи паҳлавӣ дошта, дар замони Сосониён ва дар китоби «Авасто» чун истилоҳи ахлоқию сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавриди истифода будааст. Моҳияти таълимоти ахлоқии футувват аз баробарӣ ва бародарӣ дар ҷомеа, хайрхоҳии саросарии иҷтимоӣ, мадади ҳамдигар, сабр, бурдборӣ, ҷазои золимон, дастгирии ятимон ва ғайра иборат аст. Дар таълимоти футувват васфи меҳнат мақоми шоиста дошта ба маънои хирадмандӣ ва таъсири он дар вуҷуди одамӣ аст. Идеали иҷтимоии футувват ва ҷавонмардӣ ҷамъиятест, ки дар асоси мафҳуми баробарию бародарии сиёсю ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ бунёд гардидааст[15,163; 8,110].

Айни замон ин мавзуъ яке аз омилҳои пайдоиши афкори гуманистӣ ва демократии адибони пешқадами ҷомеа мебошад. «Футувватномаи султонӣ» яке аз боарзиштарин осори панду ахлоқӣ ва иҷтимоии Воизи Кошифӣ буда, аз ҷиҳати дарбар гирифтани асосҳои футувват ва роҳу равиши ҷавонмардон комилтарин асари тарғиботӣ дар таърихи сиёсӣ ба ҳисоб меравад[15, 84; 8, 55].

Дар ин асар оид ба тариқи аҳли футувват, одоби гуфтор, одоби пӯшидани либос, одоби муоширaт, одоби устодию шогирдӣ, тавҳид, ҷойгоҳи бошарафи илм, одобу аркони тасаввуф, нигоҳ доштани аҳд, одоби сафар кардан, тоҷ ва тоҷдорӣ, шарҳи аҳли зӯр ва маъракагирон, сифати аҳли бозӣ ва варзишкорон сухан меравад[15,155; 14, 88].

Бояд қайд намуд, ки Кошифӣ яке аз мутафаккирони тоҷику форс мебошад, ки дар масъалаи давлат, ҳуқуқ, сиёсат ва ҷомеа назарияи созанда пешниҳод намудааст, ки мафҳум ва моҳияти худро дар замони муосир гум накардааст ва метавон дар замони имрӯза бо қонунҳои муосир муқоиса намуда ва дар раванди идоракунӣ ҷомеа ба роҳ монда шавад.

**Адабиёт:**

1. Алишери Навоӣ. Тазкираи Маҷолисуннафоис. Тасҳеҳи А, Ҳикмат. – Теҳрон: Манучеҳрӣ, 1363/1984. – Ҷ. 3. – 512с.

2. Алишоҳ, М. Тароиқулҳақоиқ. Тасҳеҳи М, Маҳҷуб. – Теҳрон: Саноӣ, 1383/2004. – Ҷ. 3. – 822 с.

3. Браун, Э. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷумаи Ф, Муҷтабоӣ. – Теҳрон: Марворид, 1381/2002. – 474с.

4. Восифӣ, М. Бадоиъ ал-вақоиъ. Тасҳеҳи Б, Александр. – Теҳрон: Бунёди фарҳанги Эрон, 1350/1971. – Ҷ.1. – 533с.

5. Қодирзода С.М., Абдулхонов Ф.М. Аркони ҳокимияти сиёсӣ дар некрафторию хушгуфторӣ аз нигоҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ // Маводҳои

конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва таърихию фалсафии ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ”, бахшида ба эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” аз 8 июни соли 2024. – Данғара, 2024. – 15-18 с.

6. Мударрис, М. Райҳонат ал-адаб. – Теҳрон: Хайём, 1369/1990. – Ҷ.5. – 952с.

7. Низомии Бохирзӣ, А. Маншаъ ал-иншоъ. Тасҳиҳи Ҳ, Рункиддин. – Теҳрон: Донишгоҳи миллӣ, 1357/1978. – 154с.

8. Тураева, З.Ю. Студенческая молодёж как субъек политического процесса(монография). – Душанбе: Дониш, 2009. – 151с.

9. Хондамир, Ғ. Ҳабибуссияр. – Теҳрон: Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1379/ 2000. – 343 с.

10. Хонсорӣ. Равзотулҷаннот. – Теҳрон: Исломия, 1361/1982. – Ҷ.8. – 297с.

11. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. – Теҳрон: Муассисаи омузиши олӣ, 1321/1942. – 356с.

12. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Лубби лубоби Маснавӣ. – Теҳрон: Асотир, 1390/2011. – 424с.

13. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Рисолат ал-ъиллият. – Теҳрон: Илмӣ ва фарҳангӣ, 1362/1983. – 516с.

14. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Тасҳеҳи М, Маҳҷуб. – Теҳрон: Федератсияи байналмилалӣ, 1350/1971. – 113с.

15. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ; Ахлоқи Мӯҳсинӣ; Рисолаи Ҳотамия. – Душанбе: Адиб, 1991. – С. 358с.

16. Шуштарӣ, Н. Маҷолисулмуъминин. – Теҳрон: Исломият, 1365/1986. – Ҷ.1. – 332с.

**Буризода Эмомали Бозор** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, Завотделом истории государства и права. E-mail: buriev-68@mail.ru; **Кодирзода Сайидмуссо Мухибулло** – кандидат юридических наук, Дангаринский государственный университет, доцент кафедры политологии и управления государством. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru

### Политические, правовые и социальные мысли Хусейна Воизи Кашифи

В статье анализируются и обсуждаются вопросы политики, государства, права и общества с точки зрения одного из выдающихся таджикско-персидских мыслителей - Хусейна Воизи Кошифи, что является результатом развития таджикской науки на протяжении всей истории человечества, изучающая вопросы государства и государственности в разные века и династии. Из учения Кошифи следует, что государственная политика должна быть средством обеспечения интересов и счастья для членов общества, а не просто для захвата и удержания власти для управления народом. Достижение поставленных целей политики, с точки зрения Кошифи, имеет несколько основ реализация каждого из которых вносит значительный вклад в лучшее управление государством и обществом.

**Ключевые слова:** Воизи Кошифи, политика, справедливость, право, общество, стабильность, угнетение, обязанности и ответственность, гуманистическая мысль, демократия, государственное управление, взаимопомощь, консультация, правитель.

**Burizoda Emomali Bozor -** Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, chief of department. E-mail: buriev-68@mail.ru; **Kadirzoda Saiidmusso Muhibullo** - candidate of legal sciences, Dangara State University, acting associate professor of the department of political science and public administration. **E-mail**: saidmuso.kodirov@mail.ru

### Political, legal and social thoughts of Husain Voizi Koshifi

It has been analyzed and considered in the present article the politic problems, state, law and society from the point of view of the Tajik and Persian thinker Husayn Voizi Kashifi, which is the result of the progress of Tajik science throughout the history of mankind, who studied the issues of the state and statehood in different centuries and dynasties. From Kashifi's words, it follows that state policies and actions should be means of ensuring the interests and general welfare of society, and not simply the seizure and retention of power to rule the people. Achieving the set goals of policy, from Kashifi's perspective, has the following pillars, the implementation of each of which makes a valuable contribution to better governance of the state and society.

**Keywords:** Voizi Kashifi, politics, justice, law, sociality, society, peace and tranquility, oppression and oppression, duties and responsibilities, humanistic thought, democracy, state management, mutual assistance, consultation, ruler.

# БАРРАСИИ МАФҲУМИ ҲОКИМИЯТ ВА НАВЪҲОИ ГУНОГУНИ ОН АЗ НИГОҲИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ

**Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатӣ. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru

Мафҳуми ҳокимият, қудрат ва шаклҳову намудҳои гуногуни он тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, муҳимтарин баҳс дар дониши сиёсӣ ва илмҳои вобаста ба он мебошад, ки тамоми мафҳумҳо ва масъалаҳои гуногуни дониши сиёсӣ аз ҷумла, фалсафаи сиёсат, андешаи сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, ҷомеашиносии сиёсӣ, равоншиносии сиёсӣ, давлат ва ҳокимияти сиёсӣ ва ғайра, иртиботи ҷиддӣ ва ногусастанӣ ба мафҳуми ҳокимият ва қудрат доранд. Дар мақола, муаллиф масъалаи мазкурро бар асоси таълимоти мутафаккири бузурги ҷаҳонӣ, тоҷик Абунасри Форобӣ мавриди баррасии илмӣ қарор медиҳад.

**Калидвожа:** Ҳокимият, қудрат, навъҳои ҳокимият, давлат, Абунасри Форобӣ, фалсафаи сиёсат, андешаи сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, ҷомеашиносии сиёсӣ, равоншиносии сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ.

Абунасри Форобӣ яке аз бузургтарин мутафаккирони ҷаҳонӣ мебошад, ки таълимоти васеву фаровон оид ба кулли илмҳои замонааш ва махсусан ҳокимият, давлат ва идоракунии ҷомеа пешниҳод кардааст. Абунасри Форобӣ яке аз шахсиятҳоест, ки беҳтарин ва муфассалу васеътарин баҳсҳоро перомуни масъалаи шаклҳо ва навъҳои ҳокимият анҷом додааст. Албатта, дигарон ҳам аз ҷумла Мискавайҳи Розӣ, Насируддини Тусӣ ҳам чунин баҳсҳоеро доранд, аммо ба андозаи Форобӣ тақсимоти васеъ ва бо ҷузъиёти дақиқтар ироа накардаанд.[4,235; 6,83] Форобӣ ҳокимиятро аз чандин нуктаи назар тақсим намуда, ҳар кадоми онро ба таври ҷудогона шарҳ медиҳад. Яке аз ҷиҳатҳои тақсим, ки дар дараҷаи аввал меистад, тақсими ҳокимият бар ду дастаи куллии "фозила" ва "ғайрифозила" мебошад. Форобӣ ин тақсимотро то охири баёни андешаҳои сиёсию фалсафии худ нигоҳ медорад ва ҳатто онро дар навъ ва намудҳои давлатдорӣ ва ҳокимияти иҷроӣ, судӣ ва қонунгузорӣ ҳам истифода менамояд.[5,84; 7,57] Яъне, ин ду мафҳуми асосӣ бар тамоми соҳаҳои андешаи сиёсии Форобӣ соя афканда, таъсироти бевоситаи худро ба ҳамаи паҳлуҳои тафаккури вай гузоштааст.[9,49; 11,257]

Ҳар кадом аз ин ду мафҳум дар худ дорои тақсимоти гуногуни дигар низ ҳастанд, ки баёнкунандаи ҷанба ва паҳлуҳои мухталифи андешаи сиёсию иҷтимоии Форобӣ ба шумор мераванд. Аз нигоҳи Форобӣ ҳокимияти фозила ба ду шакли фардӣ ва ҷамъӣ ё гуруҳӣ тақсим мегардад, ки ба назари вай, ҳокимияти фардӣ беҳтар аз ҳокимияти ҷамъӣ ё гуруҳӣ мебошад. Ҳокимияти ҷамъӣ дар воқеъ баёнкунандаи ҳолатест, ки шакли фардии ҳокимият имкон надошта бошад. Дар сурате, ки ҳокимияти фардӣ ба ҳар далелу шакле имконпазир набошад, дар дараҷаи баъдӣ, ҳокимияти ҷамъӣ ё гуруҳӣ бояд ҷойгузини ҳокимияти фардӣ қарор гирад.[2, 68; 8,97]

Ҳокимияти фардӣ аз нигоҳи Форобӣ худ се сатҳи амалишавӣ дорад. Дар дараҷаи аввал, ҳокимияти як инсони комил матраҳ мегардад, ки ба воситаи истеъдод ва маҳоратҳои фитрию зотии худ ҳама намуди фазилатҳо ва бартариҳои ахлоқию ақлонӣ ва илмию амалиро аз худованд тавассути як воситаи беайбу нуқс ва комилан мутмаъин дарёфт менамояд. Ин, болотарин ва комилтарин сатҳи ҳокимият аз нигоҳи Форобӣ ба шумор меравад. Тибқи дидгоҳи Форобӣ шахсе, ки дар ин сатҳ ва дараҷа аз ҳокимият қарор мегирад бояд ҳам ҳаким бошад, ҳам файласуф ва ҳам набӣ, ки ба гуфтаи худаш дар амал ба замони Паёмбари Ислом (С) мутобиқати комил дорад. Агар ин сатҳи ҳокимият дар амал имконият надошта бошад, дараҷаи баъдӣ бояд иҷро гардад. Дар ин ҳолат наздиктарин ва монандтарин шахс ба ҳокими аввал, ки дар болотарин дараҷа қарор дошта, бояд ҷонишин гардад. Агар раиси аввали мадинаи фозила вафот намояд ё ба ҳар далеле аз ҳокимият барканор гардад, пас аз он навбат ба ҷонишини вай мерасад, ки бояд аз ҳамаи ҷиҳатҳо ба раиси аввал монандӣ ва шабоҳат дошта бошад. Агар ҷонишини шахси аввал ҳам аз дунё рафт, ё ба ҳар сабабе аз ҳокимият канор равад, шахси дигаре бояд ҷонишини вай гардад, ки ҳам худаш бояд олиму ҳаким ва донишманд бошад ва аз ҳамаи ҷиҳатҳо ба шахсони пешини худ монанду шабеҳ бошад ва ҳам бар асоси суннат ва равиши раисони аввал ва дуюми гузаштаи мадинаи фозила ҳокимият намояд.[1,53; 7,59] Яъне, тақсимоти Форобӣ дар шаклҳо ва намудҳои ҳокимият аз

беҳтарин ба хуб, ва аз хуб ба бад, ва аз бад ба бадтарин шакли имконпазири ҳокимият ҳаракат менамояд.

Форобӣ пас аз баёни ҳокимияти фардӣ, ҳокимияти гуруҳиро баррасӣ менамояд. Ба назари вай ҳокимияти гуруҳӣ ҳолатест, ки ҳокимияти фардӣ дар ҳеҷ кадом навъи он қобили иҷро ва амалӣ гардидан набошад. Дар ин сурат ҳокимияти гуруҳӣ барқарор мегардад. Асоси баёни масъалаи ҳокимияти гуруҳӣ дар он нуҳуфтааст, ки ҳокимият набояд ҳеҷ замоне аз қудрат ва сарвари қонунӣ холӣ монад.[10, 486 // 12, 249] Яъне, ҳатто барои як лаҳза ҳам набояд фазои сиёсии ҷомеа дар ҳолати анархӣ ё беқонунию беҳокимиятӣ қарор гирад. Барои ҳамин, Форобӣ аз болотарин дараҷаи ҳокимияти фардӣ, ки беҳтарин шакли ҳокимият дар назди вай ба ҳисоб меравад, дараҷа ба дараҷа ба самти мумкинтарин ҳолати ҳокимият ҳаракат мекунад, ки ба ҳокимияти гуруҳӣ хулоса мегардад. Дар ҳамин намуди ҳокимият низ ду шакл мавриди назар аст. Яке, ҳокимияти раисони шоиста ва барҷастатарин афроди ҷомеа мадди назар аст, ки наздиктарин вижагиҳо ва ҳолатҳоро ба шахсони шоистаи ҳокимияти фардӣ дошта бошанд. Ин дар суратест, ки агар як нафаре ёфт нашавад, ки вижагиҳои роҳбарии ҷомеаро худ ба танҳоӣ дошта бошад, пас бояд ду нафареро пайдо намуд, ки дар якҷоягӣ битавонанд ҳокимиятро идора кунанд.[3,86; 7,58] Шакли дуюми ҳокимияти гуруҳӣ таврест, ки агар 2 нафаре ёфт нашавад, ки бо ҳам вижагиҳои ҳокимиятро надошта бошанд, пас дар ин ҳолат бояд маҷмуае аз афрод гирди ҳам оянд, ки ҳар кадоми онҳо агар танҳо яке аз шартҳо ва вижагиҳои ҳокимиятро ҳам дошта бошад, метавонад дар идораи кишвар ва ҳокимияти ҷомеа аз худ саҳм бигузорад.[3,46; 9,49] Яъне, агар он вижагиҳо дар ду нафар ҳам ҷамъ нагарданд, пас бояд се нафар ва ё афроди бештаре, ки ҳамаи онҳо бо ҳам дар якҷоягӣ дорои вижагиҳои ҳокимият бошанд, идораи ҷомеаро ба даст мегиранд. Номи ин ҳокимиятро Форобӣ ҳокимияти шуроӣ номгузорӣ менамояд. Дар ин навъи ҳокимият, шурои роҳбарӣ бояд бо ҳамдигар дар якҷоягӣ тадбирҳо ва андешаҳои худро ҷиҳати иҷрои корҳои ҳокимият амалӣ намоянд. Аз назари Форобӣ вижагиҳои асосии ҳоким 6 адад ҳастанд, пас бояд ҳаддиақал 6 нафар дар шурои роҳбарӣ аъзо вуҷуд дошта бошад. Дар ин ҳолат метавонанд ҳар як аз аъзо ду шарти ҳокимиятро ҳам дошта бошанд, ки дар камтарин теъдод ин шурои роҳбарӣ 3 нафар ва дар бештарин теъдод то 6 нафар метавонанд дар он фаъолият намоянд.[2,95; 7,66]

Пас аз он, ки дар як ҷомеа агар 6 нафаре пайдо нашаванд, ки ҷомеа ва давлатро идора кунанд, он ҷомеа дигар дар доираи мадинаҳои фозила дохил намегардад ва бояд онро дар тақсимоти мадинаҳои ғайрифозила номбар намуд. Яъне ҳокимияти шуроӣ охирон марҳилаи ҳокимияти фозила ба ҳисоб меравад ва баъд аз он ҳокимиятҳои ғайрифозила оғоз меёбад. Намудҳои гуногуни ҳокимиятҳои ғайрифозила аз назари Форобӣ худ дорои тақсимоти муайяне ҳастанд, ки мухтасаран аз онҳо сухан ба миён хоҳад омад.

Ҳокимиятҳои ғайрифозила:

– Ҳокимияти ҷоҳила;
– Ҳокимияти фосиқа;
– Ҳокимияти золла;
– Ҳокимияти мутабаддила.[7, 68-79 // 9, . 59]

Аз ин миён, ҳокимияти ҷоҳила низ дорои тақсимотест, ки иборатанд аз:

– Ҷоҳилаи зарурия;
– Ҷоҳилаи баддола;
– Ҷоҳилаи хиссат;
– Ҷоҳилаи карромия;
– Ҷоҳилаи тағаллубия;
– Ҷоҳилаи ҷамоъия.[5, 86; 8, 99]

Намудҳои ҳокимият аз нигоҳи Форобӣ аз як нуқтаи назари дигар ҳам қобили тақсим мебошад. Ин навъи тақсим вобаста ба сатҳу андоза ва вусъати ҳокимият мебошад, ки ба се марҳилаи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дастабандӣ мегарданд. Ҳар кадом аз шаклҳо ва намудҳои гуногуни ҳокимияте, ки аз нигоҳи Форобӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, метавонад вобаста ба сатҳи қудрат ва машруъияти амалишавии он, дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба иҷро дарояд. Дар сатҳи миллӣ яъне, он ҳокимият сирфан маҳдуда ва қаламрави амалишавии он ба миқдори ҳамон миллат ва маҳаллаи худ маҳдуд мегардад. Дар қадами баъдӣ, агар дар он сатҳ ва қаламрави миллӣ муваффақ бошад, сипас метавонад онро ба ҳамсоягон ва минтақаи худ низ сироят диҳад. Саранҷом, пас аз он, ки дар сатҳи минтақа ҳам бо муваффақият иҷро гардад, он шакли ҳокимият метавонад дар сатҳи байналмилалӣ ҳам ба иҷро дарояд.[1, 48-55; 10,549]

Ба назар мерасад, ду нуктаи бисёр муҳим аз андешаҳои Форобӣ хулоса намудан мумкин аст. Яке он, ки Форобӣ равиши фарогир намудан ва васеъ намудани доираи ҳокимиятро марҳила ба марҳила ва қадам ба қадам васеъ мегардонад. Яъне, ибтидо шакле аз ҳокимият, ки ба назараш муваффақ мебошад ва метавонад дурусту саҳеҳ ба иҷро дарояд, аввал дар сатҳи миллӣ онро мавриди озмоиш ва санҷиш қарор дода, сипас баъд аз муваффақият, онро ба марҳилаҳои баъдӣ пешниҳод менамояд, то он ҷо, ки ба сатҳи ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ бирасад. Нуктаи дуввум он аст, ки Форобӣ аз муаррифӣ

намудани марҳилаҳо ва шаклҳои гуногун ва дараҷаҳои мухталифи ҳокимият як мақсад ва ҳадафи мушаххас дорад. Ба назар мерасад он ҳадаф чунин бошад, ки ба ҳар тавре, ки мешавад бояд дар ҷомеа як навъе аз ҳокимият барқарор бошад. Агар шароит ва имкониятҳо фароҳам бошад, беҳтарин шакли ҳокимият, агар ҳам имконият набуд, баъд аз беҳтарин шакли ҳокимият ҳар кадом, ки имкон дошта бошад, бояд ҳамон иҷро шавад, ва ба ҳамин тариқ аз беҳтарин шакли ҳокимият то бадтарини он марҳила ба марҳила бояд иҷро гардад, аммо ҷомеа набояд бидуни ҳокимият раҳо карда шавад. Яъне, ҳар тавре, ки имкон дорад дар ҷомеа ҳокимият ва қонун бояд ҳатман мавриди иҷро бошад, ва ҳеҷ гоҳ таҳти ҳеҷ шароите набояд беқонунӣ ва беҳокимиятӣ дар ҷомеа вуҷуд дошта бошад.

**Адабиёт:**


**1.** Абунасри Форобӣ. Ал-миллат. Тарҷумаи Шакурӣ. – Теҳрон: Ақли сурх, 2019. – 108с.

**2.** Абунасри Форобӣ. Ал-хитоба. Таҳқиқи Муҳаммадсалим. – Қоҳира: Ал-ҳайъат, 1976. –172с.

**3.** Абунасри Форобӣ. Ан-навомис. Таҳқиқи Абдурраҳмони Бадавӣ. – Макгилл: Донишгоҳи Макгилл, 1974. – 176с.

**4.** Абунасри Форобӣ. Ас-сиёсат ал-маданият. Тарҷумаи Маликшоҳӣ. –Теҳрон: Сурушь, 2010. –454с.

**5.** Абунасри Форобӣ. Ат-таъликот. Тарҷумаи Мусавиён. – Теҳрон: Муассисаи пажуҳишии ҳикмат ва фалсафаи Эрон, 2014. – 170с.

**6.** Абунасри Форобӣ. Иҳсоъ ал-улум. Таҳқиқи Муҳаммадамин. – Қоҳира: Нашриёти Саъодат, 1930. – 140с.

**7.** Абунасри Форобӣ. Ороу аҳл ал-мадинат ал-фозила. Тарҷумаи Саҷҷодӣ. –Бейрут: Алҳилол, 1995. – 320с.

**8.** Абунасри Форобӣ. Таҳсил ас-саъодат. Тарҷумаи Бумулҳим. – Бейрут: Алҳилол, 1982. –120с.

**9.** Абунасри Форобӣ. Фусулун мунтазиъа. Тарҷумаи Маликшоҳӣ. – Теҳрон: Сурушь, 2004. –208с.

**10.** Доварӣ, Ризо. Форобӣ; муассиси фалсафаи исломӣ. – Теҳрон: Анҷумани фалсафаи Эрон, 1977. – 945с.

**11.** Муҳоҷирниё, Муҳсин. Андешаи сиёсии Абунасри Форобӣ. – Теҳрон: Бустони китоб, 2001. – 408с.

**12.** Нозирзода, Фарноз. Фалсафаи сиёсии Форобӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Аз-Заҳро, 1997. –438с.



**Кодирзода Сайидмуссо Мухибулло** –кандидат юридических наук, Дангаринский государственный университет, доцент кафедры политологии и управления государством. **E-mail:** saidmuso.kodirov@mail.ru


**Обзор концепции власти и ее различных типов с точки зрения Абунаср Фараби**


Понятие власти и авторитета, а также их различные формы и виды, как известно, являются важнейшей темой для обсуждения в политической науке и смежных дисциплинах, поскольку все разнообразные концепции и вопросы политической науки, включая политическую философию, политическую мысль, политическую культуру, политическую социологию, политическую психологию, государство и политическую власть и т. д., имеют глубокую и неразрывную связь с понятием власти и авторитета. В статье автор рассматривает этот вопрос с научной точки зрения, опираясь на учение великого персидского и таджикского философа Абунасра аль-Фараби.



**Ключевые слова:** Власть, виды власти, государство, Абунаср аль-Фараби, политическая философия, политическая мысль, политическая культура, политическая социология, политическая психология, политическая власть.



**Kadirzoda Saiidmusso Muhibullo** candidate of legal sciences, acting associate professor of the department of political science and public administration, faculty of public administration and law, Dangara State University **E-mail**: saidmuso.kodirov@mail.ru


**A REVIEW OF THE CONCEPT OF AUTHORITY AND ITS DIFFERENT TYPES FROM THE POINT OF VIEW OF ABU NASRI FARABI**


The concept of authority and power and its various forms and types, as is known to all, is the most important debate in political science and related sciences, which encompasses all the various concepts and issues of political science, including political philosophy, political thought, political culture, political sociology, political psychology, the state and political power, etc. have a serious and inextricable connection and connection with the concept of authority and power. In the article, the author examines this issue scientifically based on the teachings of the great Persian and Tajik philosopher, Abu Nasr al-Farabi.



**Keywords:** Authority, power, types of authority, state, Abu Nasr al-Farabi, political philosophy, political thought, political culture, political sociology, political psychology, political authority.

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ ДОСТОНИ СИЁВУШ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

**Майнусов Дониш Фазлиддинович -** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, докторант. **E-mail:** Donish-1987@mail.ru.

Дар ин мақола достони Сиёвуш аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо такя ба паҳлуҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили муосири ҳуқуқӣ ва ҷомеашиносӣ механизмҳои додрасии гузаштаро дар муқоиса бо меъёрҳои адолати судии имрӯза арзёбӣ менамояд. Хусусан, мафҳумҳои "мурофиаи одилона", "принсипи бегуноҳӣ" ва "тақсими қудрати додгоҳӣ" дар низоми ҳуқуқи қадим бо назари интиқодӣ таҳлил шудаанд. Дар ин мақола оид ба робитаи мутақобилаи миёни ҳуқуқ, фарҳанг ва адолат мулоҳизаронӣ шудааст. Ин таҳқиқот муҳимияти «Шоҳнома»-ро ҳамчун як манбаи арзишманд дар омӯзиши ҳуқуқ ва ахлоқи иҷтимоӣ нишон медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Шоҳнома, Фирдавсӣ, Сиёвуш, мурофиаи одилона, ҳуқуқи бостонӣ, ҷомеашиносӣ, адолат, тӯҳмат, додрасӣ, фарҳанг.

Ин тасаввур, ки адабиёт танҳо арсаи шеър ва баёни эҳсосоти шоирона аст, чандон дуруст нест, зеро дар тӯли таърих осори адабӣ ба ҳайси манбаи муҳим ва инъикосгари масоили гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низ хидмат кардаанд. Ҳадаф аз матраҳ кардани чунин дидгоҳ танҳо муаррифии мероси гузашта нест[3, 272], балки мехоҳем «Шоҳнома»-ро, ки яке аз пояҳои асосӣ ва амиқи фарҳанги ориёитаборон маҳсуб мёебад, инчунин осори асотирӣ, таърихӣ ва маънавии онро, ки мероси имрӯз ва фардои мост, баррасӣ намоем. Ба ин тартиб, ҳар он чи аз тамаддуни гузаштагон имрӯз дар ихтиёр дорем – аз ривоятҳои бостонӣ гирифта то таърихи бузурги маънавӣ ва инсонии он – бояд на танҳо аз ҷанбаҳои адабиву таърихӣ, балки аз дидгоҳҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ низ таҳқиқ шаванд.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҳамаҷонибаи «Шоҳнома» аз ҷиҳатҳои мухталифи илмҳои ҷомеашиносӣ боз ҳам аҳаммияти хос пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, таҳқиқи ин асари ҷовид дар партави илмҳои гуногун – хоҳ адабиёт, ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ – на танҳо паҳлуҳои ниҳони фарҳангӣ ва таърихиро ошкор месозад, балки барои дарки амиқи муносибатҳои инсонӣ ва арзишҳои ахлоқӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ҳамин ҷиҳат, арзиши «Шоҳнома» ҳамчун манбаи ҷаҳонии дониш ва ҳувияти миллӣ бештар равшан мегардад, зеро он тамоми марҳилаҳои давлатсозӣ, худогоҳиву хештаншиносии миллӣ-сиёсӣ ва рушди ахлоқиро дар қолаби достонҳои пурмӯҳтаво инъикос менамояд.

Ҳамзамон, пайванди «Шоҳнома» бо илмҳои имрӯза хеле доманадор аст. Ин асари беназир на танҳо барои таҳқиқоти адабӣ, балки барои омӯзишҳои таърихӣ, инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқӣ ва забоншиносӣ низ як манбаи ғанӣ ба ҳисоб меравад. Аз як сӯ, донишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии «Шоҳнома» метавонанд барои илми ҷомеашиносӣ ва равоншиносии иҷтимоӣ маълумоти гаронбаҳо пешниҳод кунад. Аз сӯи дигар, бархе дастуру қоидаҳое, ки дар достон баён шудаанд, аз назари ҳуқуқи бостонӣ ва низоми ҳуқуқии муосир қобили таҳлил буда, ҳолатҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиро дар низоми иҷтимоӣ шарҳ медиҳанд.

Ба ибораи дигар, ин асари бостонӣ ҳамчун як манбаи фарогир на танҳо тафаккури фарҳангӣ-адабиро, балки равандҳои амиқи иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро низ инъикос менамояд. Вобастагии «Шоҳнома» ба илмҳои имрӯз маҳз дар ҳамин ҷанбаҳо зоҳир мегардад, ки бо истифодаи усулҳо ва методологияҳои чандсоҳа (интердисциплинарӣ) барои равшан сохтани вижагиҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва забоншиносии он таваҷҷуҳ намоем. Аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» имкон медиҳад, ки муҳаққиқони соҳаҳои гуногун бо такя ба манбаҳои классикӣ роҳҳои навини таҳлил ва ислоҳоти иҷтимоӣ-ҳуқуқиро барои ҷомеаи муосир тарҳрезӣ намоянд.

Дар партави ин нигоҳи таҳқиқӣ, яке аз масъалаҳои муҳимтарини таҳқиқи «Шоҳнома» он аст, ки мо бояд ин асарро на танҳо ҳамчун маҷмӯаи ривоятҳо ва достонҳои қадимӣ, балки ҳамчун унсури асосӣ ва намоёни фарҳанги бостонии Эронзамин бишносем [3,272-273]. Ҳамзамон, ганҷинаҳои муҳими фарҳангии Эронзамин, ки бар пояи осори асотирӣ, таърихӣ ва хиради инсонӣ бунёд ёфтаанд, имрӯзу фардоро низ равшан мегардонанд. Бо таваҷҷуҳ ба он ки ҷомеаи муосир дар баробари бархе мушкилоти нав қарор дорад, таҳқиқи «Шоҳнома» аз паҳлуҳои гуногун, хусусан аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва мурофиаи

додгоҳӣ, метавонад барои ҳуқуқшиносии муосири тоҷик судманд бошад.

Хулоса, масъалаи баррасӣ ва тафсири достонҳои «Шоҳнома», бо дарназардошти паҳлуҳои бисёрҷанба – чӣ аз дидгоҳи забон ва чӣ аз дидгоҳи ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва фарҳанг – аҳаммияти махсус касб мекунад. Ба ибораи дигар, маҳз тавассути таҳқиқ ва таҳлили амиқи ин асари беназир имкон дорад дар бораи таърихи гузаштаи мо, иртиботи он бо вазъи кунунӣ ва имкони ислоҳ намудани камбудиҳои мавҷуда дар оянда пешниҳодҳои ҷиддӣ сурат гирад. Бо ҳамин роҳ, ҷойгоҳи «Шоҳнома» дар омӯзиши илмии имрӯз равшантар гардида, он метавонад дар раванди таҳкими адолат, риояи ҳуқуқ ва таҳкими арзишҳои инсонӣ низ нақши муассир бозад.

**Шарҳи мухтасари достони Сиёвуш.** Барои он ки таҳлили ҳуқуқии ин достонро оғоз намоем, пеш аз ҳама зарур аст мухтасари ривояти мазкурро, ки аз муҳимтарин қисматҳои «Шоҳнома» маҳсуб мегардад, пешниҳод намоем. Достони Сиёвуш бар зиндагӣ ва сарнавишти ин қаҳрамон таваҷҷӯҳ дихем. Вай фарзанди Кайковус буда, бо талоши Рустам таълиму тарбия ёфтааст. Пас аз он ки Сиёвуш ба камол мерасад, дар набардҳо ширкат варзида, зуд шуҳрати қаҳрамониаш маълум мешавад. Дар ҳамин миён, воқеаҳое дар дарбори Кайковус (подшоҳ) иттифоқ меафтанд, ки сабаби густариши фитна ва туҳматҳои нав мегарданд. Ниҳоятан, ин достон (ривоят) ба марҳилаи фоҷиавӣ ва марги Сиёвуш мерасад [10].

Аз дидгоҳи ҳуқуқӣ, ин ривоят дорои баъзе амалҳои ҷиноятӣ буда, паёмадҳои ҳуқуқии онҳоро дарбар мегирад. Ба ибораи дигар, илова бар масоили ахлоқӣ, мо метавонем нуктаҳои махсуси ҳуқуқиро низ дар ин достон мушоҳида кунем.

Рустам, ки чанде пеш аз андӯҳи вафоти фарзандаш (Сӯҳроб) раҳо шуда буд, барои ором кардани дили андӯҳгинаш ба парвариш ва тарбияти Сиёвуш мепардозад. Ӯ мекӯшад, ки Сиёвушро дар муҳите ба камол расонад, ки ҷасорату қаҳрамониро дар ӯ рушд бидиҳад. Аз ин рӯ, Сиёвуш дар саросари марзҳои Турон ва Эрон ҳамчун сипаҳсолори ҷавон шуҳрат меёбад. Гарчанде миёни Рустам ва Сӯҳроб (фарзанди фавтидаи Рустам) муносибати падару фарзандӣ вуҷуд дошт, муносибати ӯ бо Сиёвуш дар заминаи дигаре қиёс мешавад: ҳар ду бар меҳру самимият асос ёфта, гӯё Рустам ин дафъа ҳамчун устод ё пуштибон арзишҳои ҷангҷӯиро дар шахсияти Сиёвуш ҳифз кардан мехоҳад [7, 14].

Аммо бозгашти Сиёвуш ба дарбори Кайковус сабаби нобасомониҳо ва душманиҳои нав мегардад. Ашхосе, ки аксаран дар андешаи манфиати худ ҳастанд, мекӯшанд дар оғози роҳи зиндагии Сиёвуш кинаварзиро эҷод кунанд. Дар натиҷа, ӯ дар баробари воқеаҳову сиёсатбозиҳои душманона қарор гирифта, ниҳоятан маҷбур мегардад роҳи дигареро барои худ интихоб кунад. Дар ин раванд, миёни Кайковус (шоҳ) ва гурӯҳи дарбориёнаш ихтилофоте ба миён меояд ва Сиёвуш ҳангоми бозгашт ба дарбор бо мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ мешавад. Маҳз чунин ҳолат (зиддият бо падару атрофиён) боис мегардад, ки ӯ (Сиёвуш) иқомати Туронро авло донад. Вай бо Фарангис (духтари Афросиёб) ақди никоҳ баста, дар ниҳоят миёни Кайковус ва сипоҳиён низоъҳои шадидтар рух медиҳанд.

Ба ин равиш, Сиёвуш ба рамзи барҷастаи покӣ ва вафодорӣ табдил меёбад: вай орзу дошт, ки бо истифода аз андешаи дуруст миёни Эрону Турон муносибатҳои одилона ва солим барқарор намояд. Бархе муҳаққиқон чунин рафтори Сиёвушро амали муҳиме дар роҳи сулҳ арзёбӣ карда, ӯро паёмрасони хирад барои миллат мешуморанд. Дар нигоҳи Рустам низ тасмими Сиёвуш нишонаи андешаи тоза ва дурӣ аз хислатҳои душманӣ маҳсуб меёбад. Бо ин вуҷуд, маҳз адолатхоҳӣ ва ахлоқи поки Сиёвуш боиси душманни баъзе ашхоси худхоҳ шуда, ниҳоятан ӯро дучори сарнавишти фоҷиавӣ (қатли Сиёвуш) мегардонад.

Ҳамин тавр, ин паёмҳои ахлоқии Сиёвуш тақвияти арзишҳои фарҳангӣ ва барқарории равобити покро миёни Эрону Турон талқин менамоянд. Агарчӣ дар амал иқдомҳои вай бо манфиатҳои сиёсии бархе гурӯҳҳо мухолифат дошт, аммо дар таърихи шоҳномашиносӣ ӯро ҳамчун "рамзи бегуноҳӣ дар муқобили андешаҳои зулму ситам" зикр кардаанд. Ба ин далел, Сиёвуш симои покӣ ва ахлоқи олиро ба худ мегирад, ки тавассути он метавон падидаҳои амиқи зиндагӣ, ҷавонмардӣ ва адолатро дар «Шоҳнома» мавриди таҳлил қарор дод.

Мавридҳое, ки аз лаҳзаи эълони «ҳифзи номус» (иддаои таҷовуз) то гузаштани Сиёвуш аз оташ дар достон оварда мешаванд, нишон медиҳанд, ки қаҳрамонони гуногун дар баробари чунин туҳмат чӣ гуна истодагарӣ менамоянд ва равандҳои додрасӣ (мурофиаи додгоҳӣ) дар сатҳҳои гуногун чигуна сурат мегирад. Агар ин ҳолатҳоро аз нигоҳи ҳуқуқи муосир ва истифодаи меъёрҳои он мавриди таҳлил қарор диҳем, метавон ба чунин хулоса омад, ки достони Сиёвуш намунаи додрасии бунёдӣ (адолатхоҳона) ва падидаҳои ҷолиби дигареро пеши назар мегузорад. Ин метавонанд чун як нақшаи рафтори иҷтимоӣ ва баррасии иттиҳомот хизмат намоянд.

**Нақши асосии унсурҳои мурофиаи одилона дар арзёбии иттиҳоми Сиёвуш.** Чунончи дар боло ишора гардид, замоне ки ҳамсари Кайковус (Судоба) туҳмате алайҳи Сиёвуш матраҳ месозад ва подшоҳ тасмим мегирад, ки ҷиноят ё гуноҳи ӯро тавассути гузаронидани ӯ аз оташ равшан намояд, дарвоқеъ мо бо равиши мурофиаи ҷиноятӣ сару кор дорем. Дар шароити имрӯз, ҳарчанд ин амалҳо вуҷуд надоранд, метавон онро намунае аз санҷиши ҷиноят ё бегуноҳӣ дар ҷомеаи қадим донист.

Дар канори ин, дарки мо аз мафҳумҳои «масъулияти ҷиноятӣ» ва «таҳқиқи ҷиноят» дар он давру замон минбаъд шакли муосири худро касб кардааст. Масалан, агар методҳои додрасӣ дар он давраро дар партави назарияи ҳуқуқӣ ва бо таъкиди меъёрҳои ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, дидан мумкин аст, ки мафҳумҳое мисли «хуб» ё «бад» ва «бегуноҳ» ё «гунаҳкор» ҳамчун мафҳумҳои асосӣ дар он замон буданд. Новобаста аз ақидаи фардии шахсиятҳои достон, ин мафҳумҳо барои муайян кардани масъалаи ҷиноят ва ҷазо истифода мегардиданд.

Аз ҷониби дигар, тасаввуроти адолат (дар он давра) ба гунаест, ки барои таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ дар достон имрӯз ҳам мавриди омӯзиш буда метавонад. Ба ибораи дигар, «мурофиаи одилона» ҳамон чизест, ки имрӯз мо онро ҳамчун як меъёри ҳуқуқи башар ва яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи муосир эътироф мекунем, аммо дар «Шоҳнома», бахусус дар достони Сиёвуш, шеваи ташкили муҳокима ва гузаронидани имтиҳонҳо метавонад ибтидои мафҳумҳои асосии адолати судиро дар илми ҳуқуқ намоиш диҳад.

**Моҳият ва асосҳои мурофиаи одилона.** Барои дарки моҳияти дақиқи мафҳуми «мурофиаи одилона», пеш аз ҳама, худи вожаро бояд таҳлил кард. Аслан, дар илми ҳуқуқ, «мурофиаи одилона» маънои таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда дар баробари додгоҳ ва ҷомеаро дорад, то вай тавонад далелҳои бегуноҳии худро пешниҳод намояд. Дар қолаби «Шоҳнома» – хоса дар достони Сиёвуш – ин раванд бо ишораи рамзӣ (символикӣ) тавассути гузаштан аз оташ сурат мегирад. Агарчи барои мо шеваи гузаштан аз оташ як амали ғайримуқаррарӣ намудор шавад, дар замони бостон он шакле аз санҷиши бегуноҳӣ ё гунаҳкорӣ маҳсуб мешуд.

Ба ин тартиб, баррасии равиши «мурофиаи одилона» дар достони Сиёвуш моро ба дарки амиқтари маънои адолат ва эҳтироми ҳуқуқи айбдоршаванда дар ҷомеаи қадим наздик месозад. Бо чунин таҳлил дармеёбем, ки «Шоҳнома» чӣ гуна як системаи фикрии созанда эҷод намудааст, ки то ҳол бо меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии муосир қобили муқоиса мебошад.

Ҷаъфари Лангарӯдӣ пешниҳод намудааст, ки истифодаи иборaҳои «мурофиаи одилона» ба ҷойи «додрасии одилона» дар шарҳҳое, ки баъдан ироа мегарданд, метавонад асосҳои фалсафии ин андешаҳоро равшантар созад [12, 116].

Ҳамин тариқ, гузаштан аз оташ, дар паҳлуи “гуфтугӯ” дар назди подшоҳ, ду унсури аслии адолатро дар он муҳит ташкил медиҳанд: яке дифои худ тавассути сухан (далел) ва дигаре дифоъ тавассути озмоиши рамзӣ (оташ). Бо ин вуҷуд, пас аз он ки Сиёвуш бегуноҳии худро собит мекунад, боз фитнаву душманиҳо идома меёбанд, ки ин худ камбуди “мурофиаи додгоҳӣ” дар он замон аст. Ба ибораи дигар, агар мурофиаи ҳамаҷониба ва одилона мешуд, шояд роҳи гиреҳи кор пеш аз расидан ба чунин имтиҳони хатарнок ҳал мегашт.

Ҳамин нукта нишон медиҳад, ки дар бораи меъёри ҳуқуқӣ ва баррасии одилонаи он дар “Шоҳнома” бояд бодиққат назар кард. Гарчанде он дар тасвирҳои рамзӣ (гузаштан аз оташ) дар қолаби сухан рехта шудааст, моҳиятан усулҳои муҳиме монанди “асоси бегуноҳӣ”, “ниёзи таҳқиқи комил”, “мурофиаи одилона” дар он дида мешаванд. Вале бар асари найрангу дурӯғ ва худхоҳии баъзе шахсон дар дарбор, натиҷа ба зарари Сиёвуш тамом мешавад.

Дар баъзе мавридҳо, шояд дар фарҳанги гузашта чунин ангора вуҷуд дошта бошад, ки барои додрасӣ танҳо одил будан кофист. Вале бояд эътироф кард, ки “додрасии одилона” ба фарози техникӣ ва таҳқиқи воқеӣ низ ниёз дорад. Яъне кам нестанд ҳолатҳое, ки танҳо бо “инсофи шахсӣ” кор насозад. Масалан, дар достони Сиёвуш, бо вуҷуди нияти пок ва бегуноҳии ӯ, ӯро водор карданд, ки аз оташ бигзарад. Дар матн омадааст:

*Ман инак ба пеши ту истодаам,*
*Тану ҷони ширин туро додаам.*
*Зи ман ҳарчӣ хоҳӣ ҳама коми ту,*
*Бароям, напечам сар аз доми ту* [10, 471].

Дар ниҳоят, ӯ мегӯяд, ки хурсанд аст, ки аз оташ беосеб гузашт ва ин ҳолатро як навъ дифоъ аз худу дар як вақт туҳмату фитна ё айбдории бардурӯғ мешуморад. Нуктаи дигар дар бораи озмоиши оташ он аст, ки чунин равише аз назари усули ҳуқуқии имрӯза ҷоиз шумурда намешавад. Баъзе муҳаққиқон (мутобиқ ба манбаҳои ҳуқуқи башарӣ) мегӯянд, ки ишора ба озмоиши оташ бештар як амалкарди суннатии гузаштагони мо будааст. Онро метавон чун як навъ “санҷиши илоҳӣ ва ё суннатӣ” донист. Дар замони имрӯза, ки мурофиаи додрасӣ ба дарёфту

баррасии далелҳо ниёз дорад, чунин санҷиш мавқеияти қонунӣ надорад [13, 281].

Бояд ёдовар шуд, ки агарчи дар шароити пешин (асри бостонӣ) гузаштан аз оташ шояд роҳи ягонаи дифоъ аз худ ҳисоб мешуд, аммо имрӯза равишҳои муосир (муҳокима, таҳқиқи далел, шоҳидон, коршиносон ва ғ.) мавҷуд аст, ки имкони исбот ё инкори гуноҳро медиҳанд. Масалан, агар фарде дар баробари иттиҳом қарор гирад, бояд ҳаққи дифоъ бар асоси рӯйкардҳои ҳуқуқии навинро дошта бошад. Дар акси ҳол, раванди додрасӣ қобили эътироф нест.

Ҳамин тавр, метавон ҷамъбаст намуд, ки адолат ва ҳуқуқ танҳо дар сояи таҳқиқи ҳамаҷониба ва истифодаи усулҳои дақиқи мурофиа таъмин мегарданд. Дар акси ҳол, ҳарчанд шахс бегуноҳии худро изҳор дорад ва бо усули рамзии гузаштан аз оташ низ тасдиқ кунад, боз ҳам эҳтимол дорад, ки душманӣ ва фитна болои ӯ ғолиб шаванд ва сарнавишти ӯ фоҷиавӣ гардад — чуноне ки дар достони Сиёвуш рух дод.

**Ниҳодҳои "таҳқиқу тафтиш" ва "танбеҳу ҷазодиҳӣ".** Яке аз усулҳои муҳими ҳуқуқи муосир, ҷудо будани ниҳодҳои "таҳқиқ ва таҳқиқи ҷиноятӣ" аз ниҳодҳои "танбеҳ ва ҷазодиҳӣ" мебошад. Агарчӣ ин усул дар замони қадим (ки мавриди назари Шоҳнома аст) шояд густариш наёфта бошад ҳам имрӯз он яке аз пояҳои додрасии ҷавҳарист: ҳангоме қонунгузор ё шахси дорои қудрати сиёсӣ (масалан подшоҳ) вазифаи таҳқиқ, баррасии парванда, суд кардан ва ҳамзамон ҷазо доданро дар ихтиёр дорад, эҳтимоли беадолатӣ афзоиш меёбад. Зеро намоён нест, ки оё ин подшоҳ дар рафти мурофиа то чӣ андоза воқеан бетараф аст.

Аз дидгоҳи ҳуқуқи башар, дида мешавад, ки бояд як тарафи «ҳимоя» ё «ҳуқуқи дифоъ аз айбдоршаванда» низ мавҷуд бошад ва таҳқиқ/додрасӣ набояд яктарафа бошад. Дар "Шоҳнома" бисёр саҳнаҳо дида мешаванд, ки шоҳи мутлақ ҳама корро худ бар дӯш дорад: аз барпо намудани мурофиа то содир кардани ҳукм. Ин боис мешавад, ки дар бархе ҳолатҳо, монанди қазияи Сиёвуш, фаъолияти ғаразнок ё ангезаҳои шахсӣ метавонад ба осонӣ дар раванди баровардани ҳукм халал ворид созад [11, 187].

Гузашта аз ин, дар мавриди ин достон, агар дар баробари подшоҳ як "додраси эътимоднок" ё як "ҳайати идоракунӣ" мебуд, шояд сурати кор дигар мешуд. Муҳаққиқ Саноӣ ишора мекунад, ки агар дар як муҳокима танҳо як нафар довар бошад, хатаре вуҷуд дорад, ки ӯ ё мутаассиб аст ё таҳти нуфузи шахсон ё ҳолатҳо қарор мегирад [8, 215]. Дар натиҷа, тасмими ниҳоӣ яктарафа ворид мешавад ва имкон дорад, ки ҳуқуқи гунаҳгор ҳифз ва ё поймол гардад.

Ба ин далел, ҳуқуқшиносони муосир бар он назаранд, ки "дигарсозӣ" ё "тақсими вазифаҳо" дар ниҳоди додгарӣ бар манфиати адолат аст. Худи "Шоҳнома" ҳам дар бархе ривоятҳо дар сабк ё равиши таърихии худ, нишон медиҳад, ки чӣ тавр як нафар чун шоҳ, ки ҳам доварӣ мекунад ва ҳам ҷазо медод, ки боиси сар задани фитнаву ноадолатиҳо мегардад. Дар қазияи Сиёвуш, ки асоси пажӯҳиши мо аст, низ метавон ҳамин мавзуъро дид: подшоҳ дар айни ҳол худаш доварӣ мекунад ва муттаҳамро бештар аз роҳи "имтиҳони оташ" месанҷад. Оқибат, айбдоршаванда (Сиёвуш) ҳарчанд бегуноҳӣ нишон медиҳад, аммо падидаҳои манфӣ идома меёбанд, зеро шахсони дигари дарбор бо рафторҳои гуногун ӯро ҳадафи худ қарор медиҳанд [6].

Бо назари дигар касе пеш аз мурофиаи расмӣ ё ҳатто дар рафти он тасмим бигирад, ки бо "адолати нисбӣ" (манзур — фаҳми шахсии худ) амал кунад, шояд ҷомеа ба мушкил дучор гардад. Чун дар як ҷомеа, бояд як низоми расмӣ (қонунӣ) барои татбиқи адолат ҷой дошта бошад, вагарна ҳар кас бо фикру дониш ва хулосабарории худ амал хоҳад кард ва дар баробари ҷинояткорону ситамгарон роҳгум хоҳад зад.

Дар достон оварда мешавад, ки агар шоҳ (Кайковус) ба сурати одилона, холисона кор мебурд, шояд пеш аз ҳама, фитнаҳо аз байн мерафтанд. Аммо вай, зери таъсири нияти дигарон, ногузир мешавад, ки гузаштан аз оташро роҳи ҳал эълон кунад. Дар ниҳояти кор, бо исботи бегуноҳии Сиёвуш, низ душманиҳо хотима намеёбанд. Ин худ нишондиҳандаи он аст, ки дар як низоми мутамаддини ҳуқуқӣ, кофист танҳо як раванди намоишӣ (монанди гузаштан аз оташ) вуҷуд надошта бошад, балки мавҷудияти таҷзияи қудрат ва муҳофизати ҳуқуқии айбдоршаванда дар ҳар сатҳ зарур аст.

Дар маҷмуъ, "Шоҳнома" яке корномаи беназири ориёитаборон ва ёдовари номаи фарҳанги аҷдодон ба шумор меравад [4, 114]. Дар он, арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ бо ҳам омехтаанд. Пажӯҳишгарон мегӯянд, ки метавон достони Сиёвушро ҳамчун намунаи барҷастаи меъёрҳои додрасӣ дар адабиёти бостон арзёбӣ кард. Хусусан:

Принсипи бароъат (сафедкунӣ): то исботи гуноҳи фарде набояд ӯро гунаҳкор донист;

Додрасии одилона: зарурати дифоъ аз муттаҳам ва баррасии даъво дар як муҳити беғараз;

Ҷудо будани қудрат: то шоҳ (ё як ниҳоди танҳо) ҳам таҳқиқу санҷиш накунад ва ҳам ҷазо надиҳад.

Бар пояи ин нуктаҳо, агар дар замони бостон чунин механизме вуҷуд надошт (яъне шоҳ худ идоракунии таҳқиқӣ, тафтиш ва ҷазоро дар даст

дошт), боиси он мегардид, ки дар достонҳое мисли "Сиёвуш" ноадолатӣ ба вуқӯъ ояд. Равшан аст, ки Фирдавсӣ мехоҳад бо тасвирҳои рамзӣ, паёми ҳуқуқӣ ва ахлоқиро бирасонад: бидуни адолати ҳамаҷониба, ҳатто бегуноҳтарин шахс ҳам метавонад қурбонии тавтеаву душманӣ гардад.

Ҳамин гуна, "мурофиаи одилона" ё таҳлили ҳуқуқии достонҳои «Шоҳнома», чунон ки дар достони Сиёвуш дида мешавад, як роҳи муносибест, то фаҳмем, ки чӣ гуна дар гузашта бархе усулҳои ҳуқуқӣ ва додгоҳӣ (гарчанде ба шакли рамзӣ) зоҳир гардидаанд. Дар айни ҳол, овардани ин боб барои ҷомеаи имрӯз низ фоидаовар аст то бидонем, ки гузаштаи мо чӣ хазинаи илмие дар ин раванд барои имрӯз ва фардо доранд.

Хулоса, дар достони Сиёвуш мисолҳои зиёде аз бархӯрдҳои ҷиноятӣ, мурофиаи додрасӣ ва равишҳои гуногуни баррасии парванда дида мешавад. Ҳамчунин, якчанд унсури муҳими ҳуқуқӣ ва усули адолат дар ин достон намоёнанд. Вале, бар асари сабабҳое монанди набудани ҷудоии мақоми таҳқиқ ва танбеҳ, инчунин дахолати шоҳ ва душманони атроф дар раванди мурофиа, мо мебинем, ки натиҷа ба суди «муҳити адолатгаро» намеанҷомад. Дар ниҳоят, бегуноҳии Сиёвуш (бо гузаштан аз оташ) низ натавонист ӯро аз фитна ва душманиҳои дарбор эмин дорад. Чунончи, агар мо ҳуқуқи имрӯза ва системаи додрасии муосирро дар баробари ин қазия ба кор бигирем, дарк мекунем, ки набудани "додрасии одилона (мунсифона)" дар он замон чи гуна сабаби дур мондани адолат гардидааст.

**Адабиёт:**


**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1994. (Бо тағйиру иловаҳои минбаъда).

**2.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, нашри расмӣ.

**3.** Котузиён, Н. Фалсафаи ҳуқуқ/Н.Котузиён.- Теҳрон: Саҳҳомии интишор, 1395

**4.** Козарӣ, Р. Шоҳнома ҳамчун манбаи ҳуқуқ ва таърих/Р.Козарӣ. - Маҷаллаи "Нашри Академик", 1394.

**5.** Мафҳуми "ҳувияти миллӣ" ва аҳамияти он дар устувории ҷомеа. // Маркази иттилооти Тоҷикистон, 2023. – URL: https://example.com (дастрасӣ: 17.12.2024).

**6.** Мирзоев М. Ҳ. Нақши таърихӣ ва ҳуқуқии "Шоҳнома" дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллат/М.Ҳ. Мирзоев. – Душанбе, 2020.

**7.** Сиккинӣ, А. Сиёвуш дар Шоҳнома: рамз ва адолат/А.Сиккинӣ. – Теҳрон, Нашри Фарҳанг, 1394.

**8.** Саноӣ, Ҷ. Нақши подшоҳ дар ҳифзи адолати иҷтимоӣ/Ҷ.Саноӣ.- Таҳқиқоти ҳуқуқ ва ҷомеа. –1393. С. 215.

**9.** Фирдавсӣ, Абулқосим. *Шоҳнома* / [Матн] Ф. Абулқосим / [Матн] / бо тасҳеҳи Ҷалол Холиқи Мутлақ. – Теҳрон: Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1386 ҳ. – Ҷ. 1-11.

**10.** Фирдавсӣ, Абулқосим. *Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд.* / [Матн] / Таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. Ҳайати таҳр.: М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М. Н. Османов, Х. Шарифов, М. Қаноат.— Душанбе: Адиб, 1987.

**11.** Холиқӣ. М. Раванди мурофиаи додгоҳӣ дар Шоҳнома. Таҳқиқоти Фирдавсӣ. – 1399. – Ҷ.4.

**12.** Ҳусайнқулӣ, К. Таҳлили ҳуқуқи мурофиавӣ дар адабиёти форсӣ/К.Ҳусайнқулӣ. – Теҳрон,1386.

**13.** Ҳорвандӣ, С. Муқоисаи ҳуқуқи қадим ва муосир дар адабиёт/ С.Ҳорвандӣ // Маҷаллаи ҳуқуқи қонунгузорӣ. – 1386. – С. 281.



**Майнусов Дониш Фазлиддинович** - кандидат филологических наук, доцент, Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, докторант кафедры теории и истории государства и права. E-mail: Donish-1987@mail.ru.


**Правовой и социальный анализ истории Сиовуша в «Шахнаме» Фирдоуси**


В данной статье рассматривается история Сиявуша из «Шахнаме» Фирдавси с акцентом на правовые, моральные и социальные аспекты. Автор, используя методы современного правового и социологического анализа, оценивает механизмы правосудия прошлого в сравнении с нормами современной судебной справедливости. В частности, анализируются такие концепты, как «справедливое судопроизводство», «принцип невиновности» и «разделение судебной власти» в древней правовой системе с критической точки зрения. В статье также обсуждается взаимосвязь между правом, культурой и справедливостью. Это исследование подчеркивает важность «Шахнаме» как ценного источника для изучения права и социальной морали.



**Ключевые слова:** Шахнаме, Фирдавси, Сиявуш, справедливое судопроизводство, древнее право, социология, справедливость, клевета, правосудие, культура.



**Mainusov Donish Fazliddinovich** - candidate of philological sciences, associate professor, Tajik State University of Law, Business and Politics, doctoral student of the department of theory and history of state and law. E-mail: Donish-1987@mail.ru.

**Legal and social analysis of the story of Siyovush in Firdawsi's "Shahnameh"**

The given article explores the story of Siyavush from Ferdowsi's Shahnameh, with particular emphasis on its legal, ethical, and social dimensions. Drawing on modern methods of legal analysis and sociology, the author evaluates ancient systems of justice in comparison with today's standards of judicial fairness. Special focus is placed on the concepts of a "fair trial," the "presumption of innocence," and the "separation of judicial powers," critically examining how these ideas were reflected in the legal traditions of the past. The article also contemplates the dynamic relationship between law, culture, and justice. This research underscores the significance of the Shahnameh as a valuable source for understanding legal principles and social ethics.

**Keywords:** Shahnameh, Ferdowsi, Siyavush, fair trial, ancient law, sociology, justice, slander, adjudication, culture.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМ ВА МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

**Ҳусаинова Шаҳнура Маннoновна** - муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқшиносии ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд

Дар ҳама давру замон, дар масири илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ ва таҳлил намудани таъмини волияти қонун, арзиши олӣ доштани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) муҳиммияти худро гум наменамояд. Таъмини ҳифзи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятkорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳз унсурҳои таркибии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад.

Дар мақола, асосҳои илмӣ – назариявии мафҳуми фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо дарназардошти андешаҳои олимони ватанӣ ва ҳориҷӣ, таҷрибаи қонунгузории миллӣ, зери таҳлил қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия, ташаккул, рушд, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ислоҳот, кодекс, ҳуқуқвайронкунӣ.

Дар Ҷумҳурии муосири Тоҷикистон таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат ба шумор рафта, «таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст» [8].

Дар ҳамин асос, гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқии мусоидаткунанда ба рушди низоми нави ҳуқуқӣ, таъмини фаъолияти самараноки ҳуқуқэҷодкунӣ дар марҳилаи нави рушди давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, ташаккул ва рушди тағйиротҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсву ҳуқуқӣ ва ниҳоят таҳаввулот дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати таҳлил ва баррасӣ намудани мушкилоти гуногунро ба миён овардааст.

Дар асоси муқаррароти м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф ва ба расмият даровaрда шудаанд, ҳифз мегарданд [1].

Вобаста ба ин, фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ба таъмини ҳифзи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятkорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳз ба зиммаи онҳо вогузор карда шуда, дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ фаъолияти мақомоти мазкур, ҳамчун фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ёдрас мегарданд. Илова намудан бамаврид аст, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии рушди Тоҷикистони муосир на танҳо аз ҷиҳати амалӣ, балки аз ҷиҳати назариявӣ низ бояд таҳқиқ карда шавад.

Дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи милитсия, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифроз доштанд, ки «Қӯшунҳои дохилӣ яке аз сохторҳои муҳимми Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳисоб рафта, саҳми онҳо дар таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷиноятkорӣ ва дигар омилҳои халалдоркунандаи ҳаёти осоиштаи мардум басо арзишманд мебошад» [17].

Воқеан фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти корҳои дохилӣ кафили асосии суботи миллӣ ва таъмин гардидани волоияти қонун ба шумор меравад ва аз ҷиҳати илмӣ - назариявӣ баррасӣ ва таҳлил намудани он метавонад барои минбаъд муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти давлатӣ, густариш додани самтҳои асосӣ, мушаххас гардонидани шакл ва усулҳои фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Ҳақ бар ҷониби олими тоҷик А.Ғ. Холиқзода, ки менависад: эътироф ва ҳифз намудани арзишҳои умумибашарӣ ҳамчун инъикоси зеҳни солими ҷомеа ба шумор меравад [19, 4].

Илова намудан бамаврид аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ одатан дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Фаъолияти мазкур мустақиман ё ғайримустақим ба мақсади ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, рушди минбаъдаи иқтисодиёт, таъмини бечунучарои некӯаҳволии ҷамъиятӣ, таъмини пешрафти илм ва техника, соҳаҳои фарҳанг ва маориф, фароҳам овардани шароит барои нигоҳ доштан ва таъмин намудани амнияти давлат ва ҷамъият, қобилияти мудофиавии он, таъмини волои-

яти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ ва инчунин иҷрои дигар вазифаҳои муҳимро дар бар мегирад.

Дар низоми муносибатҳои мазкур мақоми калидиро фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ишғол менамояд. Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ яке аз самтҳои калидии рушди давлат ва идоракунии давлатӣ ба шумор рафта, мақсади асосии он дар таъмини арзиши олӣ доштани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд арзёбӣ карда мешавад

Тибқи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ба андешаи олими тоҷик С.Ҳ. Ҳасанов, фаъолияти ҳифз намудан чунин самти таъсиррасонии ҳуқуқиест, ки ба таъмин намудан ва ҳифзи муносибатҳои мусбӣ ва танг карда баровардани муносибатҳои зарарноки ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Функсияи муҳофизатӣ барои пешгирӣ ва барҳам додани рафтори хилофи ҳуқуқ нигаронида шудааст [20, 320].

Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ба шумор рафта, тавассути он ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ҳифз карда шуда, он дар шакли таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, гузаронидани корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишот, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, амалӣ намудани назорати умумии прокурорӣ ва шаклҳои дигари дар қонунгузорӣ муқарраршуда ба роҳ монда мешавад [16, 432].

Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ андеша дорад олими рус С.С. Алексеев, яке аз шаклҳои амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ ба шумор рафта, тавассути он ҳуқуқи омма, яъне ташкилу фаъолияти давлат ва мақомоти давлатӣ чун ҳокимияти оммавӣ, роҳандозӣ намудани фаъолияти онҳо, шахсони мансабдори онҳо (хизматчиёни давлатӣ) дар шакли таъқиби ҳуқуқвайронӣ, татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ таъмин, танзим ва амалӣ карда мешавад [10]. Ба андешаи номбурда, дар навбати худ, ин намуди фаъолият ҳамчун муносибатҳои амудӣ номбар карда мешавад [10].

Аз гуфтаҳои мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, пеш аз ҳама фаъолияти махсусгардонидашудаи давлат ва мақомоти давлатӣ аст.

Дар навбати дигар он тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда дар шакли расмӣ ба роҳ монда мешавад ва чи тавре муҳаққиқ А.В. Тарасов менависад, барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ яке аз фаъолиятҳои асосии онҳо ба шумор меравад ва ҳамчун яке аз намудҳои ҳатмии фаъолияти давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти махсус ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад [18, 300].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ инчунин равишҳое мавҷуданд, ки тибқи онҳо мафҳуми «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» ва мафҳуми «фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ» духура баҳогузорӣ карда мешаванд. Вобаста ба мушкилоти мазкур, як зумра олимон андеша доранд, ки мақомоти адвокатура ва нотариати давлатӣ ба ҷумлаи мақомоти ба фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ машғулбуда шомил шуда наметавонанд [11, 8]. Гурӯҳи дигари олимон бошанд, мафҳуми «фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ»-ро танҳо бо мубориза бар зидди ҷинояткорӣ маънидод мекунанд [11, 12, 15].

Аз нуқтаи назари мо мафҳуми «фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ» ба маънои маҳдуд аз тарафи муҳаққиқони рус К.Ф. Гутсенко, М.А. Ковалев қобили қабул аст, ки мувофиқи он «фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ» чунин фаъолияти давлатиест, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷониби мақомоти махсус ваколатдоршуда, бо роҳи татбиқи чораҳои ҳуқуқии тибқи қонун муқарраршуда ва риояи бечунучарои тартиби муқарраркардаи он анҷом дода мешавад [12, 126].

Дар навбати худ, «фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» ҳамчун яке аз шаклхои фаъолияти давлатӣ хусусиёти хосро дорад. Яъне он ҳамчун фаъолияти махсусгардонидашуда ва расмӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуӣ мустаҳкам карда шудааст. Масалан, дар қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла, дар моддаи 1 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» муқаррар шудааст, ки милитсия мақоми давлатии ҳифзи ҳуқуқ мебошад ва фаъолияти ҳифзи ҳуқукро амалӣ менамояд [7].

Ба ҳамин, мафҳуми шабеҳро дар меъёрҳои м. 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», [2] ва дар банди 1 Низомнома дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Точикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2007, № 143 [9] тасдиқ карда шудааст, дидан мумкин аст

Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати пешбарандаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, андоз, гумрук, адлия, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия баромад намуда, аз рӯи нишонаҳои мазкур мақомоти зикршуда вазифаи муштарак доранд, ки он аз фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ иборат аст. Адвокатура бошад, дар бобати ба амал баровардани фаъолияти зикргардидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд. Ташкили ин мақомот ва фаъолияти онҳо дар қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва қонунҳои мурофиавӣ дарҷ гардидаанд. [14].

Фаъолияти мақомоти дахлдорро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст.

Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 110 КҶ ҶТ қасдона расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ҳамчун ҷиноят эътироф гардида, нисбати он чораи ҳуқуқӣ дар шакли ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ карда

шудааст [5]. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бошад, дар навбати худ доираи мақомотеро пешбинӣ менамояд, ки онҳо барои пешбурди тафтишот ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ мазкур ваколатдор гардидаанд. Вобаста ба ин тафтиши пешакии ҷиноятӣ зикргардида аз тарафи муфаттиши мақомоти корҳои дохил ба амал бароварда шуда, тасдиқи хулосаи айбдоркунӣ ба зиммаи прокурор вогузор гардидааст ва баррасии парванда аз тарафи суди шаҳрӣ (ноҳиявӣ) ба амал бароварда мешавад [6].

Суд вобаста ба мазмун ва фаъолияти худ мақоми махсусест, ки амалӣ намудани адолати судӣ аз тарафи конунгузории амалкунанда ба салоҳияти он вогузор шудааст. Яъне мақомоти дигари давлатӣ барои амалӣ намудани адолати судӣ салоҳиятдор набуда, барои ба амал баровардани он ҳуқуқ надорад.

Суд парвандаҳоро бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавӣ баррасӣ менамояд, дар маҷлиси судӣ далелҳоро муҳокима мекунад, тарафҳоро мешунавад ва санадҳои дахлдори судӣ қабул менамояд. Суди зинаи болоӣ бошад, қарорҳои қабулнамудаи зинаи судии поёниро ба таври касатсионӣ ва назоратӣ тафтиш менамояд.

Мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ба монанди мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, андоз, гумрук низ фаъолияти худро оид ба ҳифзи ҳуқуқ дар доираи қонун ва тартиби муайянкардаи он ба роҳ мемонад.

Хулоса, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ яке аз шаклҳои фаъолияти расмӣ ва махсусгардонидашудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ буда, ба мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат, шахсони ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад. Баррасии паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба сифати матлаби таҳқиқоти минбаъда баромад менамояд.

### Адабиёт


**1.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 126 с.

**2.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – дастрасӣ аз: http://adlia.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – дастрасӣ аз: http://adlia.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**4.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – дастрасӣ аз: http://adlia.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**5.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/. (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**6.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/. (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – дастрасӣ аз: http://adlia.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**8.** Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст. Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – дастрасӣ аз: http://adlia.tj/ (санаи мурочиат: 20.11.2025).

**9.** Низомнома дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Точикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2007, № 143 тасдиқ шудааст. [Матн]: // Бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]: – дастрасӣ аз: http://adlia.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2025).

**10.** Алексеев С.С. Теория государства и права. [Текст]. учебник. – М., 1998. – 757 с. [Махзани электронӣ]: - дастрасӣ аз: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1725690446&tld=ru&name=7x1dmcnfg141ttc2ptnws1o5e5a3c08k.pdf&text (санаи мурчиат: 24.11.2025).

**11.** Григонис Э.П. Правоохранительные органы. – СПб.: Питер, 2001. - 264с.

**12.** Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. Правоохранительные органы. Учебник для юридических вузов и факультетов // под ред. Куценко К.Ф. М.: «Зеркало», 2007. – 421 с.

**13.** Лебедев В.М. Судебная власть в современной России: проблемы становления и развития. – СПб.: Санкт – Петербургский госуниверситет, «Лань», 2001. – 382 с.

**14.** Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. Душанбе, «ЭР - граф», 2019. – 304с.

**15.** Правоохранительные органы России [Текст]: учебник: учебник для студентов высших учебных заведений, обучающихся по юридическим специальностям / [Божьев В. П. и др.]; под ред. В. П. Божьева. - 3-е изд., перераб. и доп. - Москва: Юрайт, 2011. - 333 с.

**16.** Сотивалдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Қ. 2. – Душанбе. Империал – Групп, 2010. – 654 с.

**17.** Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи милитсия дар қисми ҳарбии 3502-и қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ. Махзани электронӣ: Дастрасӣ аз: https:// prezident.tj (Санаи муроҷиат 22.11.2025)

**18.** Тарасов А.М. К вопросу о понятии правоохранительной деятельности и о правоохранительных органах // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – №4 (44). – С. 299 – 308.

**19.** Холиқзода А.Г. Шоев З.Ч., Шосаидзода Ш.Ш. Назаре ба асрори ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон. Монография. – Душанбе: Эр – Граф, 2023. – 228 с.

**20.** Ҳасанов С.Ҳ. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ (бо тағйироту иловаҳо). – Душанбе: Илм, 2017. – 496 с.

**Хусаинова Шахнура Манноновна** - ст. преподаватель кафедры юриспруденции ИЭТ ТГУК в г. Худжанд

## Некоторые теоретические вопросы понятия и сущности правоохранительной деятельности

Во все времена на пути развития юридической науки анализ и не утрачивают своей актуальности исследование обеспечения верховенства закона, признания высшей ценностью права, свободы и законных интересов человека и гражданина, а также определение этих категорий в качестве одного из приоритетных направлений деятельности государственных органов (правоохранительных органов). Обеспечение соблюдения законности, правопорядка, борьба с правонарушениями и преступностью, защита прав и свобод человека и гражданина представляют собой именно те составные элементы, которые формируют содержание правоохранительной деятельности.

В статье, с учётом мнений отечественных и зарубежных учёных, а также опыта национального законодательства рассматриваются научно-теоретические основы понятия правоохранительной деятельности.

В современной эпохе не теряет свою актуальность анализ и рассмотрение научно-теоретических и историко-правовых основ становления и развития отдельных аспектов государственности независимого Таджикистана. В статье, с учетом мнений учёных и исследователей теории, истории государства и права анализируются историко-правовые основы становления и развития правоохранительных органов в период становления Советской власти на территории Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Конституция, формирование, развитие, правоохранительная деятельность, правоохранительные органы, реформа, кодекс, правонарушение.

**Khusainova Sh.M.**

## Some theoretical issues of the concept and essence of law enforcement activities

Throughout the development of legal science, the analysis and study of the rule of law, the recognition of the rights, freedoms, and legitimate interests of individuals and citizens as the highest value, and the identification of these categories as a priority area of activity for government agencies (law enforcement agencies) remain relevant. Ensuring compliance with the law and order, combating offenses and crime, and protecting the rights and freedoms of individuals and citizens constitute the very components that shape the content of law enforcement.

This article, taking into account the opinions of domestic and foreign scholars, as well as the experience of national legislation, examines the scientific and theoretical foundations of the concept of law enforcement.

**Key words:** Republic of Tajikistan, Constitution, formation, development, law enforcement, law enforcement agencies, reform, code, offense.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 4/1 (57) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025

# АСОСҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ НИҲОДИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ ВА ИДОРАКУНИИ ҲАРБӢ ДАР АСРИ VIII

**Хушвахтзода Хуршед Худойқул -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия, Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, сардори кафедра.

Дар мақолаи мазкур равандҳои ташаккул ва рушди идоракунии ҳарбӣ дар Тоҷикистон то асри VIII мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки низоми идоракунии ҳарбӣ дар ин сарзамин дар давраҳои гуногуни таърихӣ тадриҷан ташаккул ёфтааст. Пас аз забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби арабҳо, дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ҳарбӣ тағйироти куллӣ ба амал омада, унсурҳои нави идорӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷорӣ гардидаанд, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии халқҳои минтақа таъсири назаррас расониданд.

Инчунин дар мақола зикр мегардад, ки дар заминаи тамаддуни исломӣ шакли нави давлатдорӣ – Хилофат ба вуҷуд омад. Дар ҳудуди Хилофат афроде, ки дини Исломро қабул наму-данд, мақоми баробари мусулмониро соҳиб гарди-да, дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳуқуқу ухдадориҳои муайян бархурдор мешуданд. Идоракунии ҳарбӣ дар давлати Хилофат мутамар-каз буда, ба салоҳияти сардори давлат – Халифа тааллуқ дошт, ки ҳамзамон роҳбари динӣ ва сарфармондеҳи артиш эътироф мегирадид. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳар як шакли давлатдорӣ дар руш-ди ҳаёти ҷамъиятии мардум нақши муайян бозида, марҳилаҳои мушаххаси ташкил ва рушдро аз сар гузаронидааст.

**Калидвожа:** Хизмати ҳарбӣ, **и**доракунии ҳарбӣ, Хилофат, Осиёи Марказӣ, низом, Тоҷикистон, тамаддуни исломӣ, низоми ҳарбӣ, теократия, сулола

Идоракунии ҳарбӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ то асри VIII аллакай якчанд марҳилаи ташаккул ва такмилро гузаштааст. Ҳудуди Тоҷи-кистони муосир дар асри VIII дар ҳайати Хилофа-ти Араб буд, ки артиши Сосониёнро торумор карда, сарзамини васеъи онро ба Хилофат муттаҳид намуд [1, 5]. Аксари андеша ва падидаҳои идораи низомии сулолаҳои пешинро арабҳо пай дар пай омӯхтанд, вале дар марҳилаи аввали ташаккули он ҳанӯз дар асоси усулҳои идораи низомии мутараққии Сосониён сохта мешуд.

Бояд гуфт, ки идораи ҳарбӣ дар оғози давлат-дории арабҳо содда буда, Паёмбар Муҳаммад (с) ва баъд аз ӯ халифаҳое, ки ба ҷойи ӯ меоянд, сардорони низомиро ба самтҳои асосии амалиёти ҷангӣ таъйин мекарданд ва онҳо танҳо ба халифа-ҳо тобеъ буданд. Баъзан сардорони ҳарбиро тобеъ ба ҳокимони маҳаллӣ таъйин менамуданд, то раф-тори онҳоро дар замони осоишта ва чорабиниҳои ҳарбӣ, инчунин мувофиқ будани амали онҳоро ба манфиатҳои миллӣ назорат намоянд.

Чунон ки маълум аст, дар нимҷазираи Араб пайдо шудани дини ислом асоси таҳкими давлатдории нави хилофати арабу исломӣ гардид. Дар асри VII аввалин давлати ҳарбӣ - теократии араб ба вуҷуд омад, ки сарвари он Пайғомбар Муҳаммад (с) (с. 570-632) буд. Ӯ дар дасти худ ҳам қудрати динӣ ва ҳам дунявиро дошт. Хилофати арабу исломӣ дар адабиёти таърихӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун давлати теократӣ тавсиф мешавад, аммо дар воқеъ, дар як давраи хеле бузурги таърихи худ он давлати ҳарбӣ дар пояи дини ислом ва нерӯи ҳарбӣ асос ёфта буд. Истилои Арабу исломӣ дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд хеле зуд суръат гирифта, илова бар ин, истилогарон ба муқобили Византия ва Эрон артиши худро равона карданд. Арабҳо дар як муддати нисбатан кӯтоҳ Сурия, Фаластин, Месопотамия (Байнаннаҳрайн), Миср ва Эрони Сосониро забт карда, дар миёнаи асри VII ба соҳилҳои Амударё наздик шуданд. Муаррихон таърихи истилои Осиёи Марказиро ба ду марҳила тақсим намудаанд: 1) аз соли 652 то 703 ва 2) 704 то 715 давом кардааст, вале ба андешаи академик Б. Ғ. Ғафуров марҳилаи дуюм то соли 750 [2, 476] давом намудааст. Ҳокимияти Хилофат дар ин ҷо неруманд ва дини ислом устувор буд, ҳарчанд зидди ин вазъият зуд-зуд шӯришҳо ба амал меомаданд [3, 32, 57].

Истилои араб на танҳо бо заъфи ҳарбию сиёсии Византия ва Эрон, ки дар байни худ ҷангҳои дуру дароз мебурданд, балки бо тезу тунд шудани зиддиятҳои синфӣ, пурзӯр шудани саъю кӯшиши ҷудоихоҳии феодалони ҳукмрон ва ба ин муносибат заиф шудани ҳукумати марказӣ тавзеҳ дода мешуданд. Дар истилои Хуросон ва Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо низоми ҳарбӣ ва санъати ҳарбӣ нақши ҳалкунанда бозиданд. Муваффақияти арабҳо дар истилои Хуросону Мовароуннахр ба шарофати парокандагии сиёсии Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин ҳадафу ғояҳои олӣ – истиқрори ислом, фиқҳ, аслҳои баробарӣ, барода-рӣ ва адолат буд. Ин ақидаҳо, ки

тахти онҳо сарбо-зони одӣ «тарбия» ёфта буданд, волиён ва сардо-рони ҳарбии араб моҳирона истифода мебурданд. Аз тарафи дигар, ҳокимони маҳаллӣ бо кӯмаки қувваи ҳарбии иборат аз деҳқонон ва дастаҳои онҳо аз арабҳо на танҳо сарзамини худро, балки имтиёзҳои ҳокимиятӣ ва боигарии шахсии худро дифоъ мекарданд. Оммаи халқ бинобар шароити иҷтимоии он замон, имконияти ба дасти худ ги-рифтани зимоми мубориза бар зидди истилога-ронро надошт ва ба қадри кифоя мусаллаҳ набуд. Ҳуҷуми арабҳо ва сифати идоракунии ҳарбии артиш нақши ҳалкунандаро дар истилои Осиёи Марказӣ ва тобеъ намудани он ба Хилофат бозид.

Давлатдории нав, дар заминаи тамаддуни исломӣ – Хилофат ба вуҷуд омад. Он на танҳо ба рушди сарчашмаҳои нодири ҳуқуқӣ ва оилаи нави ҳуқуқӣ мусоидат намуд, балки аксар андешаҳои нав дар ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ, аз ҷумла идоракунии ҳарбӣ ворид намуд.

Бояд гуфт, ки синкретизми ҳокимияти давлатии мулкӣ ва ҳарбӣ, ки хоси давраи ҳукмронии худи Пайғомбари ислом (с. 622 - 632) ва чор хулафои минбаъда буд (с.632 - 661), минбаъд ҷамъ омадани ҳокимияти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия, судӣ ва ҳарбӣ дар як даст тадриҷан тағйир ёфта, ҳар яке аз ин шохаҳои ҳокимият мустақилият ба даст овард. Яке аз аввалин иқдоми Хилофат тайин намудани намояндагон дар маҳалҳо бо мақсади ҳифзи сарҳад, бурдани ҷанг, таҳкими ислом ва ҳокимия-ти Хилофати Араб дар ҳудуди нав буд. Сардори ҳарбӣ дар Хилофат нисбат ба як мансабдори ҳарбӣ мақоми баландтар дошт ва салоҳияти васеътар ба ӯ хос буд. Худи Муҳаммад (с) ва асҳо-би ӯ дар ҷангҳои сершумор ширкат намуда, душманони худро ба таслим шудан маҷбур мекарданд ва бо ин роҳ пирӯзии дини нав – ислом-ро дар Арабистон - дар ҳудуди фатҳшудаи он таъмин менамуданд. Онҳо кадом нақшро доштани низомиён дар ҷомеа, хусусан сардорони қисмҳои ҳарбиро, ки ҳаёт ва амнияти мусулмонон ва сокинони манотиқи тобеи он аз рафтору тарзи зиндагии ҳарбиён вобастагӣ дорад, хуб дарк мекарданд. Аслан дар асрҳои аввали пайдоиши ислом, дар мавзеъҳои беканор аз кӯҳҳои Помир то Африқо ва Аврупои Ғарбӣ, ки дар ҳудуди онҳо мусулмонон муттаҳид шуда буданд, низомиён ноқилони асосии фарҳанги ислом ва паҳнкунан-даи дини нав буданд. Инчунин, дар бораи ба тари-қи аҳдномавӣ паҳн шудани ҳокимияти Хилофат ба ҳудудҳои нав қайд кардан мумкин аст, ки дар ҷараёни он ҳарбиён саҳми бузург гузоштаанд. Ҳарбиён аз номи давлати араб шартнома мебас-танд. Мазмуни он шартномаҳои сулҳ дар адабиёти илмӣ ва таърихӣ оварда шудааст [4, 11]. Ҷолиб он аст, ки матнҳои шартномаҳо асосан масъалаҳои эътирофи ҳокимияти нав, пардохти баъзе навъҳои андоз ё пардохтҳо, сарпарастии зиммиён, яъне шахсоне, ки эътиқоди навро қабул накарданд, вале қудрати мусулмононро эътироф карданд, дар бар мегирифтанд ва муайян менамуданд. Ба унвони мисол матни яке аз ин шартномаҳоро мисол мео-рем: «Ба номи Худои бахшояндаву меҳрубон, ин сипоснома ба Ҳабиб ибн Маслам дода шуд, ки ӯ насронӣ аз шаҳри Дебила буда, ба афсунгарон ва яҳудиёни ҳозиру ғоиб, ки ман ба шумо шахс ва моли шумо, калисоҳо ва маъбадҳоятонро кафолат медиҳам ва мо ӯҳдадор мешавем, ки бо шумо паймонро ба ҷо оварем, модоме ки худатон онро иҷро кунед ва ҷизя ва хироҷро пардохт кунед, ки барои он Худо, ки боэътимодтарин зомин аст ва кафолат медиҳад» [5, 34].

Матни ин шартнома, инчунин дигар шартномаҳо, ки дар таҳқиқоти мо омӯхта мешаванд, мавқеи воқеии низомиёнро дар паҳн кардани на танҳо қудрати Хилофати Араб, ҷойгиркунии мусулмонони араб дар қаламравҳои нав, балки иштироки онҳоро дар ҳалли муҳимта-рин вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ нишон меди-ҳад. Дар ҳамин шартномаҳо масъалаҳои андоз-бандӣ ё хироҷ баррасӣ шуда, ниҳоят дар маҳалҳо ҳал карда мешуданд. Ғайр аз ин, дар ин созишно-маҳо вазъи ҳуқуқии гурӯҳи алоҳидаи сокинон муқаррар карда шудаанд. Чунон ки аз матни шартнома дида мешавад, дарҳол пас аз имзои шартнома сокинони маҳаллӣ, ки ба он розӣ шуда, имзо мекарданд ва мақоми нав, яъне мақоми шахси ҳифзшаванда-зиммиро соҳиб мешуданд.

Онҳое, ки дини исломро пазируфтанд, мақоми ҳамдин бо мусулмононро ба даст меоварданд, яъне дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳудуди Хилофат афзалият пайдо мекарданд. Ҷузъи дигари аҳолӣ, ки ба дини худ содиқ монда, дини исломро қабул накарданд, мақоми зиммӣ – пайрави динҳои тавҳидиро соҳиб мешуданд, ки пайравони ин динҳо низ аз ҷониби мусалмонон пазируфта ва ҳифз карда мешуданд, вале онҳо ҳуқуқи доштани силоҳи ҷангиро надоштанд. Силоҳ ба даст гирифтан ба онҳо қатъиян манъ буд ва бо ин сабаб ба сафи артиши Хилофат даъват карда намешуданд. Одатан, дорандагони ин мақом дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ маҳдуд карда намешуданд. Онҳо дар шартномаю созишномаҳо ҳамчун тарафҳои баробарҳуқуқ баромад карда, инчунин мансабҳои гуногунро ишғол мекарданд [6,86-89]. Аммо дар муносибат-ҳои ҳуқуқии оммавӣ зиммӣ ҳуқуқҳои маҳдуд дошт [7, 89]. Бояд гуфт, ки мавқеи воқеии ашхоси соҳиби ин мақом дар амал на ҳамеша бо

мақоми ҳуқуқии муайянкардаи таълимоти ҳуқуқи исломӣ ва созиш-номаҳо бо онҳо мувофиқат мекарданд. Тибқи вазифаашон, онҳо ҳақ надоштанд, ки афсари низо-мӣ бошанд ва ё ба идораи ҳарбӣ машғул шаванд. Аммо дар баъзе маврид, халифаҳои алоҳида зим-миҳоро ба вазифаҳои вазир, омил – ҷамъкунандаи андоз, мансабдори ҳарбӣ ва ғайра таъин мекарданд.

Уҳдадориҳои дигаре, ки мувофиқи шартнома бар дӯши зиммиҳо гузошта шуда буд, ин пардохти андоз буд [8, 34]. Дар робита бо зиммиҳо, ҳуқуқи ислом ҷамъоварии андози сарикасиро бо мақсади ҳифзи молу мулки онҳо, тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷой-ҳои иқомат ва риояи озодии динашон иҷозат медод [9,114,121]. Ҷамъоварии ин андоз бо низоми-ён низ алоқаманд мекарданд, чунки он бояд хароҷоти асосии бучаро, ки барои дастгирии низо-миён вобаста ба фаъолияти онҳо сарф мешавад, фаро мегирифт. Ин навъи андоз ҷизя ном дошта андози сарикасӣ аз ғайримусулмонони пайравони динҳои тавҳидӣ рӯёнида мешуд.

Асосан, зиммиҳо ин андозро ихтиёран месупо-риданд. Онҳое, ки намехоҳанд ин андозро супо-ранд, метавонистанд яке аз се шартро интихоб кунанд: Исломро қабул кунанд, минтақаи ишғолкардаи мусулмононро тарк кунанд; мавриди ҷазо қарор бигиранд.

Дар баробари ин, риояи қонуният ва созишно-маҳои меъёрӣ на танҳо ба сокинони одӣ, балки ба амалдорони ҳарбӣ низ хос буд. Мусулмонон бо қувваи бартарии ҳарбӣ таҳдид намуда, аз аҳолии забтшуда иҷрои уҳдадориҳои худро сахт талаб намуда, худашон дар татбиқи қатъии меъёрҳои шартномаҳо намуна нишон медоданд ва ба зим-маи худ уҳдадориҳо мегирифтанд. Таърихи пешра-вии артиши Хилофат баёнгари он аст, ки худи онҳо иҷрои аҳду паймонро на танҳо тарафи дигар, балки худи мусулмонон низ ба таври ҷиддӣ назорат мекарданд. Ин сахтгирии риояи меъёрҳо, зиммиҳоро, на камтар аз ғайрати динии мусалмо-нон дар иҷрои талаботи дин ба худ сахт ҷалб мекард. Агар воқеан иҷрои шартномаҳо ва меъёр-ҳои созишномаҳо имконнопазир бошад, афсарони низомии мусалмон андози ситонидашударо дар шакли комилу пурра, бо узрхоҳӣ ба андозсупо-ранда бармегардониданд. Ин гуна ҳолатҳо хеле кам ба назар мерасанд, вале новобаста ба ин баъзе ҳолатҳое, ки мо дар таҳқиқи масъала мушоҳида намудем ба воқеияти он шаҳодат медиҳанд. Мисо-ли равшан, ҳодисаи зерин аст: Ҳангоме импера-тори Византия Ҳиракл бо лашкари зиёд ба Димишқ ва Ҳимс лашкар кашид, гарнизони хурди ин шаҳрҳо зиммиҳоро ҳимоят карда натавонист ва тасмим гирифтанд, ки андози ситонидашуда - ҷизяро ба онҳо баргардонад. Бархе аз масеҳиён ва намояндагони динҳои дигар аз самимият ва инсо-фи ҳукумати исломӣ мутмаин шуда, исломро қабул карданд ва дар якҷоягӣ бо мусулмонон ба муқобили артиши императори Византия мубориза бурданд[10,50]. Ҳамин тариқ, адолат дар муноси-батҳо, ҳимоя ва иҷрои талаботи шартномавӣ аз ҷониби ҳарбиён ба таҳкими боварии аҳолӣ ба мақомот, ҳокимияти давлатӣ, махсусан дар маҳалҳо мусоидат намуд.

Масъалаҳои идораи ҳарбӣ дар Хилофат бо салоҳиятҳои сарвари давлат – халифа, ки сарвари динӣ ва ҳам сарфармондеҳи артиш эътироф мешуд, зич алоқаманд буданд. Вай ҳамчун сарвари давлат ба халқ роҳбар, сиёсати дохилӣ ва беруниро муайян намуда, ҳамчун сарфармондеҳ ба фаъолияти ҳарбӣ, сафарбаркунӣ, тайёрӣ ва дастгирии ҳаматарафаи афсарон назорат мекард.

Аксар халифаҳо сарфармондеҳи артиш буда дар амалиёти ҷангӣ ширкат мекарданд, аммо сарвароне низ буданд, ки бевосита ба ин намуди фаъолият машғул набуда, намояндагони худро барои назорати артиш ва бурдани ҷанг таъин мекарданд. Хилофат дар давраҳои якум ва дуюми таърихи худ ҳазорҳо километр дуртар аз маркази худ ҷангҳои истилогарона мебурд. Бинобар ин халифаҳо ба вазифаи фармондеҳони лашкарҳо сарбозу афсарони содиқ, шуҷоъ ва ботаҷрибаро таъин мекарданд. Инчунин бояд гуфт, ки аксар роҳбарони маҳалл, шаҳру ноҳияҳо низ аз ҷумлаи ҳарбиён ва шахсоне таъин карда мешуданд, ки ин вазифа ба онҳо барои хизмат супурда шуда буд.

Самти низомии идораи ҳокимияти давлатӣ аз он ҷиҳат муҳим буд, ки ба ғайр аз душмани беруна, бо он сарварони ҳарбие, ки тобеияти ҳукумати марказиро тарк кардаанд ва ё бо шӯришгарон мепайвастанд, мунтазам мубориза бурдан лозим буд. Дар Хилофати ибтидои асри VIII дар замони ҳукмронии сулолаи Умавиён, махсусан дар замони Абдумалик ибни Марвон (685-705) ҷанги байни-ҳамдигарӣ дар Арабистон, маркази хилофат, инчу-нин дар байни арабҳои дигар сарзаминҳо то андо-зае камтар мушоҳида мешуд. Тамоюли марказо-нидани ҳокимият ҳукмфармо гашт ва баъзе ҳоки-мони маҳаллӣ, ки мехостанд қудрат ба даст оранд ва ҷудо шаванд, ноком шуданд. Вазъияти мусоиди ба вуҷуд омада имкон дод, ки халифа ҳокимияташро ҳам дар марказ ва дар сарзаминҳои забтшуда мустаҳкам намояд.

**Адабиёт:**


1. Сафаров Б.А. Формирование раннего исламского государства. – Душанбе, 2011.

2. Гафуров Б.Т. История таджикского народа в кратком изложении – 3-е изд. Испр и доп. – М., Госполит-издат, 1955. - Т.1: С древнейших времен до Великой Октябрского социалистической революции – 544 с.

3. Бӯриев И. Б. История государства и права Таджикистана. - Душанбе, 2007. Т. 1., ч.1-2. – С. 55-56.

4. С. Белазури. Книга завоевания стран: Текст и пер. араб. П.К. Жузе.-Баку: АЗГИЗА 1927.

5. Буриев И.Б. Источники исламского периода таджикской государственности: теория и практика. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 34.

6. Хидая. Комментарии мусульманского права / Сост. Бурханеддин Маргиланский: Пер. с анг. / Под. ред. Н.И.Гродекова. – Ташкент, 1993. Т.1. – С. 86-89.

7. Хайдарова М.С. Из истории правового регулирования статуса личности по шариату (VII-XII вв.) //Изв. АН Республики Таджикистан. Сер.: философия и право.–1995. – № 3. – С. 89.

8. Бӯриев И.Б. Источники исламского периода таджикской государственности: теория и практика. – Душанбе: Ирфон, 2017.

9. Буриев И.Б. Договорно – правовое определение правового положения категории насиления в исламе (по матералам первых договоров с жительями Йеменского Наджрана) // Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2016. – № 1. – С. 114-121.

10. Китоб ул вузаро /б.м.и б.г. – С. 50. Хаитов С.П. Становление и развитие налогового законодательства в Таджикистане (вторая половина XIX – начало XXI вв.). –Душанбе: Ирфон, 2012.

**Хушвахтзода Хуршед Худойкул -** кандидат юридических наук, полковник милиции, Академия МВД Репсублики Таджикистана, Начальник федры.

В данной статье анализируются процессы формирования и развития системы военного управления на территории Таджикистана до VIII века. Автор подчёркивает, что система военного управления в данном регионе в различные исторические периоды прошла несколько этапов становления и развития, постепенно приобретая организованные формы. После завоевания Центральной Азии арабами в сфере государственного и военного управления произошли коренные изменения, были внедрены новые административные, политические и правовые элементы, оказавшие существенное влияние на общественно – политическую жизнь народов региона.

Также в статье отмечается, что на основе исламский цивилизации возникла новая форма государственности – Халифат. На территории Халифата лица, принявшие ислам, приобретали равный правовой статус со мусульманами, что способствовало формированию новых общественных и правовых отношений. Военное управление в государстве Халифат носило централизованный характер и находилось в ведении главы государст-ва – халифа, который одновременно признавался духовным лидером и главнокомандующим армией. Из этого нужно делается вывод о том, что каждая форма государственности играла опреде-лённую роль в развитии общественной жизни и приходила конкретные этапы организации и станеовления.

**Ключевые слова:** Военное служба, военное управление, Халифат, Центральная Азия, система, Таджикистан, исламская цивилизация, военное система, теократия, династия.

**Khushvaktzoda Khurshed Khudoykul -** candidat of legal sciences, police colonel, Academy of IA RT

This article analyzes the processes of formation and development of the system of Tajikistan up to the eighth century. The author emphasizes that the system of military administration in this region went through several stages of formation and development during different historical periods, gradually acquiring organized forms. Following the Arab conquest of Central Asia, fundamental changes occurred in the sphere of state and military administration, and new administrative, political, and legal elements were introduced, which gad a significant impact on the socio – political life of the peoples of the peoples of the region.

The article also notes that a new form of statehood – the Caliphate – emerged on the basis of Islamic civilization. Within the territory of the Caliphate, individuals who embraced Islam acquired equal legal status as Muslims, which contributed to the formation of new social and legal relations. Military administration in the Caliphate was centralized and vested in the authority of the head of state – the Caliph, who was simultaneously recognized as the spiritual leader and the supreme commander – in – chief of the armed forces. In conclusion, it is argued that each form of statehood played a specific role in the development of public life and underwent distinct stages of organization and formation.

**Keywords:** Military service, military administration, Caliphate, Central Asia, system, Tajikistan, Islamic civilization, military system, theocracy, dynasty.

# НИҲОДҲОИ МУСТАМЛИКАВИИ ҲАРБИИ БАРРАСИИ БАҲСҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАДАХШОН

**Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ

Дар мақолаи мазкур дар бораи ниҳодҳои мустамликавии ҳарбии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон маълумот дода шудааст. Дар мақола муаллиф оид ба раванди баррасии баҳсҳои ҳукукӣ маълумот дода, муайян намуд, ки дар Бадахшон дар қатори ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ инчунин, мудохилаи мақоми ҳарбии Руссия дар фаъолияти судҳои маҳаллӣ дида мешуд. Яъне санадҳои ҳукукие, ки аз ҷониби қозиҳо қабул гардидаанд, баёнгари он аст, ки ҳарбиён ба сифати шарики судя дар баробари қозӣ дар барррасии қарорҳои судӣ иштироки фаъолона доштанд.

Инчунин дар асоси таҳлилҳо маълум гардид, ки дар Бадахшон сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ваколати судиро ба зиммаи худ мегирифт. Сардори дастаи ҳарбӣ дар муҳокимаи судӣ иштирок намуда, ба қозӣ роҳу усули баррасии баҳсҳоро нишон медод. Яъне танҳо баъд аз имзои сардори ҳарбӣ қарори судя қабулшуда ҳисобида мешуд.

**Калидвожаҳо:** Сардори ҳарбӣ,баҳси ҳуқуқӣ, адолати судӣ, қарори судя, суди қозӣ, мақомоти мустамликавӣ, баррасии даъво, муҳокимаи судӣ, ҷазо, ҳукми қатл, сохтори давлатӣ

Дар таърихи тошуравии Тоҷикистон, амали баъзе падидаҳои мустамликавии ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XIX оғоз мегардад. Чӣ тавре аз таърихи Тоҷикистон маълум аст, Русияи подшоҳӣ аллакай аз солҳои 20-уми асри XIX ба ҷониби Осиёи Марказӣ диққат ҷалб намуда, кӯшиш дошт, ки пойдевори аз худ намудани заминҳои худро аз ҳисоби ҳудуди сарзамини тоҷикон васеъ намояд. Ҷанги байни Русия ва Аморати Бухоро ва дигар хонигариҳо солҳои 1861-1875 давом намуда, он бо ишғоли ҳудуди васеъи Аморати Бухоро махсусан Самарқанд, ҳудуди хонигариҳои Хива ва Қуқанд ба анҷом расид. [1, 403]

Дар натиҷаи гуфтушунид ва бастани шартномаҳо ҷанг ба охир расид. Махсусан шартномаи сулҳи Зирабулоқ аз соли 1868 [2, 223] ва минбаъд Шартномаи сулҳ бо Аморати Бухоро аз соли 1873 ҳудуди Аморати Бухороро барои савдогарони Русия кушод. Онҳо ҳуқуқи дар кулли ҳудуди Аморат кушодани корвонсаройҳо, ворид шудан ба бозорҳои маҳаллӣ ва бурдани савдоро пайдо карданд. Инчунин мувофиқи моддаи 11-уми шартномаи дӯстии байни Русия ва Аморати Бухоро ба фуқарои рус ҳуқуқ дода шуд, ки дар мулкҳои Бухоро бо ҳар гуна касбу ҳунар машғул шаванд ва ҳамаи расмиётҳои аз ҷониби фуқарои рус дар ҳудуди хонигарии Бухоро харидани қитъаи замин , бояд мувофиқи қонун ва урфу одатҳои Аморати Бухоро амалӣ карда шаванд. Чӣ тавре муҳаққиқи ин шартномаҳо Э.Б. Буризода қайд мекунанд, аксарияти бандҳои шартнома ба масоили иқтисодӣ бахшида шуда буданд. [3, 201] Муҳаққиқ муайян намуд, ки ин шартнома асосан муносибатҳои байни Русия ва Бухороро танзим намуда, аз 12 модда иборат буд ва шаш моддаи он ба ҳамин масоил бахшида шуданд. Мувофики моддаи 5-и он амир дар пардохти андоз табааи Русияро бо табааи худ баробар мекард. Ҷинояткорони табааи рус аз зертобеияти мақомоти судии аморат бароварда шуданд. Бо баста шудани ин шартнома Русия Амoратро ба ниммустамликаи худ табдил дода,ҳаққи дахолат карданро ба ҳаёти дохилӣ ва муносибатҳои хориҷии Аморати Бухоро пайдо кард.

Дар баробари ин дар ҳудуди ишғолшуда, ҳокимияти мустамликавӣ ташкил шуда, аз ҳисоби ҳудуди забтшуда Генерал-губернатории Туркистон таъсис карда шуд. Барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин ҳудуди навтаъсис Лоиҳаи якчанд Низомномаҳо қабул карда мешавад. [4]

Яке аз онҳо Лоиҳаи Низомномаи идоракунии кишвари Туркистон аз соли 1886 буд, ки сарчашмаҳои танзими муносибатҳои асосии дар кишвар мавҷударо мушаххас менамуд. [5, 421]

Дар Низомнома муқаррар гашта буд, ки як қисми муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи қонунгузории империӣ танзим мегардад.Қисмати дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи қонунгузории махсус, махсусан худи Низомнома мавриди танзим қарор дода мешавад. Албатта, таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад, ки минбаъд низ мушаххас кардани тобеъияти баррасии муносибатҳои мавҷуда ташаккул ва такмил дода шуда боз ду воситаи дигари танзим, яъне иваз намудани танзими муносибатҳо бо сарчашмаҳои умумиимперӣ, яъне иваз намудани танзими махсус ба умумӣ, ва дуюм бо роҳи баррасӣ намудани баъзе масоили муҳим аз ҷониби Сенати ҳукмрон ва ба тобеъияти суди империӣ додани тобеъияти баррасии масъалаҳои мушаххас давом дода шуд. Қайд намудан ҷоиз аст, ки бо роҳи аввал, аллакай то соли 1916 бештар аз сеяки меъёрҳои Низомнома ва ё қонунгузории махсус ба меъёрҳои

умумиимперӣ иваз карда шуда, меъёрҳои Низомнома аз эътибор соқит карда шуданд. [6, 201]

Ин роҳи мудохила бо тариқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ буд. Минбаъд Замимаҳо ба Низомнома қабул карда шуданд, ки дар онҳо меъёрҳои таъсиси суд на танҳо барои дар ҳудуди Генерал-губернатории Туркистон, балки дар ҳудуди Аморати Бухоро муқаррар карда шуданд. Замима ба тариқи омирона баррасии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои дар ҳудуди Аморати Бухоро рухдодаро ба салоҳияти Агенти сиёсӣ дар Бухоро дод. Минбаъд тибқи Низомнома, гунаҳкор ва ё ҷинояткори табааи Русия, ё пайрави дини христианӣ, ва ё табааи давлатҳои ғайримусалмонӣ барои кирдори зиддиҳуқуқӣ ва ё ҷинояти содирнамудааш аз ҷониби Агентии сиёсӣ ба ҷавобгарӣ маҳкум карда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки ин Замима аз тобеъияти суди Аморати баррасии парвандаҳои табааи Русия ва хориҷиёнро соқит намуд. Гумоштаи сиёсӣ асосан барои баррасии чунин чунин парвандаҳо мусоидат намуд.

1. Ҳамчун мақоми назоратӣ иҷрои қарори судҳои оштидиҳандаро нисбат ба аҳолии Бухоро таъмин мекард.

2. Бо розигии тарафҳо, агар яке табааи Бухоро дигаре Русия бошад, ҳамчун довари ҳакамӣ баромад мекард.

3. Ҳамчун мақоми судии дараҷаи аввал дар сурате, ки нисбат ба табааи рус ё ашхоси насронимазҳаб аз ҷониби табааи Бухоро зараре ё ҷиноятe содир шуда бошад. Чунин меъёр амалдорон ва сайёҳони хориҷиро дар ҳудуди Бухоро таҳти тобеъияти судии Русия дохил карда буд. [6, 237]

Роҳи дигари мудохила ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби сайёҳон, маъмурон, махсусан ҳарбиёни Русия дар ҳудуди Аморати Бухоро сурат мегирифт. Умуман Генерал-губернатории Туркистон ба музофоти нав табдил дода шуд, ки дар он ҳокимияти ҳарбӣ амал мекард. Сабаби таъсис додани ҳокимияти ҳарбӣ дар ҳудуди Туркистон ин пеш аз ҳама: муқаррар кардани ҳокимияти ягонаи низомию маъмурӣ ва таҳти роҳбарии ягона тобеъ намудани онҳо, тақсим намудани мансабҳои поёнии давлатӣ ба намояндагони аҳолии маҳалл ва бо ин васила идораи аҳолиро осон намудан, барҳам додани урфу одат ва суннатҳои мардумии кишвар, ки ба манфиати Русия хизмат намекунанд, инчунин таҷзияи ҳокимияти судӣ ва маъмурии кишварро дар бар мегирифт. Кишвар ба панҷ вилоят тақсим мешуд, ки ба мансабҳои идоракунии онҳо низомиён тайин карда мешуданд. [7, 168]

Аз роҳбарият то роҳбарони уезд "сардор" номида мешуданд, ки худ истилоҳи ҳарбӣ-ҳуқуқӣ буда, ба вазифаҳо танҳо аз ҳисоби ҳарбиён маъмуронро тайин мекарданд. [8, 21-25]

Ғайр аз ин махсусан дар ҳудуди минтақаи Бадахшон сардори ҳарбиёни маҳалл - сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, заставаи (қитъаи марзбонии) Лангар (дар ноҳияи Ишкошим) чӣ тавре таҳқиқоти мо исбот менамояд, ба кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ дахолат менамуданд. Онҳо ба хариду фурӯш, ҷамъоварии андоз, мубодилаи мол, рӯҳияи мардум ва ғайра мудохила намуда, ба Генерал-губернатори Туркистон ва мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Русия иттиллоот ирсол менамуданд. [9, 406-419]

Дар баробари ин, дар адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ намунаи мудохилаи ҳарбиён ба корҳои суд бештар мушоҳида мегардад, ки дар адабиёти илмӣ масъалаи камтаҳқиқшуда аст. Бояд қайд намуд, ки мудохилаи мақомоти гуногуни маъмурии Русия ба фаъолияти судҳо дар таҳқиқоти олимони тоҷик зиёд мушоҳида мегардад. Масалан муҳаққиқ Буризода Э.Б. оид ба мудохилаи губернаторони ҳарбӣ ба интихоботи судяҳо, иваз намудани судяи интихобшуда ба довталаби ин мансаб, бекор кардани интихобот, интихоб шудани сардори маъмурӣ ба ҳайси Раиси суд дар маҳалл, ки минбаъд тибқи лоиҳаи Низомнома дар бораи идоракунии Туркистон аз соли 1886 бекор карда шуд, мудохила намудани сардорони ҳарбӣ ба ҷараёни муҳокимаи судӣ, бекор кардани қарори қабулкардаи суд мушоҳида мегардад. [10, 96]

Санадҳои қабулшудаи қозӣ дар ҳудуди минтақаи Бадахшон боз ҳам тарзи дигари мудохилаи мақоми ҳарбии Русияро дар фаъолияти суди маҳаллӣ нишон медиҳад. Таҳлили амиқи ин санадҳои ҳуқуқ татбиққунӣ, ки аз ҷониби қозиҳо қабул карда шудааст, баёнгари он аст, ки ҳарбиён ба сифати шарики судя дар баробари қозӣ ва баробар бар қозӣ дар баррасии қарорҳои судӣ иштироки фаъолона доштанд. Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ваколатҳои судиро ба худ гирифта буд. [11, 96]

Ӯ дар муҳокимаи судӣ иштирок намуда, ба қозӣ метавонист роҳу усули баррасии баҳсро нишон диҳад. Вобастагӣ ва афзалият доштани иродаи ҳарбӣ дар суди қозӣ бо он амал низ тасдиқ карда мешавад, ки танҳо баъд аз имзои сардори ҳарбӣ қарори судя қабулшуда маҳсуб мегардид. [12, 58]

Аз салоҳиятҳои ба Сардори ҳарбии дастаи Хоруғ додаи мақомоти мустамликавӣ ҳолати зерин низ шаҳодат медиҳад: Сардори ҳарбии дастаи Хоруғ аз қарорҳои қозиёни маҳаллӣ, махсусан ҳукми қозӣ оид ба қатли ҷинояткорон норозӣ буда, дар хусуси гирифтани пеши роҳи додани чунин ҷазо ба мақомоти мустамликавии болоӣ муроҷиат мекунад. Муроҷиати сардори ҳарбии дастаи Хоруғ яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳолати нав дар иҷрои

ҳукми қатл мегардад. [13] Тартиби нави иҷрои ҷазои қатл аз он иборат буд, ки қозии маҳалл ҳукми худро ҳарчанд асоснок қабул менамуд, ӯ баъд аз қабули ҳукм , қарори худро бо мактуб ба Амири Бухоро ирсол менамуд. Амири Бухоро дар ҳамон қарор бояд ҳукми содиршударо тасдиқ ва ё онро бекор мекард. Баъд аз ин ҳуҷҷат бо имзои Амири Бухоро ба қозии маҳаллӣ бозгардонида мешуд. Бо расидани ҳуҷҷат қозӣ онро вобаста ба иродаи Амир ё барои иҷро ирсол менамуд ва ё парвандаро бозбинӣ намуда дар қисми ҷазо онро тағйир медод. Дар тӯли муддати дароз, ки ҳуҷҷат ба марказ фиристода мешуд ва бо ҷавобу имзои Амир баргардонида мешуд, шахси ҷинояткор бояд ба ҳабс гирифта мешуд. Амир дар ҳолати розӣ будан ба қарори қозӣ дар ҳуҷҷат имзо менамуд ва дар ин ҳолат он "Муборакномаи кушт" номида мешуд. [14, 261] Дар ҳолати аз ҳукми қатл норозӣ будани Амир, бо имзо бозбинии парванда талаб карда мешуд.

Яъне, як мактуби маъмури ҳарбии Русия сабабгори ба вуҷуд омадани тартиби нави иҷрои як намуди қатл ва ё бозбинии он, иштироки роҳбари олии давлат дар баррасии қарорҳои судӣ мегардад.

Дар натиҷаи гуфтушуниди байни Ҳокимияти Русия бо Амири Бухоро ин тартиб устувор гардид. Бо амалӣ шудани ин талабот, албатта, сардори ҳарбии дастаи Хоруғ нерӯи нав гирифта, мудохиларо дар муҳокимаҳои судӣ бештар идома дод.

Минбаъд мо на танҳо иштироки фаъолона дар муҳокимаи судиро аз ҷониби сардори ҳарбӣ бештар мушоҳида менамоем. Сардори ҳарбӣ дар муайян кардани мерос, махсусан, ҳангоми муқаррар кардани марзи қитъаҳои замини меросӣ, заминҳое, ки нисбат ба онҳо муомилот амалӣ мегардад, хариду фурӯши замин иштирок менамуданд. [15, 7]

Таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ баёнгари он аст, ки минбаъд сардори ҳарбӣ ҳалли ин масъалаҳо, баҳси замин, хариду фурӯши онҳоро мустақилона баррасӣ намуда, қарор қабул мекард. Қарори худро ба қозӣ ирсол менамуд. Қозӣ амалан баррасии парвандаро моҳиятан анҷом медод. Қарори қабулкардаи қозӣ аз қарори сардори ҳарбӣ тафовути ҷиддӣ надошт. Тафовут танҳо дар истилоҳу ҷумласозии ҳуқуқӣ буда, қозӣ ҳуҷҷатро дар шакли анъанавии қабулшудаи матни ҳуқуқӣ бо ислоҳи хатоҳои техникӣ аз нав таҳия менамуд. Таҳлили мазкур моро ба хулосае меорад, ки дар ибтидои асри XX дар кулли парвандаҳое, ки сардорони ҳарбии дастаи Хоруғ ва ё сардорони қитъаҳои марзбонии Рушон ва ё Ишкошим, яъне ҳокимияти мустамликавӣ манфиате доштанд, дар баррасии он фаъолона иштирок намуда, парвандаро ба манфиати худ ҳал менамуданд ва ё дар мавриди дигар, худашон фаъолияти баррасии парвандаҳоро амалӣ намуда, ба муҳокимаи баҳс мепардохтанд ва қарори қабул мекарданд. Қарори қабулшуда ба қозӣ ба таври формалӣ ирсол мегардид, то расмият риоя гардад.

Масалан, Санади қозӣ аз 17 рамазон соли 1334 (18 июли соли 1916 мелодӣ) дар китоби ҳуҷҷатҳои аз Бадахшон дарёфтшуда ва нашршуда оид ба масъалаи мерос вуҷуд дорад. Тибқи ҳуҷҷат Муҳаммад Шариф писари Ҳотам, Алифбек писари Қандак ва Ҳотам писари Бақак аз Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият бо дархости эътирофи соҳибмулкӣ муроҷиат кардаанд. Моликият дар минтақаи Шоҳдара воқеъ буда, моликияти ки будани он мавриди баҳс буд.

Қозӣ муайян мекунад, ки бо роҳи тафтиш, ки бо супориши Сардори дастаи ҳарбӣ иҷро мегардад, соҳибмулкӣ ба замини баҳсӣ бояд муайян карда шавад. Дар санад омадааст, ки Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ мансабдори маҳаллӣ Азизбек мингбоширо амр кардаанд, то бо роҳи тафтиш моликияти ки будани хонаро таҳқиқ ва муайян созад. Ба ҳайси шоҳидон дар таҳияи санад – шоҳидон Давлатқадам, Шоҳназар, Мирзо Вафо, Кучакшоҳ, Қарачабек, Қозифаттоҳ, Тоҳирбек ва Нуриддин иштирок кардаанд.

Дар ҳуҷҷати мазкур имзо ва мӯҳри Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ гузошта шудааст.

Дар баробари имзову мӯҳри судяи давлатӣ, инчунин дар саҳифаи чапи ҳуҷҷат аз санаи 9 сентябри соли 1916 (22 сентябри 1916) дар бораи тасдиқи ҳуҷҷат дар Хоруғ, имзои Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, полковники қувваҳои хушкигард ва мӯҳри Дастаи ҳарбии Хоруғ вуҷуд дорад. [16, 27]

Яъне, салоҳияти қозиро Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ иҷро карда истода, супориш додааст, то дар асоси муроҷиати муштарӣ мансабдори маҳалии Аморати Бухоро тафтиш гузаронад. Ин худ суиистифода аз мансаб буда, ҳокимияти мустамликавӣ афзалият доштани ҳокимияти мустамиликавиро бо ин роҳ ифода менамуд.

Дар китоби нашргардида ба ҳамин ҳуҷҷат монанд санадҳои дигар хеле зиёд ҳастанд. Масалан тибқи санади таҳти рақами 22 аз санаи 8-уми рамазони соли 1334 (9 июли соли 1916) Ғозибек писари Ашӯрмуҳаммад, аз Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ дархост намудааст, то ҳуқуқи моликияти ӯ ба замин, ки дар деҳаи Шимчиф воқеъ аст эътироф карда шавад. Дар асоси дархост Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ба Азизибек Мингбошӣ супориш додааст, то ҳолати воқеии масъала тафтиш карда шуда, ба Сардор пешниҳод гардад. Дар мурофиаи судӣ шоҳидон даъват шуда, иштирок ва имзо гузоштанд.

Санад аз ҷониби Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ имзо ва бо мӯҳр тасдиқ шудааст.

Ин санад низ бо санаи 22 сентябри соли 1917 (5 октябри соли 1917) аз ҷониби Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, полковники қувваҳои хушкигард имзо шуда, бо мӯҳри Дастаи ҳарбии Хоруғ тасдиқ карда шудааст.[17, 45]

Тибқи санади рақами 15 аз санаи 15-уми моҳи рамазони соли 1331 (18 августи соли 1913) бо дархости Сайид Эътибор писари Алишоҳ писари Мансуршоҳ Сардори қитъаи марзбонии Лангари дастаи ҳарбии Хоруғ супориш додааст, то соҳибмулкии мурочиаткунанда санҷида шавад. Баъд аз санҷиш санади мазкур тартиб дода шудааст, дар хусуси он, ки Сардори қитъаи марзбонии Лангар замине, ки дар деҳаи Ямғи Вахон дар ҳудуди ин ҳуҷҷат нишон дода шудааст, заминест, ки ба мероси Сайид Эътибор писари Алишоҳ писари Мансуршоҳ аз аҷдодони худ ба тариқи мерос гузаштааст. Меросӣ будани замини мазкур ва моликияти номбурда будани он тибқи санад эътироф карда шудааст. Ҳуҷҷати судӣ аз ҷониби Қозӣ Мулло Қадамшоҳ таҳия, имзо ва мӯҳр карда шудааст. [17, 45]

Санади мазкур аз санаи 10 моҳи сентябри соли 1914 (23 моҳи сентябри соли 1914) аз ҷониби Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, полковники қувваҳои хушкигард имзо ва мӯҳри Дастаи ҳарбии Хоруғ гузошта шудааст. Ғайр аз ин дар китоб санадҳои дигаре низ арзи вуҷуд доранд, ки ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф мешаванд.

Дар мавриди ҳуҷҷати дигар, қайд намудан зарур аст, ки дар баъзе мавридҳо, тарафҳо на ба қозӣ – судяи расмӣ, балки ба сардори ҳарбии дастаи Хоруғ ва ё Сардори қитъаи марзбонии Лангар мурочиат мекарданд. Масалан ҳуҷҷати 10, ки 16 Рабиъул-охири соли 1328 (27 апрели 1910) қабул шудааст ва мо бо он шинос шудем, далели гуфтаҳои мост. Дар ин ҳуҷҷат сухан дар бораи он меравад, ки як қитъаи замин, ки дар Лангар-киш воқеъ буд, пештар моликияти Мақбулшоҳ, писари Дона эътироф мешуд, вале дар як соли гузашта соҳибмулкии Обидшоҳ, писари Бадаш эътироф гардид. Яъне сухан оид ба қарори суд меравад, ки тибқи он дар асоси қонунӣ Обидшоҳ, писари Бадаш соҳибмулки ин замин эътироф гардид. Ҷонибҳои муқобил ин дафъа ба суд мурочиат накарда, ҳарду ба Сардори қитъаи марзбонии Лангар мурочиат карданд. Масъалаи мазкур аз ҷониби Сардори қитъаи марзбонӣ Лангар баррасӣ гардид ва бо иштироки миёнарав бо созиши тарафҳо анҷом ёфт.

Вале Абдураҳмон, Мир Сарбаланд Алишоҳ, Мингбошӣ Амонбек ва оқсақолон тақозо карданд, ки замини мавриди назар тақсим карда шавад, ки бо ҳуҷҷати болоӣ эътироф ва тасдиқ шудааст. Дар ин сурат мурофиаи судӣ дар ҳузури шоҳидон оғоз гардида, қарор аз ҷониби қозӣ Мулло Қадамшоҳ – қозии Вахон қабул шудааст. Аҷибаш ин аст, ки қарори мазкурро Сардори қитъаи марзбонии Лангар низ бо мӯҳр ва имзои худ тасдиқ кардааст. [17, 59]

Санади мазкур аз санаи 12 апрели соли 1910 аз ҷониби Сардори қитъаи марзбонии Лангар имзо ва мӯҳри Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ гузошта шудааст. [17, 56]

Дар аксарияти санадҳои судӣ дар баробари имзо ва муҳри қозии давлатӣ, имзои сардори ҳарбии маҳалл низ гузошта шудааст. Аз ин лиҳоз, суд дар минтақаи Бадахшон, махсусан, агар дар парванда манфиати империяи Русия ва намояндагони ҳарбии он дар маҳалл вуҷуд дошта бошад, ба таври таъҷилӣ ва бо иштироки фаъоли ҳарбиён доир гашта, бе шакку шубҳа қарори қабулшуда ва ё ҳукм иродаи онҳоро ифода менамуд. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили вазъи амалисозии адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон хулоса кардан мумкин аст, ки:

- мақоми давлатии суд дар Бадахшон – қозии тайиншуда ба вазифа маҳсуб мегардид;
- қозии давлатӣ аз ҷониби Амири Бухоро ба вазифа тайин гардида, аз он озод карда мешуд;
- салоҳияти баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро ниҳодҳои ҷамъиятӣ, мақомоти гуногуни давлатӣ, аз ҷумла мақомоти маъмурӣ ва ҳарбӣ-мустамликавӣ доштанд;
- дар минтақаи Бадахшон сардори ҳарбии дастаи Хоруғ метавонист бевосита парванда оғоз намояд, онро муҳокима намуда, лоиҳаи қарорро қабул кунад.Лоиҳаи қарор ба қозии давлатӣ барои расмигардонии лоиҳа ирсол мегардид.Дар заминаи таҳқиқот хулоса кардан мумкин аст, ки дар Бадахшон мақомоти судӣ дар вазъияти аз дигар минтақаҳои Аморати Бухоро вазнинтар гузошта шуда буд ва танҳо таъсиси Ҳокимияти шуравӣ заминаи ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани вазъияти таҳқиқшуда гардид.

**Адабиёт**


1. Тоҳиров.Ф.Т. Осори мунтахаб.– Душанбе: «Дониш», 2024.–995с.
2. Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом.– СПб: Издательство.–В. Березовского,1910.–Т1.–340с.
3. БуризодаЭ.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал. – Душанбе: «Хирадмандон», 2020.–260с.
4. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана.– Л.Изд АН: СССР, 1927
5. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х.. Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик/ .– Душанбе: Эр-Граф»,2022.– 508с.
6. БуризодаЭ.Б.Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқ. Нашри 3.– Душанбе: «Нашри мубориз», 2021.–288с.

**7.** Абрамов И.Ф. Положение об управлении Туркестанским краем.– Ташкент,1916.–250с.

**8.** Буриев И.Б. Правовое положение чиновников местной адмнистрации Бухарских бекств // Актуальные проблемы государства и права Под.ред.– Ф. Тохирова И.Б. Буриева.– Душанбе, 2006. – С.21-25.

**9.** Халфин Н.А. Присоединение Средней Азии к Росси (60-90-е годы XIX в). – М,1965. – 419с.

**10.** Буриев И.Б История государства и права Таджикистана.Т.1,ч.1-2. –Душанбе,2007.– 244с.

**11.** Разгонов А.К. По Восточной Бухаре и Памиру. – Ташкент,1910. – С.96.

**12.** Халфин Н.А. Россия и Бухарский эмират на Западном Памире (конец XIX – XX в). – М.: Наука, 1975.

**13.** Тагеев Б.Л. Памирский поход 1892-1895гг.– Десятилетие присоединения Памира к России. – Варшава, 1902.

**14.** Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX в. –Душанбе: Дониш, 1963. – Ч.I.

**15.** Станкевич В.В. По Памиру (Путевые заметки). – СПб.,1904.

**16.** Documents from Private Archives in Right-Bank Badakhshan (Introduction) Central Eurasian Research Series No.10, Kawahara Yayoi (The University of Tokyo) and Umed Mamadsherzodshoev.– document number:43.3 x28.9cm/Khidorjev B1(Institute of Humanitarian Sciences, Academy of Sciences, Republic of Tajikistan) Printed byTOKYO PRESS Co., LTD. Shinjuku, Tokyo, Japan.- P.27.

**17.** Documents from Private Archives in Right-Bank Badakhshan (Introduction) Central Eurasian Research Series No.10, Kawahara Yayoi (The University of Tokyo) and Umed Mamadsherzodshoev.– document number:22.6.3 x16.4 cm/ Kharugh2(Institute of Humanitarian Sciences, Academy of Sciences, Republic of Tajikistan) Printed byTOKYO PRESS Co., LTD. Shinjuku, Tokyo, Japan.- P.45.

**Алиназарова Кифоят Гуломназаровна** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, научный сотрудник отдела истории государства и права

**Военно-колониальные институты для рассмотрения правовых споров в Бадахшане**

В статье представлена информация о колониальных военных институтах, занимавшихся рассмотрением правовых споров в Бадахшане. В статье автор приводит сведения о процессе по рассмотрению правовых споров и определяет, что в Бадахшане среди институтов, осуществляющих правосудие, имело место также вмешательство российских военных властей в деятельность местных судов. Начальник отряд участвовал в судебном разбирательстве, и решение судьи считалось окончательным только после подписи начальника. Юридические документы, которые были принятые судьями, указывают на то, что военные, как партнеры судьи, активно участвовали в пересмотре судебных решений вместе с судьей. Также на основе проведенного анализа стало известно, что в Бадахшане начальник Хорогского отряда расматривал правовые споры местного населения.

**Ключевые слова:** Начальник отряд, спорные вопросы, правосудие, решение судья, судебное дело, колониальные власти, рассмотрение притензии, судебное слушание, наказание, смертный приговор, государственная структура

**Alinazarova Kifoyat Gulomnazarovna** – National Academy of Scienses of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Researcher at the Department of History of State and Law.

**Military-colonial institutions for the consideration of legal disputes in Badakhshan**

The article presents information about the colonial military institutions that dealt with legal disputes in Badakhshan. In the article, the author provides information on the process of considering legal disputes and determines that in Badakhshan, among the institutions administering justice, there was also interference by Russian military authorities in the activities of local courts.

Legal documents that were adopted by the judges indicate that the military, as partners of the judge, actively participated in the review of court decisions together with the judge. The analysis also revealed that the head of the Khorog detachment in Badakhshan assumed judicial authority. The detachment commander participated in the trial and briefed the judge on dispute resolution methods and procedures. That is, the judge's decision was considered final only after the signature of the chief

**Key words:** Squad leader, controversial issues, justice, judge's decision, court case, colonial authorities, consideration of claim, court hearing, punishment, death sentence, government structure

# ОИД БА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ МАҚОМОТИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ (СОЛҲОИ 1917-1991)

**Муҳаммадӣ Дилноз Изатуллозода -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Унвонҷӯ. E-mail: dilnoz_1982@list.ru

Дар мақола муаллиф масоили бо таърихи таъсисёбии мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Тоҷикистони шуравӣ робитадошта ва санадҳои дар ин самт қабулшудаи замони шуравиро таҳқиқ намудааст ва ба хулосае омадааст, ки ин ҳуҷҷатҳо анъанаҳои тошуравии сабт ва назорати таваллуд, издивоҷ ва фавтро ба куллӣ тағйир доданд. Ақди никоҳи дунявӣ расман эътироф гардид, вале никоҳи динӣ бекор карда нашуда, кори шахсӣ маҳсуб меёфт. Муддати муайян меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқии шариат ва судҳои қозӣ истифода шуда, судҳои қозӣ даъвоҳоро оид ба парвандаҳои ақди никоҳ, баҳсҳои меросӣ, молу мулкӣ, васоят ва ғайра баррасӣ менамуданд. Минбаъд дар ҷараёни ислоҳоти замони шуравӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пурра ба ихтиёри ҳокимияти шаҳрвандӣ гузашт ва ба воситаи муассири танзими давлатии оила ва таъмини ҳуқуқҳои шахсӣ ва амволии шаҳрвандон мубаддал гашт.

**Калидвожаҳо:** асноди шаҳрвандӣ, санадҳо, шуро, сабт, таваллуд, издивоҷ, никоҳ, оила, фарзанд, ҳуқуқ, шахс, амвол, ислоҳот, низом, адлия, судҳо, мақомот

Таърихи низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Тоҷикистони муосир бо аввалин санадҳои баъди Инқилоби октябрӣ дар ин самт қабулшуда, яъне қарорҳои Шурои комиссарони халқии РСФСР "Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кудакон ва пешбурди китобҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ", ки 18 декабри соли 1917 ва "Дар бораи бекор намудани ақди никоҳ" ки 19 декабри соли 1917 қабул шудаанд, пайваст буда, аз он сарчашма мегирад.

Ин қарорҳо ва дигар хуҷҷатҳои муҳим анъанаҳои тошуравии сабт ва назорати таваллуд, издивоҷ ва фавтро ба куллӣ тағйир доданд. Минбаъд дар замони давлати Шуравӣ сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ чун воситаи муассири танзими давлатии оила ва таъмини ҳуқуқҳои шахсӣ ва амволии шаҳрвандон хидмат мекард.

Бояд зикр намуд, ки дар замони тошуравӣ вазифаҳои бақайдгирии шаҳрвандиро дар Русия ибодатхонахои православии рус ва дар кишварҳои Осиёи миёна ва Тоҷикистони таърихӣ қозиҳо ва дигар амалдорон иҷро мекарданд. Қозиҳо ҳуқуқ доштанд, ки духтарони камбизоати барои барпо намудани оила шароит надоштаро ба шавҳар диҳанд ва молумулки меросиро назорат кунанд. Судҳои қозӣ инчунин парвандаҳои оид ба бекор кардани ақди никоҳ, васоят, парасторӣ намудани шахсони ғайриқобили амал, хурдсолони бесаробон монда ва ғайраро баррасӣ менамуданд. Дар уезди Хуҷанд, ки тобеи генерал –губернатории Туркистон буд, судҳои қозӣ парвандаҳои оилавии доир ба никоҳ ва талоқро на танҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ, балки дар байни табааи мусулмони империяи рус, ки сокини уезд буданд, баррасӣ менамуд[1, 85, 281].

Декретҳои номбурда тартиби кӯҳнаи муносибатҳои оилаву никоҳро барҳам доданд ва минбаъд расман танҳо никоҳи дунявӣ эътироф карда мешуданд, вале никоҳҳои динӣ бекор карда нашуданд ва он кори шахсии ҳар як шахс ҳисобида мешуд. Никоҳи динии то қабули декрет басташуда, қувваи ҳуқуқии худро гум намекард ва эҳтиёҷ барои азнавбақайдгирӣ надоштанд. Шартҳои бастани ақди никоҳ хеле содда карда шуд. Синни никоҳӣ барои занҳо 16 сол ва барои мардҳо 18 сол муқаррар карда шуда, барои ақди никоҳ розигии байни тарафҳо - ҳамсарони оянда талаб карда мешуд. Ҳамзамон барои ба қайди никоҳ даромадан монеаҳои зерин пешбинӣ шуда буданд: ба касалии руҳӣ гирифтор будани яке аз ҳамсарон, никоҳи байни хешутаборони наздик ва мавҷуд будани ниқоҳи бекорнашудаи дигар. Ҳуқуқи фарзандони дар никоҳ ба дунё омада ва берун аз никоҳ таваллудшуда баробарарзиш эътироф карда шуданд.

Бояд зикр намуд, ки тибқи декрет "Дар бораи бекор кардани никоҳ" парвандаҳо оид ба бекор кардани никоҳ аз ваколатҳои судҳои калисоӣ гирифта шуда, ба ваколати судҳои маҳаллӣ дода шуданд.[2,160-163] Муассисаҳои динӣ аз бақайдгирии асноди шаҳрвандӣ барканор карда шуданд ва дар асоси Декрет "Дар бораи ҷудо намудани калисо аз давлат ва мактабҳо аз калисо " аз 23 январи соли 1918 асноди ҳолати шаҳрвандӣ танҳо аз ҷониби ҳокимияти шаҳрвандӣ пеш бурда мешуд[3, 203].

Барои татбиқи муқаррароти Декрет "Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кудакон ва пешбурди китобҳои

сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ" аз 18 декабри соли 1917 қабул шуда, Комиссариати халқии адлия ва Комиссариати халқии худидоракунии маҳаллӣ 4 январи соли 1918 «Дастурамал дар бораи ташкили шуъбаҳои сабти ақди никоҳ ва таваллуд»-ро нашр карданд. Ин дастурамал таъсиси фаврии шуъбаҳои бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандиро дар назди маъмурияти волостҳо, ноҳияҳо ва округҳо тасдиқ карда, ҳадафу вазифаҳо ва сохтори онҳоро муайян кард.

Санадҳои қабулшуда ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои оилавиро фаро намегирифтанд ва аввалин санади ҳуқуқии расмие, ки дар шакли пурра муносибатҳои оилавиро ба танзим даровард ин Кодекси қонунҳо оид ба ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқи никоҳ, оила ва васоят" мебошад, ки КИМУ РСФСР 16 сентябри 1918 қабул намудааст. Бо қабули ин кодекс муносибатҳои никоҳ ва ҳуқуқи оила ба шохаи алоҳида ва мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил ёфт ва низоми муносибатҳои оилавӣ аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ ҷудо гардид.

Дар асоси меъёрҳои Кодекси мазкур бақайдгирии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ пурра ба ихтиёри мақомоти шаҳрвандӣ гузашт. Мувофиқи меъёрҳои Кодекс сохторҳои шуъбаҳои бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз шуъбаҳои округӣ ва маҳаллӣ иборат буда, дар таркиби мақомоти идоракунии волостҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо фаъолият мекард. Роҳбарии умумии бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба зиммаи Идораи марказии бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандии Комиссариати халқии корҳои дохилии РСФСР вогузор шуда буд.

Тибқи Кодекси мазкур танҳо никоҳи шаҳрвандӣ (дунявӣ), ки дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайд гирифта шудааст, метавонист ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайянро ба зану шавҳар диҳад. Муқаррар карда шуд, ки ақди никоҳ ба тариқи судӣ бекор карда мешавад. Кодекс якчанд асосҳоро барои беэътибор донистани ақди никоҳ дар мавриди бастани ақди никоҳ бо шахси ба синни никоҳӣ нарасида, набудани розигии яке аз ҳамсарон, бастани ақди никоҳ дар байни шахсони дар никоҳи бекорнашуда қарордошта, вуҷуд доштани маҳдудияти никоҳи хешовандӣ ва бастани ақди никоҳ бо шахсони ғайриқобили амал муайян кард.

Мувофиқи кодекс, насаби хонаводагии умумӣ ё дунасабиро худи ҳамсарон интихоб карда метавонистанд. Тартиби бекор кардани ақди никоҳ соддатар карда шуд. Мисли пештара, бо розигии мутақобилаи ҳамсарон, бекор кардани ақди никоҳ аз ҷониби идораи сабти асноди холати шаҳрвандӣ амалӣ карда мешуд. Парвандаҳо оиди бекор кардани ақди никоҳ, ки бо аризаи яке аз ҳамсарон оғоз гардидааст аз ҷониби судя бе иштироки машварватчиҳо баррасӣ мешуданд. Агар ҳар ду ҳамсарон ба маҷлиси судӣ хозир нашаванд, парванда ғоибона баррасӣ мегардид. Аз ҳамсарони ҷудошаванда пешниҳод намудани далели вайрон шудани оила талаб карда намешуд.

Дар солхои 1918-1919 барои аз байн бурдани китоби сабтҳои калисо ва нигоҳ доштани онҳо дар бойгонии идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тадбирҳо андешида шуданд ва то охири солҳои 1920 ҳамаи сабтҳо барои нигоҳдорӣ ба идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ интиқол дода шуданд.

Дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ чун дар тамоми мамлакат ҷараёни ташаккули низоми мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба мушкилиҳо пеш мерафт. Тартиби нави бақайдгирии асноди шаҳрвандӣ ва сабти он аз ҷониби САҲШ асосан аз соли 1920 оғоз шудааст. Судҳои қозӣ баъзе даъвоҳои хурди маданиро, ки аз парвандаҳои ақди никоҳ, баҳсҳои меросӣ, молумулкӣ, васоят ва ғайра бармеомад, баррасӣ менамуданд. Судҳои қозӣ парвандаҳоро бо дархости тарафҳо баррасӣ мекарданд. Мурофиаи судӣ дар хонаи қозӣ аз рӯи усули кӯҳна сурат мегирифт ва мурофиаи суд ба баҳси тарафҳо табдил меёфт. Ба фаъолияти қозиҳо суди халқӣ ва мақомоти маҳаллӣ назорат мекарданд[4 , 51].

Ҳангоми баррасии парвандахои оилавӣ, тақсими молу мулк, бекоркунии ақди никоҳ ҳолатҳое ҷой доштанд, ки судҳои қозӣ ҳуқуқи занҳоро поймол карда, ба вайронкунии қонун ва кашолкорӣ роҳ медоданд. Баъзе судҳои қозӣ ва бий ҳангоми иҷрои вазифаи худ ба суиистеъмоли мансаб роҳ медоданд [5,51]. Барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои суиистифодаи мансаб аз тарафи қозиҳо моҳи марти соли 1924 бо супориши Комиссариати халқии адлияи Ҷумҳурии Туркистон ҳ амаи судҳои қозӣ вазифадор карда шуданд, ки парвандаҳоро бо иштироки ҳатмии намояндагони шуъбаи занон, иттиҳоди «Қӯшчӣ» ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар муҳлати як моҳ баррасӣ намоянд[6, 24].

Соли 1924 бо таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон низоми ягонаи бақайдгирии дунявӣ аз тарафи кумитаҳои иҷроияи маҳаллӣ ба роҳ монда шуд, вале судҳои қозӣ низ муддати муайян то давраи барҳам дода шудан (соли 1928) вазифаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро иҷро менамуданд.

Баъди таъсисёбии ИҶШС таҳияи кодексҳои нав оғоз ёфт. Кодекс дар бораи никоҳ, оила ва васоят 19 ноябри соли 1926 кабул карда шуд. Нававарии муҳимтарини ин кодекс эътироф намудани аҳамияти ҳуқуқии муносибатҳои издивоҷи воқеӣ буд. Муносибатҳои воқеии издивоҷ аз бисёр ҷиҳат ба

никоҳи бақайдгирифташуда баробар карда шуда, барои мардон ва занон синни ягонаи издивоҷ аз 18-солагӣ муқаррар карда шуд. Минбаъд бекор кардани ақди никоҳ на дар мақомоти судӣ, балки дар Идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бе даъват кардани ҳамсари дигар ба роҳ монда шуда, ба ҳамсари дигар дар бораи бекор карда шудани никоҳ хабар дода мешуд. Барои муайян намудани падарӣ ягон далел талаб карда намешуд. Падари кудаки берун аз никоҳ тавлидёфта дар асоси аризаи модар, ки пас аз таваллуди кудак пешниҳод мешуд, сабт карда мешуд. Ба падар танҳо дар бораи чунин бақайдгирӣ хабар дода мешуд ва у ҳуқуқ дошт, ки дар давоми як сол ба суд шикоят кунад. Нововарии дигари ин Кодекс дар ҷорӣ намудани принсипи умумӣ будани ҳуқуқи моликияти ҳамсарон ифода меёфт. Дар ҳудуди ИҶШС аз соли 1926 сар карда, чунин қоида ҷорӣ карда шуд ва ҳамаи амволе, ки ҳамсарон дар давоми зиндагии якҷоя ба даст меоварданд, моликияти муштараки зану шавҳар ҳисобида мешуд. Андозаи саҳми ҳар як зану шавҳар дар чунин амвол аз ҷониби суд ҳангоми тақсими он муайян карда мешуд.

Моҳи октябри соли 1928 Кодекси аввалини никоҳ ва оила дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул гардид, ки ба Кодекси РСФСР соли 1926 мутобиқ буд, вале хусусиятҳои хоси худро дошт, ки дар масъалаҳои ба низом овардани қайди никоҳ, оид ба ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо дар никоҳ, фарзандхонӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои волидайн ва фарзандон зоҳир меёфт. Меъёрҳои ин кодекс дар ҶМШС Тоҷикистон низ амал мекард.

Солҳои 1930 таваҷҷуҳ ба фаъолияти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ зиёд гашт. Дар ИҶШС соли 1933 Дастурамал дар бораи тартиби бақайдгирии санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ қабул карда шуд, ки масъалаҳои бақайдгирии санадҳои ҳолати шаҳрвандиро муфассал шарҳ медод. Моҳи июни соли 1934 САҲШ чун муассисаи нигаҳдорандаи маълумоти аввалияи бақайдгирии аҳолӣ ба сохтори Комиссариати халқии корҳои дохилӣ ворид карда шуд ва то нимаи дуюми соли 1957 дар ин сохтор боқӣ монд. Идоракунии умумии муассисаҳои САҲШ соли 1937 ба зиммаи Шуъбаи санадҳои ҳолати шаҳрвандии КХКД -и ИҶШС вогузор гардид. Кормандони САҲШ хизматчии Комиссариати халқии корҳои дохилӣ ва мудирони шуъбаҳои САҲШ афсарони КХКД маҳсуб мешуданд.

Кори мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, мухтор ва вилоятҳо мутаносибан шуъбаҳои санадҳои ҳолати шаҳрвандии КХКД -и ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухтор, раёсатҳои вилоятӣ ва шуъбаҳои минтақавии КХКД идора мекарданд. Моҳи августи соли 1937 бо фармони КХКД Дастурамал дар бораи тартиби бақайдгирии санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ тасдиқ карда шуд.

Идораҳои САҲШ бо муассисаҳои тандурустӣ, мақомоти корҳои дохилӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ ҳамкории зич доштанд. Дар охири солхои 1930-ум барои пурзӯр гардидани ҳимояи модару кудак тадбирҳо андешида шуда, назорати ташкилотҳои маориф, тандурустӣ тақвият ёфт, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои напардохтани алимент пурзӯр карда шуд. Оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон, баланд бардоштани масъулияти волидон, корҳои тарбиявии мактабҳо ва таълимот як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул шуданд. Масалан, қарори КИМ ва ШКХ-и ИҶШС аз 27-уми июни соли 1936 «Дар бораи манъ кардани исқоти ҳамл, баланд бардоштани ёрии моддӣ ҳангоми таваллуд» қабул шуд[7, 394], ки тибқи он кумаки давлатӣ ба оилаҳои серфарзанд пешбинӣ гардида, шабакаи таваллудхонаҳо, хонаи кудакон ва боғчаҳо васеъ карда шуда, тартиби бекор кардани ақди никоҳ мураккаб гардид.

Барои мустаҳкам кардани оилаҳо чораҳои иловагӣ андешида шуданд. Барои кам кардани талоқҳои беасос, қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС аз 27 июни соли 1936 тартиби бекор кардани ақди никоҳро мураккаб кард. Минбаъд ҳарду ҳамсар бояд ба идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳозир мешуданд, дар шиноснома мухри талоқ гузошта мешуд ва маблағи талоқ зиёд гардид, ки ин чораҳо барои мустаҳкам шудани оилаҳо равона гардида буданд.

Инчунин, чанде пештар қарори КМ ВКП(б) ва ШКХ-и ИҶШС аз 31-уми майи соли 1935 «Дар бораи барҳам додани бепарасторӣ ва беназоратии кӯдакон»[8, 394] қабул шуда буд, ки ба масъалаҳои пешгирии беназоратӣ ва бепарастории кӯдакон, пурзӯр кардани мубориза зидди қонунвайронкуниҳо ва ҷиноят дар байни ноболиғон равона шуда буд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта мақомоти САҲШ вазифаҳои худро пурра иҷро мекарданд. Бақайдгирии таваллуди кудакон, ақди никоҳ ва бекор кардани он идома дода мешуд. Дар ин давра аҳолии минтақаҳои наздифронтӣ ба ақибгоҳ кучонида мешуданд, ки дар байни онҳо оилаҳои ҷанговарон, занону ноболиғон, маъюбон зиёд буданд. Ба ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони ба ақибгоҳ муҳоҷиршуда низ диққати махсус дода мешуд. Ғамхорӣ дар ҳаққи кудакони ятим ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳолатҳои фарзандхонд намудани ноболиғони ба ақибгоҳ кучонидашуда зиёд буданд.

Дар шароити ҷанг дар Тоҷикистон низ миқдори кӯдакони беназоратмонда афзуд. Шӯрои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон қарори махсус «Дар бораи ҷо ба ҷо кардани кӯдакони ятиммонда»-ро 14-уми марти соли 1942, тахти № 25 нашр кард.[9, 347]. Ҷобаҷо кардани кӯдакони ятиммонда ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирии беназоратии кӯдакон кори муҳими давлатӣ ҳисобида мешуд. Дар назди кумитаи иҷроияи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо комиссияи ҷобаҷокунии кӯдакон таъсис дода шуд. Дар ҷумҳурӣ садҳо одамон дар бораи ба парасторӣ гирифтани кӯдакони ятиммонда ариза доданд. Танҳо сокинони шаҳри Сталинобод дар солҳои 1941-1943 ба тарбия ва парасторӣ 639 нафар кӯдаки ятиммондаро гирифтанд. [10].

Вазъияти демографии бар асари ҷанг ба миён омада, таваҷҷуҳи бештари давлатро ба масъалаҳои оила ва таҳкими муносибатҳои оилавӣ тақозо мекард. Раёсати Шурои Олии ИҶШС 8 сентябри соли 1943 Фармони махсусро "Дар бораи фарзандхондӣ" содир намуд, ки тибқи он кудакони фарзандхондшуда бо кудакони биологӣ баробар ҳисобида мешуданд.

Дар солҳои охири Ҷанги Бузурги Ватанӣ Фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 8-уми июли соли 1944 «Дар бораи баланд бардоштани кумаки давлатӣ ба занҳои ҳомилаю серфарзанд ва модарони танҳо, пурзӯр кардани ҳимояи модарону кӯдакон, барқарор кардани унвони фахрии «Қаҳрамонмодар» ва таъсиси ордени «Шарафи модарӣ» ва «Медали модарӣ» [11] ба тасвиб расид. Мувофиқи ин Фармон бақайдгирии ҳатмии ақди никоҳ барқарор карда шуда, як қатор чораҳо барои расонидани ёрӣ ба занҳои ҳомилаю серфарзанд ва танҳо (таъмини кумакпулӣ, кӯдакистон, боғчаи бачаҳо, рухсатӣ) пешбинӣ шуд. Шабакаҳои васеи тиббӣ имконият дод, ки на танҳо ба кӯдакони маҳал, балки ба кӯдакони аз шаҳрҳои наздифронтӣ муҳоҷиршуда низ хизмати тиббӣ расонида шавад.

Пас аз ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба масъалаҳои бақайдгирии асноди шаҳрвандӣ аҳамияти бештар дода шуда, фаъолияти мақомоти САҲШ тахти назорати мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ қарор дошт. Ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияву шаҳрҳо биноҳо ва утоқҳои алоҳидаи интизорӣ ва толор барои бақайдгирии никоҳ ва таваллуд таъмин карда шуданд, мақомоти махаллӣ вазифадор буданд, ки ҳамаи биноҳоро бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардонанд. Соли 1946 КХКД ба Вазорати корҳои дохилӣ номгузорӣ шуд ва сохторҳои САҲШ дар назди шуъбаю раёсатҳои мақомоти корҳои дохилӣ фаъолият кард. Идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ 25 октябри соли 1956 аз тобеияти Вазорати корҳои дохилӣ хориҷ карда шуда, ба ихтиёри Шурои маҳаллии депутатҳои меҳнаткашон дода шуданд.

Бинобар интиқол дода шудани муассисаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба кумитаҳои иҷроияи Шурои маҳаллии депутатҳои меҳнаткашон бойгонии идораҳои САҲШ–и ҷумҳуриҳои мухтор ва вилоятҳо ба ихтиёри бевоситаи Шурои вазирони ҷумҳуриҳои мухтор, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ дода шуданд, ки ба беҳтар шудани фаъолияти сабти аснод мусоидат намуд.

Соли 1968 аввалин санади ҳуқуқи оилавии умумииттифоқӣ "Асосҳои қонунгузорӣ дар бораи никоҳ ва оилаи ИҶШС ва ҷумҳуриҳо" қабул карда шуд. Тибқи он дар ҷумҳуриҳо кодексҳо дар бораи никоҳ ва оила қабул шуданд. Кодекси оила ва никоҳи ҶШС Тоҷикистон соли 1969 қабул карда шуд, ки он дар баробари масоили никоҳу оила муносибатҳои доир ба асноди шаҳрвандиро ба низом медаровард.[12, 345]. Танҳо никоҳи дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ қайдшуда, расман эътироф карда мешуданд. Издивоҷи воқеӣ ба мисли пешин оқибати ҳуқуқӣ надоштанд ва асос барои бекор шудани никоҳ вайроншавии бебозгашти оила маҳсуб мешуд. Дар ҳолати набудани фарзандони ноболиғ ё баҳсҳои амволӣ, ақди никоҳ бо розигии тарафҳо аз ҷониби мақомоти САҲШ бекор карда мешуд. Тартиби судии эътироф намудани падарии шахсоне, ки дар лаҳзаи таваллуди кудак бо модари ӯ дар ақди никоҳи расмӣ набуданд, нисбати кудаконе эътироф мегардид, ки баъди 1 октябри соли 1968 таваллуд шуда бошанд. Мувофиқи қонун бақайдгирии ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии (бюроҳои) кумитаҳои иҷроияи шуроҳои вакилони меҳнаткашони ноҳия ва шаҳр, дар шаҳракҳо ва деҳот мустақиман аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи шуроҳои шаҳрак ва деҳот анҷом дода мешуд. Идораҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ то соли 1998 тибқи Кодекси оила ва никоҳи ҶШС Тоҷикистон (соли 1969) амал мекарданд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, барномаю консепсияҳо қабул шудаанд, ки ислоҳоти ҳуқуқиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пайгирӣ намуда, ба рушди мақомоти адлия ва сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ равона шудааст. Ба зиммаи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ вазифаҳои муҳимтарин оид ба таъмини волоияти қонун, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон вогузор шудааст. Фаъолияти мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон, ба ҷамъ

намудани маълумоти омории пурра, боэътимод ва саривақтӣ оид ба ҳолати шаҳрвандӣ равона гардида, бо ҳаёти инсон аз лаҳзаи таваллуд то дақиқаи охирини он алоқаманд аст.


**Адабиёт:**

1. Буризода Э.Б., Одиназода Р.С. Судебные и квазисудебные институты в истории таджикской государственности. – Душанбе:Ирфон, 2018.
2. Собрание узаконений и распоряжений рабочего и крестьянского правительства.-29 декабя 1917 г.-№11.-Ст.160.-С.161-163.
3. 90 соли адлияи тоҷик. –Душанбе: Эр-граф, 2014. –203с.
4. Мухаммадиев И. История становления органов прокуратуры на севере Таджикистана. – Худжанд: Хуросон, 2010.
5. ГА СО. – Ф. 3. – Оп. 1. – Д.14. – Л. 1.
6. Циркульярное письмо НКЮ ТАССР от 8.03.1924г. №16 // ГА СО. –Ф.8. –Оп. 1.– Д. 15. – Л. 24.
7. Сборник законов СССР и Указов Президиума Верховного Совета СССР 1938-1956. – М., 1956.
8. Сборник законов СССР и Указов Президиума Верховного Совета СССР 1938-1956. – М., 1956.
9. Маҷмӯи қонунҳои амалкунандаи РСС Тоҷикистон. Қисми Х1Х. Қонун дар бораи маориф. –Душанбе, 1979. -С. 347.
10. Коммунист Таджикистана.– 1944. – 26 янв.
11. Ведомости Верховного Совета СССР. -1944. - № 60.
12. Собрание действующего законодательства Таджикской ССР. – Душанбе, 1979. – С. 435.



**Мухаммади Дилноз Изатуллозода -** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, Соискатель


**К вопросу об организации органов записи актов гражданского состояния в советском Таджикистане (1917-1991 гг.)**


Автор статьи исследуя проблемы истории создания органов записи актов гражданского состояния советского Таджикистана и принятые в этом направлении нормативные акты пришла к выводу, что эти документы коренным образом изменили существовавшие в досоветское время традиции по регистрации и контролю рождаемости, брака и смерти, официально был признан светский брак, но религиозный брак не был отменен и считался личным делом каждого человека. Определенный период использовались отдельные правовые нормы шариата и казийские суды, которые рассматривали иски по бракоразводным процессам, спорам о наследовании, опекунстве и т.п. Далее в ходе реформ советского периода, регистрация актов гражданского состояния в полном объеме передавался гражданским властям и стал эффективным средством государственного регулирования семьи и обеспечения личных и имущественных прав граждан.



**Ключевые слова:** документ, гражданин, акты, совет, запись, рождение, брак, семья, дети, права, человек, имущество, реформа, система, правосудие, суды, органы власти



**Muhammadi Dilnoz Izatullozoda -** State University of Law, Business and Politics of the Republic of Tajikistan


«The Organization of Civil Status Registration Authorities in Soviet Tajikistan (1917–1991)”


This article analyzes the formation and development of civil registration authorities in Soviet Tajikistan, with particular attention to the determination of their establishment date and the legal acts adopted during the Soviet period. The study demonstrates that traditional mechanisms of registering and controlling vital events—birth, marriage, and death—underwent substantial transformation. While civil marriage was officially recognized by the state, marriage was not entirely stripped of its religious significance and for a certain time remained a matter of personal choice. During the transitional period, specific norms of Sharia law continued to be applied, and qadis retained judicial functions, including the consideration of divorce cases and inheritance disputes, exercising both legal and property-related authority. Subsequent Soviet reforms resulted in the complete transfer of civil status registration to state institutions, turning it into an effective instrument of state regulation of family relations and a mechanism for safeguarding citizens’ personal and property rights.



**Keywords:** civil status acts, legal documents, citizen, registration, birth, marriage, family, children, rights, personality, property, Soviet reforms, legal system, justice, courts, public authorities.

**СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5. 1. 2** – ПУБЛИЧНО – ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО – ПРАВОВЫЕ) = ИЛМҲОИ ОММАВӢ – ҲУҚУҚӢ (ДАВЛАТӢ – ҲУҚУҚӢ) = PUBLIC – LEGAL (STATE – LEGAL) SCIENCES

# НИЗОМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Иброҳимов Солиҷон Иброҳимович** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатӣ. E-mail: soleh52@mail.ru; **Бобоев Мирзоалӣ Мирзоназарович** - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, магистрант. E-mail: mirzoali.boboev.92.@mail.ru

«Дар робита ба нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ таъкид бояд кард, ки саҳми ин шохаи ҳокимият ба сифати рукни мустақил дар барпо намудани давлати демократии ҳуқуқбунёд хеле муҳим аст».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар асоси моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимоти ҳокимият ба се шоха амалӣ мегардад: ҳокимияти қонунгузорӣ, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ. Маврид ба қайд аст, ки дар ҳақиқат ҳам масъалаҳо вобаста ба фаъолияти судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таваҷҷуҳи бевоситаи давлату ҳукумати кишварамон қарор дорад. Бояд таъкид намоем, ки ягона татбиқкунандаи адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳокимияти судӣ мебошад. Аз ин хотир пажӯҳиши илмии низоми ҳокимияти судӣ, мақоми ҳуқуқии судии кишвар масъалаи мубрам ва зарурӣ аст. Дар мақола масоили рушди низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо.** Конститутсия, суд, ҳокимияти судӣ, адолати судӣ, мурофиа, қонунгузорӣ, ҳалнома, ҳукм, таъинот, парванда, коллегияи судӣ.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ карда мешавад.

Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз ҷониби судҳо дар симои судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани адолати судӣ ҷалб шудаанд, амалӣ карда мешавад. Ягон мақомот ё шахси дигар ҳуқуқи амали намудани адолати судиро надоранд.

Ҳокимияти судӣ фаъолияти худро тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ амалӣ менамояд.

Тартиби аз тарафи судҳо баррасӣ намудани парвандаҳоро қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд.

Тартиби ташкил ва фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян менамояд.

Ташкили суди фавқулода ва судҳое, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинӣ накардааст, манъ аст[1].

Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон эълон намудаанд, ҳифз менамояд.

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

адолати судӣ танҳо аз тарафи суд амалӣ карда мешавад.

Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд [2].

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истиснои мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Беэҳтиромӣ нисбат ба суд, ҳамчунин содир намудани кирдоре, ки аз беэътиноии ошкоро нисбат ба суд шаҳодат медиҳад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад. Дахолат ба фаъолияти суд манъ аст. Дар ҳар шакл дахолат кардан ба фаъолияти суд бо мақсади монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад. Воситаҳои ахбори омма ва журналистон ҳуқуқ надоранд дар ахборашон натиҷаи пешакии мурофиаи судии парвандаи мушаххасро, ки аз рӯи он қарор эътибори қонунӣ пайдо накардааст, мавриди муҳокима қарор диҳанд. Судя вазифадор нест дар бораи моҳияти парвандаҳое, ки баррасӣ шудаанд ё мавриди баррасӣ қарор доранд, ба ягон мақомот ё шахси мансабдор баёнот (маълумот, ахборот) диҳад, инчунин онҳоро барои шинос шудан дар ихтиёри касе гузорад, ба ғайр аз ҳолатҳо ва тартибе, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст[3].

Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонун итоат мекунанд.

Мустақилияти судя таъмин мегардад бо:

-тартиби махсуси интихоб, таъин, озод ва бозхонд шудан;

-дахлнопазирии судя;

-амалӣ намудани адолати судӣ тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-манъи ҳама гуна дахолат ба фаъолияти судя дар амалӣ намудани адолати судӣ бо таҳдиди ҷавобгарӣ;

-ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбат ба суд, судя;

-ҳуқуқи ба истеъфо баромадан, бо хоҳиши худ ба кори дигар гузаштан, аз вазифа озод шудан, ба нафақа баромадан ва бозхонди судя;

-муҳайё намудани шароити ташкилӣ ва моддӣ-техникӣ барои фаъолияти судҳо;

-мувофиқи мақом аз ҳисоби давлат аз ҷиҳати моддӣ ва иҷтимоӣ таъмин намудани судя.

Кафолати мустақилияти судяҳо, аз ҷумла чораҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии онҳо, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, ба ҳамаи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегарданд. Судяҳо, аъзои оилаи онҳо ва молу мулки онҳо таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд[4].

Муҳофизати бино ва молу мулки судҳо, дар сурати зарурат, бо аризаи судя ё аъзои оилааш, муҳофизати судя ва аъзои оилаи ӯ, хонаи истиқоматӣ ва молу мулки онҳо ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ гузошта, ройгон иҷро карда мешавад.

Судя барои гирифта гаштан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани силоҳи хизматӣ ҳуқуқ дорад, ки тартиби онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Судя ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Дахлнопазирии судя ба ҳаёт, қадр ва номуси ӯ, манзили истиқоматӣ, утоқи хизматӣ, воситаҳои нақлиёт ва алоқае, ки дар истифодаи ӯ қарор доранд, инчунин ба муросилот, ашё ва ҳуҷҷатҳои судя паҳн мегардад. Бе ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашидан, ба ҳабс ё ҳабси хонагӣ гирифтани судяи Суди Олӣ ва судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин нест.

Бе ризоияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба ҳабс ё ҳабси хонагӣ гирифтани судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, судҳои шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе мумкин нест [5].

Чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтани судя, муваққатан дур кардан аз вазифа, азназаргузаронии манзил, кофтукови манзил ва утоқи хизматии ӯ, ҳабси молу мулк, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо, ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани онҳо, кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумот дар бораи пасандоз ва суратҳисобҳои бонкӣ, ҳабси маблағҳои дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва ташкилотҳои кредитӣ қарордоштаи судя бо дархости прокурор ё муфаттиш бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд. Дастгир кардан, маҷбуран овардан,

кофтукови шахсии судя, азназаргузаронии молу мулк, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, ки онҳоро истифода мебарад, танҳо дар вақти дастгир намудани ӯ ҳангоми содир кардани ҷиноят, дар дигар мавридҳо бошад, танҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятии оғозгардида нисбат ба судя бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарори суд, судяҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ буда, бояд дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бечунучаро ба иҷро расонида шаванд.

Суде, ки санади судиро баровардааст, иҷрои онро назорат мекунад. Иҷро накардан ва ё монеъ шудан ба иҷрои санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Тартиби иҷрои санадҳои судиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳоло ба таври мухтасар мақоми баъзе аз ин судҳоро таҳлил мекунем.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар Конститутсия ҳангоми номбар кардани судҳо ба Суди конститутсионӣ мақоми аввал дода шудааст. Инчунин, яке аз моддаҳои боби 8-ум, ки "Суд" ном дорад, ба тарзи ташкил ва салоҳияти Суди конститутсионӣ бахшида шудааст. Дар ин модда гуфта мешавад, ки Суди конститутсионӣ аз 7 нафар иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судяи Суди конститутсионӣ фаъолият намуданро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд [6].

Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ интихоб шудааст, дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ савганд ёд мекунад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои салоҳияти конститутсионии дар моддаи 89-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни конститутсионии мазкур пешбинишуда мебошад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани:

- қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- шартномаҳои байналмилалии эътибори қонунӣ пайдонакардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва раисони шаҳру ноҳияҳо;

-санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро баррасӣ менамояд.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин масъалаҳои зеринро баррасӣ менамояд:

- лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда;

- баҳси байни мақомоти давлатиро доир ба салоҳияти онҳо;

- дархости шаҳрвандонро дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба онҳо аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти судӣ дар парвандаи мушаххас татбиқ карда шудааст ва ба андешаи онҳо боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсиониашон гардидааст;

- ваколатҳои дигареро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, анҷом медиҳад[7].

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудани хиёнат ба давлат хулоса қабул мекунад.

Санадҳои Суди конститутсионӣ қатъист[8].

Чунонки аз ин нишондоди Конститутсия ва аз унвони худи суд бармеояд, Суди конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба назорати конститутсионӣ буда, бо мақсади таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Чунонки зикр намудем, Суди конститутсионӣ аз 7 нафар — раис, муовини раис ва 5 судя иборат аст, ки яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад. Муҳлати ваколати судяҳои Суди конститутсионӣ 10 сол аст[9].

Раис, муовини раис ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи алоҳида интихоб карда мешаванд. Шахсе интихобшуда ҳисоб мегардад, ки аксарияти овози шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллиро гирифта бошад.

Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти иҷрои вазифаҳои худ мустақил буда, танҳо тобеи Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошанд. Мудохила ба фаъолияти онҳо инчунин, ба ягон шакле таъсиррасонӣ бо мақсади мамониат кардан ба фаъолияти онҳо мумкин нест[10].

Мақоми судяи Суди конститутсионӣ бо ваколати вакилӣ, узвияти ҳизби сиёсӣ ва иттиҳодияи ҷамъиятию сиёсӣ, ишғоли вазифаи дигар, фаъолияти соҳибкорӣ, иҷрои кор ва гирифтани музд дар дигар мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, машғулият ба фаъолияти хусусӣ, ба истиснои фаъолияти эҷодӣ, илмӣ ва омӯзгорӣ номувофиқ мебошад.

Судяи Суди конститутсионӣ ҳуқуқ надорад, ки дар суд ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба сифати ҳимоятгар ё намоянда, ғайр аз намояндаи қонунӣ будан иштирок кунад, ягон шахсро барои соҳиб шудан ба ҳуқуқ ё озод гардонидан аз масъулият ҳимоя намояд.

Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Дахлнопазирии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёт, қадр ва номуси ӯ, манзили истиқоматӣ ва хизматӣ, воситаҳои нақлиёт ва алоқае, ки дар истифодаи ӯ қарор доранд, инчунин ба муросилот, ашё ва ҳуҷҷатҳои вайро дар бар мегирад.

Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидан, ҳабс кардан ва ба ҳабси хонагӣ гирифтан мумкин нест.

Парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешаванд. Парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд[11].

Чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муваққатан дур кардаи аз вазифа, азназаргузаронии манзил, кофтукови манзил ва утоқи хизматии ӯ, ҳабси молу мулк, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо, ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани онҳо, кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти пасандоз ва суратҳисобҳои бонкӣ, ҳабси маблағҳои дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва ташкилотҳои кредитӣ қарордоштаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости прокурор ё муфаттиш бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд[12].

Дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтукови шахсии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, азназаргузаронии молу мулк, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, ки онҳоро истифода мебарад, танҳо дар вақти дастгир намудани ӯ ҳангоми содир кардани ҷиноят, дар дигар мавридҳо бошад, танҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятии нисбати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғозгардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои изҳори ақидааш таҳти ягон хел таъсиррасонӣ қарор додан мумкин нест.

Бозхонди судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зерин амалӣ мегардад[13]:

- бо хоҳиши худаш;

- бинобар қонеъ гардонидани аризаи хаттии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба истеъфо баромадан;

- нисбат ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани ҳукми айбдоркунанда, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст;

- дар асоси ҳалномаи қувваи қонунӣ пайдокардаи суд дар бораи ғайри қобили амал эътироф намудан, маҳдуд сохтани қобилияти амалкунӣ, бедарак ғоиб эътироф намудан ё фавтида эълон намудаии ӯ;

- вафоти судя;

- машғул шудани судя бо фаъолияте, ки ба вазифаи ӯ номувофиқ аст;

- қатъ гаштани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои истиқомати доимӣ баромада рафтан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад;

- бе сабабҳои узрнок дар мурофиаҳои судӣ зиёда аз думаротиба пайдарпай иштирок накардан ё саркашӣ намудани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз овоздиҳӣ оид ба қабули қарор;

- бо сабаби вазъи саломатӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок муддати дуру дароз (на камтар аз чор моҳ пай дар пай) вазифаҳои худро иҷро накардани судя;

- ба охир расидани мухлати ваколат;

- бинобар ба кори дигар гузаштан;

- ба нафақа баромадан;

- вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо[14].

Қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъӣ буда, доир ба онҳо шикоят кардан мумкин нест ва иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи мақомот, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, асҳоби сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, ки қарорҳо ба онҳо дахл доранд, ҳатмӣ мебошанд.

Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарор, хулоса ва таъйинот иборатанд.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Чунонки аз унвони суд маълум аст, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии судӣ ба ҳисоб рафта, назорати судиро аз болои фаъолияти Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия оид ба парвандаҳои граждани, оилавӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар парвандаҳои дар тобеияти ин судҳо буда амалӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки вазифа ва салоҳияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мураккаб ва пурмасъулият мебошад. Вай дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди зинаи якум ва дуюм бо тартиби назорат аз рӯйи ҳолатҳои навошкоргардида баррасӣ менамояд; ҳуқуқ дорад дар бораи конститутсионӣ будани қонуни татбиқшуда оид ба парвандаи мушаххас ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд; таҷрибаи судиро ҷамъбаст менамояд, омори судиро таҳлил менамояд ба судҳо доир ба масъалаҳои татбиқи қонунҳои амалкунанда, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ ба миён меоянд, тавзеҳоти дастурӣ медиҳад, барои аз тарафи судҳо иҷро намудани ин тавзеҳот назорат мекунад; дар доираи салоҳияташ масъалаҳоеро, ки аз шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ҳаллу фасл менамояд; дигар салоҳиятҳоеро, ки қонун пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

Дар Суди Олӣ, Пленуми он, Раёсати Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ ва Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ таъсис дода мешавад [15].

Дар муайян кардани ҳайати Суди Олӣ бевосита Президент ва Маҷлиси миллӣ иштирок мекунанд. Чунончи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳайати раис, муовини якум, муовинон, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ интихоб намуда, шумораи судяҳои Суди Олиро бо пешниҳоди Президенти ҶТ муқаррар менамояд.

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаи олии судӣ буда, дар ҳайати Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум, муовинони ӯ, котиби Пленум ва судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зарурӣ, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол аз ҷониби Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда мешавад. Ҷаласаи Пленумро Раиси Суди Олӣ таъйин мекунад.

Тавзеҳоти дастурии Пленуми Суди Олӣ оид ба татбиқи қонунгузорӣ, ки дар мавриди баррасии парвандаҳои судӣ пайдо мешаванд, барои судҳо, дигар мақомоту шахсони мансабдор, ки қонуни тавзеҳшударо татбиқ менамоянд, ҳатмӣ мебошанд.

Санадҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳалнома, ҳукм, таъйинот ва қарор мебошанд[16].

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар давлатҳои пешрафтаи мутамаддини ҷаҳон ҳама гуна баҳсҳо дар мақомоти суд ҳал карда мешаванд. Бо ривоҷ ёфтани шаклҳои гуногуни моликият ва рушди соҳаи иқтисодӣ дар ин давлатҳо хоҳу нохоҳ зуд-зуд баҳсҳое пайдо мешаванд, ки мазмуни молумулкӣ ва иқтисодӣ доранд, яъне ба муносибатҳои пуливу молӣ, қарз, андоз, соҳибкорӣ ва тиҷорат дахл мекунанд. Барои сари вақт ҳал

намудани чунин бахсҳо судҳои махсус - судҳои иқтисодӣ таъсис дода мешаванд.

Дар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин навъи суд амал мекунад, ба ҳалли масъалаҳои соҳаи иқтисодӣ машғул мебошанд. То қабули Конститутсияи соли 1994 баҳсҳои хоҷагии корхонаву ташкилотҳоро мақоми махсус - суди арбитражӣ ҳал мекард.

Ҳамин тавр, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии судӣ доир ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, инчунин парвандаҳои дигари аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасигардида ба ҳисоб рафта, назорати судиро аз болои фаъолияти Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе оид ба парвандаҳои иқтисодии дар тобеияти онҳо буда амалӣ менамояд[17].

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раис, муовини якум, муовини раис ва судяҳо иборат аст. Шумораи судяҳои ин судро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаи олии судӣ буда, дар ҳайати Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум, муовинҳои ӯ, котиби Пленум ва судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти судҳои иқтисодиро ҳал мекунад.

Судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пайдоиши судҳои ҳарбӣ ба соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси артиши миллӣ ва мақомоти ҳарбии Тоҷикистон вобастагӣ дорад[18].

Судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми қисмҳои ҳарбӣ адолати судиро амалӣ менамоянд.

Дар қисмҳои ҳарбии дигар давлатҳо, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд, адолати судӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи созишномаҳои баимзорасидаи байнидавлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Судҳои ҳарбӣ дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи принсипи ҳудудӣ дар маҳалли воқеъшавии гарнизонҳо таъсис дода шуда, аз судҳои ҳарбии гарнизонҳо ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошанд.

Фаъолияти судҳои ҳарбӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандоне, ки аз ҷамъомади ҳарбӣ мегузаранд ва дигар шаҳрвандон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қисмҳо, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои ҳарбӣ, мустаҳкам кардани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Ба судҳои ҳарбӣ ҳалли чунин парвандаҳо вогузор шудааст:

- парвандаҳо дар бораи тамоми ҷиноятҳое, ки хизматчиёни ҳарбӣ, ҳамчунин ухдадорони ҳарбӣ дар давраи гузаштани ҷамъомади ҳарбӣ содир намудаанд; парвандаҳо дар бораи тамоми ҷиноятҳое, ки шахсони ҳайати афсарӣ, прапоршикҳо, сержантҳо, старшинаҳо ва аскарони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардаанд;
- парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳое, ки хизматчиёни ҳарбии қӯшунҳои дохилӣ, воҳидҳо ва қисмҳои милисаи аз рӯйи даъват ташкил кардашудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтмончиёни ҳарбӣ содир кардаанд;
- парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳо бар зидди тартиби муқарраршудаи адои хизмат, ки шахсони ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои ислоҳӣ содир намудаанд;
- парвандаҳо дар бораи ҷосусӣ;
- парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст.

Ба низоми судҳои ҳарбӣ коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судҳои ҳарбии гарнизонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Суди ҳарбии гарнизон дар ҳудуде, ки як ё якчанд гарнизони ҳарбӣ воқеъ гардидааст, ташкил мешавад ва аз раис, муовини раис, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ иборат аст. Дар судҳои ҳарбие, ки аз панҷ ва зиёда аз он судяҳо иборат аст, вазифаи муовини раис муқаррар карда мешавад.

Шумораи судяҳоро барои ҳар як суди ҳарбии гарнизон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Конститутсия аниқ муқаррар кардааст, ки ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ин мулоҳиза чунин маънӣ дорад, ки ягон мақомоти дигар ё шахсони алоҳида ҳуқуқи таъмини адолати судиро надоранд. Ба хубӣ дарк кардаанд, ки дар давлати ҳуқуқбунёд ягон мақомот ё ташкилоту муассиса бе асоси қонунӣ, худ аз худ амал карда наметавонад. Барои ҳамаҷониба равшан кардани вазифаҳо, тарзу усули фаъолият ва ҳалли масъалаҳое, ки дар назди мақомоти судӣ қарор доранд, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26-уми июли соли 2014 қабул шудааст, ки роҳнамои фаъолияти мақомоти суд мебошад.

**Адабиёт:**

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6.11.1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003, 22.05.2016.

2.Асосҳои давлат ва ҳуқуқ. С.8. / Муаллифон: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А., д.и.ҳ., проф. Раҳимов М.З. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2006. – 200 с.

3.Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1. / Ҳайати таҳририя: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А., Назаров М.Н. ва диг. – Душанбе, 2009.

4.Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2. / Ҳайати таҳририя: д.и.ҳ., проф. Маҳмудов М.А., Назаров М.Н. ва диг. – Душанбе, 2010.

5.Беженцы. Базовая рамочная структура для анализа просчётов и упущений. Укрепление защиты беженцев. – Турин, 2009.

6.Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26-уми июли соли 2014.

7.Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо то 01.02.2007). – Душанбе, 2007.

8.Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005.

9.Иброҳимов С.И., Табаров Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии граждани. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – 300 с.

10.Иброҳимов С.И., Табаров Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии судии иқтисодӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – 328 с.

11.Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009.

12.Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010.

13.Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ”. – Душанбе, 2009.

14.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Назария ва амалияи татбиқи он (Бахшида ба 15-солагӣ). / Ҳайати таҳририя: Раҳимов М.З., Бобоев У.Х., Бахриддинов С.Э. ва диг. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2009. – 192 с.

15.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро». – Душанбе, 2008.

16.Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2008. – 320 с.

17.Маҷмӯаи қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-2009). / Маҳмудов М.А., Абдуллоев Л.И. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010.

18.Проблемы развития гражданского законодательства РТ. Материалы конференции. / Отв. ред.: д.ю.н., проф. Менглиев Ш.М., д.ю.н., проф. Рахимов М.З. – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 476 с.

**Ибрагимов Солехжан Ибрагимович** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, главный научный сотрудник. E-mail: soieh_52@mail.ru; **Бобоев Мирзоали Мирзоназарович** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, магистрант. E-mail: mirzoali. boboev.92.@mail.ru Телефон: 933-33-41-96.

## Система судебной власти в Республике Таджикистан

На основании статьи 9 Конституции Республики Таджикистан власть разделена на три ветви: законодательную власть, исполнительную власть и судебную власть. Следует отметить, что фактически вопросы, связанные с деятельностью судов в Республике Таджикистан, находятся под пристальным вниманием государства и правительства нашей страны. Необходимо подчеркнуть, что единственным исполнителем судебного правосудия в Республике Таджикистан

является «Судебная власть». По этой причине она считает важным и необходимым научные исследования системы судебной власти, правового статуса судебной власти страны. В статье рассматривается развитие судебной системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова**. Конституция, суд, судебная власть, правосудие, законодательство, постановление, решение, назначение, дело, судебная коллегия.

**Ibragimov Solehjan Ibragimovich -** Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bahavaddinov, chief researcher. E-mail: soieh_52@mail.ru; **Boboev Mirzoali Mirzonazarovich -** National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bahavaddinov, 2nd year master's student. E-mail: mirzoali.boboev.92.@mail.ru

**The sistem of the judicial power in the Republic of Tajikistan**

Based on Article 9 of the Constitution of the Republic of Tajikistan, power is divided into three branches: legislative power, executive power and judicial power. It should be noted that in fact, issues related to the activities of courts in the Republic of Tajikistan are under the close attention of the state and government of our country. It must be emphasized that the only executor of judicial justice in the Republic of Tajikistan is the "Judicial Power". For this reason, it considers the scientific research of the system of judicial power, the legal status of the country's judiciary to be important and necessary. The article deals with the development of the court system of the Republic of Tajikistan.

**Keywords**. Constitution, court, judiciary, justice, legislation, resolution, decision, appointment, case, judicial panel.

# СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ТРУДОВОГО ПРАВА РОССИИ

**Скачкова Галина Семеновна** - доктор юридических наук, профессор, Юридический институт (Санкт-Петербург), профессор кафедры международного права Эл. почта: gskachkova@mail.ru

В статье рассмотрены некоторые вопросы, характеризующие современное трудовое право России. Дана характеристика Трудового кодекса РФ как основного кодифицированного законодательного акта по регулированию отношений в сфере трудового права, обращено внимание на изменения его первоначальной редакции - как по структуре, так и по содержанию, касающиеся самых разных вопросов. Показано, что в современных условиях модернизации экономики и инновационных процессов продолжается совершенствование трудового законодательства РФ.

**Ключевые слова**: Трудовой кодекс РФ, трудовой договор, занятость, социальное партнерство, дифференциация.

Выполняя основные задачи, возложенные на него законом, трудовое законодательство Российской Федерации осуществляет правовое регулирование отношений в сфере труда, основанных на трудовом договоре между работником и работодателем, т.е. трудовых отношений. Предмет трудового права России составляют и иные непосредственно связанные с ними отношения, производные от трудовых отношений. Перечень таких отношений, данный в ст.1 Трудового кодекса РФ (далее: ТК РФ, Кодекс), является исчерпывающим (всего их девять). Поэтому регулирование иных отношений, не указанных в ст. 1 Кодекса, трудовое законодательство РФ не осуществляет.

Трудовой кодекс РФ - кодифицированный законодательный акт, содержащий систематизированные нормы, относящиеся к трудовому праву, вступил в силу, в соответствии с Федеральным законом от 30 декабря 2001 г. № 197-ФЗ [1], с 1 февраля 2002 г. вместо действующего до него КЗоТ РСФСР (РФ) от 9 декабря 1971 г. [2]

Трудовой кодекс РФ решает многие принципиальные вопросы, имеющие значение для применения трудового законодательства: в нем дается разграничение полномочий между федеральными органами государственной власти и органами государственной власти субъектов Российской Федерации, определяется сфера действия трудового права и его отграничение от гражданского права, принципы социального партнерства в сфере труда, помогающие находить компромиссные решения с учетом интересов обеих сторон трудового договора - как работодателей, так и лиц наемного труда (работников), показана роль договорного регулирования трудовых отношений и иных, непосредственно связанных с ними, отношений, отражены особенности условий труда отдельных категорий работников.

После принятия Трудового кодекса РФ в него вносились различные изменения и дополнения, связанные, в основном, с принятием новых федеральных законов, относящихся к сфере регулирования отношений в сфере труда. Так, например, в Разделе XII Кодекса появился ряд глав, связанных с особенностями регулирования труда отдельных категорий работников (работников религиозных организаций, спортсменов и тренеров, иностранных граждан или лиц без гражданства и др.).

Если ТК РФ первоначально состоял из 6 частей, 14 разделов, 62 глав и 424 статей, то в настоящее время, хотя число частей и разделов в Кодексе и не изменилось, но глав стало 67, а число статей составило более 530: с 2002 г. в ТК РФ внесено более 150 изменений и дополнений, касающихся самых разных вопросов. Ряд изменений, внесенных в ТК РФ, были обусловлены принятием Постановления Пленума Верховного Суда РФ от 17 марта 2004 г. № 2 «О применении судами Российской Федерации Трудового кодекса Российской Федерации» [3], имеющего в России исключительно важное значение для правоприменительной практики в области социально-трудовых отношений.

Вместе с тем, несмотря на принятые меры по регулированию трудовых отношений и правильному применению соответствующих правовых норм, время, прошедшее со дня введения в действие ТК РФ, показывает, что работа по совершенствованию его норм должна продолжаться. Во-первых, не все решения Кодекса оказались удачными, во-вторых, в нем не нашла в полной мере должного отражения реально существующая в настоящее время дифференциация условий труда различных категорий работников, в-третьих, некоторые вопросы остались пока неурегулированными.

Главное же заключается в том, что как базовый закон в сфере труда – некоторые нормы ТК РФ, так и трудовое законодательство РФ в целом, пока, к сожалению, не всегда бывают адекватными современным экономическим отношениям. Именно в этом одна из серьезных причин принимаемых законодателем решений по реформированию трудового законодательства России.

Модернизация экономики, инновационные процессы требуют более гибкого регулирования - как стандартных трудовых отношений, так и нетипичных отношений в сфере труда, как, например, отношений, связанных с дистанционным трудом, и др. Необходимо создание более благоприятных правовых возможностей для развития малого бизнеса, призванного играть важную роль не только для развития экономики, но и в организации дополнительных рабочих мест для обеспечения занятости всего трудоспособного населения. Особенно это касается тех лиц, которые по объективным причинам (состояние здоровья, семейное положение, возраст и проч.) испытывают некоторые трудности в поиске подходящей работы.

Теория и практика трудового законодательства РФ в современных экономических условиях неразрывно связана с повышением качества трудового потенциала, интеграцией международно-правового регулирования трудовых отношений в национальное законодательство, расширением возможностей социального партнерства в согласовании интересов работников и работодателей, принятием современных и своевременных мер по профессиональной подготовке и переподготовке работников, повышению их квалификации.

Анализ действующего трудового законодательства РФ выявляет необходимость принятия дополнительных мер по реализации таких основных принципов регулирования трудовых отношений, как запрещение принудительного труда и дискриминации в сфере труда, дальнейшего исследования трудового договора в системе сочетания государственного и договорного регулирования трудовых отношений и иных, непосредственно связанных с ними, отношений.

Закрепление в ч.2 ст. 37 Конституции РФ принципа свободы труда свидетельствует о праве каждого человека зарабатывать себе на жизнь трудом, который гражданин свободно выбирает или на который он свободно соглашается.

Хотя ранее в КЗоТ РФ и существовало понятия принудительного труда, но ТК РФ впервые дал в ст. 4 «Запрещение принудительного труда» его расшифровку – расширив это понятие по сравнению с международно-правовыми нормами, включив дополнительно в это понятие выполнение работы при нарушении установленных сроков выплаты заработной платы или выплате ее не в полном размере, необеспечении работника средствами индивидуальной или коллективной защиты, угрозе жизни или здоровью работника.

При этом определение в ТК РФ принудительного труда соответствует положениям ратифицированных Россией Конвенций МОТ № 29 «О принудительном или обязательном труде» (1930 г.) и № 105 «Об упразднении принудительного труда» (1957 г.).

Весьма важным документом для России, направленным на реализацию целей и задач трудового законодательства РФ, является принятие Национального стандарта РФ ГОСТ Р ИСО 27500-2024 «Эргономика. Организация, ориентированная на человека. Общие принципы», утвержденного приказом Росстандарта от 14 июня 2024 г. № 792-ст [4], введенного в действие с 1 января 2025 г.

В России впервые введен стандарт, указывающий на ценности и убеждения, лежащие в основе создания организации, ориентированной на человека, преимущества такой организации, а также политику, необходимую для достижения этой цели.

Стандарт опирается на знания в области эргономики и разъясняет принципы, характеризующие организацию, ориентированную на человека:

использование индивидуальных различий в качестве преимущества организации; установление в качестве стратегической цели организации пригодности использования и доступности системы, продукции или услуги; применение общего системного подхода; установление в качестве приоритета деятельности обеспечения здоровья, безопасности и благополучия людей; осознание ценности персонала и создание условий для понимания сотрудниками значимости своей работы; открытость и доверие; социальная ответственность во всех действиях.

Настоящий стандарт исходит из основной цели, провозглашенной в Рекомендации МОТ № 122 «О политике в области занятости» (1964 г.), в которой сказано, что «все люди, независимо от расы, веры или пола, имеют право на осуществление своего материального благосостояния и духовного развития в условиях свободы и достоинства, экономической устойчивости и равных возможностей», а также «каждый человек имеет право на труд, свободный выбор работы, справедливые и благоприятные условия труда и защиту от безработицы».

Данный стандарт идентичен международному стандарту ИСО 27500:2016 «Организация, ориентированная на человека. Общие принципы» (ISO 27500:2016 «The human-centred organization - Rationale and general principles», IDT).

Таким образом, современное трудовое законодательство РФ старается максимально учесть мировой опыт и международно-правовые акты, руководствуясь положениями ст. 10 ТК РФ о приоритете международных стандартов трудовых прав. Но при этом следует иметь в виду положения ч.10 данной статьи, согласно которой не допускается применение правил международных договоров РФ в их истолковании, противоречащем Конституции РФ. Такое противоречие может быть установлено в порядке, определенном федеральным конституционным законом.

Об этом сказано в ст. 104.1 «Направление запроса в Конституционный Суд Российской Федерации» Федерального конституционного закона от 21 июля 1994 г. № 1-ФКЗ «О Конституционном Суде Российской Федерации» [5].

Так, Президент РФ, Правительство РФ, Верховный Суд РФ, Генеральная прокуратура РФ вправе обратиться в Конституционный Суд РФ с запросом о возможности исполнения решения межгосударственного органа вследствие того, что в части, обязывающей РФ к принятию мер по его исполнению, данное решение основано на положениях международного договора РФ в истолковании, предположительно приводящем к их расхождению с положениями Конституции РФ.

Трудовой кодекс РФ впервые в истории развития трудового законодательства России столь масштабно рассматривает социальное партнерство в качестве регулятора трудовых отношений. Об этом свидетельствует специальный раздел Кодекса, состоящий из 23 статей, где дано определение понятия социального партнерства, сформулированы его принципы, называются стороны социального партнерства, органы и формы взаимоотношений между работниками и работодателями.

Роль социального партнерства как регулятора социально-трудовых отношений подчеркивается в ст. 5 ТК РФ, которая относит нормативные договоры в сфере социального партнерства к источникам трудового права, имеющим приоритет перед локальными нормативными актами. Этот приоритет подчеркивается в различных статьях Кодекса. К их числу относится, например, ст. 70 ТК РФ, предусматривающая, что расширение круга лиц, для которых испытание не устанавливается при приеме на работу, возможно не только в федеральном законе, но и в коллективном договоре. Локальный нормативный акт этот вопрос решить не может.

Исходя из создания более благоприятных условий для достижения оптимального согласования интересов сторон трудового договора – работников и работодателей, в литературе предлагается решение многих социально-трудовых вопросов передать из компетенции локальных нормативных актов на рассмотрение органов социального партнерства. Сейчас каждая пятая статья ТК РФ поставлена в зависимость от наличия локальных нормативных актов, что предусмотрено ст. 8 Кодекса.

В частности, такие вопросы, как система оплаты труда, установление размеров оплаты труда работникам, занятым на работах с вредными и (или) опасными и иными особыми условиями труда, оплата сверхурочных работ, работ в ночное время, различные виды режима рабочего времени и т.п., могли бы быть решены в коллективном договоре и соглашениях. Сегодня же они решаются и в локальных нормативных актах, а в ряде случаев - и в трудовом договоре.

Расширение перечня вопросов, урегулированных в порядке социального партнерства, могло бы сократить имеющиеся случаи произвольного нормотворчества работодателей, принимающих локальные нормативные акты в пределах своей компетенции, но которая, по существу, не определена. Установлен лишь ее предел: локальные нормативные акты не могут ухудшать положение работника по сравнению с установленным трудовым законодательством и иными нормативными актами, содержащими нормы трудового права, коллективным договором, соглашениями (ст.8 ТК РФ).

Однако вполне возможны случаи, когда положение работника не ухудшается, но работодатель принимает локальный нормативный правовой акт по вопросу, который он не вправе самостоятельно решать. Для исключения таких ситуаций следовало бы законодательно закрепить исчерпывающий перечень вопросов, относящихся к компетенции работодателя.

В целях соблюдения трудового законодательства РФ издаются специальные разъяснения Роструда по наиболее важным институтам трудового права. В качестве примера можно привести приказ Роструда от 11 ноября 2022 г. № 253 «Об утверждении Руководства по соблюдению обязательных требований трудового законодательства» [6].

В Государственной Думе Федерального Собрания РФ рассматривается законопроект о сокращения сроков вступления в силу отдельных нормативных правовых актов, устанавливающих обязательные требования [7].

Трудовое право в России постоянно адаптируется к новым экономическим и социальным вызовам: переход от индустриальной экономики к цифровой неизбежно меняет не только количественный, но и качественный характер трудовых отношений. На труд и занятость огромное влияние

оказывает распространение цифровых технологий, о чем свидетельствуют такие процессы, как то:

- автоматизация как замена человеческого труда машинным;
- цифровизация как преобразование физических объектов и документов в цифровые и наоборот;
- использование цифровых платформ в качестве посредников для алгоритмической организации экономических транзакций.

Распространение трудовых цифровых платформ становится общемировым трендом. Вместе с тем, очевидно, что запаздывание в правовом регулировании новых форм труда чревато ухудшением условий труда для таких работников со стороны работодателей. Расширение использования цифровых технологий в современном производстве оказывает влияние и на увеличение общего числа рабочих мест. Во-первых, создаются рабочие места в самой сфере информационно-коммуникационных технологий. Во-вторых, под влиянием цифровых технологий создаются новые рабочие места в целом ряде отраслей экономики, прежде всего, в сфере услуг.

Изменения, происходящие в последнее время в трудовом праве России, затронули дистанционную работу, цифровизацию кадровых процессов, защиту прав работников и новые формы занятости, что получило развитие в различных нормативных правовых актах, принятых на федеральном уровне. Конечно, прежде всего, это – Федеральный закон от 12 декабря 2013 г. № 565-ФЗ «О занятости населения в Российской Федерации» [8].

В развитие данного закона распоряжением Правительства РФ от 2 сентября 2024 г. № 2401-р утверждена Концепция по повышению уровня занятости инвалидов в Российской Федерации на период до 2030 года, план мероприятий по ее реализации [9].

При этом запрещается распространение информации о свободных рабочих местах или вакантных должностях, содержащей сведения дискриминационного характера.

Т.е. работодателям в объявлениях о поиске новых работников запрещено указывать на какое бы то ни было прямое или косвенное ограничение прав или установление прямых или косвенных преимуществ в зависимости от пола, расы, национальности, языка, цвета кожи, происхождения, инвалидности, имущественного, семейного, социального и должностного положения, возраста, места жительства, отношения к религии, убеждений, принадлежности или непринадлежности к общественным объединениям или каким-либо социальным группам, а также другие обстоятельства, не связанные с деловыми качествами работников.

Исключение составляют случаи, если право или обязанность устанавливать такие ограничения или преимущества предусмотрены федеральными законами.

Лица, распространяющие информацию о свободных рабочих местах или вакантных должностях, содержащую сведения дискримина-ционного характера, привлекаются к административной ответственности с наложением административного штрафа:

на граждан - от 500 до 1 000 руб.; на должностных лиц - от 3 000 до 5 000 руб.; на юридических лиц - от 10 000 до 15 000 руб.

Об этом говорится в ст. 13.11.1 Кодекса Российской Федерации об административных правонарушениях от 30 декабря 2001 г. № 195-ФЗ [10].

Принят закон о молодежной политике, как части государственной политики России, призванной реализовать молодежный потенциал, вовлечь молодых людей в политическую и социально-экономическую жизнь российского государства. Имеется в виду Федеральный закон от 30 декабря 2020 г. № 489-ФЗ «О молодежной политике в Российской Федерации» [11]. С учетом изменений в этот закон в 2024 г. [12] впервые на федеральном уровне определены понятия «молодежь», «молодая семья», «молодежная политика», «молодежные общественные объединения» и др.

Между понятиями «молодежь» и «молодые граждане», представляемыми как социально-демографические группы лиц в возрасте от 14 до 35 лет включительно (за исключением предусмотренных в законе случаев), имеющих гражданство РФ, поставлен, фактически, знак равенства.

Среди молодежи в возрасте от 14 до 35 лет включительно выделены 2 категории молодых граждан: молодой специалист и молодой рабочий.

Уточнено понятие «молодой специалист»: имеются в виду граждане РФ в возрасте до 35 лет включительно, имеющие трудовой стаж, полученный в период обучения по основным профессиональным образовательным программам или по программам профессионального обучения. Вводится понятие «молодой работник»: это - гражданин РФ в возрасте до 35 лет включительно, имеющий трудовой стаж не более 3 лет и не относящийся к категории «молодой специалист».

Исключением из указанных выше правил является указанная в законе возможность установления для господдержки различными нормативными

правовыми актами иного максимального возраста, но не менее 35 лет включительно.

В Долгосрочной программе содействия занятости молодежи на период до 2030 года, утвержденной распоряжением Правительства РФ от 14 декабря 2021г. №3581-р [13], говорится о содействии занятости молодежи разных возрастных групп: 15-19 лет; 15-24 года; 15-29 лет; 15-34 года; 20-24 года; 20-29 лет; 25-29 лет; 30-34 года.

24 сентября 2025 г. на заседании Правительства РФ принято решение о повышении минимального размера оплаты труда более чем на 20 % и с 1 января 2026г. МРОТ составит 27 093 руб. [14]. Сейчас размер МРОТ в России с 1 января 2025 г., установленный Федеральным законом от 29 октября 2024 г. № 365-ФЗ [15], составляет 22 440 руб.

Как уже отмечалось ранее, несмотря на принятые меры по повышению качества регулирования трудовых отношений и правильному применению соответствующих правовых норм, время, прошедшее со дня введения в действие ТК РФ, показывает, что работа по его совершенствованию должна продолжаться и, как было показано, она продолжается.

Трудовое право – это, прежде всего, социальное право, и поэтому на любом этапе его развития защита трудовых прав и свобод лиц, работающих по трудовому договору, является важнейшей задачей государства, всех институтов гражданского общес-тва, работодателей любых форм собственности и организационно-правовых форм, с соблюдением правовых гарантий для всех субъектов трудового права.

Поэтому необходимо использовать все возможности трудового законодательства РФ, чтобы добиться благоприятных условий труда и полной занятости, достойной оплаты труда, реализуя тем самым положения Указа Президента РФ от 7 мая 2024 г. № 309 «О национальных целях развития Российской Федерации на период до 2030 года и на перспективу до 2036 года» [16], направленного на обеспечение устойчивого экономического и социального развития России, укрепление ее государст-венного, культурно-ценностного и экономического суверенитета, увеличение численности населения.

**Литература:**

1. Ведомости Верховного Совета РСФСР. –1971. № 50. Ст. 1007.

2. Собрание законодательства РФ. –2002. № 1 (ч. 1). Ст. 3.

3. Бюллетень Верховного Суда РФ. –2004. –№ 6.

4. СПС «КонсультантПлюс».

5. Собрание законодательства РФ. 1994. № 13. Ст. 1447.

6. СПС «КонсультантПлюс».

7. См.: Законопроект № 804715-8 «О внесении изменения в статью 3 Федерального закона "Об обязательных требованиях в Российской Федерации" // https://sozd.duma.gov.ru/bill/804715-8 (дата обращения: 10.10.2025).

8. Собрание законодательства РФ. 2023. № 51. Ст. 9138.

9. Собрание законодательства РФ. 2024. № 37. Ст. 5601.

10. Собрание законодательства РФ. 2002. № 1 (ч. 1). Ст. 1.

11. Собрание законодательства РФ. 2021. № 1 (ч. I). Ст. 28.

12. См.: Федеральный закон от 22 апреля 2024 г. № 95-ФЗ «О внесении изменений в Федеральный закон "О молодежной политике в Российской Федерации"» // Собрание законодательства РФ. 2024. № 18. Ст. 2408.

13. Собрание законодательства РФ. 2021. № 51. Ст. 8941.

14. См.: Мишустин: МРОТ с 2026 года вырастет более чем на 20 % // https://minfin.gov.ru/ru/press-center/?id_4=39933-mishustin_mrot_s_2026_goda_vyrastet_bolee_chem_na_20&ysclid=mh1wpnj5ym125121866 (дата обращения: 10.10.2025).

15. См.: Федеральный закон от 29 октября 2024 г. № 365-ФЗ «О внесении изменения в статью 1 Федерального закона "О минимальном размере оплаты труда"» // Собрание законодательства РФ. 2024. № 45. Ст. 6696.

16. Собрание законодательства РФ. 2024. № 20. Ст. 2584.

**Skachkova Galina Semyonovna** - Doctor of Law, Professor, Private Higher Education Institution Law Institute (Saint Petersburg), Professor of the Department of International Law. E-mail: gskachkova@mail.ru

**Modern trends in the development of labor law in Russia**

The article discusses some issues that characterize modern labor law in Russia. It provides a description of the Labor Code of the Russian Federation as the main codified legislative act regulating labor relations, and highlights changes in its original version, both in terms of structure and content, which cover a wide range of issues. The article shows that in today's context of economic modernization and innovation, the Russian Federation continues to improve its labor legislation.

**Keywords**: Labor Code of the Russian Federation, employment contract, employment, social partnership, differentiation.

# МАСОИЛИ ТАНОСУБИ МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВА КОНСТИТУТСИОНӢ

**Хуршедзода Манижа Хуршед** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, ассистенти кафедра. E-mail: khurshedzodam@mail.ru.

Баъзе масъалаҳои назариявии таносуби меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва конститутсионӣ дар асоси қонунгузорӣ ва адабиёти муосири илмӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Таносуби меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ бо доштани хусусиятҳои хоси назариявӣ ва амалӣ таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб кардааст. Бо назардошти он ки муқаррароти конститутсионӣ хусусияти умумиҳатмӣ ва принсипиалӣ доранд барои ташаккул додани қонунгузории ҷиноятӣ метавонад нақши ҳалкунанда дошта бошад. Аҳамияти робитаи байнисоҳавии ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҷиноятӣ қайд карда мешавад.

Муқаррароти асосии робитаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни ҷиноятӣ нишон дода шудааст. Муаллиф хулоса баровардааст, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ бо предмети ҳуқуқи конститутсионӣ зич алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, таносуб, қонунгузорӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, асосҳои коститутсионӣ.

Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд меъёри ҳуқуқ заминаи иҷтимоӣ дошта, барои иҷрои вазифаҳои муайян, ки ба ҷамъият фоида мерасонанд, таъсис дода мешаванд. Меъёри ҳуқуқ ифодагари иродаи давлат ва халқи он ба шумор рафта, дар ҳаёт ҳамчун ҳаракати ҷавобӣ ба талаботи иқтисодию иҷтимоии сохти ҷойдошта баромад менамояд, ки он таъқибгари мақсадҳои нисбатан беҳтар ва босифаттар ба танзим даровардани муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ аст. Вале чӣ тавре ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ доим дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра менамояд. Аз ин лиҳоз, меъёри ҳуқуқ дар навбати худ бояд тавозуни ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат намояд.

Аслан, калимаи «меъёр» маънии қоидаи умумиро дорад. Аз ин лиҳоз, қонунгузор дар як қатор мавридҳо дар худи матни қонун ба ҷои истилоҳи «меъёр» истилоҳи «қоида»-ро истифода мебарад. Нишонаи муҳимтарини меъёр хусусияти умумӣ доштани он аст, яъне вай муносибати ҳамаи ашхосеро, ки дар зери аломатҳои он рафтор мекунанд, муқаррар менамояд. Ҳамаи меъёрҳои мавҷуда ҳамчун қоидаҳои умумии рафтор танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд [14, 245].

Меъёри ҳуқуқ чун қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, объекти таҳлилу омӯзиши равияву назарияҳои зиёду мухталифи афкори умумиинсонӣ мебошад. Оид ба он бисёр мутафаккирон фаъолияти илмию эҷодии худро бахшида, консепсияи назарияҳои мухталифро офариданд, ки вобаста ба инкишофи меъёри ҳуқуқ чунин таълимотҳо мазмунан ва сифатан тағйир меёфтанд.

Вобаста ба мафҳуми меъёри ҳуқуқӣ дар адабиёти илмии ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ андешаҳои гуногун ҷой дорад.

Меъёри ҳуқуқӣ гуфта, муқаррароти меъёрӣ ва нишондоди дигари ҳуқуқро меноманд, ки муносибатҳои ҳуқуқро ба танзим медарорад [9, 293].

Меъёри ҳуқуқ қоидаи ҳатмии умумие мебошад, ки онро давлат муқаррар ё тасдиқ намуда, муҳофизат мекунад. Вай хоҳишу ирода ва манфиати халқро, ки дар шароити моддии ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ифода карда, бо мақсади дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тартиб овардани онҳо фаъолона таъсир мерасонад [14, 245].

Меъёри ҳуқуқӣ қоидаҳои шаклан муайяншудаву ба ҳамагон ҳатмии рафтор буда, аз ҷониби давлат муқаррар ва таъмин карда мешаванд ва ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд [4, 40].

Меъёри ҳуқуқӣ ин унсури аввалини ҳуқуқ буда, бо ёрии он қоидаҳои оддитарини рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок муайян ва муттаҳид карда шуда, падидаҳо, принсипҳо, ҳадафҳо, восита ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ дар он инъикос меёбанд [12, 58].

Меъёрҳои ҳуқуқӣ яке аз унсурҳои низоми иҷтимоӣ буда, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши назаррас дошта, бо аломатҳои худ ба монанди универсализм, паҳншавӣ ва ғайра аз дигар меъёрҳо тафовут дорад [13, 73].

Доир ба таносуби меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ низ фикру андешаҳои олимони соҳаи ҳуқуқ як хел нестанд. Фикру ақидаҳои гуногуни илмӣ-ҳуқуқӣ дар ин самт бараъло мушоҳида карда мешавад. Меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар алоқамандӣ қарор доранд ва дар як вақт бо ҳамдигар тафовути куллӣ доранд.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар маҷмуи худ ҳуқуқи конститутсиониро ташкил менамоянд, меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ номида мешаванд.

Меъёри ҳуқуқии конститутсионӣ ифодаи мантиқии меъёрии давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки бо қонунҳои инкишофи воқеияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдор ба таври махсус қабул карда мешаванд, дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, афзалиятҳои ҳамкории ҷомеа ва давлат, давлат ва шахсро муқаррар мекунанд, инчунин муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд [10, 7].

Меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ қоидаҳои умумиҳатмии рафторро муқаррар мекунанд, ки муносибатҳоро дар ҳуқуқи конститутсионӣ танзим месозанд [11, 8].

Меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ қоидаҳои умумии рафторро ташкил медиҳанд, ки барои танзими муносибатҳои мазкур ва амалӣ сохтани онҳо пешбинӣ шудаанд. Меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ дорои хусусиятҳои умумие мебошанд, ки ба ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ сарфи назар аз мансубияти онҳо ба меъёрҳои соҳавӣ ва байни соҳавӣ хосанд. Онҳо ба як қисми мустақили системаи ҳуқуқӣ шомил ҳастанд. Ба андешаи муаллиф меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ асосҳои умумӣ ва роҳбарикунанда барои дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ хосанд.

Меъёрҳои ҳуқуқии зикргардида, бо дигар меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла бо меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ умумият дошта, дар навбати худ бо хусусиятҳои хоси худ фарқ менамоянд. Ба ҳамагон возеҳ аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ аз қисмҳои гипотеза, диспозитсия ва санксия таркиб ёфтаанд. Вале бояд ҳаминро қайд намоем, ки дар меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ асосан мавҷудияти яке аз ин қисматҳо, диспозитсия бисёртар ба назар мерасад. Андешаи худро дар ин маврид метавонем бо моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намоем, ки дар он омадааст: "Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) аст [1.]". Дар ин меъёр танҳо диспозитсия мавҷуд асту халос. Аммо мавҷудияти гипотеза ва санксия низ инкор намешавад ва дар баъзе аз ҳолатҳо вомехуранд. Бисёр меъёрҳои конститутсионӣ –ҳуқуқӣ иборат аз ду узв-гипотеза ва диспозисия мебошанд. Масалан, дар қисми дуюми моддаи 1-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гипотеза ва ҳам диспозитсия ҷой дорад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда - гипотеза, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад- диспозитсия мебошад. Айнан ба ҳамин монанд қисми якуми моддаи 5-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - гипотеза қисми дуюм ва сеюм - диспозисия буда, дар қисми сеюми ҷумлаи дуюм як навъ санксия вуҷуд дорад.

Хусусияти зерини фарққунандаи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсиониро аз меъёрҳои дигари ҳуқуқӣ аз ҷумла, аз меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ метавон зикр намуд:

- мавҷудияти табиати мураккаби ҳуқуқӣ, аз дигар меъёрҳои соҳаҳои ҷудогонаи ҳуқуқ;
- хусусияти танзимнамоии махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- низомнокӣ ва ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ки дар муқаррар намудан, дарк кардан, тафсир ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ифода меёбад;
- сарчашмаи асосии он Конститутсия мебошад, ки дорои қувваи олии ҳуқуқӣ дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ мебошад;
- мавҷудияти шумораи зиёди институтҳои умумии танзимкунандагӣ;
- механизми махсуси амалигардонӣ, ки барои бисёр меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ на бо пайдоиши муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, балки бо навъи махсуси муносибатҳои умумиҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Хусусияти фаркунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ боз дар он аст, ки онҳо амри муайян муқаррар намекунанд, вале ин мазмун надорад, ки дар сурати вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳеҷ гуна ҷавобгарӣ пешбинӣ карда намешавад. Дар асл ин тавр нест, чунки меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба монанди меъёрҳои ҳуқуқии дигар азму иродаи давлатро ифода карда, дар ҳолати зарурӣ иҷрои онҳо бо қувваи маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешавад. Аз ин лиҳоз, вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқӣ- конститутсионӣ низ бе оқибати ҳуқуқӣ намемонанд. Вале амри ҷазо на дар худи меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, балки дар меъёрҳои соҳаи дигари ҳуқуқ (ҷиноӣ, маъмурӣ, маданӣ) муқаррар карда мешаванд. Масалан, дар моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки "Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва

мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ба ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст [1.]". Барои вайрон кардани ин меъёрҳои ҳуқуқӣ - конститутсионӣ қонуни ҷиноятӣ ҷазои ҷиноятӣ муқаррар кардааст.

Қобили зикр аст, аксарияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ дар маҷмӯъ барои таъсир кардан ба рафтори иродавии инсон таъин шудаанд, пас ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки предмети ба танзимдарории ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ низ асоси ҳуқуқӣ барои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати ҷинояткорон аст.

Меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ намунаҳои умумии ҳатмӣ ва расман муайяншудае мебошанд, ки рафтори шахсро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баҳогузорӣ менамоянд.

Сохтори меъёрҳои қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун аст, ки ба хусусиятҳо, мазмун ва вазифаҳое, ки онҳо иҷро мекунанд, вобаста аст.

Аз руи мазмун ва мақсад ин меъёрҳоро ба чунин намудҳо тақсим кардан мумкин аст: 1) меъёрҳои таърифдиҳанда; 2) меъёр-қоидаҳо; 3) меъёр-принсипҳо ва инчунин аз ҷиҳати амалкунӣ ба меъёрҳои а) ҳатмӣ ва б) иҷозатдиҳанда [3, 44].

Як қатор меъёрҳои манъшудае вуҷуд доранд, ки «сирф» меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, манъкуниҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқро такрор намекунанд [6, 96].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ воситаи муҳофизатии тамоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дигар соҳаҳои ҳуқуқ онҳоро ба танзим медароранд [2, 208].

Тарзи тартиб додан ва қабул намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ худсарона набуда, балки дар асоси ҳолатҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба амал бароварда мешавад. Дар асоси талаботи моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардидааст, ки "Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд [1.]". Ин меъёри конститутсионӣ барои маънидодкунии моҳияту мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ асос мебошад.

Мафҳуми нишондоди ҳуқуқӣ ҳам қоидаҳои рафтор ва ҳам воситаҳои дигари танзими ҳуқуқиро (принсипҳои ҳуқуқ, таърифи ҷиноят, ҷазоҳои ҷиноӣ ва г.) дар бар мегирад. Ин боиси он гардидааст, ки дар адабиёти нави илмӣ мафҳуми васеи ҳуқуқ дода мешавад. Ҳуқуқ танҳо аз меъёрҳои ҳуқуқ иборат дониста намешавад. Ба мафҳуми ҳуқуқ ғайр аз меъёри ҳуқук ҳамчунон шуури ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ мансуб карда мешаванд [4, 230].

Баровардани хулосаи зарурӣ дар бораи табиати мустақили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятие, ки аз мавҷудияти предмети махсуси батанзимдарории ҳуқуқи ҷиноятӣ кор меоянд ва тавре, ки баъзан тасдиқ мекунанд, умуман маънои онро надорад, ки гӯё меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ягон хели меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқро аз нав таҷдид намекунад ва ё кирдори зиддиҳуқуқии ҷиноятиро танҳо қонуни ҷиноятӣ новобаста аз дигар соҳаҳои ҳуқук муайян мекарда бошад. Аз ин нуқтаи назар мустақилияти меъёрҳои ҳама гуна соҳаҳои ҳуқуқ нисбист, дар ҳуқуқ соҳаҳои мутлақо аз якдигар ҷудо вуҷуд надоранд. Ин ҳолат махсусан дар мисоли робитаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ тасдиқи худро меёбад.

Меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ дар таркиби меъёрҳои ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ ба назар мерасад (аз ҷумла, меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ). Бо вуҷуди ин, таҳлили қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки умуман чунин соҳаи ҳуқуқе мавҷуд нест, ки меъёрҳои алоҳидаи он қисми таркибии ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил намекарда бошанд. Мисоли равшани он, диспозитсияҳои бланкетии қонуни ҷиноятӣ дар меъёрҳои конститутсионӣ (моддаи 143 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), меъёрҳои маъмурӣ (моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), маданӣ (моддаи 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ шомиланд. Дар чунин ҳолатҳо шартҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои содир намудани кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки дахлдор на танҳо дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин дар меъёрҳои соҳаҳои дигар махфуз аст ва ин ба мустақилияти манъкунандагии ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолиф нест, зеро меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар қонуни ҷиноятӣ ҷойгир шуда, қисми таркибии ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил додаанд.

Ҳамин тавр, меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор дошта, дар навбати худ аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 136 с.

2. Азимов Н.Б., Ғаффорова Н.А., Камолов З.А.,Салимов Ҳ.С., Сатторов Ғ.С., Солиев К.Х., Шарифов Т. Ш., Юлдошова Г.М. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Душанбе: Ирфон-2010.- 415 с.

3. Алёшина И.В. Баглай Ю.В., Багун Э.А., Бессонова И.В., Жовнир С.А., Кудашев А.Н., Плотников А.И., Телятникова М.О., Хмелевская Т.А. , Шаймуллин Р.К., Шнитенков А.В. Уголовное право России. Общая часть: учебник для бакалавров /отв. ред. А.И. Плотников. – Оренбург: ООО ИПК «Университет», 2016. – 442 с.

4. Ғаффорӣ Н.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ.- Хуҷанд:Ношир, 2022. – 432 с.

5. Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ)- Дастури таълимӣ барои факултаҳои ҳуқуқшиносӣ. Нашри дуюм. – Хуҷанд: Ношир, 2007. – 360 с.

6. Дурманов Н.Д. Советский уголовный закон. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1967. - 317 с.

7. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (Воситаи таълимӣ) /Э.С.Насриддинзода. – Нашри 2-юм – Душанбе: Адиб, 2020. -120 с.

8. Суденко, В. Е. Уголовное право, общая часть : альбом схем / под ред. Н. А. Духно. — М. : Юридический институт МИИТа, 2016. — 84 с.

9. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети хуқуқшиносӣ. - Душанбе, 2002. – 580 с.

10. Семёнов Алексей Владимирович Нормы российского конституционного права. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. - Саратов – 2011.-22 с.

11. Советов И. К. Конституционное право : учеб. пособие / И. К. Советов, Е. С. Дерябина ; АНО ВПО «ПСИ», НИУ «ВШЭ». — Пермь, 2020. — 208 с.

12. Теория государства и права [Электронный ресурс] : учеб. пособие / Р. Б. Головкин [и др.] ; под ред. проф. Р. Б. Головкина ; Владим. гос. ун-т им. А. Г. и Н. Г. Столетовых. – Владимир : Изд-во ВлГУ, 2020. – 680 с.

13. Теория государства и права : учебник для бакалавров/под ред. В. К. Бабаева. – 3-е изд., перераб. и доп. — М.: Издательство. Юрайт, 2014. – 715 с.

14. Ҳасанов С. Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. китоби дарсӣ. Хуҷанд: ШАХ, 2005–432с.

Reference:

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted on November 6, 1994 in a national referendum. On September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016, amendments and additions were made to it by means of a national referendum. – Dushanbe: Sharqi Azod, 2016. – 136 p.

2. Azimov N.B., Ghafforova N.A., Kamolov Z.A., Salimov H.S., Sattorov G.S., Soliev K.Kh., Sharifov T. Sh., Yuldoshova G.M. Criminal Law (General Part) Dushanbe: Irfon-2010. - 415 p.

3. Aleshina I.V., Baglai Yu.V., Bagun E.A., Bessonova I.V., Zhovnir S.A., Kudashev A.N., Plotnikov A.I., Telyatnikova M.O., Khmelevskaya T.A., Shaimullin R.K., Shnitenkov A.V. Criminal law of Russia. General part: textbook for bachelors / ed. A.I. Plotnikov. - Orenburg: OOO IPK "University", 2016. - 442 p.

4. Ghaffori N.A. Criminal Law of the Republic of Tajikistan. General Part: Textbook.-Khujand: Publisher, 2022. – 432 p.

5. Ghoibov R.D. Criminal Law (General Part)- Teaching Manual for Law Faculties. Second Edition. – Khujand: Publisher Printing House, 2007. – 360 p.

6. Durmanov N.D. Soviet criminal law. - M.: Publishing house of Moscow University, 1967. - 317 p.

7. Nasriddinzoda E.S. Theory of State and Law (Teaching Aid) / E.S. Nasriddinzoda. – 2nd edition – Dushanbe: Adib, 2020. -120 p.

8. Sudenko, V. E. Criminal law, general part: album of schemes / edited by N. A. Dukhno. - M.: Law Institute of MIIT, 2016. - 84 p.

9. Sotivoldiev R.Sh. Theory of Law and State. Textbook for students of the Faculty of Law. - Dushanbe, 2002. – 580 p.

10. Semenov Aleksey Vladimirovich Norms of Russian constitutional law. Abstract of a dissertation for the degree of candidate of legal sciences. - Saratov - 2011.- 22 p.

11. Sovetov I.K. Constitutional law: textbook / I.K. Sovetov, E.S. Deryabina; ANO VPO "PSI", National Research University "Higher School of Economics". - Perm, 2020. - 208 p.

12. Theory of state and law [Electronic resource]: textbook / R.B. Golovkin [et al.]; edited by prof. R.B. Golovkin; Vladimir. state University named after A.G. and N.G. Stoletov. - Vladimir: Publishing house of VlSU, 2020. - 680 p.

13. Theory of state and law: textbook for bachelors / edited by. V. K. Babaeva. - 3rd ed., revised and enlarged. - M.: Publishing house. Yurait, 2014. - 715 p.

14. Hasanov S. Hasanov M. Theory of State and Law. Textbook. Khujand: SHAKH, 2005–432p.

**Хуршедзода Манижа Хуршед** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, ассистент кафедры конституционного права (г.Худжанд). E-mail: khurshedzodam@mail.ru

**Вопросы соотношения норм уголовного и конституционного законодательства**

В данной статье рассмотрены и исследованы некоторые теоретические вопросы соотношения уголовных и конституционных норм на основе законодательства и современной научной литературы. Соотношение норм уголовного законодательства в пространстве отечественной и зарубежной судебной практики привлекло внимание ученых благодаря своим специфическим теоретическим и практическим особенностям. Учитывая, что конституционные положения имеют универсальный и принципиальный характер, они могут сыграть решающую роль в формировании уголовного законодательства.

Подчеркивается важность связи конституционного и уголовного права.

Показаны основные положения взаимосвязи Конституции Республики Таджикистан и уголовного права. Автор делает вывод, что уголовное право тесно связано с предметом конституционного права.

**Ключевые слова:** право, конституционное право, уголовное право, соотношение, законодательство, уголовное законодательство, конституционные основы.

**Khurshedzoda Manizha Khurshed -** assistant of the department of constitutional law under TSULBP, Tajikistan, Khujand. E-mail: khurshedzodam@mail.ru

**Questions of the relationship between the norms of criminal and constitutional legislation**

This article examines and studies some theoretical issues of the relationship between criminal and constitutional norms based on legislation and modern scientific literature. The relationship between criminal law norms in the space of domestic and foreign judicial practice has attracted the attention of scientists due to its specific theoretical and practical features. Considering that constitutional provisions are universal and fundamental, they can play a decisive role in the formation of criminal legislation.

The importance of the connection between constitutional and criminal law is emphasized. The main provisions of the relationship between the Constitution of the Republic of Tajikistan and criminal law are shown. The author concludes that criminal law is closely related to the subject of constitutional law.

**Keywords:** law, constitutional law, criminal law, relationship, legislation, criminal legislation, constitutional foundations.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ –4/1 (57) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025

# ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ИСТИФОДА ВА ҲИФЗИ ЗАМИН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Одиназода Рамазон Сафар** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими пешбари илмӣ. E-mail ramazon_84@icloud.com;
**Ашурзода Мунис Салоҳ** - докторант доктори фалсафа PhD. Тел 01-982-97-97 E-mail, ashurzoda95@bk.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили принсипҳои асосии назорати давлатии соҳаи истифода ва ҳифзи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мақсади таъмини истифодаи оқилона ва баробарии манбаъҳои табиӣ таҳия шудаанд, нигаронида шудааст. Қонунгузории кишвар ва механизмҳои ҳуқуқӣ барои назорат дар ин соҳа асосан дар чаҳорчӯбаи принсипҳои қонуният, шаффофият, масъулият, ҳамоҳангӣ ва устуворӣ амал мекунанд.Муҳимияти ба кор гирифтани ин принсипҳо дар тартиб додани сиёсати экологӣ ва ҳифзи муҳити зист ва замин бо мақсади рушди устувор ва беҳдошти шароити зист барои насли оянда дар кишвар муҳокима мешавад.

**Калидвожаҳо:** назорати давлатӣ, истифодаи замин, ҳифзи замин, қонунгузории замин, принсипи қонуният, принсипи шаффофият, принсипи масъулият, принсипи ҳамоҳангӣ, принсипи устуворӣ, механизмҳои назоратӣ, ҳифзи муҳити зист, риояи ҳуқуқи экологӣ, танзими истифодаи замин, рушди устувор, системаи назоратӣ.

**Мукаддима.** Замини Тоҷикистон ҳамчун сарвати миллӣ ва захираи муҳими табиӣ, на танҳо асоси фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ, балки унсури муҳими рушди устувории кишвар ба шумор меравад. Истифодаи самаранок ва ҳифзи оқилонаи замин, махсусан дар шароити зиёдшавии аҳолӣ ва фишори экологӣ, яке аз вазифаҳои муҳими давлат мебошад. Дар ин росто, назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин ҳамчун абзори муҳими сиёсати ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатии замин баромад мекунад.

**Қонунгузории замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин, бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шароити дохилии кишвар, заминаи мустаҳкам барои татбиқи сиёсати давлатии замин шароит фароҳам меорад. Назорати самараноки давлатӣ имкон медиҳад, ки истифодаи ғайриқонунӣ ва ғайриҳадафмандонаи замин пешгирӣ гардида, танзими оқилонаи муносибатҳои замин таъмин карда шавад. Назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати экологӣ ва рушди устувор маҳсуб мешавад. Таъмини истифодаи самараноки замин ва ҳифзи он барои насли оянда вазифаи муҳим ва стратегӣ мебошад.

Мақсади асосии ин мақола таҳлили принсипҳои ҳуқуқии назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин мебошад, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд. Мақола мекӯшад, ки бо баррасии ин принсипҳо, ба таҳкими фаҳмиши илмӣ ва такмили механизми амалии идоракунии замин мусоидат намояд.

**Таҳкими принсипҳо дар қонунгузории миллӣ.** Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи заминро дар чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ бар истифода ва ҳифзи замин» (аз 1 августи соли 2012, №861), ки асоси фаъолияти мақомоти назоратиро ташкил медиҳад, дар моддаи 3 чунин зикр менамояд: «Назорати давлатӣ барои таъмини риояи қонунгузории замин, пешгирӣ ва бартарафсозии вайронкунии он, тавассути санҷишҳо ва дигар шаклҳои муошират бо истифодабарандагон ва ҷомеа амалӣ карда мешавад» [2, 4].

Ин муқаррарот ба таври равшан тақозо мекунад, ки фаъолияти мақомоти масъул бо иштироки ҷомеа ва бо риояи принсипҳои қонуният, адолат ва шаффофият анҷом дода шавад. Инчунин, Қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири соли 2016) дар моддаи 4 таъкид менамояд, ки истифодаи замин бояд ба инчунин меъёрҳои қонуният, адолат, ҳифзи муҳити зист ва самаранокӣ ҷавобгӯ бошад [3]. Ин муқаррарот рамзест аз он ки истифодаи замин на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадорӣ бо ҷавобгарии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Боз як санади муҳими иловагӣ — Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» — бо таъмини дастрасии шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқи онҳо ба маълумот, заминаи ҳуқуқии шаффофият ва

ҳисоботдиҳии мақомоти назоратиро мустаҳкам менамояд.Дар маҷмӯъ, қонунгузории Тоҷикистон бо роҳи ворид кардани меъёрҳои ҳуқуқие, ки иштироки ҷомеа, шаффофият ва адолатро талаб мекунанд, ба таҳкими заминаи ҳуқуқии ин принсипҳо мусоидат намуда, он боиси рушди механизми масъулиятнок ва муосири назорати давлатӣ мегардад, ки ба талаботи ҷомеаи демократӣ ҷавобгӯ аст.

**Аҳамияти амалии принсипҳо.** Принсипҳои назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин дар назар як категорияи ҳуқуқӣ ба назар мерасанд, аммо дар амал онҳо ҳамчун абзорҳои муассири танзими муносибатҳои замин хизмат мекунанд. Таъмини ин принсипҳо дар фаъолияти назорати давлатӣ ба таври мустақим ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии замин, коҳиши муноқишаҳо ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад. Яке аз самтҳои муҳими амалӣ шудани адолат дар назорати истифодаи замин – таъмини баробарии ҳуқуқии ҳамаи истифодабарандагон мебошад. Ин маънои онро дорад, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ, мансаб ё сатҳи дастрасӣ ба захираҳо, бояд мутобиқи қонунгузорӣ баррасӣ ва назорат шаванд. Чунин баробарӣ ба коҳиши коррупсия ва афзоиши эҳсоси масъулияти шаҳрвандон нисбат ба истифодаи замин сабаб мегардад. Принсипҳо, аз тарафи дигар, боиси зуҳури муҳити кушода ва ҳисоботдиҳанда дар байни мақомоти назоратӣ ва ҷомеа мешавад. Ин амр иштироки шаҳрвандон ва созмонҳои ҷамъиятиро дар назорат ва арзёбии фаъолияти мақомоти давлатӣ таъмин мекунад. Вақте натиҷаҳои санҷишҳо дастрас ва фаҳмо бошанд, шаҳрвандон метавонанд онҳоро таҳлил намуда, фикру пешниҳодҳои худро барои беҳтарсозии сиёсати давлатӣ манзур кунанд.

Ғайр аз ин, риояи ин принсипҳо дар амал инчунин ба:

- Коҳиш ёфтани ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии замин;
- Рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ;
- Таъмини устувории экологии муҳити зист;
- Фаъолияти муассири мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти он, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бахусус замин, аҳамияти стратегӣ дорад, амалӣ гардидани принсипҳои адолат ва шаффофият на танҳо зарурати ҳуқуқӣ, балки як шарти муҳими рушди устувори миллӣ ба ҳисоб меравад.

Риояи ин принсипҳо дар амал ба чанд натиҷаи муҳими иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оварда мерасонад:

- Пешгирии ҳолатҳои сӯиистифода аз мансаб ё коррупсия;
- Баланд гардидани эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ;
- Таъмини баробарии истифодабарандагони замин дар баробари қонун;
- Фаъол гардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назорати истифодаи захираҳои табиӣ.

**Принсипҳои асосии назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин.** Назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин яке аз унсурҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бахши идоракунии захираҳои табиӣ мебошад. Ин назорат бар асоси як қатор принсипҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ амалӣ карда мешавад, ки иҷрои мақсадҳои самаранок, қонуният ва устувории истифодаи заминро таъмин мекунанд.

**Принсипи қонуният.** Яке аз принсипҳои калидии назорати давлатӣ ин риояи қатъии қонунгузории миллӣ мебошад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ бояд назоратро мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» (моддаи 9) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ» (моддаи 3) амалӣ намоянд[4, 12]. Ин принсип талаб мекунад, ки ҳар гуна санҷиш, санадгузорӣ ва дахолати мақомоти давлатӣ танҳо дар чаҳорчӯбаи муқарраргардида амалӣ гардад. Принсипи қонуният яке аз асоситарин ва устувортарин рукнҳои назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин ба ҳисоб меравад. Ин принсип тақозо менамояд, ки тамоми фаъолияти назоратӣ танҳо дар асос ва доираи қонунҳои амалкунанда анҷом ёбад. Яъне, амалҳо ва қарорҳои мақомоти назоратӣ бояд ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ комилан мувофиқат намоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ» муқаррар мекунад, ки мақомот ҳангоми иҷрои вазифаҳои назоратӣ ухдадоранд риояи қатъии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин кунанд (моддаи 3). Ин муқаррарот на танҳо ба тартиби ташкили санҷишҳо дахл дорад, балки ба тарзи қабули қарорҳо, тартиби татбиқи ҷазо ва ҳамчунин ба ҳуқуқу ухдадориҳои субъектҳои хоҷагидорӣ низ тааллуқ дорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин» низ равшану возеҳ омадааст, ки истифодаи замин бояд мувофиқи ҳадафи таъиншуда ва мутобиқ ба меъёрҳои муқарраргардидаи ҳуқуқӣ амалӣ гардад (моддаи 70) [2, 8]. Ин маънои онро дорад, ки мақомоти назоратӣ танҳо дар ҳудуди ваколатҳои ҳуқуқии худ ҳуқуқ доранд дахолат кунанд, дар акси ҳол худи амали онҳо метавонад ғайриқонунӣ шуморида шавад. Принсипи қонуният ҳамчунин бо меъёри конститутсионии

ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон иртиботи зич дорад. Моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мефаҳмонад, ки санадҳои ҳуқуқие, ки ба Конститутсия мухолифанд, эътибор надоранд [5]. Аз ин рӯ, қонуният ҳамчун принсип на танҳо дар сатҳи иҷроия, балки дар асоси ҳуқуқи конститутсионӣ низ устувор аст.

**Принсипи шаффофият дар назорати давлатӣ.** Принсипи шаффофият яке аз талаботи муҳими давлатдории демократӣ ва заминаи тавсеаи эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ мебошад. Дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин, ин принсип аҳамияти хоса дорад, зеро самаранокии назорати давлатӣ то андозае ба сатҳи дастрасии омма ба иттилоот ва ошкоро будани фаъолияти мақомоти назоратӣ вобаста аст. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба иттилооти дахлдор, аз ҷумла оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи замин истифода барад (моддаи 4)[6, 21].

Ҳамин тариқ, мақомоти назоратӣ ӯҳдадоранд, ки натиҷаҳои санҷишҳо, қарорҳо, маълумот дар бораи қонунвайронкуниҳо ва тадбирҳои андешидашударо ба таври возеҳ ва ошкоро ба ҷомеа пешниҳод намоянд. Ин талабот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ» низ зикр шудааст, ки тибқи он мақомоти назоратӣ вазифадоранд дар фаъолияти худ принсипҳои шаффофият, адолат ва муҳити ҳуқуқиро риоя кунанд (моддаи 5). Ҳамзамон, шаффофият бо иштироки ҷомеа ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар ҷараёни назорат тақвият меёбад, ки ин як василаи муҳими таҳкими назорати ҷамъиятӣ мебошад. Илова бар ин, шаффофияти фаъолияти назоратӣ имконият медиҳад, ки аз сӯистифодаи ваколатҳо ва ришвахӯрӣ ҷилавгирӣ шавад. Ин боиси баланд шудани сатҳи ҳисоботдиҳӣ ва масъулияти шахсӣ мегардад. Мувофиқи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди фасод, ки Тоҷикистон онро эътироф кардааст, ҳукуматҳо ӯҳдадоранд, ки шаффофияти ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла дар бахшҳои муҳими захираҳои табиӣ, таъмин намоянд. Ҳамин тариқ, принсипи шаффофият дар назорати давлатӣ як рукни муҳими ташкили ҳукумати босамар ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин мебошад.

**Принсипи масъулият дар назорати давлатӣ.** Принсипи масъулият ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими давлатдории ҳуқуқбунёд, бар он асос меёбад, ки ҳар як субъекти муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба замин – хоҳ мақомоти давлатӣ бошад, хоҳ истифодабарандагони замин – бояд барои амалҳои худ ҷавобгар бошад. Ин масъулият, пеш аз ҳама, дар иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ, риояи талаботи ҳуқуқӣ ва татбиқи босамари назорати давлатӣ зоҳир мегардад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин», истифодабарандагони замин ӯҳдадоранд заминро тибқи мақсад ва талаботи муқарарнамудаи қонун истифода бурда, онро аз офатҳои табиӣ, эрозия, ифлосшавӣ ва дигар хатарҳо муҳофизат намоянд (моддаи 70)[1]. Агар ин ӯҳдадорӣ иҷро нашавад, шахс ё ташкилоти дахлдор тибқи моддаи 84-и ҳамин қонун ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида мешавад[7].Дар баробари истифодабарандагон, мақомоти давлатӣ низ вазифадоранд, ки фаъолияти назоратии худро бо масъулияти баланд анҷом диҳанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ» таъкид менамояд, ки кормандони мақомоти назоратӣ барои риоя накардани қонун, вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои санҷишшаванда ва додани хулосаҳои беасос, ҷавобгарии шахсӣ доранд (моддаи 21)[8, 21].

Ин принсип инчунин ба тамоюли ҳисоботдиҳӣ иртиботи зич дорад. Яъне, ҳар як мақомоти давлатӣ бояд омода бошад, ки барои амалу қарорҳои худ ба ҷомеа ва дигар мақомоти болоӣ ҳисобот диҳад. Муқаррароти марбут ба ҳисоботдиҳӣ ва масъулият дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам шудаанд. Моддаи 13-и Конститутсия зикр мекунад, ки давлат масъул аст барои истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиӣ чораандешӣ намояд[9]. Маҳз бо татбиқи принсипи масъулият имконият пайдо мешавад, ки самаранокии назорати давлатӣ афзоиш ёбад, амалкарди ғайриқонунии мансабдорон маҳдуд гардад ва фарҳанги ҳуқуқии истифодаи замин дар ҷомеа такмил ёбад.

**Принсипи ҳамоҳангӣ дар назорати давлатӣ.** Принсипи ҳамоҳангӣ дар фаъолияти назорати давлатӣ яке аз омили муҳим барои таъмини таъсирбахшии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин мебошад. Мақсади асосии ин принсип – пешгирии ихтилоф, такрори санҷиш, баланд бардоштани самараи фаъолияти мақомоти гуногун ва тақвияти ҳамкории байниидоравӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои табиӣ, аз ҷумла замин, дар чанд санади ҳуқуқӣ зикр шудааст. Мутобиқи моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ», мақомоти ваколатдор вазифадоранд дар раванди назорат ҳамкории байниҳамдигарӣ дошта, фаъолияти худро мутобиқи нақша ва дар мувофиқа бо дигар сохторҳо анҷом диҳанд[10, 3].

Ғайр аз ин, ҳамоҳангӣ боиси тақвият додани шаффофият ва кам кардани фишори маъмурӣ ба

соҳибкорон ва истифодабарандагони замин мегардад. Масалан, агар мақомоти ҳифзи муҳити зист, идораҳои заминсозӣ ва кумитаҳои андоз ҳар кадоме алоҳида ва бе ҳамоҳангӣ санҷиш анҷом диҳанд, ин метавонад боиси такроршавии талабот, вақт талаф додан ва халалдор шудани фаъолияти иқтисодӣ гардад. Аз ин рӯ, дар моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон» низ зарурати ҳамоҳангсозии санҷишҳо байни мақомот таъкид шудааст. Принсипи ҳамоҳангӣ на танҳо ба сатҳи миллӣ, балки ба сатҳи маҳаллӣ низ дахл дорад. Дар сатҳи ноҳия ва вилоят, мақомоти назоратӣ бояд дар доираи як стратегияи ягона амал кунанд. Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ба мақомоти маҳаллӣ имконият медиҳад, ки дар ҳамоҳангӣ бо сохторҳои давлатӣ татбиқи сиёсати заминро назорат кунанд. Таъмини ҳамоҳангии самаранок байни ниҳодҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки захираҳои маъмурӣ беҳтар истифода шаванд, қарорҳо дар асоси иттилооти муштарак қабул шаванд ва натиҷаи умумии назорати давлатӣ баланд гардад.

**Принсипи устуворӣ дар назорати давлатӣ.** Принсипи устуворӣ (устуворсозии идоракунӣ) дар фаъолияти назорати давлатӣ ба он нигаронида шудааст, ки равандҳо ва қарорҳои давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин бояд натанҳо ба натиҷаҳои фаврӣ, балки ба таъсири дарозмуддати экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ такя намоянд. Ин принсип ба мафҳуми рушди устувор такя мекунад, ки мутобиқи он захираҳои табиӣ бояд барои насли имрӯза ва оянда ба таври мутавозин ва масъулона истифода шаванд.Мутобиқи моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», принсипи рушди устувор ҳамчун асоси сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла замин, эътироф шудааст[11, 1с]. Ин маънои онро дорад, ки назорати давлатӣ бояд бо дарназардошти манфиатҳои дарозмуддат ва ҷилавгирӣ аз вайроншавии сохтори замин, талоши кам кардани эрозия, шӯразудоӣ ва дигар падидаҳои харобиовар сурат гирад. Принсипи устуворӣ инчунин бо амнияти озуқаворӣ ва иқтисодиёти деҳот иртиботи зич дорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин» омадааст, ки истифодаи замин бояд бо дарназардошти тавоноии истеҳсолии он, талаботи муҳофизати муҳити зист ва нигоҳдории қобилияти захиравии замин амалӣ шавад (моддаи 70). Ҳамин тавр, мақомоти назоратӣ бояд фаъолияти худро бо мақсади нигоҳдории тавоноии экологӣ ва истеҳсолии заминҳо ба роҳ монанд. Ғайр аз ин, принсипи устуворӣ дар стратегияи миллии рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъкид ёфтааст. Ин стратегияи давлатӣ вазифа мегузорад, ки заминҳои ҳуқуқӣ ва маъмурии назорати оқилонаи захираҳои табиӣ тақвият дода шаванд, то манфиатҳои наслҳои оянда низ ба инобат гирифта шаванд.Бо ин тарз, татбиқи устувори принсипи назорати давлатӣ дар соҳаи замин на танҳо масъалаи техникӣ, балки сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ низ мебошад. Устувории назоратӣ кафолати он аст, ки сиёсати давлатӣ ба самти рушди оқилона ва ба манфиати ҷомеа роҳнамоӣ мешавад.

Назорати давлатӣ дар соҳаи замин ва ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қонунгузорӣ ва принсипҳои зикршударо вобаста мекунад. Дарк кардани муҳими принсипҳои қонуният, шаффофият, масъулият, ҳамоҳангӣ ва устуворӣ барои рушди самараноки назорат дар соҳа, таъмини риояи ҳуқуқи шаҳрвандон ва муҳофизат кардани муҳити зист дар Тоҷикистон зарур мебошад. Бо ба роҳ мондани ин принсипҳо, кишвар метавонад ба мақсадҳои экологӣ ва истифодаи оқилонаи замин ноил шавад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ», 2013, мод. 3.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», 2011, мод. 5.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ бар истифода ва ҳифзи замин», №861, аз 1 августи соли 2012, моддаи 3.
4. Қонуни замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳрири соли 2016.
5. Аслонов Б.Ш. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: Ирфон, 2020.
6. Воҳидов А.А. Масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҳифзи замин дар Тоҷикистон, Душанбе, 2021.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин», 1997, бо тағйироти минбаъда, мод. 84.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти экологӣ», 2011, мод. 6.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», 2016, мод. 4.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», 2016, мод. 4.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ», 2013, мод. 5.
12. United Nations Convention against Corruption (UNCAC), ratified by Tajikistan in 2006, Article 10.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин», таҳрири соли 1997, мод. 70.

**14.** Ҳамон ҷо, мод. 84.

**15.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ», 2013, мод. 21.

**16.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1994, мод. 13.

**17.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ», 2013, мод. 4.

**18.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ», 2006, мод. 10.

**19.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», 2009, мод. 6.

**20.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», 2011, мод. 3.

**21.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин», 1997 (тағйироти баъдӣ), мод. 70.

**22.** Стратегияи миллии рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қабулшуда бо Қарори Ҳукумати ҶТ, соли 2016.

**23.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи замин», 1997 (бо тағйироти минбаъда), моддаҳои 70 ва 84.

**24.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатӣ», 2013, мод. 6.

**25.** Конвенсияҳои байналмилалӣ дар бораи ҳифзи замин ва муҳити зист.

**26.** Барномаи миллӣ оид ба рушди устувор (2016-2030)



**Одиназода Рамазон Сафар -** доктор юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, ведущий научный сотрудник. E-mail: ramazon_84@icloud.com; **Ашурзода Мунис Салах -** докторант, E-mail: ashurzoda95@bk.ru


**Основные принципы государственного контроля в области использования и охраны земель в соответствии с законодательством Республики Таджикистан**


Настоящая статья посвящена анализу основных принципов государственного контроля в области использования и охраны земель в Республике Таджикистан, разработанных с целью обеспечения рационального использования и сохранения природных ресурсов. Законодательство страны и правовые механизмы контроля в этой сфере в основном действуют в рамках принципов законности, прозрачности, ответственности, согласованности и устойчивости. Важность применения этих принципов в разработке экологической политики и охраны окружающей среды и земли с целью устойчивого развития и улучшения условий жизни для будущих поколений в стране рассматривается в статье.



**Ключевые слова:** государственный контроль, землепользование, охрана земель, земельное законодательство, принцип законности, принцип прозрачности, принцип ответственности, принцип согласованности, принцип устойчивости, механизмы контроля, охрана окружающей среды, соблюдение экологического законодательства, регулирование землепользования, устойчивое развитие, система контроля.



**Odinazoda Ramazon Safar** - Doctor of Law, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, leading Researcher. E-mail ramazon_84@icloud.com; **Ashurzoda Munis Salah -** doctoral candidate, Doctor of Philosophy PhD. E-mail, ashurzoda95@bk.ru


**Basic principles of state control in the field of land use and protection according to the legislation of the Republic of Tajikistan**


This article is dedicated to analyzing the key principles of state control in the field of land use and protection in the Republic of Tajikistan, which are designed to ensure the rational use and preservation of natural resources. The country's legislation and legal mechanisms for control in this area primarily operate within the framework of the principles of legality, transparency, responsibility, coordination, and sustainability. The importance of applying these principles in developing environmental policy and the protection of land and the environment for sustainable development and improving the living conditions for future generations in the country is discussed in the article.



**Keywords**: state control, land use, land protection, land legislation, principle of legality, principle of transparency, principle of responsibility, principle of coherence, principle of sustainability, control mechanisms, environmental protection, compliance with environmental law, regulation of land use, sustainable development, control system.

# ҲОКИМИЯТИ НАМОЯНДАГӢ ДАР НИЗОМИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: МАСЪАЛАИ НАЗАРИЯ

**Султонзода Баҳодур Сулаймон -** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯ. E-mail: Bahodur.SS@mail.ru.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ҳокимияти намояндагӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ: масъалаи назария таҳқиқ шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои мутамаддини ҷаҳон роҳи бунёди давлати демократиро пеш гирифтааст, ва ба василаи он санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолати рушд қарор дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатиро ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ муайян кардааст.

**Калидвожаҳо:** ҳокимият, танзими ҳуқуқӣ, намояндагӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат, низом, вакил, масъала, назария, қонун, ҳуқуқ, Конститутсия

Мақоми ҳуқуқии вакилон дар замони муосир ба мавқеи махсуси сиёсию ҳуқуқӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, вакилонро ҳамчун намояндаи ҳокимияти халқ муайян кардааст. Конститутсияи ҶТ дар боби 3-юми (м. 48-72) ва боби 6-ум (м.76-80) вазъи ҳуқуқи конститутсионии вакилонро танзим намудааст.

Ваколатҳои вакил аз рӯзи онҳоро эътироф кардани Маҷлиси вакилони халқи дахлдор оғоз меёбанд. Ваколатҳои вакил дар рӯзи кушодашавии Иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқ даъвати нав ё худ дар мавриди пеш аз мӯҳлат қатъ ёфтани ваколатҳои он қатъ мегарданд. Ваколатҳои вакиле, ки ба ҷои вакили хориҷгашта интихоб шудааст, аз рӯзи онҳоро эътироф кардани Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, ки баъд аз интихоб гардиданаш гузаронида мешавад оғоз меёбанд. Агар Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ваколатҳои вакили алоҳидаро беэътибор донад дар ҳавзаи дахлдори интихобот дар мӯҳлати се моҳ интихоботи нав гузаронида мешавад. Ваколатҳои вакилро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба каси дигар додан мумкин нест.

Дар баробари ин таҳқиқи танзими ҳуқуқии фаъолияти вакилон аз дараҷаи зарурӣ таҳлили дақиқиро талаб мекунад. Ба он диққати махсус додан зарур аст, ки сарфи назар аз ягонагии принсипии мавқеи конститутсионии вакилон, сарфи назар аз сатҳи мақомоти намояндагӣ, ки ба онҳо тааллуқ доранд, қонунгузорӣ ҳанӯз асоси ягонаи меъёрии фаъолият вакилони ҳамаи зинаҳои намояндагиро муайян накардааст. Вобаста ба ин таҳияи қонуни ягона замина ва ягона меъёр зарур аст.

Таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқии вакилон аз монеаи ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо ба мувофиқ кунондани қонунҳо дар бораи вазъи ҳуқуқии вакилон ва қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, ки ҳифзи фаъолияти вакилонро таъмин мекунанд диққати калон додан муҳим ва саривақти мебошад. Вакилон вазифадоранд дар Иҷлосияҳо ва Маҷлисҳо иштирок намоянд. Дар ин ҷаласаҳо ва иҷлосияҳо масъалаҳое, ки тибқи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳият ва ваколат мансубанд баррасӣ ва ҳал карда мешаванд. Ин равандҳо имконият медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои ба салоҳият ва ваколат марбут бо шаффофият, масъулиятнокӣ ва мувофиқат бо манфиатҳои умумии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардад.

Ҳокимияти намояндагӣ ба маънои дурусти калима ҳамчун як намуди ҳокимияти давлатӣ (давлатӣ, ҷамъиятӣ), ки аз ҷониби мақомоти интихобӣ амалӣ карда мешавад, коллегиалӣ аз рӯи таркиб ва тартиби таҳия ва қабули қарорҳо, ки барои намояндагии шаҳрвандон (халқ, аҳолӣ) пешбинӣ шудааст фаҳмида шавад.

Ба сифати мақомоти намояндагӣ танҳо мақомоти давлатие, ки дорои салоҳият ва ваколат мебошанд метавон тавсиф кард. Онҳо дар мақомоти қонунгузории (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти намояндагии худидоракунии маҳаллӣ мебошанд. Дар баробари ин, ба ҳайати мақомоти намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ, (вакилони Маҷлиси намояндагон) Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ, (вакилони ноҳия, шаҳр ва вилоят) Маҷлиси вакилони Ҷамоат баромад мекунад.

Мақомоти намояндагии сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ дар замони муосир умуман бо

ягонагии ҳокимияти халқӣ хос аст. Он бо як қатор омилҳо муайян карда мешавад.

**Якум,** манбаи ягонаи ҳокимият, ва намояндаи халқ мебошад. **Дуюм**, заминаи ягонаи конститутсионӣ ва қонунгузории фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ аст. **Сеюм**, ҳадафҳои умумӣ, ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти доранд. **Чаҳорум**, онҳо вазифаҳои муштарак доранд (намояндагӣ, қонунгузорӣ, назорат ва молиявӣ). **Панҷум**, мақомоти намояндагӣ шакли якхелаи фаъолият доранд.

Вакилон дар кори Иҷлосияҳо ва Маҷлисҳо иштирок намуда, масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳудудро ҳаллу фасл мекунанд, иҷрои қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва қарорҳои мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд. Вакилон кори худро мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, инчунин дар асоси қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлисҳои вакилони халқ, Маҷлиси вакилони Ҷамоат ва барномаҳои пешазинтихоботӣ ба роҳ мемонад.

Вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия намояндаи ваколатдори аҳолии сокини ҳудуди дахлдор буда, дар Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ифодаву манфиати онҳоро изҳор менамояд. Вакилон дар кори Маҷлисҳои вакилони халқ иштирок намуда, масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳудудро ҳаллу фасл мекунанд, иҷрои қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва қарорҳои мақомоти болоии ҳокимияти давлатиро дар маҳал таъмин менамоянд. Вакили Маҷлисҳои вакилони халқ кори худро мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, инчунин дар асоси қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи дахлдор ва барномаҳои пешазинтихоботӣ ба роҳ мемонад. Шаҳрванди Тоҷикистон наметавонад дар як вақт вакили зиёда аз ду мақомоти намояндагӣ бошад[3].

Чи тавре ки С.Н. Якубова иброз медорад «ташаккул ва рушди парламентаризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зич ба тағйироти амиқи мақоми мақоми қонунгузор ва намояндагии он марбут мебошад. Ин раванд бо таҳияи принсипҳои нави ташаккул, сохтори дохилӣ ва низоми муносибатҳо бо мақомоти иҷроия алоқаманд аст. Маҷлиси Олӣ, ки тибқи Конститутсияи ҶТ соли 1994 таъсис ёфта буд, ҳамчун парлумони якпалата фаъолият менамуд. Вале дар натиҷаи тағйироти амиқи сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, он ба парлумони дупалата табдил дода шуд. Парлумони нав соли 1995 интихоб гардид ва ҳамчун яке аз муассисаҳои калидӣ ва муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир фаъолият мекард» [12, 23].

Намояндагии халқ дар ҳаёти хар як давлат нақши муҳим мебозад ва яке аз воситаҳои самарабахши идоракунии он ба шумор меравад.Дар бораи аҳамияти омӯзиши фаъолияти намояндагӣ ҳамчун институти ҳуқуқи конститутсионӣ аз он далолат мекунад, ки дар қонунгузории аксар давлатҳои муосир ба расмият даровардани намояндагӣ ифодаи иродаи воқеии шаҳрвандонро кафолат медиҳад [9, 46-51].

Профессор С.А.Авакян чунин мешуморад, ки «мақоми ҳуқуқи ҳамчун мақоми мақомот, ташкилот, иттиҳодия, шахси мансабдор ё воқеие муайян мекунад, ки бо санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор тасдиқ шудааст. Ба андешаи ин муҳаққиқи рус, ин мақом хусусият ва мавқеи онҳоро дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва субъектҳои ҳуқуқ баён мекунад. Илова бар ин, чунин мақом шаклу тартиби татбиқи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зарурии субъектҳои ҳуқуқ, ҳамчунин санадҳои қабул ва амалҳои иҷрокунандаи онҳоро пешбинӣ менамояд»[7, 121].

Ба андешаи А.Т. Карасев «механизми ҳуқуқӣ конститутсионии ҳокимияти намояндагӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти вакилони халқ зарурати таҳқиқи амиқтари худро дорад. Бидуни ин таҳия кардани асоси консептуалии мунтаззами қонунгузорӣ оид ба мақоми вакилони халқ ва самтҳои такмил додани он ғайриимкон аст, ки ин ба мушкилӣ дар такмил додани фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва тамоми механизми ҳокимияти оммавӣ дар кишвар меорад. Ба ин хотир, муҳим аст, ки таҳқиқоти конститутсионӣ ва ҳуқуқии ин масъалаҳо дар шакли комплексӣ анҷом дода шавад, ки асоси он метавон чораҳои эҳтимолии ҳалли мушкилотро пешниҳод кард, аз ҷумла чораҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти вакилони мардумӣ ва мақомоти намояндагии ҳокимият равона шудаанд»[8, 55].

Муҳаққиқи тоҷик Д.А. Олимзода чунин броз доштааст, ки хусусиятҳои фаъолияти намояндагӣ дар замони муосир дар чунин ягонагӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад: - шаклҳои бевоситаи баамалбарории фаъолияти намояндагӣ аз ҷониби халқ; - кафолатҳои ягонаи сиёсии баамалбарории ҳуқуқи фаъолияти намояндагӣ аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ[9, 46-51].

Дар замони муосир мақомоти намояндаги бахусус парламент ниҳоди хос ва воҳиди давлатӣ мебошад, ки мувофиқи мақоми худ вазифадор аст,

ки манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии гуногуни ҷомеаро инъикос кунад, мувофиқат кунад ва ҳимоя кунад. Бе он демократияи пурра вуҷуд дошта наметавонад. Мақоми ҳуқуқии парламент дар низоми мақомоти давлатӣ бо табиати ҳуқуқии он ҳамчун мақомоти олии қонунгузорӣ ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ шарҳ дода мешавад.

Ҳангоми тавсифи намоянда ҳамчун узви парламент, муҳимияти мандати вакил, ки дар ин таҳқиқот ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳтавои мақоми ҳуқуқии вакил муайян мешавад, бояд ба назар гирифта шавад. Мандати вакил изҳори мантиқии ҳуқуқӣ барои равобити вакил бо интихобкунандагон мебошад, ки бо сабаби ваколат додани вакил аз ҷониби интихобкунандагон барои амалӣ намудани иродаи халқ дар мақомоти қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Мандати вакил аз шартномаи маданӣ дар муносибатҳои намояндагӣ фарқ мекунад, чунки дар он намудҳои муайяни субъектҳо (чун мардум ва интихобкунандагони ҳавза) вуҷуд доранд, ки дар ҳуқуқи граждани шенасоии он вуҷуд надорад, инчунин объектҳои намояндагӣ оммавӣ мебошанд[6, 23].

Ҳамин тавр, таърифи ва қонуни танзими мақоми конститутсионӣ ва ҳуқуқии вакилони худидоракунии маҳаллӣ ҳамеша барои давлат вазифаҳои душворро пеш овардааст. Дар ин робита, хеле муҳим аст, ки масъалаи мазкур не танҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ҳал карда шавад, балки бо таҳқиқоти амиқ дар соҳаи назариявӣ низ дастгирӣ ёфта бошад.

Бо воситаи интихобот ҷомеа як қатор вазифаҳои муҳимро ҳал мекунад. Дар ин робита олими англис Д. Оливер шаш вазифаро пешниҳод кардааст:

а) интихобот бояд имкониятро барои интихобкунандагон таъмин кунад, ки як қарори алтернативӣ дар бораи ки онҳоро идора хоҳад кард;

б) интихобот воситаест, ки тавассути он ҳукумат аз нав таъин мешавад;

в) интихобот бояд мусоидат кунад ба ташкили ҳукумате, ки метавонад самаранок кор кунад;

г) ба натиҷаи интихобот ҳукумате бояд ташкил шавад, ки мардум онро қонунӣ ҳисобанд. Ин вақте ба даст меояд, ки ҳизби ҳоким пуштибонии аксарияти интихобкунандагонро ба даст меорад;

д) сиёсати ҳукумат бояд ҳамчун қонун қабул шавад;

е) интихобот кӯмак мекунад, то ки манфиатҳо ва нуқтаи назари гуногун дар ҳукумат намояндагӣ кунанд[10, 120-121].

Натиҷа дар бораи фаъолияти вакилӣ ҳамчун шакли ҳокимияти халқ яъне вогузории ҳуқуқҳои муносиб ба худидоракунии ҷамоат аз ҷониби аҳолӣ, ки низоме аз муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил дода дар пайи ҳал кардани масъалаҳои давлатӣ ва ё дигар масъалаҳои муҳим оммавӣ ба вуҷуд меоянд[5, 26].

Олими дигари хориҷӣ Ф.О. Лассал чунин мешуморад, ки «пас аз эълон гардидани давлати демократии ҳуқуқбунёд интихобот низ аз рӯйи стандартҳое, ки хоси ин сохти давлатдорӣ ҳастанд барпо карда мешавад. Ин масъала назди илми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вазифаи таҳияи доираи васеи мушкилотро гузошт, ки мушкилоти душвортарин аз онҳо таъмини озодии аслӣ дар иродаи интихобкунандагон мебошад»[11, 147].

Вазъи ҳуқуқии мақомоти намояндагиро чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи танзим мекунад:

1.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вакилонро ҳамчун намояндаи ҳокимияти халқ муайян кардааст. Конститутсияи ҶТ дар боби 3-юми (м 48-72) ва боби 6-ум (м 76-80);

2.Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06.08.2001 №43;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» аз 13.12.1996 №324;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 05.08.2009 №549.

Конститутсияи ҶТ санади олии ҳуқуқие мебошад, ки танзимгари ҳамаи соҳаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ баҳисоб меравад. Вобаста ба ин вазъи ҳуқуқии вакилон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин санади олии ҳуқуқи сарчашма мегирад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намоянда-гони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян шудааст, ки «Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон намояндаи ваколатдори халқ мебошанд. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон салоҳияти қонунгузорӣ ва дигар салоҳияте, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва қонунҳо муқаррар намудаанд, амали мекунанд».

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» пешбини шудааст, ки вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия (минбаъд - вакили Маҷлиси вакилони халқ) намояндаи ваколатдори аҳолии

сокини ҳудуди дахлдор буда, дар Маҷлиси дахлдори вакилони халқ иродаву манфиати онҳоро изҳор менамояд. Вакилон дар кори Маҷлисҳои вакилони халқ иштирок намуда, масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳудудро ҳаллу фасл мекунанд, иҷрои қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва қарорҳои мақомоти болоии ҳокимияти давлатиро дар маҳал таъмин менамоянд (моддаи 1).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» вазъи ҳуқуқии вакилони ҷамоатро муайян карда чунин пешбини намудааст, ки вакили Ҷамоат намояндаи халқ буда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона баён кунад, мувофиқи иродаи худ овоз диҳад, манфиати интихобкунандагонро ҳимоя намояд. Вакили Ҷамоат вазифадор аст дар маҷлиси Ҷамоат иштирок намуда, барои иҷрои қарорҳои Ҷамоат мусоидат кунад, мунтазам ба интихобкунандагон аз фаъолияти худ ҳисобот диҳад. Вакили Ҷамоат фаъолияти хизматиашро (кориашро) қатъ накарда, ваколати худро амалӣ мегардонад. Ӯ ҳангоми иштирок дар маҷлисҳои Ҷамоат ва мақомоти он аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ (корӣ) бо нигоҳ доштани музди меҳнат озод карда мешавад (моддаи 15).

Мақоми ҳуқуқии вакилон дар қонунгузорӣ ва идораи давлатӣ нақши муҳимро мебозад. Салоҳият, ваколат ва вазифаҳои онҳо асосан дар Конститутсия, қонунҳои марбут ба фаъолияти онҳо ва қонунгузории дигар муқаррар шудаанд. Ҳамин тариқ, мақоми намояндагӣ дар Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқу ваколатҳои худ, бо масъулият ва вазифаҳои муҳим барои пешбурди сиёсат ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба фаъолият пардохта, дар таҳкими демократия ва давлатдории ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар замони муосир, мақомоти намояндагӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии кишвар нақши муҳиму муҳимро мебозанд. Мақоми ҳуқуқии вакилони халқ дар ҳар як давлат аз ҷумлаи ҷузъҳои асосии сохтори конститутсионӣ ва сиёсии он кишвар аст. Вакилон, ки дар маҷлисҳои намояндагон ё парламент интихоб мешаванд, вазифаи муҳим доранд: онҳо кӯмак мекунанд, ки як системаи давлатиро ба самти беҳтартар ва мувофиқ бо манфиатҳои умумии мардум таҳрир кунанд.

Вазифаи мақомоти намояндагӣ дар мамлакат на танҳо дар ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, балки дар таҳияи қонунҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа низ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди бисёре аз кишварҳои демократӣ, раванди интихоб вакилони халқ дар асоси овоздиҳии оммавӣ ва наҳваи демокративу озод сурат мегирад. Қонунгузории Тоҷикистон барои интихоби вакилони халқ шароити муайянро пешбинӣ мекунад, ки яке аз онҳо таъмини равонии интихобот ва шаффофияти онҳо мебошад. Ваколатҳо ва ҳаққу ҳуқуқи онҳо дар қонуни асосии кишвар, яъне Конститутсия ва қонунҳо, ба таври ошкоро баён ёфтаанд.

Ваколатҳо ва вазифаҳои намояндагии халқ дар Тоҷикистон тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд. Вакилон метавонанд:

а) Ба таҳрир ва пешниҳоди қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар Маҷлиси Намояндагон иштирок кунанд.

б) Ба назорат кардани фаъолияти мақомоти иҷроия ва дигар сохторҳои давлатӣ, ки ба манфиатҳои умумии мардум таъсир мерасонанд, ба анҷом расонанд.

в) Ба ҳисобгирии нақшаҳои стратегии давлат ва муайян кардани роҳҳои рушди кишвар дар ҷаласаҳо иштирок кунанд.

г) Ба муҳофизати ҳуқуқҳои мардуми кишвар дар назди давлат ва дигар мақомоти давлатие, ки барои истиқбол ва иҷрои манфиатҳои ҷомеа масъул мебошанд, кӯмак кунанд.

Ваколат ва масъулияти вакилони халқ на танҳо ба гирифтани ҳуқуқи раъй ва қонунгузорӣ, балки ба масъулият барои амалҳои худ ба ҷомеа ва мардум алоқаманд мебошад. Ваколатҳои вакилони халқ метавонад ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир расонад.

Дар замони муосир, ки ҷомеаҳои ҷаҳон бо ҳамкориҳои глобалӣ ва рушди сиёсӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, вакилони халқ ба таври назаррас дар раванди демократии давлатҳо иштирок мекунанд. Ҳар як вакил ба пешбурди принсипҳои демократия ва ҳокимияти қонунгузор дар кишвар саҳм мегузорад. Онҳо ба шеваи интихоботҳо ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва инчунин рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таваҷҷӯҳ доранд. Ваколат ва ҳуқуқи вакилони халқ метавонанд ба рушди демократикунонии кишвар ва таҳкими шеваи раъйдиҳӣ кӯмак расонанд.

**Davlyatov Sukhrob Rustamovich** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, PhD. E-mail: suhrobdavlatov903@gmail.com

**Raising the legal awareness of subjects of economic relations in the process of reforming the system of legal education and upbringing**

This article examines the issue of increasing the legal awareness of subjects of economic relations in the process of reforming legal education and upbringing through the Constitution and regulatory legal acts aimed at the legal culture of subjects of economic relations, which is the basis for the development of their legal awareness. Rational and fair economic and legal policy and the formation of a market economy depend on the legal awareness of entrepreneurs, who are the main subjects of economic relations, which is formed as a result of their correct understanding of their rights and obligations.

**Keywords:** Constitution, normative legal acts, legal consciousness, subjects, economic relations, legal education, understanding of legal norms, entrepreneurs.

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ БЕКОР КАРДАНИ НИКОҲ

**Назирмадзода Даврон Назирмад** - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов, унвонҷӯ

Чуноне, ки маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, қатъи акди никоҳ дар ҷумҳурӣ нишонаи афзоишӣ дорад. Чунин ҳолат амалӣ гардидани ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи акди никоҳ ва оила халалдор мекунад. Аз ин хотир, мониторинги мунтазами қайд ва қатъи акди никоҳ, омилҳо ва сабабҳои он, таҳрезии роҳҳои мустаҳкам намудани оила яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи акди никоҳ ва оила мебошад. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ҳуқуқии бекор кардани никоҳ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** никоҳ, оила, бекор кардани никоҳ, сиёсати ҳуқуқӣ, никоҳи воқеӣ, назарияи оила.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ барои соли 2023 таъкид доштанд, ки "Рушди устувор ва босуръати кишвар, бахусус татбиқи стратегияҳои дарозмуддат ва миёнамӯҳлат ва барномаҳои кишвар таъмини саривақтӣ ва босифати асосҳои ҳуқуқии онҳоро тақозо менамояд"[1]. Ба гуфтаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, камбудиҳои меъёрӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ бояд таҳти таҳлили доктриналӣ ва дар шакли меъёрҳои алоҳидаи қонун ифода карда шаванд. Таҳлили муносибатҳои воқеии оилавӣ ҳамчун санади мустақили ҳуқуқи шаҳрвандӣ бо он муҳим аст, ки на ҳама мушкилоти марбут ба он аз ҷониби қонунгузор ҳал карда шудаанд, дар ҳоле ки аксарияти онҳо дар робита ба эътибор пайдо кардани муқаррароти Кодекси мадании ҶТ аҳамияти махсус пайдо кардаанд. Ҳамчунин Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 гуфта мешавад: "Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқии акди никоҳ ва оила бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла таъмини ҳуқуқи инсон ба ташкили оила, солимии оила, тарбияи фарзандон равона гардидааст. Ҳамзамон, раванди афзоиши қатъи акди никоҳ дар ҷумҳурӣ, амалӣ гардидани ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи акди никоҳ ва оила халалдор мекунад. Аз ин хотир, мониторинги мунтазами қайд ва қатъи акди никоҳ, омилҳо ва сабабҳои он, таҳрезии роҳҳои мустаҳкам намудани оила яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи акди никоҳ ва оила мебошад"[2,28].

Падидаи никоҳ дар таърихи инсоният аз қадим ҳамчун шакли пайдошавии оилаи мустақил вуҷуд дорад. Ф.Энгельс дар асари худ "Пайдоиши оила, ҳуқуқи соҳибмулкӣ ва давлат" чунин менависад: "Рушди оила дар давраи ибтидоӣ аз маҳдуд кардани доирае иборат аст, ки дар ибтидо тамоми қабиларо фаро мегирад ва дар дохили он умумияти робитаҳои издивоҷ байни ҳарду ҷинс ҳукмрон аст. Пас никоҳи дукаса пайдо мешавад, ва ба он оила асос мeёбад»[3, 248-249].

Воқеан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ду намуди никоҳ ҳамчун асоси пайдошавии оила мавҷуданд: яке – никоҳи дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифташуда, ва дигаре – никоҳи воқеӣ.

Б.С.Раҷабзода чунин менависад: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳҳои воқеӣ берун аз доираи танзими ҳуқуқӣ мемонанд ва ин навъи никоҳ бо Кодекс оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда нашудааст ва хилофи дигар қонунҳо мебошад.

Никоҳҳои воқеӣ аз ҷониби давлат ҳамчун иттифоқи зану мард бо мақсади ташкили оила эътироф карда намешаванд, ки боиси як қатор мушкилоти ҳуқуқӣ мегардад. Аввалин мушкилӣ – ин тақсимоти молу мулке мебошад, ки дар давраи никоҳи воқеӣ ба даст оварда шудааст. Мушкили дуюм, дар сурати фавти яке аз ҳамсарони воқеӣ ҳамсари дуюм вориси тибқи қонун эътироф карда намешавад. Сеюм, проблемаи ҳуқуқи кӯдаконе, ки дар никоҳи воқеӣ таваллуд шудаанд, дар амалия татбиқи ҳуқуқ ба мушкилиҳои муайян оварда мерасонад»[4,145-146]. Ҳама гуфтаҳо оиди мушкилоти ҳуқуқӣ, ки дар чорчубаи никоҳи воқеӣ ба вуқӯъ мепайванданд, ба шаҳрвандон малум аст, лекин то имрӯз никоҳи воқеӣ ҳамчун одати ҷамъиятӣ хислати устуворонае дорад, ва чуноне,ки қайд гардида буд, ба мушкилоти бисёри ҳуқуқӣ дар ҳолати қатъ гардидани акди чунин никоҳ мегардад.

Дар илми ҳуқуқи оилавӣ зери мафҳуми қатъ гардидани акди никоҳ қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии байниҳамдигарии ҳамсарон фаҳмида мешавад, ки вобаста ба бастани акди никоҳ ба вуҷуд

омадаанд. Мафҳуми қатъ гардидани ақди никоҳро аз мафҳуми бекор намудани ақди никоҳ фарқ бояд кард. Ҳамзамон мафҳуми қатъ гардидани никоҳ аз ҷиҳати мазмун васеътар буда, фарогири мафҳуми бекор кардани никоҳ низ мебошад [5, 173]. Академик Маҳмудзода М.А. тартиби қатъ гардидани никоҳро ба ду намуд тақсим кардааст: яке дар мақомоти суд ва дигаре дар САҲШ. «Дар вақти дар ҳаёт будани зану шавҳар – менависад М.А.Маҳмудзода, - никоҳ дар натиҷаи аризаи яке аз онҳо ё ҳардуи онҳо дар суд бекор карда мешавад» [6, 33].

Зану шавҳар дар бекор кардани ақди никоҳ низ аз ҳуқуқи баробар бархурдоранд, ки бо принсипи розигии ҳамдигарии марду зан барои ақди никоҳ ва озодона бастани ақди никоҳ мувофиқат мекунад. Бекор кардани ақди никоҳ боиси қатъи муносибатҳои оилавӣ байни зану шавҳар дар оянда мегардад, вале мумкин аст баъзе аз ҳуқуқу уҳдадориҳо дар нисбати ҳамдигар нигоҳ дошта шавад, масалан таъмини моддии яке аз тарафҳо, агар асосҳои қонун пешбиникарда вуҷуд дошта бошанд ва ё дар шартномаи байни онҳо чунин шарт пешбинӣ шуда бошад.

Бекор кардани ақди никоҳ дар асоси аризаи зан ё шавҳар ё ҳардуи онҳо сурат мегирад. Ба зану шавҳар ҳуқуқи бекор кардани ақди никоҳро ироа намуда, дар айни замон қонун ба онҳо иҷоза намедиҳад, ки бо ихтиёри худ тартиби бекорнамоии онро интихоб намоянд. Асосҳое, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо бекорнамоии ақди никоҳ дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва суд имкон дорад, дар қонун (м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва м. 21 Кодекси оилаи ҶТ) муқаррар шудаанд. Вобаста ба асосҳои дар қонун мавҷудбуда, зану шавҳар ҳуқуқ доранд барои бекорнамоии ақди никоҳ ба мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ё суд муроҷиат намоянд.

Агарчи Конститутсия дар бекор кардани ақди никоҳ баробарҳуқуқии зану шавҳарро эътироф намудааст, вале Кодекси оила оиди ҳуқуқи шавҳар барои бекор кардани ақди никоҳ маҳдудият пешбинӣ намудааст. Тибқи муқаррароти қ. 1 м. 17 Кодекси оила шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани ақди ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе, КВД «Шарқи озод», 2023.

2. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. – Душанбе, 2018. – С. 28.

3. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства. - Маркс К., Энгельс Ф. Избранные произведения. –М.: Политиздат, 1979.

4. Раҷабзода Б.С. Баъзе масъалаҳои танзими никоҳҳои воқеӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кодекси мадании нав: масъалаҳои назариявӣ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2024. – С. 145-146.

5. Маҳмудзода М.А., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, "ЭР-Граф", 2015.

6. Маҳмудзода М.А. Никоҳ: ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон. – Душанбе, «Маориф», 1996.

**Назирмадзода Даврон Назирмад** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова, соискатель отдела частного права

### Правовые проблемы расторжения брака

Как показывают статистические данные, прекращение брака в республике является признаком роста. Такая ситуация препятствует реализации целей правовой политики Республики Таджикистан в области брака и семьи. В связи с этим регулярный мониторинг регистрации и расторжения брака, его факторов и причин, разработка путей укрепления семьи является одной из приоритетных целей правовой политики Республики Таджикистан в области брака и семьи. В данной статье рассматриваются правовые вопросы расторжения брака.

**Ключевые слова:** брак, семья, расторжение брака, правовая политика, фактический брак, теория семьи.

**Nazirmadzoda Davron Nazirmad** – National Academy of Sciences of Tajikistan, A.Bakhovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law, Candidate of the Department of Private Law

### Legal problems of divorce

According to statistics, the termination of marriage in the republic is a sign of growth. This situation hinders the implementation of the goals of the legal policy of the Republic of Tajikistan in the field of marriage and family.

In this regard, regular monitoring of the registration and dissolution of marriage, its factors and causes, and the development of ways to strengthen the family is one of the priority goals of the legal policy of the Republic of Tajikistan in the field of marriage and family. This article discusses the legal issues of divorce.

**Keywords:** marriage, family, divorce, legal policy, de facto marriage, family theory.

# НАҚШИ САНАДҲОИ КОРФАРМО – ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

**Махмадуллозода Нурулло Рахматулло -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, ходими калони илмии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ; **Музафарзода Марҷона Шарифбег -** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, унвонҷӯ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба нақши санадҳои корфармо – шартномаи коллективӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ таҳқиқ шудаанд. Муаллифон дар асоси назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин қонунгузории меҳнат мазмуну мундариҷаи санадҳои корфармо, аз ҷумла шартномаи коллективиро ошкор намуда, марҳилаҳои таҳия, бастан ва мавриди иҷро қарор додани онро таҳлил менамоянд. Зикр мегардад, ки муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқие, ки мавриди амал қарор дошта, масъалаҳои ба шартномаи коллективӣ алоқамандро ба таври мукаммал танзим менамояд ин Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 маҳсуб меёбад. Дар хотимаи мақола муаллифон ба хулосае омаданд, ки шартномаи коллективӣ ҳамчун санади ҳуқуқӣ аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста шуда, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё дар назди соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад.

**Калидвожаҳо:** меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ, шартномаи коллективӣ, корманд, коллектив, корфармо, санад.

Тибқи муқаррароти моддаи 10 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] (минбаъд КМ ҶТ) корфармо бо мақсади танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар доираи ваколатҳои худ мутобиқи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ санадҳо қабул менамояд.

Санадҳои корфармо, ки ҳолати ҳуқуқии кормандонро дар муқоиса бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ бад мекунанд, эътибор надоранд ва татбиқ намегарданд.

Қабл аз мавриди таҳлил қарор додани санади корфармо, бояд мафҳуми санадро шарҳ дод.

Санад дар муқоиса бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якчанд амали ҳуқуқиро дар бар мегирад. Якум, санад ҳуҷҷати расмии дорои эътибори ҳуқуқӣ мебошад. Санад новобаста аз он, ки аз ҷониби кӣ ва дар кадом сатҳи идоракунӣ таҳия ва қабул карда мешавад аз мазмун ва моҳияти он метавон санадҳои давлатӣ, зерсохтории идорӣ, меъёрӣ, минтақавӣ ва дигар будани онҳоро муайян намуд. Дуюм, санад инчунин протоколе, ки далелҳои муайянро сабт менамояд: санади санҷиш, санади норасоии молҳо, санади интиқоли дороиҳои моддӣ ва ғайра. Сеюм, санад амали муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор, шаҳрвандон маҳсуб меёбад, ки дар асоси онҳо одатан риоя ва вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ хулоса баровarda мешаванд.

Санади меъёрии ҳуқуқӣ бошад ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад (сархати 1 моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[2]).

Санадҳои корфармо, аз зумраи чунин санадҳое мебошанд, ки дар доираи салоҳият аз ҷониби корфармо мустақиман, инчунин дар якҷоягӣ ё дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори намояндагии кормандони ташкилот қабул шуда, амалашон дар ҳудуди ташкилот маҳдуд мегардад.

Нақши санадҳои корфармо дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бағоят муҳим аст. Санадҳои корфармо қабл аз ҳама муқаррароту нишондоди санадҳои меъёрии эътибори баландтари ҳуқуқидоштаро дар ҳудуди ташкилот амалӣ менамоянд. Дуюм, ҳамзамон бо амалӣ намудани нишондодҳои санадҳои эътимоди баландтари ҳуқуқидошта, санадҳои меъёрии корфармо оид ба меҳнат вазифаи тафсил ва мушаххасгардонии муқаррароти қонунҳоро мутобиқи шароити ташкилот иҷро менамоянд.

Сеюм, санадҳои зикршуда қодиранд норасоии ҳуқуқро бартараф намуда, дар сурати набудани санадҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабулшаванда, вазифаи танзими аввалияи ҳуқуқиро иҷро намоянд. Чорум, санадҳои корфармо кафолатҳои

иловагии иҷтимоӣ - меҳнатиро барои кормандони ташкилот муқаррар карда метавонанд.

Ба сифати яке аз санадҳои корфармо, ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ, хусусан дар танзими муносибатҳои байни корфармо ва кормандон мавқеи асосиро ишғол менамояд ин шартномаҳои коллективӣ махсуб меёбад.

Мутобиқи сархати ҳафтоду якуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ шартномаи коллективӣ ин санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё дар назди соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад ва аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста мешавад.

Нисбат ба мафҳуми шартномаи коллективӣ муҳаққиқони ватанӣ ақидаҳои гуногун доранд.

Ба андешаи Н. Шонасридинов ва Р.Б. Бозоров, шартномаи коллективӣ санади меъёрие мебошад, ки муносибатҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар байни кордеҳ ва меҳнаткашон дар муассиса, ташкилот нобобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ танзим мекунад»[3, 163].

Н.Р. Маҳмадуллозода, С.Х. Наботов қайд менамоянд, ки шартномаи коллективӣ ба яке аз намудҳои асосии санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳо мубаддал гашта, тавассути он ҳамкории иҷтимоии корфармо ва мақомоти намояндагии кормандони кироя дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва касбӣ таъмин мегардад.

Дар шартномаи коллективӣ манфиати ду гурӯҳи иҷтимоӣ, яъне кормандони кироя ва корфармоён инъикос ёфта, он ба принсипи бипартизм (дуҷониба) асос ёфтааст [4].

Алимзода Ш.А., қайд менамояд шартнома ва созишномаи коллективӣ санади меъèрие мебошанд, ки муносибатҳои иҷтимоӣ–меҳнатиро ба танзим медароранд ва байни коргарон ва корфармои муассисаи корхона баста мешаванд.

Шартномаи коллективӣ яке аз намудҳои шартномаи меъёрӣ маҳсуб ёфта, созиши байни субъектони мухталифи ҳуқуқи меҳнат мебошад, ки муқаррароти нави ҳуқукро пешбинӣ мекунад [5, 33-34].

Д.Қ. Назаров ишора менамояд, ки шартномаи коллективӣ хусусияти маҷмӯӣ дошта, қабули он, муҳтаво, муҳлати амалаш ба иродаи мувофиқашудаи тарафайн вобастааст[6, 41].

Ҳамзамон, муҳаққиқони ватанӣ Н.Шонасридинов, Ғ.М. Бобокалон, Э.Б. Буризода қайд менамоянд, ки пайдоиш ва ташаккули бозори қувваи корӣ ва робитаҳои табиатан нави ҷамъиятӣ дар раванди татбиқи меҳнат ба мазмун ва моҳияти шартномаи коллективӣ бетаъсир намонданд, Шартномаи коллективӣ ба яке аз намудҳои асосии санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) мубаддал гашта, тавассути он шарикии иҷтимоии корфармо ва мақомоти намояндагии кормандони кироя дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва касбии байни корфармо ва кормандон таъмин мегардад.

Дар шартномаи коллективӣ манфиати ду гурӯҳи иҷтимоӣ, яъне кормандони кироя ва корфармоён инъикос ёфта, он ба принсипи бипартизм (дуҷониба) асос ёфтааст.

Шартномаи коллективӣ ҳамчун институти ҳуқуқи меҳнат ва санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ дар силсилаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мавқеи хоси худро дорад. Меъёру муқаррароти шартномаи коллективии мутобиқи қонунгузорӣ басташуда, барои ташкилот ҳатмӣ буда, вазъ ва ҳолати кормандонро дар қиёс бо муқаррароти тибқи қонун пешбинишуда коста карда наметавонад[7, 12-18].

Масоили мафҳуми шартномаи коллективӣ на танҳо мавриди таваҷҷӯҳи таҳқиқотчиёни ватанӣ, балки олимони соҳаи ҳуқуқи меҳнатӣ хориҷи низ қарор гирифтаанд.

Р.З. Лившитс шартномаи коллективиро ҳамчун санади коллективӣ-шартномавии ба ёдоварандаи созишномаи меъёрии байни кормандон ва корфармо (корфармоён) басташуда, созишномаи меъёриро ҳамчун ин шакли махсуси санади ҳуқуқии бо тартиби шартномавӣ қабул шуда ва дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, мефаҳмад[8, 65].

Ба андешаи М.В. Шихаев, мафҳуми шартномаи коллективӣ ва мафҳуми шарикии иҷтимоӣ бо ҳам ҳаммаъноянд[9, 56].

С.Ю. Чуча бошад, чунин зикр намудааст, ки «шартнома ва ё созишномаи коллективӣ санади бо ҳам доим алоқаманди шарикии ичтимоӣ мебошад[10, 237].

И.К. Дмитриева қайд менамоянд, ки дар шартномаи коллективӣ, ҳамчунин ухдадориҳои тарафайн, ки хусусияти мушаххас доранд (масалан, ухдадории корфармо оид ба беҳтар намудани шароити ҳифзи меҳнат бо нишондоди шахси масъул ва муҳлати иҷрои он), ҷой дода мешаванд. Уҳдадориҳои мазкур танҳо хусусияти дугонагии табиати шартномаи коллективиро ифода мекунад, ки дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат ҳамчун санади ҳамкории иҷтимоии дар доираи корфамои мушаххас (ташкилот) дар радифи дигар санадҳои меъёрии дохилӣ мақоми худро дорад»[11, 58].

Шартномаи коллективӣ, ки бо созиши тарафайн қабул шуда, танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд мебошад, санади ҳуқуқиест, ки дар он шартҳои меъёрӣ (меъёрҳои маҳаллӣ) мавҷуданд. Илова бар

ин, шартномаи коллективӣ ҳамчун созишномаи (шартномаи) шарикони иҷтимоӣ ҳамкории онҳо ва кӯшиши канорагирии онҳоро аз бархӯрд ифода мекунад [11, 59].

Хулоса, мо ба нуқтаи назари он муҳаққиқони ҷӣ ватанӣ ва ҷӣ хориҷӣ ҳамфикр буда метавонем, ки шартномаи коллективиро ҳамчун санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро дар ташкилот ё дар назди соҳибкори инфиродӣ ба танзим медарорад ва аз ҷониби намояндагони корфармо ва кормандон баста мешавад, меҳисобанд.

Ҷӣ тавре зикр гардид, муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқие, ки мавриди амал қарор дошта, масъалаҳои ба шартномаи коллективӣ робитадоштаро ба таври мукаммал танзим менамояд, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, мебошад.


**Адабиёт:**

1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.06.2024 с.).
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» https://www.google.com/search?MMK.tj/(санаи муроҷиат10.12.2025)
3. Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми умумӣ. Мухаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе, 2006.
4. Маҳмадуллозода Н.Р. Наботов С.Х.Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе: ҶДММ «Сомон Принт», 2021. – 539 с.
5. Алимзода Ш.А. Намудҳои шартномаи меъёрӣ // Паёми ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2022. №2 (91). – С.33-34.
6. Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021.
7. Шонасридинов Н., Бобокалон Ғ.М., Буризода Э.Б. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба шартномаҳои коллективӣ // Қонунгузорӣ. – 2019. №1 (33). январ–март. – С. 12–18.
8. Трудовое право России. Учебник для вузов / Отв. ред. Р.З. Лившиц, Ю.П. Орловский. – М.: ИНФРА-М: Норма, 1998.
9. Шихаев М.В. Юридическая сущность коллективных соглашений // Трудовое право. – 2015. – № 9. – С.56.
10. Чуча С.Ю. Социальное партнерство в сфере труда: становление и перспективы развития правового регулирования в Российской Федерации // Омский юридический вестник. – 2011. - № 19. – С. 227-237.
11. Трудовое право России. Учебник / Под ред. А.М. Куренного. – М.: Проспект, 2022.



**Махмадуллозода Нурулло Рахматулло** – кандидат юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, старший научный сотрудник отдела международного права; **Музаффарзода Марчона Шарифбек** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, соискатель


## Роль актов работодателя – коллективного договора в регулировании трудовых отношений


В данной статье исследуются вопросы, связанные с ролью актов работодателя — коллективного договора в регулировании трудовых отношений. Авторами на основе взглядов отечественных и зарубежных исследователей, а также трудового законодательства раскрыты содержание и сущность актов работодателя, включая коллективный договор, проанализированы этапы его разработки, заключения и введения в действие. Отмечается, что важнейшим нормативно-правовым актом, регулирующим вопросы, связанные с коллективным договором, является Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года. В заключительной части статьи авторы приходят к выводу, что коллективный договор является правовым актом, заключаемым представителями работодателя и работников, который регулирует социально-трудовые отношения в организации или у индивидуального предпринимателя.



**Ключевые слова:** труд, трудовые отношения, коллективный договор, работник, коллектив, работодатель, акт.



**Mahmadullozoda Nurullo Rahmatullo** – Candidate of Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Senior Researcher of the Department of International Law; **Muzaffarzoda Marchona Sharifbek,** National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Applicant of the Department of Private Law

**The role of employer acts – the collective agreement in the regulation of labor relations**

This article examines issues related to the role of employer acts — the collective agreement — in regulating labor relations. Based on the views of domestic and foreign researchers, as well as labor legislation, the authors reveal the content and essence of employer acts, including the collective agreement, and analyze the stages of its drafting, conclusion, and implementation. It is noted that the most important normative legal act regulating matters related to the collective agreement is the Labour Code of the Republic of Tajikistan dated July 23, 2016. In the final part of the article, the authors conclude that the collective agreement is a legal act concluded between representatives of the employer and the employees, which regulates social and labor relations within an organization or with an individual entrepreneur.

**Keywords:** labor, labor relations, collective agreement, employee, collective, employer, act.

# ДИГАР МАҚОМОТҲОИ ДОХИЛИДАВЛАТӢ ОИД БА РОБИТАҲОИ БЕРУНА ДАР СОҲАҲОИ МАХСУС ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Маҳмадуллозода Нуруллю Раҳматулло -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, ходими калони илмӣ

Дар мақолаи мазкур махсусиятҳои фаъолияти мақомотҳои дохилидавлатӣ оид ба робитаҳои беруна дар соҳаҳои махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзуъ, самтҳои фаъолият, ҳолати ҳуқуқӣ ва доираи амалисозии робитаҳои берунаи онҳо баррасӣ шудаанд. Муаллиф аз таҳқиқи масъалаи мазкур ба хулосае меояд, ки фаъолияти дигар мақомоти дохилидавлатӣ оид ба робитаҳои беруна дар соҳаҳои махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як институти байнисоҳавии ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дошта, зери таъсири равандҳои гуногун, бахусус афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон тағйиру такмил ёфта истодааст. Ҳамзамон доир ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ин самт пешниҳоду таклифҳо манзур карда мешаванд.

**Калидвожаҳо**: ҳуқуқи робитаҳои беруна, мақомоти дохилидавлатӣ, конвенсия, шартномаи байналмилалӣ, созишномаи байнидавлатӣ, намояндагӣ

Умуман эътироф карда мешавад, ки муносибатҳои байналмилалӣ яке аз муносибатҳои ҷамъиятии соҳаҳои мураккабу муҳими замони муосир ба шумор мераванд, зеро ҳамаи давлатҳо барои рушди робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарии байни ҳамдигар саъйю кушиш менамоянд ва дар ин замина ин муносибатҳо торафт аҳамияти калон пайдо намуда истодаанд.

Ҳуқуқи байналмилалии муосирро аксар вақт ҳуқуқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид [2] (минбаъд СММ) меноманд. Воқеан, маҳз Оинномаи СММ принсипҳоро муайян кард, Эъломия оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (1970) [3] онҳоро тасдиқ кард ва Санади ниҳоии Хелсинкии Машварати амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (1975) [4] як қатор принсипҳои нави бунёдии ҳуқуқи байналмилалиро пурра ва ҷорӣ намуд, ки онҳо меъёрҳои асосии сулҳ ва амнияти умумиро барои субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ муайян мекунанд.

Ҳуқуқи робитаҳои беруна, ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин росто нақши муҳим дорад, ки аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дохилӣ иборат буда, маҳз амалисозии робитаҳои берунаи давлатҳоро ба танзим медарорад.

Дар асри XXI барои давлатҳо ва умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти робитаҳои беруна бо давлатҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар таҳкими сулҳу субот ва бехатарии байналмилалӣ, дар самтҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, гуманитарӣ, экологӣ ва дигар самтҳои ҳамкориҳо, маҳсуб мешавад.

Яке аз хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар он аст, ки он дар қиёс ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои байнидавлатӣ ва баъзе муносибатҳои дохилидавлатиро низ танзим мекунад.

Чунон ки маълум аст, барои фаъолияти пурсамари давлат ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқи байналхалқӣ ташкили босамари сиёсати берунии он, ки маҷмуи усулҳо ва воситаҳои амалӣ гардондани вазифаҳои берунии давлатро барои иштирок дар корҳои байналхалқӣ дар бар мегирад, нақши муҳим дорад.

Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқи робитаҳои берунро ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи дохилии танзимкунандаи амалигардонии муносибатҳои берунии давлат низ мефаҳманд. Заминаҳои ҳуқуқии робитаҳои беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] сарчашма гирифта, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон" [5], дигар қонунҳо, инчунин дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас шудаанд.

Таҳлили муқаррароти боло имкон медиҳад, ки бевосита моҳияти фаъолияти мақомоти давлатие, ки робитаҳои берунро бо субъектҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ мегардонанд, таҳлил карда шавад. Дар асри XXI ҷомеаи ҷаҳонӣ бо масъалаҳои зиёде рӯ ба рӯ шуда истодааст, ки тавсеаи робитаҳои мунтазам ва самараноки ҳамаи давлатҳоро тақозо мекунад. Ин масъалаҳо аз ҷониби мақомоти равобити хориҷӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ бо давлатҳои гуногун, ташкилотҳои

байналмилалӣ ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳифзи сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, гуманитарӣ, экологӣ ва дигар самтҳои ҳамкориро ба миён оварда истодааст.

Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти робитаҳои беруна амалӣ карда мешавад, ки ба онҳо мақомоти давлатӣ дохил буда, давлат бо ёрии онҳо муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро бо дигар давлатҳо амалӣ менамояд. Ба онҳо ҳам мақомоти дохилӣ ва ҳам хориҷӣ дохил мешаванд.

Мақомоти дохилии робитаҳои беруна дар навбати худ ба мақомоти дорои салоҳияти умумӣ ва махсус тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи аввал сарвари давлат, мақомоти олии қонунгузор (парламент), ҳукумат, вазорати корҳои хориҷӣ дохил мешаванд. Ба мақомоти махсус вазорату идораҳое дохил мешаванд, ки дар доираи салоҳияти худ бо субъектҳои хориҷӣ дар соҳаҳои алоҳида (иқтисодӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва ғ.) ҳамкорӣ менамоянд.

Робитаҳои берунаи давлатҳо асосан тавассути мақомоти давлатии ваколатдор амалӣ карда мешавад, ки онҳо бо субъектҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаҳои мухталиф ҳамкорӣ менамоянд. Ба инҳо ҳам мақомоти давлатии дохилӣ ва ҳам мақомоти давлатии беруна дохил мешаванд. Дар навбати худ мақомоти дохилии робитаҳои беруна ба мақомоти дорои ваколатҳои умумӣ ва мақомоти дорои ваколатҳои махсус ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи аввал роҳбарони давлатҳо, давлатҳо, мақоми олии қонунгузор (парламент), ҳукуматҳо ва вазоратҳои корҳои хориҷии давлатҳо дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм бошад вазорату идораҳое марбутанд, ки барои амалӣ намудани робитаҳои хориҷӣ бо субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаҳои муайян (иқтисодӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва ғайра) дар доираи салоҳияти худ фаъолият менамоянд.

Дар таҳқиқоти мазкур хусусияти фаъолияти мақомоти дохилидавлатии робитаҳои беруна доир ба соҳаҳои махсус баррасӣ мешавад.

Мақомоти дохилидавлатии робитаҳои беруна доир ба соҳаҳои махсус ин вазорату идораҳои давлатӣ ва инчунин мақомоти машвартии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоқикистон (комиссияҳо ва шуроҳо) мебошанд, ки дар бисёр мавридҳо дар доираи салоҳияти худ дар муносибатҳои хориҷӣ иштирок мекунанд, бо идораҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ алоқа доранд, дар доираи салоҳияти худ бо онҳо шартномаҳо баста метавонанд.

Салоҳияти чунин мақомот дар низомномаҳои онҳо ва инчунин дар санадҳои алоҳидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои мушаххас муайян шудаанд. Ба чунин мақомоти дохилидавлатии робитаҳои беруна доир ба соҳаҳои махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомот метавонанд дохил шаванд. Салоҳиятҳои қисме аз ин мақомотро дар амалисозии робитаҳои беруна ба таври мушаххас баррасӣ менамоем:

1.**Тибқи Низомномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон [9]** ин вазорат дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии иқтисодӣ ва илмию техникӣ иштирок мекунад; ҷаласаҳои комиссияҳои байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ ташкил мекунад ва баргузор менамояд; ташкил ва ҳамоҳангсозии умумии корҳоро бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) анҷом медиҳад; дар бораи таъсиси намояндагиҳои тиҷорати дар хориҷа ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо пешниҳодҳо омода менамояд.

Яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти вобаста ба ташкили робитаҳои берунии ин вазорат ҳамкории доимӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад. Бояд қайд намуд, ки 2 марти соли 2013 баъд аз 11 соли давраи гуфтушунидҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон 159 - ум узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) гардид. Дар натиҷаи гуфтушунидҳои дуҷониба бо 6 узви СУС оид ба дастрасӣ ба бозори хизматрасонӣ Тоҷикистон ӯҳдадориро дар 11 сектор ва 111 зерсектор ба дӯш гирифт. Воридшавии Тоҷикистон ба чунин созмони бонуфузи байналмилалӣ як иқдоми мусбат ба ҳисоб меравад. Ин омил метавонад такони хуб барои бознигарии куллӣ дар тамоми соҳаҳоии қтисодиёт гардад. Яке аз шартҳои асосии устувор намудани мақоми худ дар ин созмон ба вуҷуд овардани шароити хуби рақобатпазирии мол ва соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад. Яке аз шартҳои дигар ин ҳифзи истеҳсолкунандаи ватанӣ ва пурзур намудани имкониятҳои содироти ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад бо эҳтимолияти болоравии рақобатпазирӣ баъд аз ворид гаштан ба СУС Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба мутобиқнамоии иқтисодиёти мамлакат ба шароитҳои нави рақобатпазирӣ дар арсаи байналмилалӣ аҳамияти махсус зоҳир намуда, чорабиниҳои махсусро оид ба мутобиқнамоии иқтисодиёти кишвар ба шартҳои СУС таҳия ва тасдиқ намуд. Дар он бо мақсади ҳифзи манфиатҳои миллии давлат як қатор чораҳои амалӣ дар самтиислоҳоти базаи қонунгузорӣ, чораҳои мушаххас оид ба рушди соҳаҳои саноатии давлатӣ, ба мисли саноати нассоҷӣ, саноати истихроҷи маъдан, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва ғ.., ки дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазир ҳастанд, андешида шудаанд.

2. **Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон** тибқи Низомнома [8] дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият, бо мақомоти ҳокимияти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамкориҳои ин ниҳод дар соҳаи фаъолияти он тибқи як қатор созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ муқаррар шудаанд. Аз ҷумла, дар асоси созишномаҳо байни Ҳукумати ҶТ бо ФР ва бо Ҷумҳурии Қазокистон дар бораи реадмиссия ва тартиби татбиқи он [13] ва созишномаҳо дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони давлтаҳои Тарафҳо дар ҳудуди якдигар [17], дар бораи мубодилаи иттилоот, ҳамкорӣ дар бахши экстрадитсияи ҷинояткорон бо як қатор давлатҳои хориҷӣ. Аз ҷумла, самтҳои афзалиятноки ин ҳамкорӣ иборатанд аз мубориза бо терроризм ва экстремизм, пешгирии ҷиноятҳои трансмиллӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ. ВКД ҶТ бо сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои аъзои ИДМ, СААД, СҲШ ва инчунин бо ташкилотҳои байналмилалӣ чун Интерпол, Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODC), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ҳамкориҳои фаъол дорад. Ин ҳамкорӣ ҳам дар сатҳи табодули иттилоот ва таҷриба, ҳам дар сатҳи барномаҳои муштараки омӯзишӣ ва амалиётӣ ба роҳ монда шудааст.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳо намояндагиҳо дорад ва дар доираи созишномаҳои байниҳукуматӣ чорабиниҳои муштарак мегузаронад. Аз ҷумла, ҳамкориҳо бо Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Чин аҳамияти калон доранд. Дар доираи ҳамкорӣ бо Интерпол, Тоҷикистон узви комилҳуқуқи ин созмон буда, тавассути Бюрои миллии Интерпол дар шаҳри Душанбе дар мубодилаи иттилоотӣ ва амалиётҳои байналмилалӣ иштирок мекунад. Илова бар ин, ВКД дар барномаҳои муштараки омӯзишӣ ва такмили ихтисоси кормандон бо дастгирии САҲА ва СММ фаъолона ширкат меварзад. Мутаассифона, ҳолати ҳуқуқии намояндагии Вазорати мазкур ҳамчун намояндагии дипломатӣ муқаррар нашудааст, ки он дар амалия барои фаъолияти он мушкилотҳоро ба бор меорад.

3. **Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**, ки ба танзими масъалаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ машғул аст бо як қатор субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ робитаҳои беруниро дар соҳаи муқарраршуда амалӣ менамояд. Аз ҷумла, тибқи банди 10 Низомномаи ин вазорат [10] он ҳуқуқ дорад "бо тартиби муқарраршуда дар муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти муқарраршуда иштирок карда, муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи меҳнат, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва муҳоҷиратро бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Байналмилалии Меҳнат ва Созмони Байналмилалии Муҳоҷират амалӣ менамояд". Вазорати мазкур дар самтҳои меҳнат ва муҳоҷират бо намояндагиҳои ду созмони байналмилалии зикршуда дар Тоҷикистон робитаи мустақим дошта, аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори онҳо иштирок менамояд. Илова бар ин, Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар Федератсияи Россия [12] амал мекунад, ки масъули татбиқи як қатор вазифаҳои махсус дар соҳаи муҳоҷират дар ҳудуди ин давлат маҳсуб мешавад. Намояндагии мазкур дар асоси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2004 [15] таъсис дода шуда, вазифаҳои он асосан аз танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, мусоидат барои ҷойивазкунии муваққатӣ ва мавсимии шахсони воқеӣ, ки бо иваз намудани ҷойи истиқомат ё ҷойи кор, бакортаъминкунии қонунӣ, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин маслиҳатдиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия иборат мебошанд. Ҳолати ҳуқуқии намояндагии мазкур бо Созишномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои мақомоти салоҳиятдор оид ба корҳои дохилӣ ва масъалаҳои муҳоҷират дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октяюри соли 2025 [18] танзим карда мешавад. Тибқи моддаи 2 ин Созишнома зикршуда намояндагиҳои мазкур дар ҳудуди давлати Тарафҳо

фаъолияти худро тахти назорати умумии роҳбарони намояндагиҳои дипломатии кишварҳои худ дар давлати мизбон анҷом медиҳанд. Роҳбарони намояндагиҳо ва муовинони онҳо, дигар кормандони намояндагиҳо, аз ҷумла кормандони маъмурӣ ва техникӣ ва аъзои оилаҳои онҳо, ба истисноҳ шахсоне, ки шаҳрвандони давлати мизбон мебошанд ё дар он доимӣ зиндагӣ мекунанд, дар Вазорати корҳои хориҷии давлати мизбон ҳамчун аъзои категорияи кормандони намояндагии дипломатии кишвари худ дар давлати мизбон аккредитатсия карда мешаванд ва аз имтиёзҳо ва масуниятҳое, ки тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ барои чунин категорияҳои кормандон эътироф шудаанд, истифода мебаранд.

Биноҳои корӣ ва истиқоматӣ, амвол, инчунин бойгонӣ, ҳуҷҷатҳо ва мукотибаи Намояндагиҳо аз имтиёзҳо ва масуниятҳое, ки тибқи қонунгузории байналмилалӣ барои биноҳо, амвол, бойгонӣ, ҳуҷҷатҳо ва мукотибаи намояндагиҳои дипломатӣ ва манзилҳои хусусии кормандони дипломатӣ эътироф шудаанд, истифода мебаранд.

Ин намояндагиҳо метавонанд ҳуқуқҳои моликиятро дар қаламрави давлати мизбони худ, ки барои иҷрои фаъолияти худ заруранд, ба даст оранд ва амалӣ кунанд ва ӯҳдадориҳо дошта бошанд.

4. **Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар шароити ҷаҳонишавии илм ва техника ва афзоиши муносибатҳои байнидавлатӣ, рушди соҳаи маориф ва илм бе ҳамкориҳои байналмилалӣ имконнопазир аст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди марказии давлатӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илмро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар самти тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ низ амалӣ месозад. Робитаҳои байналмилалии ин вазорат дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм» (2017) ва Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то 2030 [7] ба роҳ монда шудааст. Тибқи Низомнома [11] ҳадафҳои асосии сиёсати байналмилалии Вазорат иборатанд аз ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилот бо стандартҳои байналмилалӣ; густариши робитаҳои илмӣ ва таълимӣ бо кишварҳои хориҷӣ; ҷалби сармоя ва грантҳои хориҷӣ; мусоидат ба ҳаракати озоди донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон. Самтҳои асосии робитаҳои байналмилали ниҳоди мазкур иборатанд аз:

1. Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ. Вазорат бо ташкилотҳои ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Бонки ҷаҳонӣ, ИСЕСКО ва дигар сохторҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд. Лоиҳаҳои “Education for All”, “STEM Education Development” ва “Digital Education in Tajikistan” намунаҳои амалии ин ҳамкориҳоянд.

2. Созишномаҳои байниҳукуматӣ. Тоҷикистон бо зиёда аз 40 кишвари ҷаҳон шартномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм дорад. Аз ҷумла, бо Федератсияи Россия, Чин, Эрон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркия барномаҳои муштараки таълимӣ ва мубодилаи таҷрибаи омузгорон амалӣ карда мешаванд.

3. Барномаҳои байналмилалӣ. Вазорат фаъолона дар барномаҳои “Эразмус+”, “TEMPUS”, “DAAD” ва “ISESCO Science Programme” иштирок мекунад, ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди неруи илмии кишвар мусоидат менамоянд.

Бобати таҳкими робитаҳо дар соҳаи мориф ва илм бахусус бо Федератсияи Россия, Намояндагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дарин кишвар амал мекунад . Намояндагии Вазорати маориф ва илм дар Федератсияи Россия, ҳамчун сохтори расмии байнидавлатӣ барои ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои таълимӣ ва илмӣ миёни ду кишвар таъсис ёфтааст. Асоси ҳуқуқии фаъолияти ин намояндагӣ Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф» (16 апрели 1997) [16] ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №573 аз 12 декабри 2014 «Дар бораи намояндагии Вазорати маориф ва илм дар Федератсияи Россия» [6] маҳсуб мешаванд.

Самтҳои фаъолияти намояндагӣ аз ҳамоҳангсозии масъалаҳои қабули шаҳрвандони Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии Федератсияи Россия; назорати ҳуқуқии таҳсили донишҷӯёни тоҷик; ҳамкорӣ бо муассисаҳои олии Россия барои таъсиси факултетҳо ва шӯъбаҳои муштарак; мусоидат ба баргузории конференсияҳо ва форумҳои илмӣ; ҳамкорӣ бо диаспораи тоҷик барои ҷалби ҷавонон ба таҳсилоти олӣ иборатанд.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ, бахусус бо Федератсияи Россия, ба баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти олӣ, мубодилаи таҷриба ва рушду таҳкими робитаҳои илмӣ мусоидат кардаанд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти молиявӣ, камбуди таҳсилоти забонӣ ва мутобиқати барномаҳои таълимӣ ҳамоно вуҷуд доранд. Таҳлил ошкор намуд, ки гарчанде фаъолияти ин намояндагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале масъалаи мақоми ҳуқуқии ин ниҳод ҳамчун намояндагии дипломатӣ ҳалли худро наёфтааст.

**Хулоса**, дигар мақомотҳои дохилидавлатӣ оид ба робитаҳои беруна дар соҳаҳои махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як институти байнисоҳавии ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дошта, зери таъсири равандҳои гуногун, бахусус афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон тағйиру такмил ёфта истодааст. Мавзуи фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба робитаҳои беруна дар самтҳои гуногун ва дар доираи салоҳияту ваколатҳои мушаххаси мақомоти марбута ба роҳ монда шудааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, чолишҳо ва суръати баланди рушди технологияи иттилоотӣ муносибатҳои нави ин самт арзи вуҷуд намуда истодаанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар робитаҳои берунаи Тоҷикистон, бахусус дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо мамлакатҳои алоҳида ин сохторҳо ҳамчун субъектҳои нави ҳуқуқи робитаҳои беруна арзи вуҷуд намуда истодаанд. Аммо, на дар ҳама ҳолат мақоми ҳуқуқӣ-байналмилалии онҳо муайян шудааст. Чунин вазъият дар амалия метавонад боиси нофаҳмиҳо дар робитаҳои байнидавлатӣ гардидад. Аз ҷумла, дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ солҳои охир намояндагиҳои вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди дигар давлатҳо ва мутаносибан намояндагиҳои мақомоти давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд. Аз қабили намояндагиҳои вазоратҳо доир ба муҳоҷират, оид ба маориф, оид ба гумрук ва ғайра. Бояд қайд намуд, ки чунин намояндагиҳо тобеи сафорат ва консулгариҳо ва ё дигар намояндагиҳои дипломатии давлатҳо дар хориҷ набуда, дар алоҳидагӣ фаъолият мебаранд. Ҳолати ҳуқуқии онҳо ҳамчун намояндагии дипломатӣ ва ё сохтори мақоми дипломатидошта муайян нашуда, дар фаъолияти онҳо мушкилоти зиёдеро ба бор оварда истодааст. Мисол, гарчанде Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ҳануз соли 2001 таъсис дода шуда, фаъолият мебарад, мақоми ҳуқуқии он танҳо соли 2025 бо ба имзо расонидани Созишномаи алоҳидаи байнидавлатӣ ба танзим дароварда шуда, ин ташкилот ва кормандони он аз имтиёзҳо ва масуниятҳо тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ бархурдор гардиданд. Аз ин рӯ зарур аст, ки масъалаи танзими ҳуқуқӣ-байналмилалии фаъолияти чунин намояндагиҳо дар доираи ҳуқуқи робитаҳои беруна таҳқиқу танзим карда шуда, ҳангоми таъсиси онҳо дар асоси созишномаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳуқуқии онҳо, ҳамчун намояндагиҳои дипломатии кишвар дар давлатҳои хориҷӣ бо бархурдор будани имтиёзҳо ва масуниятҳо тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994., бо тағйир. илов. аз 26 сентябри соли 1999., 22 июни 2003. ва 22 майи соли 2016. (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). - Душанбе, 2019. - 126 с.
2. Устав ООН (полный текст) // https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text.
3. Декларация о принципах международного права, касающихся дружественных отношений и сотрудничества между государствами в соответствии с Уставом Организации Объединенных Наций // https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/intlaw_principles.shtml.
4. Заключительный акт Совещания по безопасности и сотрудничеству в Европе // https://www.osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 23 июли соли 2016 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 606).
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №573 аз 12 декабри 2014 "Дар бораи намояндагии Вазорати маориф ва илм дар Федератсияи Россия".
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2024, № 583 "Дар бораи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030.
8. Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 592 "Дар бораи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон"
9. Низомномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №589 "Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон".
10. Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 117 "Дар бораи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон".
11. Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 145 "Дар бораи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон".
12. Низомномаи Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "4" июни соли 2014 № 392 "Дар бораи Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират".

13. Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации о реадмиссии и протокол ее реализации от 10 февраля 2022 г./ Решения Президента и Правительства Республики Таджикистан. - 2022, февраль.

14. Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Республики Казахстан о реадмиссии и Исполнительный протокол к нему от 15 марта 2018 года / Решения Президента и Правительства Республики Таджикистан. - 2018, март.

15. Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации о трудовой деятельности и защите прав граждан Республики Таджикистан в Российской Федерации и граждан Российской Федерации в Республике Таджикистан от 16 октября 2004 г. / Решения Президента и Правительства Республики Таджикистан. - 2004, октябрь.

16. Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации «О сотрудничестве в области образования» (16 апреля 1997 года) // https://e-cis.info/cooperation/3753/86897/.

17. Соглашение между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о порядке пребывания граждан Республики Таджикистан на территории РФ от 8 февраля 2013 г. / Решения Президента и Правительства Республики Таджикистан. - 2013, февраль.

18. Созишномаи байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои мақомоти салоҳиятдор оид ба корҳои дохилӣ ва масъалаҳои муҳоҷират дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октяюри соли 2025 // http://government.ru/docs/all/161325/.

**Махмадуллозода Нуруллю Рахматуллю** - кандидат юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политология и права, старший научный сотрудник. E-mail: nurullo_m@mail.ru

**Иные внутригосударственные органы внешних сношений в специальных сферах Республики Таджикистан**

В статье рассматриваются особенности деятельности внутригосударственные органы, осуществляющих внешние сношения в отдельных сферах Республики Таджикистан, предмет, сферы деятельности, правовой статус и сфера их внешних сношений. В результате исследования данного вопроса автор приходит к выводу, что деятельность других органов внутренних дел, осуществляющих внешние сношения в отдельных сферах Республики Таджикистан, как межотраслевой институт международного права Республики Таджикистан, развивается, изменяется и совершенствуется под влиянием различных процессов, в частности, приоритетов внешней политики Республики Таджикистан. В то же время вносятся предложения по правовому регулированию отношений в этой сфере.

**Ключевые слова:** право внешних сношений; внутригосударственные органы; конвенция; международный договор; межгосударственное соглашение; представительство.

**Mahmadullozoda Nurullo Rahmatullo** - Candidate of Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Senior Researcher. E-mail: nurullo_m@mail.ru

**Other internal state bodies of foreign relations in specialized spheres of the Republic of Tajikistan**

This article analyzes the activities of internal affairs bodies implementing external relations in specific areas of the Republic of Tajikistan, including the subject matter, scope of activity, status, and scope of their external relations. As a result of this study, the author concludes that the activities of other internal affairs bodies implementing external relations in specific areas of the Republic of Tajikistan, as an interdisciplinary institution of international law in the Republic of Tajikistan, are developing and improving under the influence of various processes, in particular, the policy priorities of the Republic of Tajikistan. At the same time, proposals are made for the legal regulation of relations in this area.

**Keywords:** foreign relations law; internal affairs bodies; convention; international treaty; interstate agreement; representation.

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТӢ ВА МАНФИАТҲОИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

**Қодирзода Тоҳир Қамар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Ходими пешбари илмӣ; **Ҳакимзода Дилшод Абдусамад** – Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, Муовини якум. E-mail: d.hakimzoda@mail.ru.

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии вазифаҳои танзимкунанда ва муҳофизатии ҳуқуқи меҳнат баррасӣ шудаанд. Муаллифон бо такя ба назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти меҳнат, моҳият ва хусусиятҳои ин вазифаҳои ҳуқуқи меҳнатро таҳқиқ намудаанд. Вобаста ба ин аз ҷониби муаллифон таърифи "ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатӣ" ва «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатӣ» ҳамчун категорияҳои алоҳида ва аз ҳамдигар фарқкунанда матраҳ карда мешавад. Дар хатми мақола як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории меҳнат дар ин самт пешниҳод карда мешаванд.

**Калидвожаҳо**: ҳуқуқи меҳнат, муҳофизат, ҳифз, ҳимояи ҳуқуқ, корманд, корфармо, қонун, суд.

Дар назарияи умумии илми ҳуқуқ вазифаҳои ҳуқуқи меҳнат низ мисли тамоми ҳуқуқҳо аз ду гурӯҳ иборатанд: вазифаи танзимкунанда ва муҳофизатӣ. Ин назария аз ҷониби муҳаққиқони ҳам назарияи умумии ҳуқуқ ва ҳам аз ҷониби олимони ҳуқуқи меҳнат макбул дониста шудааст. Ба назари Т.Н. Радько аз назарияи умумии ҳуқуқ хусусияти вазифаи муҳофизатии ҳуқуқ аз он иборат аст ки "аввалан, он ҳуқуқро ҳамчун усули махсуси таъсир ба рафтори инсонҳо муайян мекунад, ки дар шакли таъсир ба иродаи онҳо тавассути таҳдиди ҷазо, муқаррар намудани мамнуъиятҳо ва татбиқи ҷазои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Дуюм, он барои субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун иттилоърасон хизмат мекунад, ки кадом арзишҳои махсус тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ муҳофизат карда мешаванд. Сеюм, он нишондиҳандаи сатҳи сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа, меъёрҳои инсондӯстие мебошад, ки дар ҳуқуқ вуҷуд доранд» [11,61]. Дар робита ба мавзуи мазкур И.А. Костян қайд менамояд, ки «ҳангоми ташаккули ҳуқуқ зарур аст, ки воситаҳои татбиқи он муайян карда шаванд, яъне дар марҳилаи ташаккули ҳуқуқ он бояд бо таъмин кардани ҳифзи худ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ, ҳамроҳ бошад, ки ҳамин ду вазифаи асосии ҳуқуқро муайян мекунад: танзимкунанда ва ҳифзкунанда»[12, 10-15].

Вале, дар илми ҳуқуқ, аз ҷумла дар назарияи умумии ҳуқуқ ва соҳаҳои ҳуқуқ дар муайянсозии ва мазмуни мафҳумҳои «муҳофизати ҳуқуқ», «ҳимояи ҳуқуқ» ва "ҳифзи ҳуқуқ" ягонагӣ вуҷуд надорад. Аксари муҳаққиқон ба ин назаранд, ки "муҳофизати ҳуқуқҳои" асосии шаҳрванд категорияи васеътар буда, "ҳимояи ҳуқуқи" шаҳрвандонро низ дар бар мегирад. Вале, аз ҷониби дигар, мафҳуми «муҳофизати ҳуқуқ» ба маънии васеъ истифода мешавад, ки он ҳар гуна фаъолиятеро, ки ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона шудаанд, дар бар мегирад.

Аломатҳои фарқкунандаи мафҳумҳои "ҳифзи ҳуқуқ" ва "ҳимояи ҳуқуқ" аз ҷониби О.В. Иванов пешниҳод гардидааст, ки он қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ ҷунин намунаи фарқкунандаи онҳоро пешниҳод менамояд: "Барои пешгирии дуздии молу амвол, ки дар анбор нигоҳ дошта мешаванд, дарҳои анбор бо қулф баста шуда ва мӯҳр зада мешаванд, тирезаҳо бо лавҳаҳо пӯшонида мешаванд, шабона анборро посбон бо силоҳ муҳофизат мекунад. Ҳамаи ин чораҳо, ки дар маҷмӯъ барои пешгирии дуздӣ равона шудаанд, муҳофизат номида мешаванд. Ва вақте ҷинояткор ҳамла мекунад, дарҳоро мешиканад, яъне дар ҳолати нақзи муҳофизат, посбон аллакай ҳимояткунанда мешавад ва бо силоҳ ҳамлаи ҷиноятkорро бозмедорад, чораҳо барои дастгир кардани ҷинояткор ва барқарор кардани молу амволи дуздшударо меандешад" [13, 185].

Ба ақидаи В.В. Лазарев, вазифаи асосии муҳофизатии ҳуқуқ пеш аз ҳама дар муҳофизати муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳост. В.В. Лазарев илова бар вазифаҳои сирф ҳуқуқии ҳуқуқ (танзимкунанда ва муҳофизатӣ) ҳамчунин вазифаҳои иҷтимоии онро низ ҷудо мекунад, аз ҷумла иқтисодӣ, сиёсӣ, тарбиявӣ, ҷубронкунанда, маҳдудкунанда, барқароркунанда, иттилоотӣ ва экологӣ. Махсусан тавсифи вазифаи барқароркунандаи ҳуқуқ аз ҷониби В.В. Лазарев қобили таваҷҷуҳ аст. Ба назари ӯ, ин вазифа дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти махсус дорад, ки «бештар ҳолатҳо барқароркунии мавқеи қаблии ҳуқуқии субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба амал меояд, шахс дубора соҳиби ҳуқуқҳои худ мегардад,

амвол ба ӯ бармегардад, ба кор барқарор мешавад, номаш барқарор мегардад, тартиби вайроншудаи иҷтимоӣ барқарор мешавад ва ғайра» [14, 134-141]. Ҳамин тавр, бар асоси назарияи В.В. Лазарев, барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок ба мазмуни вазифаи муҳофизатии ҳуқуқ дохил намешавад. Ва вазифаи барқароркунанда бошад, бо як қисм шартҳо, метавонад ҳамчун муҳофизатӣ ҳисобида шавад.

С.П. Маврин ба он назар аст, ки "вазифаҳои ҳуқуқи меҳнат метавонанд ҳамчун самтҳои асосии таъсири он, вобаста ба ниёзҳои ҷомеа муайян карда шаванд, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳо дар соҳаи ташкил ва истифодаи меҳнати ҷамъиятӣ равона шудаанд" [15].

Н.Г. Александров муҳаққиқи маъруфи соҳаи ҳуқуқи меҳнат, яке аз аввалин муҳаққиқоне маҳсуб мешавад, ки ҳануз соли 1973 дар бораи вазифаи махсуси «муҳофизатии»-и ҳуқуқи меҳнат ва вазифаҳои соҳавии он ибрози назар намудааст. Ба назари ӯ, ҳуқуқи меҳнати Шӯравӣ се вазифаи асосӣ дорад: истеҳсолӣ, муҳофизатӣ ва вазифае, ки иштирок кардани коргарон ва иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро дар идоракунии корхонаҳо таъмин мекунад. Мавсуф қайд менамояд, ки «Қонунгузории меҳнати Шӯравӣ ба баланд бардоштани сатҳи моддӣ ва фарҳангии коргарон мусоидат мекунад, муҳофизати меҳнат, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии коргаронро аз иштибоҳҳо ё таҳрифҳои бюрократӣ таъмин менамояд" [16, 157].

Дар навбати худ В.С. Андреев вазифаи муҳофизатиро ҳамчун вазифаи мустақили ҳуқуқи меҳнат ҷудо намуда, иброз медорад ки «ҳуқуқи меҳнат бисёрҷанба аст ва он на танҳо вазифаи иҷтимоӣ, балки муҳофизатӣ, тарбиявӣ ва хоҷагидорӣ низ дорад» [17]. Баъзе олимон, ба монанди А.С. Пашков ва В.Н. Смирнов, фикри дигар дошта, қайд менамоянд, ки «дар шароити ҷомеаи пешрафтаи социалистӣ, вақте нақши синфи коргар меафзояд ва вазифаҳои рушди иҷтимоии шахс васеъ мешаванд, вазифаи муҳофизатӣ беҳтар аст ҳамчун қисми вазифаи иҷтимоӣ баррасӣ шавад»[18].

А.Д. Зайкин низ аз мавқеи Н.Г. Александров ва В.С. Андреев ҷонибдорӣ намуда, вазифаи муҳофизатии ҳуқуқи меҳнати коргарон ва хизматчиёнро ҷудо менамояд [19, 12].

Дар бораи вазифаи муҳофизатии ҳуқуқи меҳнат бештар С.А. Иванов таҳқиқот бурдааст. Номбурда пайдоиши вазифаи муҳофизатии ҳуқуқи меҳнатро ба қабули аввалин Кодекси меҳнат вобаста медонад, ки он аз тадбирҳои қонунгузории давлати Шӯравӣ бо мақсади ташкили ҳифзи меҳнат иборат буд.

Ба ақидаи С.А. Иванов, «вазифаи муҳофизатӣ ба таври ифодашуда ба ҳуқуқи меҳнат тааллуқ дорад, аз табиати он бармеояд, аммо меъёрҳои махсус лозиманд, зеро татбиқи самараноки он аз ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи умумии меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат вобаста аст»[20].

Ҳамзамон аз ҷониби Ю.П. Орловский чанд усули гуногуни иҷрои вазифаи муҳофизатии ҳуқуқи меҳнат пешниҳод гардида, қайд менамояд, ки «Усули муҳим барои ҳифзи манфиатҳои коргар муқаррар намудани механизми барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда дар қонун мебошад»[21, 89].

Тибқи консепсияи пешниҳоднамудаи С.П. Маврин, вазифаи муҳофизати ҳамчун қисми вазифаи иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Ӯ қайд мекунад, ки «вазифаи иҷтимоӣ ба таври ифодашуда ба ҳуқуқи меҳнат тааллуқ дорад ва тавассути чанд самт амалӣ мешавад, ки муҳимтарини онҳо ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормадон аст»[15]. Дар робита ба ин, С.П. Маврин мазмуни вазифаи иҷтимоиро ба ду ҷузъ тақсим мекунад: худи вазифаи иҷтимоӣ ва вазифаи муҳофизатӣ. Ба назари ӯ, "вазифаи муҳофизатӣ бояд асосан тавассути муқаррар намудани ҳуқуқҳои асосии меҳнатии кормандон, муқаррар намудани механизмҳои ҳифз ва таъсиси шаклҳо ва усулҳои самараноки назорати давлатӣ амалӣ шавад" [15].

А.А. Шувалова ҷонибдорӣ аз назарияеро зарур мешуморад, ки вазифаи муҳофизатӣ ё барқароркунандаро ҳамчун вазифаи мустақили ҳуқуқи меҳнат ҷудо мекунанд. Ба назари мавсуф "дуруст аст, ки татбиқи ин вазифа танҳо тавассути муқаррар кардани низоми ҳуқуқҳои меҳнат ва манфиатҳои ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муайян кардани шаклҳо ва усулҳои ҳифзи онҳо, инчунин муайян кардани принсипҳои самараноки фаъолияти онҳо амалӣ мегардад" [22,17].

Дар илми ҳуқуқи меҳнати ватанӣ масъалаи вазифаҳои ҳуқуқи меҳнат аз ҷониби олимон Н.Р. Маҳмадуллозода ва Наботов С. дар китоби дарсии "Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқ шудааст. Ба назари ин олимон "Ҳуқуқи меҳнат ду вазифаи асосиро дорост: - истеҳсолӣ, ки татбиқи он дастгирии ҳуқуқии рушди иқтисодро таъмин менамояд; - ҳимоякунанда, ки тавассути он ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи меҳнат кафолат дода шуда, амалӣ карда мешаванд" [23, 22]. Ба назари онҳо аслан, идеяи ҳифзи ҳуқуқҳои корманд (ё ҳатто маҳдуд кардани ҳуқуқи соҳиби корхона) буд, ки ба пайдоиши ҳуқуқҳо дар бораи манъ кардани меҳнати кӯдакон такони нав бахшид, баъдан манъ кардани иҷрои баъзе корҳо барои занон ва ноболиғон ва кӯтоҳ кардани давомнокии рӯзи корӣ барои ҳама низ ба миён омад.

Дар қонунгузорӣ низ ҳангоми ташаккули чунин принсип, ба монанди принсипи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ягонагии истифодаи ин истилох вуҷуд надорад. Маъмулан, ҳамзамон бо ин мафҳум истилоҳҳои гуногун ба монанди «муҳофизат», «таъмин», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «кафолатҳо» барои ифодаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода мешаванд. Масалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шакли ин истилоҳот истифода мешаванд: «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва **ҳифз** менамояд (моддаи 5)»; Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, **ҳифз** мегарданд (м.14); "Ҳар кас кафолати **ҳифзи** судӣ дорад"(м. 19); "Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун **ҳифз** мекунад" (м. 21); "Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, **ҳифзи** меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад (м.35)"; "Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро **ҳифз** менамояд" (м. 84)" "Моликияти зеҳнӣ таҳти **ҳимояи** қонун аст (м. 6)"; "Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти **ҳимояи** давлат мебошад (м. 16)"; "Модару кӯдак таҳти **ҳимоя** ва ғамхории махсуси давлатанд (м. 34)".

Дар дебочаи КМ ҶТ ибораи "ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ", дар моддаи 18 ибораи "ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ" ва дар моддаи 19 бошад ибораи "ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ" истифода мегарданд. Дар қонунгузории соҳавӣ бошад, мисол Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.1999, №564[7] дар моддаи 2 (Вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ) истилоҳи "ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд" ва дар моддаи 12 бошад, истилоҳи "Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ" дарҷ ёфтааст. Дар Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 [8] дар моддаи 3 (Вазифаҳои мурофиаи судии маданӣ) ибораи "бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида" ва дар моддаи 59 бошад, ибораи "Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат" зикр мегарданд.

Албатта, чунин номутобиқатии мафҳумҳои мазкур дар қонунгузориҳои соҳавӣ барои дарки дурусти мазмуни он, омӯзиши падида ва ташаккули мавқеи ягона дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ монеа мегардад.

Мавриди зикр аст, ки вазифаҳои асосии ҳуқуқи меҳнат дар КМ ҶТ чунин мазмун ифода ёфтааст: ҳадафҳои ҳуқуқи меҳнат аз фароҳам овардани кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кормандон ва корфармо иборатанд (м. 3).

Аз таҳлили назари муҳаққиқони соҳа бармеояд, ки мазмуни ҳуқуқии истилоҳҳои "муҳофизати ҳуқуқҳои меҳнатӣ" ва "ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ" аз ҳамдигар фарқ доранд. Ба назари мо муҳофизати ҳуқуқҳои меҳнатӣ дар пешгирӣ кардани ҳар гуна эҳтимоли поймолшавӣ, назорати риояи онҳо ва омодагӣ барои вокуниш ба ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ ифода меёбад, ба ибораи ба таъмини шароити озодона татбиқ гардидани ҳуқуқҳои меҳнатӣ равона карда мешавад. Ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ бошад, маҷмӯи чораҳои ҳуқуқии ҳифзкунанда мебошанд, ки ба барқарорсозии ҳуқуқ, таъмин намудани амалишавии ҳуқуқҳои субъективии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳолати поймол ё маҳдуд гардиданашон равона карда шудаанд.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур ҳамчунин муайянсозии субъектҳои ҳуқуқ ба муҳофизат ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ аҳамияти муҳими илмӣ дорад. Тавре ки маълум аст, ки тибқи назарияи илм ва қонунгузории меҳнат субъектони муносибатҳои меҳнатӣ корманд ва корфармо эътироф шудаанд (моддаи 15 КМ ҶТ). Бо назардошти ин, дар назари аввал танҳо онҳо субъектҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатии худ ба шумор мераванд. Зеро, асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ санади ҳуқуқӣ - шартномаи меҳнатӣ байни корманд ва корфармо – субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ба тасвиб мерасад. Маҳз шартномаи меҳнатӣ объекти ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии субъектҳои ин муносибатҳоро мушаххас мекунад, ва барои амалҳои минбаъдаи онҳо ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ асос мегузорад. Миёни дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятии меҳнат, мисол, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои корфармо ва ғайра дигар муносибатҳои вобастаи меҳнат (шарикии иҷтимоӣ) ба вуҷуд меоянд, ки ба онҳо дигар санадҳои ҳуқуқӣ (созишнома ва шартномаҳои коллективӣ) асос мегузоранд.

Тибқи консепсияи низоми муносибатҳои меҳнатӣ, ки аз ҷониби Н.Р. Маҳмадуллозода пешниҳод мегардад: «Муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ҳангоми истифодаи меҳнати кироя, дар заминаи фаъолияти муштараки корманд ва корфармо ба вуҷуд меоянд. Асоси таввлиди муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, яъне муносибатҳои меҳнатии бо ҳуқуқи меҳнат танзимшаванда, шартномаи меҳнатӣ мебошад, ки байни корманд ва корфармо баста мешавад. Муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ аҳамияти аввалиндарача доранд ва ҳамаи дигар муносибатҳои ҳуқуқии ба

онҳо алоқаманд барои рушд ва таҳкими муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ замина мегузоранд" [23, 88].

Дар амалия ҳолатҳое низ рух медиҳанд, ки дигар кормандони воқеӣ, ки бо онҳо муносибатҳои меҳнатӣ расмӣ нашудаанд, ҳамчун субъекти ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии худ баромад мекунанд. Бахусус, ҳангоми кӯшиши корфармо барои иваз кардани шартномаи меҳнатӣ бо дигар намуди шартномаҳо, бахусус танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ё умуман набастани шартномаи меҳнатӣ бо корманд. Маҳз ин ҷанбаи масъала барои татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои меҳнатӣ аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин зарур аст, ки муносибатҳои меҳнатӣ аз муносибатҳои ҳуқуқии ҳамсон дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ фарқ карда шаванд. Муносибатҳои ҳуқуқии ҳамсон пеш аз ҳама муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошанд, ки аз шартномаҳои пудрат, хизматрасониҳои пулакӣ, супоришҳо, шартномаҳои муаллифӣ ва аз дигар шартномаҳо дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, бармеоянд.

Дарки фарқияти онҳо маҳз дар асоси якчанд хусусиятҳои хоси муносибатҳои меҳнатӣ имконпазир аст. Муҳаққиқон якчанд хусусиятҳои хоси муносибатҳои меҳнатиро барои фарқгузорӣ аз муносибатҳои маданӣ – ҳуқуқӣ қайд менамоянд. Аз ҷумла, Н.Р. Маҳмадуллозода шаш хусусияти фарқкунандаи ин муносибатҳоро пешниҳод намудааст: "Якум, хусусияти шахсӣ доштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои корманд, ки вазифадор тавассути меҳнаташ дар фаъолияти истеҳсолӣ ё дигар фаъолияти корфармо бо истифода аз қобилияти кории худ иштирок намояд. Дуввум, корманд вазифадор аст уҳдадории меҳнатии дар шартномаи меҳнатӣ пешбинишударо мувофиқи вазифаи дар ҷадвали ҳайати кормандон муайяншуда, аз рӯи касбу ихтисос ва намуди мушаххаси кори ба ӯ таъин шуда, иҷро намояд. Сеюм, иҷрои вазифаҳои меҳнатии корманд, ки дар шароити меҳнати коллективӣ (кооперативӣ) иҷро карда мешавад, тобеияти кормандро ба қоидаҳои дохилии меҳнатии муқаррарнамудаи корфармо, бо риояи дастуру супоришҳои корфармо (роҳбар, директор ва ғайра), талаб менамояд. Чорум, хусусияти ҷубронӣ доштани муносибатҳои меҳнатӣ бо мунтаззам пардохт кардани музди меҳнат ба корманд на камтар аз ду маротиба дар як моҳ зоҳир мешавад. Ҳамзамон, музди меҳнат мутобиқи андозаи меҳнате, ки корманд дар вақти кории муайян сарф кардааст, дода мешавад. Панҷум, корфармое, ки меҳнати кормандро истифода мебарад, вазифадор аст, ки барои корманд шароити солим ва бехатари корро фароҳам оварад ва қонунгузории меҳнат, аз ҷумла қонунгузории ҳифзи меҳнатро риоя намояд. Шашум, хусусияти хоси муносибатҳои меҳнатӣ дар он аст, ки ҳар як субъект бидуни ягон мамоният, вале бо тартиби муқарраркардаи қонун онро қатъ намоянд. Дар ин ҳолат, корфармо ӯҳдадор аст, ки дар ҳолатҳои муқарраршуда кормандро оид ба қатъи ин муносибатҳо огаҳ намояд, инчунин ба корманд кӯмакпулии аз корравӣ ва дигар ҷубронпулиҳоро пардохт намояд" [23, 93-94].

Аломатҳои зикршудаи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ метавонанд дар амалияи татбиқи ҳуқуқ истифода шаванд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки шартномаи ҳуқуқи маданӣ байни тарафҳо баста шудааст, аммо дар ҷараёни баррасии судӣ муқаррар мегардад, ки шартномаи ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои меҳнатии байни корманд ва корфарморо танзим мекунад.

Ҳамин тариқ, субъектҳои ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои меҳнатии худ ин корманд ва корфармо мебошанд. Ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ инчунин барои субъектҳое низ пайдо мешавад, ки расман бо бастани шартномаи меҳнатӣ субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ нестанд, вале дар асл бидуни бастани шартномаи меҳнатӣ ва ё тавассути шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба кори кироя ҷалб шудаанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, тавассути шаклҳои гуногуни ҳифз имкон дорад ва метавонад коргарони кирояшударо, ки бо корфармо муносибати меҳнатӣ барқарор кардаанд, ҳимоя намояд, яъне ҳифзи ҳуқуқи меҳнат дар ҳар шакл мумкин аст, агар байни субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ воқеан ҳам муносибатҳои меҳнатӣ вуҷуд дошта бошад.

Дар амалия, ҳангоми муайян кардани воқеияти муносибатҳои меҳнатӣ бинобар сабаби возеҳ равшан набудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо мушкилоти зиёд ба назар мерасад, аз ҷумла кӯшиши иваз кардани шартномаи меҳнатӣ бо шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра. Дар моддаҳои 15,16,20,21, 22,24,26 ва дигар моддаҳои КМ ҶТ мафҳум ва мазмуни муносибатҳои меҳнатӣ, мазмуни шартномаи меҳнатӣ инъикос ёфтаанд. Вале, КМ ҶТ дар қиёс ба қонунгузории дигар давлатҳо бастани шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқиро бо кормандони кироя, ки муносибатҳои меҳнатиро байни корманд ва корфармо танзим мекунанд, манъ накардааст. Ин хеле зарур аст, зеро муайян намудани мазмуни мушаххаси муносибаҳои меҳнатӣ, ки сирф мавзуи танзими шартномаи меҳнатии байни корманд ва корфармо мебошанд ва дар сатҳи қонун манъ намудани бастани шартномаҳои гражданӣ - ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ муҳим буда, дар амалия нофаҳмиҳоро аз байн бурда, аз амалҳои суистифодакоронаи корфармоёнро барои ивази

намудани шартномаи меҳнатӣ ба шартномаи маданӣ-ҳуқуқиро мегирад ва сатҳи таъмини кафолатҳои меҳнатии шаҳрвандонро пешгирӣ менамояд. Аз ҷониби дигар танзими дурусти ҳуқуқии ин масъала имкон медиҳад, ки ҳимояи судии ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар чунин ҳолатҳо таъмин карда шавад. Бинобар ин, ба андешаи мо зарур аст ба Кодекси меҳнати Ҷумҳури Тоҷикистон [9] моддаи нав моддаи 16/1 доир ба муносибатҳои меҳнатӣ ворид карда шавад. Чунин таҷрибаи танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур бо Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30.12.2001 N 197-ФЗ [10] ба роҳ монда шудааст.

Илова бар ин, дар робита ба масъалаи мазкур дар Тавсияномаи ТБМ «Дар бораи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ» (аз 15 июни 2006) [6] ба давлатҳои аъзо тавсия дода шудааст, ки дар қонунгузории миллӣ имконияти муайян кардани аломатҳои мушаххаси муносибатҳои меҳнатиро пешбинӣ намоянд.

Ҳамин тавр, дар доираи ин таҳқиқоти мазкур дар робита ба муайянсозии субъектҳои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, ба ғайр аз корфармо ва кормандон ҳамчун тарафҳои шартномаи меҳнатӣ, инчунин субъектҳои муносибатҳои меҳнатие низ дохил мешаванд, ки мақоми онҳо расман муайян нашудааст ва ба воситаҳо ва шаклҳои муайяни ҳимоя ниёз доранд (кормандони воқеӣ ё кормандон бо шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ).

Барои мақсадҳои ин таҳқиқот, ҳуқуқ ва озодиҳо ҳамчун як объекти ягона ва ҷудонашавандаи муҳофизат баррасӣ мешаванд. Низоми ҳуқуқу озодиҳои асосии меҳнатӣ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон мавқеи муҳим дорад. Мувофиқи моддаи 23 Эъломия «ҳар як шахс ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озоди касб, шароити одилона ва мусоиди меҳнат ва ҳимоя аз бекорӣ дорад. Ҳар як шахс бидуни ягон табъиз ҳуқуқи музди баробар барои меҳнати баробарарзиш дорад. Кормандон ба ҷуброни одилона ва қонеъкунанда ҳуқуқ доранд, ки он зиндагии арзанда барои худ ва оилаашонро бояд таъмин кунад”[2].

Дар Эъломияи ҳуқуқи инсон ҳамчунин ҳуқуқи таъсис додани иттифоқҳои касаба ва узвият дар онҳо барои ҳифзи манфиатҳо (қисми 4 моддаи 23), ҳуқуқи ҳар шахс ба истироҳат ва фароғат, аз ҷумла маҳдуд кардани соати корӣ ва рухсатии пардохтшаванда (моддаи 24) муқаррар шудаанд.

Низоми ҳуқуқ ва озодиҳои меҳнатии инсон минбаъд дар дигар санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Паймонҳои Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (16 декабри 1966) [3] ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [4] (16 декабри соли 1966), таҳким дода шудааст. Ин санадҳо ҳуқуқ ба корпартоӣ бо риояи қонунҳои кишвар, ҳифзи махсуси меҳнат ва манфиатҳои занони модарон, кӯдакон ва наврасон ва ҳуқуқу озодиҳои дигарро муқаррар мекунанд.

Санадҳои байналмилалӣ низ тартиби муайяни ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои меҳнатиро муқаррар намудаанд. Оид ба нақзи ҳуқуқ ва озодиҳо аз ҷониби давлат, аз ҷумла шахсан, метавонад ба мақомоти махсус - Кумитаи ҳуқуқи инсон ё ба Суди Аврупоии ҳуқуқи инсон шикоят пешниҳод шавад.

Дар сатҳи минтақавӣ бошад, низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар Хартияи иҷтимоии Аврупо ба таври комил дарҷ ёфтаанд. Ба санадҳои минтақавӣ, ки ҳуқуқи меҳнати кормандонро низ муқаррар мекунанд, Хартияи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва кафолатҳои шаҳрвандони давлатҳои ИДМ, ки 29 октябри соли 1994 аз ҷониби Маҷмаи байналмилалии давлатҳои аъзои ИДМ [5] қабул шудааст, дохил мешавад. Ин Хартия санади аҳамияти муҳимдошта дар ҳуқуқи байналмилалӣ буда, ҳуқуқҳои иҷтимоии асосӣ ва тартиби таъмин намудани кафолатҳоро аз ҷониби кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон, муайян мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатиро дар моддаи 35 муқаррар мекунад. Тибқи он «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст” [1].

Конститутсияи Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро баландтарин арзиш эълон мекунад ва давлат вазифадор аст онҳоро ҳифз намояд. Аммо эълони декларативӣ кофӣ нест; барои татбиқи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳо, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, зарур аст низоми воситаҳои самарабахши ҳуқуқӣ, шаклҳо ва роҳҳои ҳифз ва амалӣ намудани онҳо эҷод карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки илова ба ҳуқуқ ва озодиҳои меҳнатӣ ҳамчунин, манфиатҳои ҳуқуқӣ низ объекти ҳимоя маҳсуб мешаванд. Дар дебочаи КМ ҶТ ибораи «ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ», дар қисме аз моддаҳои он (18 ва 19) ибораи “ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии”, ва дар дигар моддаҳо (289, 291) “ ҳимояи

манфиатҳо” истифода мешавад. Доир ба масъалаи мазкур аксари олимон ба ин назаранд, ки объекти ҳифз бояд манфиатҳои “ҳуқуқии шаҳрвандон” бошанд на балки ҳамаи “манфиатҳо”. Ба назари мо, чунин ифода баҳсбарангез аст, зеро манфиатҳои ҳам кормандон ва ҳам корфармоён метавонанд ғайриҳуқуқӣ бошанд. Ба назар мерасад, ки тағйир додани ифодаи мазкур ба «ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳуқуқии кормандон ва корфармоён» аз ҷиҳати назариявӣ асоснок мебошад.

Дар адабиёти илмӣ чанд нуқтаи назари асосӣ оид ба моҳияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Аввал - «назари тадбирҳо», ҷонибдоронаш ҳифзро ҳамчун низоми тадбирҳои қонунӣ барои мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ бо маънои васеъ, ки ба маҷбуркунии давлатӣ асос ёфта, барои таъмини ҳуқуқ ва бартараф кардани нақзи ҳуқуқ равона шудааст, муайян мекунанд. Ю.Г. Басин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниро «маҷмӯи тадбирҳои қонунӣ барои татбиқи таъсири маҷбурӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади эътироф ё барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда»[24,32-37] мешуморад.

Муҳаққиқони дигар ҳифзро ҳамчун маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ, ки барои барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда истифода мешаванд, мефаҳманд. Масалан, Д.М. Чечот бар ин назар аст, ки «ҳифзи ҳуқуқи маданӣ татбиқи маҷмӯи воситаҳои иҷозатдодашудаи қонунӣ мебошад, ки ба ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда равона шудааст»[25,71]. Ба ақидаи Ю.Н. Андреева, ҷонибдорони «назарияи тадбирҳо» ҳаҷм ва мазмуни мафҳуми «ҳифз» - ро кам мекунанд, беасос унсурҳои воқеӣ ва ҳуқуқии худи шахси зарардидаро барои худмуҳофизат аз ҳуқуқи поймолшуда бе мурoҷиат ба дигар субъектҳои ҳифз хориҷ мекунанд[26].

Ин нуқтаи назарро як қатор дигар олимон, ҷонибдорони «назари фаъолият», дастгирӣ мекунанд, ки ҳифзро фаъолияти шахсони ваколатдор ё мақомоти салоҳиятдор барои бартараф кардани монеаҳо дар амалигардонии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ мефаҳманд. Масалан, дар китоби дарсии «Ҳуқуқи мадании шӯравӣ» таҳти таҳрири О.А. Красавчикова ҳифзи ҳуқуқи маданӣ тавассути амалҳои мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои пешгирӣ аз нақзи ҳуқуқ ё барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда муайян шудааст[27].

Т.Ю. Баришникова ҳифзро ҳамчун фаъолияти фаъоли ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки барои амалӣ намудани он механизми ҳуқуқӣ, ки қоидаҳои ҳифз ва муносибатҳои муҳофизатӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад, зарур аст[28,29]. Аз ин рӯ, натанҳо тадбирҳои қонунӣ, ки татбиқ намешаванд, ҳифз ҳисоб намешаванд, инчунин фаъолияти шахси ваколатдор ё мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки асоси ҳуқуқӣ надорад, ҳифз ҳисоб намешавад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии кормандон як низоми мураккаб буда, унсурҳои моддӣ (технологияҳои ҳифз) ва шаклҳои ҳифзро дар бар мегирад, ки бо ҳам зич алоқаманданд. Усулҳои ҳифз бо шаклҳо робита дошта, дар шакли муайян тавассути фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи мақомоти давлатӣ ва худи шахс амалӣ мешаванд. Интихоби усули мушаххаси ҳифз аз табиат ва намуди ҳуқуқи поймолшуда, қоидаҳои ҳуқуқ ва қарорҳои шахси ваколатдор вобаста аст, ки метавонад ҳуқуқи поймолшударо мустақилона барқарор кунад.

Бар асоси гуфтаҳои боло, метавон чунин таърифи мафҳуми «ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии кормандон» - ро пешниҳод намуд: Ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ – ин амалҳои судҳо, дигар мақомоти давлатӣ, касабаҳои коргарон ва худи кормандон мебошад, дар доираи шаклҳо ва усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқӣ, инчунин мутобиқ бо принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар системаи ягона, рушдёбанда ва чандсатҳии қонунҳои миллӣ ва байналмилалии меҳнатӣ татбиқ мешаванд.

Ҳамин тариқ усулҳо ва шаклҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии кормандон унсурҳои ҳамдигарӣ ва муҳими низоми ҳифз мебошанд. Шаклҳо ва усулҳои ҳифз аз ҷиҳати табиат ва имконияти интихоби истифодаи онҳо фарқ мекунанд. Тафсилоти ҳар як унсури ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ дар боби минбаъдаи диссертатсия баррасӣ хоҳад шуд.

**Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ ба мо имкон дод, ки хулосаҳои зеринро матраҳ намоем:**

1. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатӣ - ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии ҳифзкунанда ва танзимкунанда мебошад, ки пешгирии поймолшавии эҳтимолии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ, инчунин фаъолияти мақоми давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ки ба татбиқи чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ равона шудааст, танзим менамоянд. Ин фаъолият маҷмӯи чораҳоеро дар бар мегирад, ки барои эҷоди шароит ҷиҳати амалӣ гардидани ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ ва барқарор намудани ин ҳуқуқҳо дар ҳолати поймолшавӣ равона шудаанд.

2. Ба назари мо таҳти мафҳуми **«ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатӣ»** бошад, асосан маҷмӯи меъёрҳои

ҳуқуқии ҳифзкунанда фаҳмида мешавад, ки ба барқарорсозии ҳуқуқ, таъмин намудани амалишавии ҳуқуқҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳолати поймол ё маҳдуд гардиданашон, инчунин амалисозии маҷмӯи чораҳое, ки барои бартараф кардани шароити монеъакунанда ба татбиқи ҳуқуқҳо равона шудаанд, ҳамчунин фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдори давлатӣ вобаста ба татбиқи чунин меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад.

3. Бо мақсади такмили қонунгузории меҳнат, танзимнамоии дуруст ва пурраи масъалаҳои вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатӣ зарур аст, ки ба КМ ҶТ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

Ба КМ ҶТ моддаҳои нав дар таҳрири зайл ворид карда шаванд:

1) **Моддаи 16/1. Муносибатҳои меҳнатӣ**

1.Муносибатҳои меҳнатӣ - ин муносибатҳое мебошанд, ки бар асоси созишномаи байни корманд ва корфармо оид ба шахсан иҷро намудани корманд вазифаи меҳнатии музднок (кор тибқи ҷадвали воҳидҳои корӣ, касб, ихтисос бо нишон додани дараҷаи тахассус; намуди мушаххаси кори ба корманд супурдашаванда) ба манфиати корфармо асос ёфта, таҳти идора ва назорати корфармо, бо риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ аз ҷониби корманд ва таъмини шароити меҳнат аз ҷониби корфармо тибқи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, шартномаи коллективӣ, созишномаҳо, санадҳои меъёрии дохилӣ ва шартномаи меҳнатӣ, сурат мегирад.

2.Бастани шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки воқеан муносибатҳои меҳнатии байни корманд ва корфарморо танзим мекунанд, иҷозат дода намешавад.

2) **Моддаи 206/1. Баррасии баҳсҳои инфиродии меҳнатӣ дар судҳо**

1. Дар судҳо баҳсҳои инфиродии меҳнатӣ мувофиқи аризаи корманд, корфармо ё иттифоқи касаба, ки манфиатҳои кормандро ҳимоя мекунад, он вақт баррасӣ карда мешаванд, ки онҳо бо қарори комиссияи баҳсҳои меҳнатӣ розӣ набошанд, ё дар ҳолате ки корманд ба суд мустақиман, бе дархост ба комиссияи баҳсҳои меҳнатӣ, муроҷиат менамояд, инчунин мувофиқи аризаи прокурор, агар қарори комиссияи баҳсҳои меҳнатӣ ба қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, мувофиқат накунад.

2. Бевосита дар судҳо баҳсҳои инфиродии меҳнатӣ мувофиқи аризаҳои зерин баррасӣ карда мешаванд:

- аризаи корманд - оид ба барқарор шудан дар ҷойи кор новобаста аз асосҳои қатъ гардидани шартномаи меҳнатӣ; оид ба тағйир додани сана ва сабаби сабтшудаи аз кор озодкунӣ; оид ба гузариш ба кори дигар; оид ба пардохти ҷубронпулӣ барои давраи маҷбурии бекорӣ; оид ба пардохти фарқияти музди меҳнат барои давраи иҷрои кори муздаш камтар; оид ба амалҳои (беамалии) ғайриқонунии корфармо ҳангоми коркард ва ҳифзи маълумоти шахсии корманд; оид ба ҷуброни зарари маънавӣ, ки ба корманд дар натиҷаи амалҳои (беамалии) ғайриқонунии корфармо расонида шудааст;

- аризаи корфармо - оид ба ҷуброн кардани зараре, ки корманд ба корфармо расонидааст, агар дар қонунҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Бевосита дар судҳо ҳамчунин баҳсҳои инфиродии меҳнатӣ оид ба масъалаҳои зерин баррасӣ карда мешаванд:

-оид ба рад кардани қабул ба кор;

-кормандоне, ки мувофиқи шартномаи меҳнатӣ назди корфармоёни шахсони воқеибуда, ки соҳибкори инфиродӣ нестанд, ва кормандоне, ки дар ташкилотҳои динӣ кор мекунанд;

-шахсоне, ки гумон доранд, нисбаташон табъиз шудааст.

4. Дар дебочаи КМ ҶТ ибораи «ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ» дар моддаҳои 18 ва 19 ибораи "ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуни" ва дар моддаҳои 289 ва 291 ибораи " ҳимояи манфиатҳо" ба ибораи "ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои ҳуқуқи" иваз карда шаванд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ва англисӣ). - Душанбе, 2019. - 126 с.

2. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. [Текст] // Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства Республики Таджикистан. - Душанбе: «Контраст», 2011. - С. 219-223.

3. Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах 1966 г. // Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства Республики Таджикистан. - Душанбе: «Контраст», 2011. - С. 234-239.

4. Международный пакт о гражданских и политических правах 1966 г. // Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства

Республики Таджикистан. - Душанбе: «Контраст», 2011. - С. 240-248.

5. Хартия социальных прав и гарантий граждан СНГ от 29 октября 1994 г. [Текст] / Межпарламентская Ассамблея государств-участников Содружества Независимых Государств. - 1995. - № 6. - С. 99-117.

6. Рекомендация N198 Международной организации труда "О трудовом правоотношении" [рус., англ.] (Принята в г. Женеве 15.06.2006 на 95-ой сессии Генеральной конференции МОТ) // https://www.ilo.org/ru/resource.

7. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.1999, №564 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816.

8. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.01.2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.6, мод.7.

9. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.11.2025 с.).

10. Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30.12.2001 N 197-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации, 2002, N 1, ст. 3.

11. Общая теория государства и права. Т. 2. Теория права. Курс российского трудового права: в 3 т. Т. 1. Общая часть / под ред. Е.В. Хохлова. – М.: Юрайт, 2017.

12. Костян И.А. Отдельные вопросы реализации права на судебную защиту / И.А. Костян // Трудовое право в России и за рубежом. – 2015 – №2. – С. 10-15.

13. Иванов, О. В. Судебные доказательства в гражданском процессе / О. В. Иванов. – Иркутск, 1974. – 185 с.

14. Теория права и государства: учебник / под ред. проф. В. В. Лазарева. - М.: Право и закон, 2001.

15. Курс российского трудового права: в 3 т. Т. 1. Общая часть. – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.consultant.ru

16. Экономическая политика КПСС, труд и право / под ред. Н. Г. Александрова. - М.: Изд-во Московск. ун-та, 1973. – 157 с.

17. Советское трудовое право/ Под ред. В.С. Андреева. - 3-е изд., доп. и перераб. - М.: Высш. шк.,1976. - 417 с.

18. Пашков, А. С., Смирнов, В. Н. Трудовое право социалистического общества / А. С. Пашков, В. Н. Смирнов // Государство и право развитого социализма в СССР. - Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1977. – 256 с.

19. Зайкин, А. Д. Основные функции советского трудового права / А.Д. Зайкин // Вестник МГУ. Серия «Право». - 1976. - № 3. – С. 12.

20. Иванов, С. А., Лившиц, Р. З., Орловский, Ю. П. Советское трудовое право: вопросы теории / С. А. Иванов, Р. З. Лившиц, Ю. П. Орловский. - М.: Наука, 1978. – 368 с.

21. Орловский, Ю. П. Роль трудового законодательства в обеспечении рыночной экономики / Ю. П. Орловский // Российское законодательство: проблемы и перспективы. - М.: БЕК, 1995. – 89 с.

22. Шувалова А.А. Способы судебной защиты трудовых прав и правовых интересов. дисс...канд. юрид. наук. М. 2019. -179 с.

23. Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе: ҶДММ "Сомон Принт", 2021. –С.22.

24. Басин, Ю. Г. Основы гражданского законодательства и защита субъективных гражданских прав / Ю. Г. Басин // Проблемы применения Основ гражданского законодательства и Основ гражданского судопроизводства Союза ССР и союзных республик. – Саратов: Изд-во Сарат. юрид. ин-та, 1971. – С. 32 –37.

25. Чечот, Д. М. Субъективное право и формы его защиты / Д. М. Чечот. - Л., 1968. – 71 с.

26. Андреев, Ю. Н. Механизм гражданско-правовой защиты / Ю. Н. Андреев. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2010. –464 с.

27. Советское гражданское право: в 2 т. / под ред. О. А. Красавчикова. - М., 1985. Т. 1. - 544 с.

**28.** Барышникова, Т. Ю. Формы и способы защиты трудовых прав и охраняемых законом интересов в российском трудовом праве: дис. ... канд. юрид. наук / Т. Ю. Барышникова. - Ярославль, 2005. – 29 с.

**Кодирзода Тохир Камар** – доктор юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии права, Ведущий научный сотрудник; **Хакимзода Дилшод Абдусамад – Суд** района Шохмансур города Душанбе, первый заместитель председателя. E-mail: **d.hakimzoda@mail.ru**.

**Теоретические аспекты защиты трудовых прав и правовых интересов субъектов трудовых отношений**

В данной статье рассмотрены теоретические аспекты регулятивные и защитные функции трудового права. Авторы, опираясь на мнения отечественных и зарубежных исследователей, а также на международные и национальные нормативные акты в сфере труда, исследуют сущность и особенности указанных

функций трудового права. В этой связи авторами предлагаются определения «охрана трудовых прав и свобод» и «защита трудовых прав и свобод» как самостоятельных и отличающихся друг от друга категорий. В заключительной части статьи приводится ряд предложений по совершенствованию трудового законодательства в данном направлении.

**Ключевые слова:** трудовое право, охрана прав, защита прав, работник, работодатель, закон, суд.

**Kodirzoda Tokhir Kamar** – Doctor of Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science of Law, Leading Researcher; **Hakimzoda Dilshod Abdusamad** – Shohmansur District Court of Dushanbe, First Deputy Chairperson. E-mail: **d.hakimzoda@mail.ru**.

**Theoretical aspects of the protection of labor rights and legal interests of the subjects of labor relations**

This article examines the theoretical aspects of the regulatory and protective functions of labor law. The authors, relying on the opinions of domestic and foreign researchers, as well as on international and national regulations in the field of labor, explore the essence and features of these functions of labor law. In this regard, the authors propose definitions of "protection of labor rights and freedoms" and "protection of labor rights and freedoms" as independent and distinct categories. In the final part of the article, a number of proposals are made to improve labor legislation in this area.

**Keywords:** labor law, safeguarding of rights, protection of rights, employee, employer, law, court.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 4/1 (57) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025

# РУШДИ ТАЪМИНИ ЁРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР МУРОФИАИ МАДАНӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Саидов Баҳодур Азизулоевич** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Унвонҷӯи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ. E-mail: saidovbahodur1012@gmail.com

Мақола ба таҳлили рушди низоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар мурофиаи маданӣ дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он ташаккул ва такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолияти адвокатура, ҷорӣ гардидани низоми давлатии ёрии ҳуқуқии ройгон, кафолатҳои конститутсионии дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ ва механизмҳои амалии расонидани ёрии ҳуқуқии якумдараҷа ва дуюмдараҷа дар парвандаҳои маданӣ баррасӣ мегарданд. Муаллиф таваҷҷуҳи махсусро ба танзими қонунгузорӣ, нақши адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони давлатӣ, гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ ва тартиби таъмини ёрии ҳуқуқӣ дар парвандаҳои маданӣ равона намуда, нишон медиҳад, ки ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат намудааст.

**Калидвожаҳо:** ёрии ҳуқуқӣ, ёрии ҳуқуқии ройгон, мурофиаи маданӣ, адвокатура, намояндагӣ дар суд, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ, ҳуқуқшиноси давлатӣ, парвандаҳои маданӣ, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи навин миллати тоҷик бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ҳадафи ниҳоии худ қарор додааст. Яке аз хусусиятҳои ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ин дар таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва татбиқи адолати судӣ мебошад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар ислоҳоти конститутсионӣ, қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро танзим менамоянд амалӣ карда шуд.

Дар ин замина ибтидои солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ёрии ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин самт қабул карда шуданд.

Санаи 28-уми декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва ёрии юридикӣ» қабул гардид. Ин қонун шароит фароҳам овард, ки адвокатура чун василаи ҷамъиятӣ шаҳрвандӣ фаъол гашта, бо давлат дар иҷро намудани вазифаҳои давлатӣ-таъмини дастрас будани ёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодии инсону шаҳрванд кӯмак намояд[3, 76].

Тибқи моддаҳои 19 ва 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас ҳифзи судӣ ва ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода шудааст.

Ба ин восита, давлат ба ҳама ашхосе, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунад ё сукунат доранд, кафолат медиҳад, ки ёрии ҳуқуқӣ барояшон ба таври воқеӣ ва баробар дастрас гардад. Давлат дар қонун ҳолатҳоеро муқаррар менамояд, ки ёрии ҳуқуқӣ ройгон расонида мешавад [3, 77].

Бо мақсади амалӣ намудани кафолатҳои пешбининамудаи Конститутсияи давлати соҳибистиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Конститутсионӣ «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд, ки расонидани ёрии ҳуқуқии бепулро аз ҷумла дар мурофиаи маданӣ ба категорияи муайяни шаҳрвандон пешбинӣ намуд. Соли 2003 ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия бо назардошти хусусияти ҷамъиятӣ доштани адвокатура аз номи қонун истилоҳи «конститутсионӣ» хориҷ карда шуд [15, 56].

Тибқи талаботи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995, №21 аъзои коллегияи адвокатҳо ҳуқуқи бепули расонидани ёрии ҳуқуқиро пайдо намуданд[1].

Дар баробари қонуни зикргардида, расонидани ёрии ҳуқуқиро дар мурофиаи маданӣ, Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қонуни дахлдор аз 28 декабри соли 1963 тасдиқ шуда буд то қабули Кодекси мурофиавии маданӣ амал мекард, танзим менамуд.

Тибқи моддаи 74 Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷуброни

харочот оид ба пардохти ёрии адвокат), ба тарафе, ки суд ба фоидаи он қарор қабул кардааст, суд аз тарафи дигар харочоти пардохти ёрии адвокатро, ки дар парванда иштирок кардааст, ба андозаи то панч фоизи қисми қонеъшудаи даъво, вале на зиёдтар аз меъёри муқарраршуда мерӯёнад. Дар ҳолате, ки тибқи тартиби муқаррааргардида ёрии адвокат ба тараф ройгон пешниҳод шуда бошад, суд маблағи мазкурро ба фоидаи маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ё ба даромади давлат меруёнад[6].

Ғайр аз ин, тибқи талаботи банди 1) моддаи 112 Кодекси зикргардида, намояндагон дар суд метавонанд аз чумла адвокатҳо бошанд. Зимнан, тибқи моддаи 113 ҳамин Кодекс (Барасмиятдарории ваколати намоянда) ваколати адвокат бо ордере, ки маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ медиҳад, тасдиқ карда мешавад.

Дар баробари масъалаҳои қайдшуда, Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 114 ваколати намояндаро муайян намудааст. Тибқи он, намоянда ҳуқуқ дорад ҳамаи амалҳои мурофиавиро анҷом диҳад, ғайр аз пурра ё қисман даст кашидан аз даъво, тағйир додани предмети даъво, эътироф намудани даъво, бастани созиши оштӣ, супоридани ваколатҳо ба шахси дигар, пешниҳод намудани варақаи иҷро барои иҷроиш, гирифтани амвол ё маблағҳои рӯёнидашуда, супоридани парванда ба баррасии суди рафиқона ё ҳакамӣ, инчунин шикоят намудан аз қарори суд. Ваколат барои анҷом додани ҳар яке аз амалҳои дар моддаи мазкур зикршуда бояд дар ваколатномаи намоянда махсус зикр карда шавад [6].

Бо назардошти ислоҳоти судӣ дар Ҷумурии Тоҷикистон, ки асоси онро Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳо»-и ҷумҳурӣ аз соли 2001 ташкил медод, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти судӣ қабул гардид. Дар натиҷа, соли 2008 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ва ғайра қабул карда шуданд.

Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №341, ки аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор гирифт, дар баробари дигар масъалаҳо, ёрии ҳуқуқиро низ дар мурофиаи маданӣ танзим намуд, ки аз ҷониби адвокатҳо расонида мешавад.

Қонунгузории мурофиавии маданӣ адвокатро ҳамчун субъекти алоҳида, яъне иштирокчии мустақили мурофиаи судии маданӣ пешбинӣ накардааст. Аммо, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 50 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд парвандаро дар суд шахсан ё ба воситаи намоянда пеш баранд.

Тибқи талаботи моддаҳои 51, 52-и Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон адвокат дорои ваколати намоянда мебошад. Аз ин рӯ, адвокат ҳамчун намоянда (бо чунин мақом) дар мурофиаи судии маданӣ иштирок менамояд.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 55 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи адвокат ҷиҳати иштирок дар суд ҳамчун намоянда бо ордер, ваколатнома ва шаҳодатнома тасдиқ карда мешавад.

Дар моддаи 52 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав, яъне намояндагоне, ки суд таъин менамояд, пешбинӣ шудааст.

Олими рус Е.Л. Забарчук дар Тафсири Кодекси мурофиавии мадании Федератсияи Россия оид ба масъалаи боиси таваҷҷӯҳ овардааст: адвокате, ки аз ҷониби суд тибқи моддаи 50 Кодекси мурофиавии мадании Федератсияи Россия ҳамчун намояндаи ҷавобгар таъин гардидааст, ҳуқуқ дорад ҳалномаи судиро бо тартиби кассатсионӣ (апеллятсионӣ) ва инчунин ба тариқи назоратӣ шикоят намояд, зеро ваколатҳои ӯ на дар асоси шартнома бо ҷавобгар, балки мутобиқи қонун ба миён меоянд ва чунин ҳуқуқ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷавобгаре, ки маҳалли истиқомати ӯ маълум нест, ба таври объективӣ зарур мебошад [14, 6].

Ҳамзамон, дар фарқият аз ҳолати оварда, олими дигар С. В. Никитина қайд менамояд: адвокате, ки фаъолияти худро дар асоси ордер амалӣ намуда, ваколатномае, ки дорои ваколатҳои махсус мебошад надорад, инчунин шахсе, ки ваколатҳои ӯ бо изҳороти шифоҳӣ ифода гардидаанд, ҳуқуқ надорад аз номи ваколатдиҳанда амалҳои махсусро анҷом диҳад [2, 79].

Мутобиқи Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд адвокатро ба сифати намояндаи тараф дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар

бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" аз 18 марти 2015, низ метавонад таъин намояд.

Мувофиқи талаботи қ.1 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони муайянгардида ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонад (ба даъвогарон дар судҳои марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани алимент ва барқарор кардан ба кор, ба маъюбон ва шахсоне, ки саробони худро дар давраи муқовимати сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даст додаанд ва гурезаҳо, дигар ҳолат ва шахсон) [10].

Лозим ба қайд аст, ки дар баробари иштироки адвокат ба сифати намояндаи тараф, ҳамчунин, тибқи талаботи моддаи 51 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суд ба сифати намоянда метавонад дилхоҳ шахси қобили амал, ки барои пешбурди парванда дорои ваколати ба таври дахлдор барасмият даровардашуда мебошад, ширкат менамояд. Мушкилии чунин ниҳоди намояндагӣ дар он аст, ки дилхоҳ шахс метавонад, намояндагиро ба роҳ монад ва оқибат масъалаи аз ҳама муҳим, ёрии ҳуқуқии босифат ба шахси эҳтиёҷманд таъмин нагардад.

Мушкилии мазкурро ба инобат гирифта, ба қисми 1 моддаи 10 Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" аз 3 январи соли 2025 тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он адвокат уҳдадор аст бо ваколатдиҳанда ҳангоми амалӣ намудани намояндагӣ созишнома бандад ва ордер пешниҳод намояд.

Ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ ва ҳимоя яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад, ки дар санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам гардидааст.

Дар моддаи 7 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948 омадааст, ки ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ як тафовут ба ҳимояи баробар ҳуқуқ доранд[16].

Тибқи моддаи 14 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 1966 с, ба шахси эҳтиёҷманд бояд ҳимоятгар таъмин карда шавад, аз ҷумла ба тариқи ройгон[13].

Дар қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид аз 19 декабри соли 1968, таъкид шудааст, ки давлатҳои аъзои Созмони Миллали Муттаҳид бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон бояд рушди низоми ҳамаҷонибаи ёрии ҳуқуқиро ба ниёзмандон роҳандозӣ намоянд.

Бо мақсади иҷрои талаботи санадҳои зикршуда ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар замони Истиқлоли давлатӣ корҳои назаррас анҷом дода шуд. Аз ҷумла, дар доираи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, № 425 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Барои татбиқи Консепсияи мазкур, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, таҳти №704 Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Санадҳои қабулшуда ва чораҳои андешида, бешубҳа, ба рушди низоми ёрии ҳуқуқии ройгон мусоидат намуданд.

Маркази ёрии ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти асосии амаликунандаи Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон баромад намуда, дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои иҷроия, ҳифзи ҳуқуқ, судӣ ва Иттифоқи адвокатҳо, ташкили таъмини ёрии ҳуқуқиро ба роҳ монд.

Аз натиҷаи амалинамоии Консепсия, Қонуни ҶТ "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ" аз 4 июли соли 2020, № 1694 қабул ва мавриди амал қарор гирифт, ки ёрии ҳуқуқии якумдараҷа ва дуюмдараҷаро пешбинӣ намуд[12].

Қонуни мазкур муайян намуд, ки ёрии ҳуқуқии якумдараҷа шакли хизматрасонии ҳуқуқие мебошад, ки ба шахсони воқеӣ бо роҳҳои фаҳмондадиҳии ҳуқуқу уҳдадориҳо, маслиҳатдиҳӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор амалӣ карда мешавад.

Ёрии ҳуқуқии якумдараҷа дар марҳилаи тосудии парвандаҳои маданӣ дар шаклҳои зикрёфта аз ҷониби ҳуқуқшиносони давлатӣ ва адвокатҳо расонида мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ" оид ба ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа аз рӯи парвандаҳои маданӣ ва тартиби расонидани он аз 1 январи 2025 мавриди амал қарор гирифт, ки аз ҷониби субъектони ба он муваззаф амалӣ шуда истодааст.

Ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа оид ба парвандаҳои маданӣ мутобиқи моддаи 23 Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирандагони он расонида мешавад[12].

Аз таҳлили анҷомдода, хулосаи муаллиф ин аст, ки Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ низоми муосири расонидани ёрии ҳуқуқиро ба роҳ монда, тавассути ислоҳоти қонунгузорӣ, ташкили институтҳо ва ҷорӣ намудани низоми нав, ба дастрасии табақаи ниёзманди аҳолӣ ба ёрии ҳуқуқии ройгон ноил гардид.

**Адабиёт:**


1. Андреева М.А. Особенности оказания адвокатом бесплатной юридической помощи. – М., 2022.
2. Гражданский процесс: Учебник / Под ред. С. В. Никитина. — М.: РГУП, 2016.
3. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ (васоити таълимӣ). – Душанбе, 2015.
4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022 таҳти №268// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.12.2025).
5. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, таҳти №341 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 14.12.2025).
6. Кодекси процессуалии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ведомостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1964, №22)
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6–уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26–уми сентябри соли 1999, 22–юми июни соли 2003 ва 22–юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, №610 Дар бораи «Тартиби пардохт ва андозаи ҳаққи хизмати адвокатҳо барои ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа» 2025, таҳти №417 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.12.2025).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва ёрии юридикӣ».
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» 2015, таҳти №124 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.12.2025).
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура», 1995.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ” аз 4 июли соли 2020, №1694, моддаи 23.
13. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 1966, // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.12.2025).
14. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Федератсияи Россия. –М., 2009.
15. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» Собирзода И.С, Раҳим З.Ҳ, Саидов Б.А. – Душанбе, 2025.
16. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар 1948 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.12.2025).



**Саидов Баходур Азизулоевич** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры теории государства и права. E-mail: saidovbahodur1012@gmail.com


## Развитие обеспечения юридической помощи в гражданском судопроизводстве в независимом Таджикистане


Статья посвящена анализу развития системы оказания юридической помощи в гражданском судопроизводстве в период государственной независимости Республики Таджикистан. В ней рассматриваются формирование и совершенствование правовых основ деятельности адвокатуры, внедрение государственной системы бесплатной юридической помощи, конституционные гарантии доступа к юридической помощи, а также практические механизмы оказания первичной и вторичной юридической помощи по гражданским делам. Автор уделяет особое внимание законодательному регулированию, роли адвокатов и государственных юристов, уязвимым группам населения и порядку обеспечения юридической помощи по гражданским делам, показывая, что судебно-правовые реформы способствовали укреплению защиты прав и свобод человека и гражданина.

**Ключевые слова:** юридическая помощь, бесплатная юридическая помощь, гражданское судопроизводство, адвокатура, представительство в суде, право на судебную защиту, государственный юрист, гражданские дела, государственная независимость Республики Таджикистан, судебно-правовые реформы.

**Saidov Bahodur Azizuloevich** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, PhD candidate at the Department of Theory of State and Law. E-mail: saidovbahodur1012@gmail.com

**Development of legal aid provision in civil proceedings in independent Tojikistan**

The article analyzes the development of the legal aid system in civil proceedings during the period of state independence of the Republic of Tajikistan. It examines the formation and improvement of the legal framework governing the activities of the legal profession, the introduction of a state system of free legal aid, constitutional guarantees of access to legal assistance, as well as practical mechanisms for providing primary and secondary legal aid in civil cases. The author places special emphasis on legislative regulation, the role of lawyers and state legal advisors, vulnerable groups of the population, and the procedure for ensuring legal aid in civil cases, demonstrating that judicial and legal reforms have contributed to strengthening the protection of human and civil rights and freedoms.

**Key words:** legal aid, free legal aid, civil proceedings, advocacy (legal profession), court representation, right to judicial protection, state lawyer, civil cases, state independence of the Republic of Tajikistan, judicial and legal reforms.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 4/1 (57) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025

# НИЗОМИ МИЛЛИИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИДОРАКУНИИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тоҷиддини Бахриддин** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, унвонҷӯ

Дар мақолаи мазкур низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ҳамчун заминаҳои махсуси ҳуқуқии идоракунии меҳнат муфассал баррасӣ мешаванд. Муаллиф дар таҳқиқи масъалаи мазкур заминаҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллиро ба 9 номгӯ гуруҳбандӣ ва таҳлил намудааст. Аз натиҷаи таҳлил муаллиф ба хулоса меояд, ки танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар низоми мавҷудаи ташкили ҷамъиятии меҳнат дар сатҳи миллӣ аз унсурҳои зайл иборат аст: танзими ҳуқуқии тадбирҳо ҷиҳати ташкили идоракунии меҳнат, танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба ташкили бозори меҳнат, танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба таъмини шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат ва танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба назорати риояи қонунгузории меҳнат.

**Калидвожаҳо:** меҳнат, идоракунии меҳнат, ташкили меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ, сатҳи миллӣ, корманд, қонун, стратегия, консепсия, дурнамо, барнома.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ маҷмӯъи тадбирҳо, воситаҳо ва усулҳои ҳуқуқии таъмини шуғли аҳолӣ мебошад. Чунин тадбирҳо ҳам тадбирҳои умумӣ–самтҳои сиёсати давлатӣ, ки барои таъмини фаъолияти бозори меҳнат дар маҷмӯъ ва ба тамоми аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нигаронида шудаанд (масалан, рушди захираҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани ҳаракати онҳо, ҳифзи бозори миллии меҳнат) ва тадбирҳои махсусе, ки бо таваҷҷӯҳ ба пешгирӣ ё огоҳ кардани оқибатҳои манфии бекорӣ, дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор тавсиф мешаванд, дохил мешаванд.

Инчунин, тадбирҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ метавонанд фаъол ва ғайрифаъол бошанд. Тадбирҳои фаъол ба таъмини фаъолияти босамари иқтисодиёти миллӣ ва бозори меҳнат [3], тадбирҳои ғайрифаъоли сиёсати шуғли аҳолӣ бошанд ба пешгирии оқибатҳои манфии бекорӣ [3] нигаронида шудаанд.

Бо назардошти муқаррароти дар боло зикршуда, муайян кардани он самтҳое, ки ҳуқуқи меҳнат бояд барои пурра амалӣ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат эълоншуда рушд ёбад ва рафъи мушкилоти танзими ҳуқуқӣ, ки ба татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ монеъ мешаванд, аҳамияти махсуси илмӣ дорад.

Дар сатҳи миллӣ ба заминаҳои махсуси ҳуқуқии идоракунии меҳнат инҳоро мансуб донистан мумкин аст:

- стандартҳои байналмилалии меҳнат;
- стратегияҳои рушд, консепсияҳо, лоиҳаҳои миллӣ, барномаҳои мақсаднок (байнидавлатӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ);
- санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ (созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ ва созишномаҳои минтақавӣ);
- низомномаҳо, қоидаҳо, оинномаҳо;
- стандартҳои давлатӣ, меъёрҳо ва стандартҳои иҷтимоӣ;
- стандартҳои касбӣ, таснифот, маълумотнома, номгӯҳо, рӯйхатҳо;
- воситаҳои техникӣ ва ҳуқуқии идоракунии меҳнат (платформаҳои рақамӣ, порталҳои интернетӣ, захираҳои иттилоотӣ, феҳристҳо);
- санадҳои дохилиидоравии мақомоти иҷроия;
- шарҳҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар мақолаи мазкур қисме аз ин заминаҳоро баррасӣ мекунем.

**1. Стратегияҳо, консепсияҳо, дурнамоҳо, барномаҳо, лоиҳаҳо.** Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар муносибатҳои идоракунии меҳнат нақши муҳим доранд. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар доираи муайян кардани ҳадафҳо, дурнамо, банақшагирӣ ва барномасозӣ дар сатҳи миллӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар доираи муайян кардани ҳадафҳо таҳия карда мешаванд аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (консепсияҳо), стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, ки дар доираи дурнамоҳо таҳия шудаанд, аз ҷумла дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддатро дар бар мегиранд.

(1)**Консепсияҳо.** Консепсия ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ мебошад, ки ҳадаф, принсипҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи муайяни фаъолият муайян мекунад. Мафҳумҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 [4], Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015 [5], Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] дарҷ ёфтаанд. Масалан, дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 панҷ самти калидии сиёсати миллӣ дар соҳаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ муайян шудаанд: "васеъ намудани соҳаҳои шуғли пурмаҳсул; донишу малака, технология ва имкони шуғли пурмаҳсул; рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул; ниҳодҳо ва барномаҳои бозори меҳнат; шарикии иҷтимоӣ" [4].

**(2) Стратегияҳо.** Стратегия як ҳуҷҷати асосии банақшагирии стратегӣ мебошад, ки манфиатҳои миллӣ ва афзалиятҳои стратегии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи муайяни фаъолияти давлат дар дарозмуддат муайян мекунад (масалан, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ, сиёсати миллӣ, рушди илмию техникӣ, сиёсати давлатӣ ва механизми татбиқи он).

Стратегияҳои зайл дар соҳаи идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа дошта ҳадафу вазифҳоро дар самти сиёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муайян намудаанд:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 "ҷорӣ намудани воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва принсипҳои маблағгузории барномавии мақсадноки барномаҳои ҳудудии мусоидат ба шуғл; баланд бардоштани сифати муҳити рақобатпазир тавассути муносибгардонии имтиёзҳои соҳавӣ ва бартариятҳо; ташаккули низоми миллии мусоидат ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат; рушду такомули инфрасохтори бозори меҳнат; ташкили барномаҳои махсус, ки ба беҳтар намудани имкони шуғли шахсони дорои мушкилоти махсус (занон, шахсони маъюб, муҳоҷирони ба ватан бозгаштаи дорои тахассуси нокифоя) равона шудаанд; таҳкими механизмҳои дастгирии иҷтимоии бекорон" [7].

2.Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040: "муайян кардани сиёсати давлатии муттасил, мақсаднок ва таъсирбахши муҳоҷират; таҳия ва амалисозии қонунгузории муосири миллӣ дар самти муҳоҷират ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ; таъсиси идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар хориҷ ва дохили кишвар" [8].

3. Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040: "такмили низом ва тартиби кор, ки барои ҳифз ва пешбурди ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шахсони алоҳида ва оилаҳои осебпазир дар тамоми ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд; таҳкими заминаи моддӣ, тақвиятбахшии захираҳои инсонӣ ва зиёд намудани маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои бартараф намудани осебпазирии иқтисодӣ ва иҷтимоии оилаҳои серфарзанд, одамони дорои маъюбият, пиронсолон ва гурӯҳҳои дигари аҳолӣ, ки бештар мубталои камбизоатӣ мебошанд; таҳияи Консепсияи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа барои марҳила ба марҳила гузаштан ба низоми пасандозии таъминоти нафақавӣ ва пай дар пай баланд бардоштани андозаи нафақа; ташаккули консепсия ва афзоиши ҳамзамони шумораи шуғли пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, танзими равандҳои стратегии муҳоҷирати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар ва таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш" [9].

**(3) Дурнамоҳо.** Дурнамоҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосии низоми банақшагирии стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, самтҳо ва натиҷаҳои пешбинишудаи рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳуриро муайян мекунад, платформаи ягонаи таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамӯҳлатро

ташкил медиҳанд. Дурнамои рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 ҳисобҳои пешгӯии рушди бозори меҳнат, сатҳи бекорӣ, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, шумораи шуғли аҳолӣ, шумораи ҷойҳои кории пурмаҳсул ва ғайраро дар бар мегирад. Мисол, тибқи Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 [10] шумораи захираҳои меҳнатӣ дар соли 2028 ба 6 млн.526 ҳазор, теъдоди аҳолии ба кор машғул ба 2 млн.879 ҳазор расида, нисбат ба соли 2027 мутаносибан 102 фоиз афзоиш меёбад. Дар ин замина таъсиси ҷойҳои корӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ дар соли 2028 ба 295 ҳазор расида, нисбати соли 2026 ба теъдоди 29 ҳазор ва ё 105 фоиз зиёд карда мешавад.

**(4) Барномаҳои давлатӣ.** Барномаи давлатӣ маҷмӯъи чорабиниҳо ба нақша гирифташударо дар бар мегирад, ки вазифаҳо, мӯҳлатҳои амал, иҷрокунандагон, захираҳо ва воситаҳои сиёсати давлатӣ барои ноил шудан ба афзалиятҳо ва ҳадафҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

Барномаи давлатӣ ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ мебошад, ки маҷмӯъи чорабиниҳои ба нақша гирифташударо дар бар гирифта, бо ҳадафҳо, мӯҳлатҳои татбиқ, иҷрокунандагон, захираҳо ва воситаҳои сиёсати давлатии бо ҳам алоқаманданд дар доираи татбиқи вазифаҳои асосии давлатӣ ноил шудан ба афзалиятҳо ва ҳадафҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Барномаҳои асосии давлатӣ дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2023-2027 [11], Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 [12], Барномаи миллии рафъи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 [13], Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024 [14], Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [15] ва дигар барномаҳои давлатӣ мебошанд.

Мақсади фароҳам овардани шароит барои рушди устувори иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, аз ҷумла тавассути Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ амалӣ карда мешавад. Барномаи мазкур аз ҷиҳати сохтор аз зербарномаҳои «Сиёсати шуғли фаъол ва дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор», «Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ», «Рушди институтҳои бозори меҳнат», «Меҳнати арзанда» иборат мебошад. Тибқи нақшаи ин барнома давоми солҳои 2023-2027 “дар ҷойҳои кори холии ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ пешниҳодгашта 294,0 ҳазор корҷӯ, аз ҷумла тавассути банд намудани ҷойҳои корӣ (квота) 44,0 ҳазор шаҳрванди дар бозори меҳнат осебпазир бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд; ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз рӯи касбҳои ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ 108,4 ҳазор шаҳрванди бекор, корҷӯ ва муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта фаро гирифта мешаванд; ба 69,4 ҳазор шахси бекор барои давраи бекорӣ кумакпулӣ пардохт мегардад; малакаҳои касбии 8,2 ҳазор шаҳрванд ва муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта бо шаҳодатнома тасдиқ карда мешаванд; 38,4 ҳазор шаҳрванди бекор ва корҷӯ ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар мешаванд; ба 17,0 ҳазор шаҳрванди бекор барои ташкили соҳибкории хурд ва рушди ҳунарҳои мардумӣ қарзҳои имтиёзнок дода мешаванд; ба 55,1 ҳазор муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом дода мешаванд” [11].

Дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ чунин лоиҳаҳо, аз қабили «рақамикунонии масъалаҳои мушоракати иҷтимоию меҳнатӣ вобаста ба шартномаҳои меҳнатӣ; рақамикунонии хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ (бақайдгирии электронии шаҳрвандони корҷӯ, таъин ва пардохти кумакпулӣ барои давраи бекорӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор барои машғул шудан ба соҳибкорӣ, пардохти стипендияи хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии касбӣ ва маблағгузории иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок ва ғайра); табодули иттилоот миёни дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ; таъсис додани харитаи электронии интерактивии шуғли аҳолӣ ва бекорӣ; баҳисобгирии электронии рафту

омади муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвар" [15] амалӣ карда мешаванд.

Дар сатҳи маҳалҳо низ метавонанд барномаҳо ва зербарномаҳои дахлдор таҳия карда шаванд. Мисол, барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо ва дурнамоҳои рушди маҳалҳо таҳия гардида бо қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тасдиқ мегарданд.

**2. Санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ (Созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ).** Яке аз санадҳои асосии ҳуқуқии идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 мебошад, ки роҳҳои асосии рушд ва принсипҳои умумии танзими сиёсати иқтисодӣ, музди меҳнат, даромад ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди бозори меҳнат ва рушди соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди соҳаи шуғли аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи меҳнат, бехатарии истеҳсолӣ ва экологӣ, шарикии иҷтимоӣ, инчунин тадбирҳо оид ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Таваҷҷуҳи асосии Созишномаи генералӣ барои солҳои 2024-2026 ба таъсис, такмил ва нигоҳдории ҷойҳои нави корӣ бо технологияҳои баланд барои таъмини роҳи инноватсионии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар, таъмини афзоиши ҳосилнокии меҳнат, пеш аз ҳама тавассути навсозии технологияҳо ва азнавтаҷҳизонидани техникӣ, такмили танзими ҳуқуқӣ дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар самти фароҳам овардани ҳосилнокии меҳнат равона карда шудааст; модернизатсияи иқтисодиёт, диверсификатсияи сохтори он, гузаштан ба модели инноватсионии рушд, мусоидат ба рақамикунонии иқтисодиёт, фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаҳои нави иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, мусоидат ба рушди соҳибкории инноватсионии хурд ва миёна дода шудааст. Принсипҳои дар Созишномаи генералӣ эълоншуда одатан дар созишномаҳои сатҳҳои поёнии шарикии иҷтимоӣ мушаххас карда мешаванд. Масалан, тибқи Созишномаи минтақавӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд ва Ассотсиатсияи соҳибкорони вилояти Суғд барои солҳои 2024-2026 [16], ки муқаррароти Созишномаи генералиро оид ба беҳтаргардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ идома медиҳад мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва соҳибкорони вилояти Суғд ӯҳдадор мешаванд, ки барои мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит барои дастрасии субъекти соҳибкорӣ ба бозорҳои байналмилалии мол, кор ва хизматрасониҳо; рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳои вилоят дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; истифодаи низоми стандартҳои байналмилалӣ дар корхонаҳои саноатӣ барои беҳтар намудани сифати маҳсулот; дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ҳал намудани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта дар фаъолияти онҳо; татбиқ намудани "лоиҳаҳои сабз", аз ҷумла, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди "иқтисоди сабз" бо назардошти "энергияи сабз" дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар созишномаи минтақавии байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар, Шурои ҳамоҳангсозии иттифоқҳои касабаи шаҳри Бохтар ва Иттиҳодияи корфармоёни шаҳри Бохтар барои солҳои 2024 -2026 [17] масъалаҳои вобаста ба такмили низоми меъёрбандии музди меҳнати кормандони соҳаҳо, назорати пардохти саривақтии музди меҳнат, омӯзонидани мутахассисони бахши ҳифзи меҳнат, ҷалби бештари аҳолӣ ба шуғли расмӣ ва ба низоми суғуртаи иҷтимоӣ, таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсул, пешгуии вазъи бозори меҳнати шаҳри Бохтар, бокортаъминсозии ҷавонон, маъюбон ва дигар қишри осебпазири аҳолӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд. Ҳамингуна муқаррарот дар Созишномаи минтақавии байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон, Шурои ҳамоҳангсозии иттифоқҳои касабаи ноҳияи Шаҳристон ва Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳияи Шаҳристон барои

солҳои 2024-2026, ки хосси вазъи иҷтимоию меҳнатии ин ноҳия мебошанд, дарҷ ёфтаанд.

Аксарияти вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ созишномаҳои минтақавӣ бастаанд.

Чун қоида, созишномаҳои соҳавӣ аз ҷиҳати мазмун мукаммалтарин созишнома мебошанд. Масалан, Созишномаи соҳавӣ байни Иттифоқҳои касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 як қатор муқарраротро дар бар мегирад, ки меъёри қонунгузории меҳнатро дар соҳаи ташкили меҳнат ва идоракунии меҳнат дар ин соҳа таҳия ва мушаххас мекунанд. Аз ҷумла, созишномаи мазкур ухдадориҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои дар сатҳи зарурӣ фароҳам овардани шароити меҳнат, баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, таҷдиду такмили меъёри меҳнат дар мувофиқа бо иттифоқҳои касаба ва таъмини дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ ба кормандон муқаррар намудааст.

Дар сатҳи минтақавӣ аз ҷиҳати мазмун мукаммалтарин Созишномаи сеҷонибаи байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Душанбе, Кумитаи иттифоқҳои касабаи ш. Душанбе ва Ассотсиатсияи соҳибкорони ш. Душанбе барои солҳои 2024 -2026 мебошад, ки он ӯҳдадориҳои иловагии тарафҳои шарикии иҷтимоиро пешбинӣ намуда, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии кормандонро дар муқоиса бо қонунгузории амалкунанда хеле баланд мебардоранд. Мувофиқати ӯҳдадориҳои дар Созишномаи мазкур зикргардида, инчунин иҷрои ӯҳдадориҳои қабулшуда бояд ҳар сол натиҷагирӣ карда шуда, тарафҳо имкон доранд, ки дар асоси вазъи зудтағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодӣ саривақт ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба Созишнома пешниҳод намоянд.

Аммо, таҳлили қисмати азими созишномаҳо баёнгари он аст, ки мутаассифона, дар аксар маврид созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ танҳо меъёри дар қонунгузории меҳнат зикршударо такрор мекунанд, сатҳи воқеии ҳуқуқ, кафолат ва манфиатҳои қонунии кормандонро баланд намебардоранд ва аслан хоссияти расмӣ - формалӣ доранд.

Созишномаҳои дахлдор метавонанд байни иттифоқҳои касаба ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ , инчунин муассисаҳои тобеъи онҳо низ баста шаванд.

**3. Муқаррарот, қоидаҳо, низомномаҳо.** Дар марҳилаи татбиқи мақсад, вазифаҳо ва принсипҳои гузошташуда фаъолияти ҳаррӯзаи идоракунии мақомоти иҷроия аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Асоси фаъолияти идоракунии мақомоти давлатӣ дар соҳаи меҳнат низомномаҳо мебошанд, масалан, Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [18], Низомномаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ [19], Низомномаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ [20], Низомномаи Хадамоти муҳоҷират [21], Низомномаи Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират [22]. Муқаррарот ва қоидаҳои дигаре ба ташкили унсурҳои алоҳидаи ҳаёти меҳнатии ҷомеъа, муқаррар намудани асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия бахшида шудаанд.

**4. Санадҳои дохилиидоравии мақомоти иҷроия.** Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳангоми фаъолияти ҳаррӯзаи худ санадҳои дохилиидоравӣ қабул менамоянд, ки ба онҳо инҳо дохил мешаванд: 1) санадҳои ҳуқуқии алоҳида, аз ҷумла: хусусияти шахсидошта (дар бораи ба вазифа таъин кардан ё озод кардан аз вазифа, ҳавасмандгардонӣ ё таъйини ҷарима); 2) қарорҳои мақомоти болоии давлатӣ ба мақомот ва ташкилоти низоми мақомоти иҷроияи маҳаллӣ 3) санадҳое, ки ба ташкили татбиқи санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои мақомоти болоӣ ё қарорҳои худи мақомоти иҷроия нигаронида шудаанд ва меъёри нави ҳуқуқиро дар бар намегиранд. Илова бар ин, ба низоми санадҳои мақомоти иҷроия санадҳои хусусияти тавсиявӣ, санадҳо дар бораи тасдиқи низомнома дар бораи мақомоти алоҳидаи маҳаллӣ ё воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва дигар санадҳои дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дохил мешаванд. Санадҳои ташкилию маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳо ва вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда аз ҷониби мақомоти иҷроия, нигаронида шудаанд.

**5. Шарҳҳо ва мавқеи ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар байни санадҳои ҳуқуқие, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат дохил мешаванд,

санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан фарқ мекунанд. Мутобиқи қисми 1 моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 июли соли 2014 № 1084 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "аз натиҷаи ҷамъбасти амалияи судӣ бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавзеҳоти дастурӣ медиҳад" [1]. Мувофиқи қисми 3 моддаи 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" "иҷрои санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли моликият, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, ки санадҳои судӣ ба онҳо дахл доранд, ҳатмӣ мебошад" [2].

Тавзеҳҳо ва мавқеъҳои ҳуқуқии Суди Олӣ ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муносибатҳо оид ба идоракунии меҳнат аҳамияти калон доранд. Масалан, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2021, №1 "Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёри қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатии фардӣ" омадааст, ки баҳсҳои зерин бевосита дар судҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд: оид ба радкунии корфармо барои қабул кардан ба кор (моддаи 23 қисми 2 КМ ҶТ); оид ба ғайриқонунӣ аз кор озод намудан ва ба кори дигар гузаронидани корманд (моддаи 54 КМ ҶТ); оид ба пардохт кардани вақти маҷбуран ба кор ҳозир нашудан, хароҷоти иловагӣ вобаста ба шикоят дар бораи ғайриқонунӣ ба кори дигар гузаронидан ё озод кардан аз кор, ҷуброни зарари маънавӣ (моддаи 55 КМ ҶТ); оид ба беэътибории шартномаи меҳнатӣ (моддаи 56 КМ ҶТ); оид ба амали (беамалии) корфармо, ки ба ҷамъоварӣ, коркард ва ҳифзи маълумоти шахсии корманд алоқамандӣ дорад (моддаи 58 КМ ҶТ); оид ба ҷуброни зарари моддии ба корфармо расонидашуда (моддаҳои 194,195 КМ ҶТ); оид ба ҷуброни зараре, ки роҳбар ба ташкилоти давлатӣ расонидааст (моддаи 196 КМ ҶТ); оид ба кор қабул накардани зани ҳомила, занон ё дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд ва кам кардани музди меҳнати онҳо (моддаи 225 КМ ҶТ); оид ба ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд (моддаи 343 КМ ҶТ).

Ҳамчунин, дар ин қарор шарҳ дода шудааст, ки судҳо баҳсҳои меҳнатии фардиро дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун низ баррасӣ менамоянд. Ба ин категорияҳои парвандаҳо баҳсҳо оид ба тағйир ёфтани шароити меҳнат (моддаи 31 КМ ҶТ), ғайриқонунӣ аз кор дур кардани корманд (моддаи 50 КМ ҶТ) ва ғайра дохил мешаванд. Бо ин қарор ҳамчунин тартиби қабул, баррасии аризаи даъвогӣ аз руи баҳсҳои меҳнатӣ, баҳисобгирии мухлатҳо, ҳолатҳои аз пардохти боҷи давлатӣ озод намудани корманд барои барасии аризаи даъвогӣ шарҳ дода шудаанд.

Дар бахши дигари ин санад мазмуну моҳияти меъёри қонунгузории меҳнат доир ба мухлати шартномаҳои меҳнатӣ, ҳолатҳои тағйир додани шартҳои шартномаи меҳнатӣ, ба кори дигар гузаронидани корманд, асосҳои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо ва дигар ҳолатҳое, ки мавзуъҳои асосии баҳсҳои меҳнатӣ дар судҳо мегарданд, шарҳ дода шуда, барои татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқи меҳнат ҳангоми баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ба судҳои поёнӣ дастурҳои мушаххас дода шудааст.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар заминаи муроҷиатҳо мутобиқати меъёри қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои ҳуқуқии дорои меъёри ҳуқуқи меҳнатро баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул менамояд, ки ин санадҳо дар танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат нақши муҳим доранд. Аз ҷумлаи чунин санадҳо қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1996, аз руи парвандаи «Дар бораи муайян намудани мутобиқати моддаи 226 Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси мурoҷиати шаҳрванд Ғаниев Қ.И. мебошад. Муҳтавои мурoҷиати шаҳрванд Ғаниев Қ.И. аз он иборат аст, ки моддаи 226 КМ ҶТ ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ҳифзи судӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, маҳдуд намуда, муайян намудани мувофиқати моддаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб мекунад. Суди

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи мазкурро баррасӣ намуда қарори дахлдор қабул намудааст.

**Аз натиҷаҳои таҳқиқи танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ хулосаҳои зерин бармеоянд:**

Маълум гардид, ки заминаҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ аз воситаҳои ҳуқуқии махсуси танзимнамоӣ иборатанд, ки дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳо ифода мегарданд, аз ҷумла: стандартҳои байналмилалии меҳнат; стратегияҳои рушд, консепсияҳо, лоиҳаҳои миллӣ, барномаҳои мақсаднок (байнидавлатӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ); санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ (созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ ва созишномаҳои минтақавӣ); низомномаҳо, қоидаҳо, оинномаҳо; стандартҳои давлатӣ, меъёрҳо ва стандартҳои иҷтимоӣ; стандартҳои касбӣ, таснифот, маълумотномаҳо, номгӯҳо, рӯйхатҳо; воситаҳои техникӣ ва ҳуқуқии идоракунии меҳнат (платформаҳои рақамӣ, порталҳои интернетӣ, захираҳои иттилоотӣ, феҳристҳо); санадҳои дохилиидоравии мақомоти иҷроия; шарҳҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳар як марҳилаи раванди идоракунии давлатӣ санадҳои хосси марҳилаи муайян таҳия ва тасдиқ карда мешаванд. Дар марҳилаи муайян намудани проблемаҳои афзалиятнок, муқаррар намудани мақсад ва вазифаҳои таъсиррасонии идоракунӣ чунин санадҳои ҳуқуқӣ ба мисли стратегияҳо, барномаҳо, ҳадафҳо, нақшаҳо, консепсияҳо асосан таҳия ва шакли ҳуқуқӣ мегиранд, дар марҳилаи қабул ва қонунгузорӣ қарори идоракунӣ шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар марҳилаи татбиқи қарорҳои қабулшуда шакли санади ташкилию маъмуриро мегирад. Ҳамин тариқ, шакли санади ҳуқуқӣ бо марҳилаи раванди идоракунии меҳнат зич алоқаманд буда, моҳият ва хусусиятҳои онро инъикос мекунад.

Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар низоми мавҷудаи ташкили ҷамъиятии меҳнат дар сатҳи миллӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) Танзими ҳуқуқии тадбирҳо ҷиҳати ташкили идоракунии меҳнат, аз ҷумла: ташкили низоми мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат, сохтор ва фаъолияти онҳо, муайян намудани ваколатҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ин мақомот; ташкили низоми ҳамкории мутақобила ва мубодилаи иттилоот байни мақомоти ваколатдор- ташкили ҳамкории дохилиидоравию байниидоравӣ, ҳамкории воҳидҳои сохтори, низоми технологияи иттилоотӣ ва рақамикунонии фаъолияти онҳо; ташкили кори идоравӣ.

2) Танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба ташкили бозори меҳнат, аз ҷумла оид ба татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат ва пешгирии бекорӣ; бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷа ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Тоҷикистон; доир ба омодасозии мутахассисон тибқи талаботи бозори меҳнат; маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ; ташкили роҳнамоии касбӣ ва машварати касбӣ; касбомузӣ ва бозомузии шаҳрвандони бекор.

3) Танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба таъмини шароити меҳнат ва ҳифзи меҳнат аз ҷумла: шароити ҷои кор; реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳат; низоми пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнат; меъёрбандии меҳнат; шароити иҷтимоию маишии меҳнат; тадбирҳо оид ба таъмини бехатарии меҳнат.

4) Танзими ҳуқуқии тадбирҳо оид ба назорати риояи қонунгузории меҳнат, таъмини салоҳияти мақомоти назоратӣ; мақоми ҳуқуқӣ ва доираи амали нозирони меҳнат; ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи қонунҳои меҳнат.

**Адабиёт:**


1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 26 июли соли 2014 № 1084 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, №7-9, мод. 698; с. 2016, №7, мод. 603; с. 2018, №2, мод. 62.

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Ахбори Маҷлиси Олип Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ.1, мод. 379; с. 2015, № 3, мод. 197, № 7-9, мод. 697.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2003. - № 8. - Мод. 467.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263 "Дар бораи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

то соли 2040” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022, май.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2002 № 201 “Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2002, май.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001 № 242 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2001, июн.

7. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2016, №636 “Дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” // https://mmk.tj/file/%D1%81.

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023 № 309 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [Матн] / Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, июн.

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, № 577 “Дар бораи Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022, ноябр.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2025, № 377 “Дар бораи Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028”// Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025, июл.

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, декабр.

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2023, № 419 “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027”// Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023, август.

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024 № 485 “Дар бораи Барномаи миллии рафъи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2024, август.

14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июля 2020 года, №430 “Дар бораи Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024// Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020, июл.

15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №460 “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”// Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021, окябр.

16. Созишномаи минтақавӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд ва Ассотсиатсияи соҳибкорони вилояти Суғд барои солҳои 2024-2026 // Манбаъ сомонаи Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд: https://sugdkasaba.tj.

17. Созишномаи минтақавии байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар, Шурои ҳамоҳангсозии иттифоқҳои касабаи шаҳри Бохтар ва Иттиҳодияи корфармоёни шаҳри Бохтар барои солҳои 2024 -2026.

18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 117 «Дар бораи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, март.

19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014, № 391 “Дар бораи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ” / Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "3" майи соли 2014, № 299 “Дар бораи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

21. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014 № 390 «Дар бораи Хадамоти муҳоҷират» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.
22. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014 № 392 «Дар бораи Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба масъалаҳои муҳоҷират» // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2014, июн.

**Тоджиддин Бахриддин** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, соискатель

**Национальная система правового регулирования управления трудом в Республике Таджикистан**

В данной статье подробно рассматривается система правового регулирования отношений, связанных с управлением трудом на национальном уровне, как специальные правовые основы управления трудом. Автор в рамках исследования данной проблемы классифицировал и проанализировал правовые основы управления трудом на национальном уровне по 9 наименованиям. По результатам анализа автор приходит к выводу, что правовое регулирование управления трудом в существующей системе общественной организации труда на национальном уровне состоит из следующих элементов: правовое регулирование мер по организации управления трудом, правовое регулирование мер по организации рынка труда, правовое регулирование мер по обеспечению условий труда и охраны труда, а также правовое регулирование мер по контролю за соблюдением трудового законодательства.

**Ключевые слова:** труд, управление трудом, организация труда, трудовые отношения, национальный уровень, работник, закон, стратегия, концепция, прогнозы, программа.

**Tojiddin Bakhriddin** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, doctoral applicant (researcher)

**National system of legal regulation of labour management in the Republic of Tajikistan**

This article examines in detail the system of legal regulation of relations related to labour management at the national level as a set of special legal foundations of labour management. In the course of the study, the author classified and analyzed the legal foundations of labour management at the national level into nine categories. Based on the results of the analysis, the author concludes that the legal regulation of labour management within the existing system of social organization of labour at the national level consists of the following elements: legal regulation of measures for organizing labour management, legal regulation of measures for organizing the labour market, legal regulation of measures to ensure working conditions and labour protection, as well as legal regulation of measures for monitoring compliance with labour legislation.

**Keywords:** labour, labour management, organization of labour, labour relations, national level, employee, law, strategy, concept, forecasts, program

# МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БО ОНҲО АЛОҚАМАНД

**Нематов Акмал Рауфҷонович** –доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Сарходими илмӣ; **Иброҳимова Мавзуна Файёзовна -** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, унвонҷӯ

Муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд, муносибатҳое ҳастанд, ки дар иртибот бо татбиқи меҳнат ба вуҷуд омада, садҳо ҳазор шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқиро фаро мегиранд. Мусаллам аст, ки ин муносибатҳо бевосита ба вазъу холатии иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар яке аз иштирокчиёни онҳо таъсири бориҷи худро мерасонанд. Аз ин рӯ, зарурати танзими босамар ва ҳамаҷонибаи онҳо амри воқеъ аст.

Дар мақолаи мазкур мафҳуми танзими ҳуқуқӣ, механизми танзими ҳуқуқӣ, унсурҳои танзими ҳуқуқӣ ва воситаҳои ҳуқуқие, ки тавассути онҳо танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд ба амал бароварда мешавад, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** танзими ҳуқуқӣ, механизми танзими ҳуқуқӣ, унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ, воситаҳои ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои амалисозии ҳуқуқ.

Муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд аз зумраи он муносибатҳое мебошанд, ки дар бахши ҳаётан барои ҷомеа муҳим ба вуҷуд омада, ба меҳвари худ теъдоди бешумори шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҷалб мекунанд.

Азбаски таъсири мутақобилаи муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ- иҷтимоии иштирокчиёни онҳо яқин аст, мебояд чунин тарзу воситаҳои танзими ҳуқуқии онҳо истифода шаванд, ки пойдорӣ, устуворӣ, муназзамӣ, риоя ва иҷрои матлубашонро таъмин намояд.

Танзими ҳуқуқӣ дар маъхазҳои илмӣ ва таълимӣ ҳамчун таъсири давлат бо истифода аз меъёрҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бахри ба тартиб даровардан ва ба эътидол овардани онҳо нигаронида шудааст, ҳамчун самти таъсиррасонии ҳуқуқӣ, ки дар муқаррар намудани рафтори мусбӣ, пешкаши ҳуқуқҳои субъективӣ ва вогузории ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ ба субъектони ҳуқуқ бахри мустаҳкам ва инкишофи муносибатҳои ҷавобгӯи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва шаҳрвандон буда, ифода меёбад[7,276-277], ҳамчун самти асосии таъсиррасонии ҳуқуқӣ дар мустаҳкам, муназзамнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини равнақи онҳо тавассути иҷозат, манъномоӣ, ӯҳдадоркунӣ ва ҳавасманднамоӣ ифода меёбад[9, 134], фаҳмида мешавад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, таввассути истифодаи механзми мукаммали ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ҳуқуқӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми механизми танзими ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд.

С.С.Алексеев ва Р.К. Русинов механизми танзими ҳуқуқиро ҳамчун низоми воситаҳои ҳуқуқие, ки тавасути онҳо танзими ҳуқуқӣ ё таъсири мақсадноки ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад, муайян мекунанд[2, 34].

А.С.Пиголкин механизми танзими ҳуқуқӣ гуфта, низоми воситаҳои ҳуқуқиеро мефаҳмад, ки бахри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини манфиатҳои субъектони ҳуқуқ муттасил барпо шудааст[4, 457]. Ба андешаи С.С. Комаров ва А.В. Малко, механизми танзими ҳуқуқӣ низоми воситаҳои ҳуқуқиест, ки бахри аз байн бурдани монеъаҳо дар қонеъгардонии манфиатҳои субъектони ҳуқуқ мутташакил гардонида шудаанд[11, 363-364].

В.Н. Хропанюк механизми танзими ҳуқуқиро ҳамчун низоми воситаҳои ҳуқуқӣ, ки бо ёрии онҳо муназзамии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳадафҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд амалӣ мешаванд[11, 341-342], тавсиф намудааст.

Р.Ш. Сотиволдиев механизми танзими ҳуқуқиро ҳамчун низоми мутташаккилонаи воситаҳои ҳуқуқӣ медонад, ки тавасути онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим мешаванд. [8, 224]

Механизми танзими ҳуқуқӣ ин низоми воситаҳои (унсурҳои) ҳуқуқие мебошад, ки танзими ҳамзамон ба ҳам алоқаманди муносибатҳои ҷамъиятии як намуди муайянро амалӣ менамояд, зеро танзим таъсири ҳуқуқ ба намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқии навъи муайян дар ҳолати мушаххаси ҳуқуқиро дар бар мегирад,- менависад Т.Н. Радько [7, 490].

Е.Н.Нургалиев зери мафҳуми механизми танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳуқуқи меҳнат; якум, маҷмӯи воситаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва воситаҳои танзими иҷтимоиро, ки дар меъёри ҳуқуқӣ ифода ёфта, бахри таъмини ҳуқуқу озоҳои иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоӣ меҳнатӣ, қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунии онҳо нигаронида шудаанд, дуюм механизми татбиқи ҳуқуқро мефаҳмад [8, 5]

Механизми танзими ҳуқуқӣ аз унсурҳои дахлдор иборат аст, ки дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ҳуқуқӣ ба таври гуногун манзур шудаанд. С.С.Алексеев ба се унсури асосии механизми танзими ҳуқуқӣ - меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои амалисозии ҳуқуқу ӯҳдадориҳо [12, 364-365] ва унсурҳои факултативӣ - амрияи инфиродии татбиқи ҳуқуқ, санадҳои меъёрии юридикӣ, санадҳои тавзеҳдиҳӣ, мураттабсозӣ, техникаи юридикӣ, фактҳои юридикӣ, субъекти ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ ишора мекунад[14, 34].

Р.К.Русинов меъёрҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои тафсири ҳуқуқ, фактҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои амалишавии ҳуқуқ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва реҷаи қонуниятро аз зумраи унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ медонад.

Ба андешаи С.А. Комаров ва А.В. Малко, унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ, факти ҳуқуқӣ ё таркиби воқеӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои амалишавии ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, санадҳои ҳуқуқ- татбиқкунӣ мебошанд[10, 363-364].

А.С.Пиголкин ҳамчун унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқ, фактҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва амалишавии ҳуқуқро меҳисобад[5, 458].

В.Н. Хропанюк ба қатори унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои амалисозии ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро дохил мекунад[8, 342].

Р.Ш. Сотиволдиев механизми танзими ҳуқуқиро аз чор унсур иборат медонад.

1. Меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки намунаи умумии рафтори субъектҳои ҳуқуқ, номгӯи ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо, вазъи умумии ҳуқуқии субъектонро муқаррар мекунанд. Дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ишора ба фактҳои ҳуқуқӣ меравад, ки дар заминаи онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

2. Муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқии дар меъёр ишорагашта пайдо шуда, меъёри умумиро вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ ва субъектҳои алоҳида мушаххас намуда, иштирокчиёни ин муносибатҳоро бо ҳам тавассути ҳуқуқҳои субъективӣ ва ухдадориҳои ҳуқуқӣ мепайванданд.

3. Санадҳои амалишавии ҳуқуқу ухдадориҳо, ки дар фаъолияти ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ифода мегарданд. Барои амалишавии ҳуқуқ, доштани салоҳияти ҳокимиятӣ шарт нест. Ҳар шахс ҳуқуқу озодиҳо, вазифаҳои конститутсионии худро дар шаклҳои пешбининамудаи қонун амалӣ мекунад. Амалишавии ҳуқуқ дар се шакли асосӣ сурат мегирад: истифода, риоя ва иҷрои ҳуқуқ. Дар натиҷаи амалишавӣ, ҳуқуқу ухдадориҳо иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ воқеӣ мешаванд, дар ҳаёт амалӣ мегарданд, талаботи субъектҳои ҳуқуқ қонеъ мегарданд, онҳо ба манфиатҳои хеш ноил мешаванд.

4. Татбиқи ҳуқуқ. Барои амалӣ намудани ҳуқуқу ухдадориҳо дар як қатор ҳолатҳо кӯмак ва саҳми мақомоти ваколатдори давлат (мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, суд, прокуратура ва дигарон) зарур аст. Чунинчӣ, шахс ҳуқуқи хешро ба нафақа худаш амалӣ карда наметавонад, аз ҷумла барои худаш нафақа таъин намекунад, ҷазоҳои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро татбиқ карда наметавонад. Дар чунин ҳолатҳо дар амалишавии ҳуқуқу ухдадориҳо мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, хизматчи-ёни давлатӣ иштирок мекунанд. Дар ҷараёни ин фаъолият, санадҳои фардии татбиқи ҳуқуқ, аз қабили ҳукм ё ҳалномаи суд, қарори мақомоти дахлдор оид ба ҷудо намудани замин, таъини нафақа ва дигарон қабул мешаванд.Татбиқи ҳуқуқ, шакли махсуси амалишавии ҳуқуқ буда, барои амалӣ гаштани ҳуқуқу ухдадориҳои субъектон мусоидат мекунад. Тавассути санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ҳамчунин ҳуқуқҳои субъектони ҳуқуқ ҳимоя мешаванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои поймолшуда барқарор мешаванд, нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда чораҳои дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд ва ғайра[6, 233-235].

Унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ якҷоя дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок мекунанд. Байни онҳо вобастагии устувори ҳуқуқӣ ҷой дорад. Бинобар ҳамин, ин унсурҳо низоми муташаккилро ташкил медиҳанд, давра ба давра истифода мешаванд, аз ҷумла, аввал меъёри ҳуқуқ қабул мешавад, сипас дар асоси он муносибати ҷамъияти танзим мешавад, ҳуқуқ амалӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ татбиқ мегардад.

Танзими ҳуқуқӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ҳуқуқӣ, нисбати таркибу намудҳои воситаҳои ҳуқуқӣ назари гуногун ҷой дорад. Б.В.Шейдлин[12, 59-60], Л.С.Явич [14, 35] ба воситаҳои ҳуқуқӣ на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ,

инчунин тамоми дигар шаклҳои таъсиррасонии давлат ба рафтору амали одамон ва фаъолияти бошууронаи онҳоро ба мақсади мураттаб намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба манфиати аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ синфи ҳукмронро бо роҳи қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ, татбиқ ва амалисозии онҳо дар муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ дохил менамуданд.

И.В. Федоров ба сифати воситаҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқ, санадҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ, шартномаҳо, муносибатҳои ҳуқуқӣ, таҳримҳо ва ҳавасмандгардониро эътироф менамуд [13, 112-128].

Н.А.Коробов воситаҳои ҳуқуқиро, ба воситаҳои техникӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ, воситаҳои пешбиникунандаи оқибатҳои ногувор барои иҷро накарданд ё номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳо, воситаҳои таъминкунандаи ҳалли баҳсҳои хоҷагӣ, бидуни бе мушаххас ва аниқ намудани онҳо, ҷудо мекунад[5, 1-11].

Пугинский ба воситаҳои ҳуқуқӣ, дурустараш воситаҳои маданӣ- ҳуқуқӣ шартнома, чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ, тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, чораҳои таъсиррасонии оперативӣ, чораҳои молу мулкии таъмини иҷрои уҳдадориҳо, воситаҳои алоҳидаи хусусияти ёрирасондошта (гуноҳ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, фиксияҳои юридикӣ), воситаҳоии муайянкунандаи доираи ташкилотҳо (шахси ҳуқуқӣ, воҳиди истеҳсолӣ дар таркиби иттиҳодияи дахлдор), воситаҳои танзимкунандаи сатҳи иштироки шахсон дар фаъолияти маданӣ-ҳуқуқӣ ва тартиби амалӣ намудани ваколатҳои алоҳида (қобилҳуқуқӣ, қобиламалӣ намояндагӣ, шахси сеюм) ва ғайраро дохил мекунад.[6, 91-93].

Ю.Х. Калмиков ба зумраи воситаҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои амалисозии ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳоро мансуб медонад[3, 21].

Дар ибтидо, С.С. Алексеев низ, танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои амалисозии ҳуқуқҳои субъективӣ ва ӯҳдадориҳоро аз зумраи воситаҳои ҳуқуқӣ медонист ва баъдан ба қатори онҳо воситаҳои техникаи юридикӣ (конструксияҳои юридӣ, ниҳодҳои меъёрӣ) ва дигар воситаҳои танзимро (нишондодҳои иҷозатдиҳанда, манъкунанда, уҳдадоркунанда) дохил намуд[1, 364-368].

С.А. Комаров ва А.В. Малко ҳамчун воситаҳои ҳуқуқӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ҳуқуқ, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, шартномаҳо, фактҳои ҳуқуқ, ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои қонунӣ, муқаррароти манъкунанда, имтиёзҳо, чораҳои ҳавасмандгардонӣ, чораҳои ҷазо, санадҳои амали-созии ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳоро меҳисобанд[4, 363- 364].

Муаллифони мазкур, инчунин дигар тасnифи воситаҳои ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд.

1.Таснифи воситаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ: воситаҳои конститутсионӣ- ҳуқуқӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра.

2.Таснифи воситаҳои ҳуқуқӣ аз рӯи мазмун: воситаҳои моддӣ- ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ – ҳуқуқӣ.

3.Таснифи воситаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба нақш: танзимкунанда ва ҳифозатӣ .

4.Таснифи воситаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба самти иттилоотӣ-техникӣ: воситаҳои ҳуқуқии ҳавасмандкунанда (чораҳои ҳавасмандкунанда, имтиёзҳо, чораҳои иҷозатдиҳӣ) ва маҳдудкунанда (муҷозотҳо, муқаррароти манъкунанда, ӯҳдадоркунанда) [25, 364-365].

Н.Шонасридинов дар чорчӯбаи институтҳои ҳуқуқӣ ва ҳатто дар робита бо ноил шудан ба натиҷаҳои муайян, тасниф намудани воситаҳои ҳуқуқиро қобили қабул меҳисобад [13, 27].

Ба андешаи мо, воситаҳои ҳуқуқиро меъёрҳои ҳуқуқӣ, шартномаҳо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муҷозатҳо (таҳримҳо), ҳавасмангардонӣ, санадҳои амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳо, санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ташкил мекунанд. Ҳамзамон, мо ба қатори воситаҳои ҳуқуқӣ дохил намудани гуноҳ, эҳтимолият, намояндагӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва дигар падидаҳои ҳуқуқиро қобили қабул намеҳисобем.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ, шартномаҳо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муҷозотҳо (таҳримҳо), чораҳои муҳофизатӣ, воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва дигар воситаҳои ҳуқуқӣ, тибқи маҳакҳои муайян низ тасниф мешаванд.

Масалан, меъёрҳои ҳуқуқиро аз рӯи таалуқмандиашон ба ин ё он соҳаи ҳуқуқ ба меъёрҳои конститутсионӣ- ҳуқуқӣ, маъмурӣ – ҳуқуқӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ-ҳуқуқӣ, бонкӣ-ҳуқуқӣ, гумрукӣ-ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои соҳавӣ ҳуқуқӣ ҷудо мешаванд, ки ҳар яке аз ин намуди меъёрҳо доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро бо истифода аз тарзу усулҳои хос танзим мекунанд.

Истилоҳу мафҳумҳои меъёри ҳуқуқӣ, шартнома, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муҷозот (таҳрим), чораҳои муҳофизатӣ, ҳавасмандгардонӣ, санадҳои амалисозии ҳуқуқ, ки бо онҳо воситаҳои ҳуқуқӣ ифода мегарданд, истилоҳу мафҳумҳои ҷамъбастӣ (кул) буда, ҷузъиёти (аломатҳо, нишонаҳо, хусусиятҳо табиати ҳуқуқӣ, мақсаду вазифаҳо ва дигар хусусиятҳои ба онҳо хосро), дар худ инъикос намекунанд.

Вакте , ки мо ба ин истилоҳу мафҳумҳо аз нигоҳи таалуқмандиашон ба ин ё он соҳаи ҳуқуқ, институти ҳуқуқ, зерсоҳаи ҳуқуқ, аз нигоҳи ҳадафу вазифаҳои думбологирифаи онҳо назар меафканем, дарҳол тамоми ҷузъиётҳои онҳо ба мо аён мешаванд.

Масалан, вакте, ки мо бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, шартномаҳо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муҷозотҳо (таҳрим-

ҳо), чораҳои муҳофиҳатӣ, қадркунӣ, санадҳои амалисозии ҳуқуқ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз нигоҳи таалуқи онҳо ба воситаҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ, яъне ба ҳуқуқи меҳнат менигарем, фарқи ҷиддии онҳоро аз ҳамингуна истилоҳу мафҳумҳои дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ ҷойдошта мебинем, ки мутаносибан, дар мавзуи танзими онҳо, моҳияти онҳо шаклу намуди онҳо, тартиби татбиқи онҳо ва дигар ҷузъиёти онҳо мебинем.

**Адабиёт:**


1. Алексеев С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве – М., 1966.
2. Алексеев С.С. Право: азбуки-теория- философия: Опыт комплексного исследования. –М., 1999.
3. Калмыков Ю.Х. Правовое регулирование хозяйственных отношений. – Саратов: изд-во Саратовского университета, 1982.
4. Комаров С.С., Малко А.В. Теория гасударства и права.- М.,1999.
5. Коробов Н.А. Гражданско–правовые средства обеспечения сохранности грузов при железнодорожных перевозках: автор. дис. канд. юрид. наук. – Свердловск, 1983.
6. Пугинский Б.И. Гражданско-правовые средства в хозяйственных отношениях. –М.: Юридическая литература, 1984.
7. Радко Т.И. Функции права // Общая теория права // под ред В.К. Бабаева. – Нижный Новгород, 1993. – С.276-277.
8. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва хуқуқ. -Душанбе " Империал- Групп", 2010. Ҷ.2.
9. Теория государства и права// Отв.ред. А.В. Малько. – М., 2006.
10. Фёдоров И.В. Хозяйственные связи в СССР. Вопросы теории правового регулирования в СССР. – Томск, 1978.
11. Хропанюк А.С. Теория государства и права. –М., 2002.
12. Шейдлин Б.В. О характери служебной роли Советского социалистического государства//Ученые записки. - ЛГУ, 1955. – №1 – Вып.7. – С.59-60.
13. Шонасридинов Н. Прововое регулирование экономии и рационального использования электрической и тепловой энергии (Гражданско- правовой аспект). Дис....канд. юрид.наук. –Душанбе, 1988.
14. Явыч Л.С. Советское право-регулятор общественных отношений в СССР. – Душанбе, 1957.



**Нематов Акмал Рауфджонович** – доктор юридических наук, Национальная академия наук Таджикистана,Институт философии, политологии и права, Главный научный сотрудник; **Иброхимова Мавзуна Файёзовна**-Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права, Соискатель


## Механизм правового регулирования трудовых и других связанных с ними отношений


Трудовые и другие связанные с ними отношение являются такими отношениями, которые возникают в связи с применением труда и охватывают сотни тысяч физических и юридических лиц.

Очевидно, что эти отношения оказывают большое непосредственное влияние на социально-экономическое положение каждого из их участников. Исходя из этого их эффективное и всестороннее правовое регулирование является объективной необходимостью.

В данной статье анализированы такие понятия, как правовое регулирование, механизм правового регулирования, элементы механизма правового регулирования, правовые средства, посредством которых осуществляется правовое регулирование трудовых и других связанных с ними отношений



**Ключевые слова:** правовое регулирование, механизм правового регулирования, элементы механизма правового регулирования, правовые средства, акты применения права, акты реализации



**Akmal Nematov** – Doctor of Law, National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, Chief Researcher;**Ibrokhimova Mavzuna Fayozovna** - National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law, PhD Candidate


## The mechanism of legal regulation of labor and other related relations


Labor and other related relationships are those that arise in connection with the use of labor and involve hundreds of thousands of individuals and legal entities. Obviously, these relationships have a great direct impact on the socio-economic situation of each of their participants. Based on this, their effective and comprehensive legal regulation is an objective necessity. This article analyzes such concepts as legal regulation, the mechanism of legal regulation, the elements of the mechanism of legal regulation, the legal means by which the legal regulation of labor and other related relations is carried out.


Keywords: legal regulation, mechanism of legal regulation, elements of the mechanism of legal regulation, legal means, acts of application of law, acts of implementation

# НАҚШИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА СУДҲО ДАР ТАШАККУЛИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВӢ

**Табаров Неъмон Амонович -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дотсенти кафедра. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои мубрами нақши қонунгузорӣ дар бораи судҳо дар ташаккули ҳуқуқи мурофиавӣ, алоқаи байни қонунгузории мурофиавӣ ва қонунгузорӣ дар бораи судҳо, таъсири ҳамдигарии онҳо баррасӣ карда мешавад. Қайд карда шудааст, ки баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 қонунгузориҳо дар бораи судҳо қабул карда шуданд, ки барои ташаккули ҳуқуқи мурофиавӣ ва қонунгузории мурофиавӣ мусоидат намуданд.

**Калидвожаҳо:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсимоти ҳокимиятҳо, ҳокимияти судӣ, қонунгузорӣ дар бораи судҳо, қонунгузории мурофиавӣ, ҳуқуқи мурофиавии конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ.

Ҳокимияти судӣ дар таърихи давлатдорӣ унсури зарурии механизми давлатӣ мебошад. Нақш ва аҳамияти суд дар ҳаёти ҷомеа вобаста аз давраи таърихӣ, навъ ва шакли давлат, низоми давлатию ҳуқуқӣ, дараҷаи демократикунонии ҷомеа, хусусиятҳои таърихӣ ва ҳатто анъанаҳои давлате, ки дар доираи он ҳокимияти судӣ амал мекунад, ба таври назаррас фарқ мекунад.

Мубрамияти таҳқиқи нақши қонунгузорӣ дар бораи судҳо дар ташаккули ҳуқуқи мурофиавӣ бо зарурияти таъмини ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ташкили механизми таъсирбахши татбиқи онҳо сабаб шудааст.

Қонунгузории мурофиавӣ ва қонунгузорӣ дар бораи судҳо бо ҳам зич алоқамананд, зеро мурофиа дар он судҳое сурат мегирад, ки бо қонунгузорӣ дар бораи судҳо таъсис дода шудаанд ва судҳое, ки дар асоси ин қонунгузорӣ ташкил дода шудаанд, фаъолияти худро оид ба баррасии парвандаҳои ба салоҳияти онҳо дода шуда дар он шаклҳое амалӣ менамоянд, ки бо қонунгузории мурофиавӣ муқаррар карда шудаанд.

Зарурат ва аҳамияти ба инобат гирифтани ин робитаҳо ҳангоми танзими ҳуқуқии муносибатҳое, ки дар ҳар яке аз ин соҳаҳои қонунгузорӣ ба вуҷуд меоянд, аз он иборат аст, ки он (танзимкунӣ) метавонад ҳам ба татбиқи самараноки амалӣ намудани адолати судӣ ва иҷро намудани вазифаҳои дар назди онҳо истода (ҳангоме, ки қонунгузории мурофиавӣ ва қонунгузорӣ дар бораи судҳо бо ҳамдигар алоқаманд буда, ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд) мусоидат намояд ва ҳам баръакс, дастрасии шахсони манфиатдорро ба адолати судӣ душвор мегардонанд ва ба таври ҷиддӣ самаранокии онро (агар чунин робитаҳо мавҷуд набошанд) хеле кам мекунанд.

Омилҳои муайянкунандаи ин робитаҳо эҳтиёҷоти мурофиа (мурофиаи судӣ) мебошанд: маҳз тахти онҳо бояд низоми судӣ сохта шавад, то ки он рушди муътадили мурофиаро дар ҳамаи давраҳои он таъмин намояд ва мурофиа бошад, дар навбати худ «ҳаёт»-и ҳуқуқи моддӣ, яъне ҳалли дурусти парвандаҳои ба салоҳияти судҳо мансуббуда ва ҳифзи ҳуқуқҳои вайронкардашударо таъмин менамояд (маҳз барои ҳамин ҳам вай вуҷуд дорад).

Бинобар ҳамин ҳам муайян намудани шаклҳои мурофиавие, ки ба амалӣ намудани адолати судӣ мусодат менамоянд, зарур аст.

Бояд қайд кард, ки то соҳибистиқлол эълон гардидани Тоҷикистон дар кишварамон ду соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ – ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ арзи вуҷуд доштанд, ки онҳо мутаносибан бо мавҷудияти ду кодекси мурофиавӣ – Кодекси мурофиаи мадании ҶШС Тоҷикистон соли 1963[21] ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961[22] асоснок карда шуда буданд.

Ин соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бевосита бо фаъолияти судҳои салоҳияти умумӣ алоқаманд буданд. Агар ҳуқуқи мурофиавии маданӣ бевосита бо фаъолияти мурофиавии судҳои юрисдиксияи умумӣ оид ба баррасии парвандаҳои маданӣ алоқаманд буда, чунин парвандаҳо бевосита дар суд оғоз карда мешуданд, он гоҳ парвандаҳои ҷиноятӣ гарчанде ки аз ҷониби мақомоти ғайрисудӣ оғоз карда мешуданд, вале онҳоро маҳз мақомоти судӣ моҳиятан баррасӣ мекарданд ва санади судиро дар намуди ҳукм қабул мекарданд.

Дар рушди низоми судии кишвар қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994[2] нақши муҳиме дорад.

Махсусан, моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кард, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад».

Ҳанӯз банди 3 Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул шуда буд[1], муқаррар карда буд, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар РСС Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал бароварда мешавад».

Мувофиқи моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар «ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад»[23]. Дар навбати худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 19 ба ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ додааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як шахс метавонад бевосита ё ба воситаи намоянда бо ёрии ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодӣ ва манфиати қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаашро ҳифз намояд. Шакли судии ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда асосӣ мебошад.

Вобаста ба ин, яке аз олимони шинохтаи тоҷик Х.М. Мирзамонзода қайд менамояд, ки маҳз ҳокимияти судӣ қобилияти дар ҳаҷми пурра ва аз ҳама бештар самараноктар ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлатро дорад[27, 4].

Дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Яке аз аломатҳои ҷудонопазири давлати ҳуқуқбунёд ин имконияти шаҳрванд ба кӯмаки суд муроҷиат кардан дар ҳолати вайрон гардидани ҳуқуқҳои субъективӣ ё манфиатҳои қонунии вай мебошад.

Ин аст, ки дар меъёрҳои тамоми қонунгузории соҳавӣ ёдовариро дар бораи ҳифзи судии ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан дар моддаҳои 10, 11 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[17], моддаҳои 199, 201, 323 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон[18], моддаи 8 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[19] ва ғ.

Дар боби 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори судҳои юрисдиксияи умумӣ Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ номбар гардидаанд, ки онҳо низ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамоянд.

Дар асоси ҳамин боби Конститутсия соли 1995 як қатор қонунҳо, ба монанди қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3], «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[4], «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[5], «Дар бораи судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6], «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[7], «Дар бораи сохтори судӣ»[8], инчунин Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон[20] қабул карда шуданд, ки дар таҳкими низоми судии кишвар аҳамияти муҳиме доштанд.

Баъдтар, аниқтараш 6 августи соли 2001 қонунҳои конститутсионии дар боло зикргардида ба истиснои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҷдиди назар карда шуда, як санади мукаммал – Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[9] қабул карда шуд, ки ба фаъолияти судҳои юрисдиксияи умумӣ ва судҳои иқтисодӣ бахшида шуда буд. Бояд қайд кард, ки санади қонунгузории мазкур меъёри муҳимеро дар бар мегирифт, ки дар инкишофи низоми ҳуқуқи мурофиавӣ нақши калонеро бозид. Тибқи меъёри мазкур ҳокимияти судӣ бо роҳи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад.

Гарчанде ки меъёр оиди он, ки ҳокимияти судӣ бо роҳи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда нашуда бошад ҳам, аммо таҳқиқотҳо нишон дод, ки чунин меъёр масалан дар Конститутсияи Федератсияи Россия[24] дида мешавад. Тибқи қисми 2 моддаи 118 Конститутсияи Федератсияи Россия ҳокимияти судӣ тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, арбитражӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар инкишофи фаъолияти судҳо ва айни замон қонунгузории мурофиавӣ нақши Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ хеле калон мебошад.

Аввалин Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 тасдиқ шудааст, дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006 таҳия гардид.

Аз ҷиҳати сохтор Барномаи мазкур аз 4 қисм ва Нақшаи тадбирҳо оид ба татбиқи он иборат буд.

Дар қисми якум «Мақсадҳо ва вазифаҳо» масъалаҳои таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ ва мақомоти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, давлат, ташкилоту муассисаҳо, таъмини кафолати судии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, тақвияти талабот нисбат ба кадрҳои судӣ, баланд бардоштани донишу таҷриба ва масъулияти онҳо гузошта шуда буд. Дар қисми дуюм «Такмили салоҳияти Суди конститутсионӣ» зарурати васеъ намудани салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалагузорӣ карда шуда буд. Қисми сеюми Барнома «Масъалаҳои ташкилӣ» ба тавсифи самтҳои фаъолият оид ба таҳкими низоми судӣ бахшида шуда буд. Дар он масъалаҳои ташкили коллегияҳои судӣ, баланд бардоштани самаранокии иҷрои ҳалномаҳои судӣ, беҳтар намудани таъминоти моддӣ-техникии мудҳо, омодагии касбии судяҳои нав, маблағгузории харочоти бо иштироки машваратчиёни халқӣ, шоҳидон, ҷабрдидагон, мутахассисон, адвокатҳо, тарҷумонҳо дар маҷлисҳои судӣ дахлдошта, зарурати баррасӣ намудани масъала оид ба бартараф намудани маҳдудияти фаъолияти меҳнатии судяҳои дар истеъфобуда, бо мақсади истифода намудани таҷрибаи онҳо пешбинӣ шуда буд. Дар қисми чоруми Барнома муқарраротии санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бояд таҷдиди назар карда мешуданд, дақиқ муайян гардиданд. Ин қисм ҳамчунин тағйироти мушаххасеро, ки бояд ба қонунгузории мурофиавӣ ворид карда мешуданд, пешбинӣ мекард.

Дар асоси Барномаи мазкур кодексҳои нави хусусияти мурофиавӣ дошта-Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[12], Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон[13], Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[14], инчунин Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон[15] қабул карда шуданд, ки на танҳо барои мақомоти судӣ, балки дар инкишофи қонунгузории мурофиавӣ низ аҳамияти калон доштанд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 тасдиқ гардид, ки идомабахши Барномаи аввалини ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ буд.

Санадҳои ҳуқуқии муҳиме, ки ҷиҳати иҷрои Барномаи мазкур қабул карда шуданд, ин дар таҳрири нав қабул намудани қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[10] ва «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[11], инчунин Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон[16] мебошад.

Аз қонунгузорӣ дар бораи судҳо ва қонунгузории мурофиавӣ бармеояд, ки суд субъекти асосии соҳаҳои мурофиавии ҳуқуқ мебошад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ мурофиа дар шаклҳои гуногун муаррифӣ карда мешавад. Масалан ба андешаи Л.А. Морозова «ҳуқуқи мурофиавӣ тартиби татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекунад»[28, 260]. Ба андешаи баъзе дигар муаллифон бошад «мурофиа сарфи назар аз хусусияти хизматиаш ба категорияҳои асосии ҳуқуқӣ мансуб дониста мешавад, зеро бе ин ҳуқуқ таъмини қонуният дар фаъолияти мақомот ва шахсони алоҳида, тартиби аз ҷониби онҳо амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ имконнопазир аст»[29, 247].

Бояд тазаккур дод, ки дар доктрина вобаста ба мафҳуми «мурофиаи ҳуқуқӣ» низ андешаҳои мухталиф ҷой доранд [25, 95; 26, 41-42].

Ҳамин тавр ҳолатҳои болоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши қонунгузорӣ дар бораи судҳо дар ташаккули ҳуқуқи мурофиавӣ назаррас буда, судҳо дар соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд.

**Адабиёт:**


**1.** Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон. Душанбе, Ирфон, 1990, 20 саҳ. (Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ).

**2.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Ганҷ. 2016.

**3.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995, № 21, мод.223.

**4.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, мод.229.

**5.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, мод.241.

**6.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» аз 3 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, мод.235.

**7.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми судяҳо дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, мод.231.

**8.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судӣ» аз 3 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 21, мод.225.

**9.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 августи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001, №7, мод.490.

**10.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 379.

**11.** Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380.

**12.** Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1,қ. 1, мод. 6, мод. 7.

**13.** Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 4, мод. 5.

**14.** Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816.

**15.** Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990.

**16.** Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 502.

**17.** Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022.

**18.** Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604.

**19.** Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998/ Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303.

**20.** Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №23-24, мод. 371.

**21.** Кодекси мурофиаи мадании РСС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 // Ведомостҳои Советиi Олии РСС Тоҷикистон, с. 1964, №22, мод.5.

**22.** Кодекси мурофиаи ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 // Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, с.1961, №24, мод.126.

**23.** Асноди асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар. – Душанбе, 1999.

**24.** Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993 с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 01.07.2020). https://www.consultant.ru.

**25.** Байтин М.И., Яковенко О.В.Теоретические вопросы правовой процедуры // Журнал российского права.– 2000. –№ 8.– С.93–102.

**26.** Лукьянова Е.Г.Теория процессуального права.М.: Норма, 2003. – 233 с.

**27.** Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики. Дис. … д-ра. юрид. наук. 12.00.02. – Душанбе., 2021. – 381 с.

**28.** Морозова Л.А. Теория государства и права. М.: Эксмо, 2007. 285 с.

**29.** Радько Т.Н., Лазарев В.В., Морозова Л.А. Теория государства и права. – М.: Проспект, 2012. 568 с.

**Табаров Неъмон Амонович** - кандидат юридических наук, Таджикский государственный финансово – экономический университет, доцент кафедры. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

## О роли законодательства о судах в формировании процессуального права

В статье рассматриваются актуальные вопросы роли законодательства о судах в формировании процессуального права, связь между процессуальным законодательством и законодательством о судах, их взаимовлияния. Отмечается, что после принятия Конституции Республики Таджикистан 1994 года было принято законодательство о судах, что способствовало формированию процессуального права и процессуального законодательства.

**Ключевые слова:** Конституция Республики Таджикистан, разделение властей, судебная власть, законодательство о судах, процессуальное законодательство, конституционное процессуальное право, гражданское процессуальное право,

экономическое процессуальное право, административное процессуальное право, уголовное процессуальное право.

**Tabarov Nemon Amonovich -** candidate of legal sciences, associate professor, Tajik State University Finance and Economics. E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru

**On the role of judicial legislation in the formation of procedural law**

The article examines current issues of the role of legislation on courts in the formation of procedural law, the relationship between procedural legislation and legislation on courts, and their mutual influence. It is noted that after the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan in 1994, legislation on the courts was adopted, which contributed to the formation of procedural law and procedural legislation.

**Keywords:** Constitution of the Republic of Tajikistan, separation of powers, judicial power, legislation on courts, procedural legislation, constitutional procedural law, civil procedural law, economic procedural law, administrative procedural law, criminal procedural law.

**ИХТИСОСИ 6D030200 -** ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ= МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО =INTERNATIONAL LAW

**СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 5.1.5** – МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ НАУКИ = ИЛМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚӢ = INTERNATIONAL LEGAL SCIENCES

# ВНЕДРЕНИЕ НОРМ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА В ОБЛАСТИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ПРАВОВУЮ СИСТЕМУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Обидова Манижа Насруллоевна -** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, к.ю.н., старший преподаватель. **E-mail: manija08@gmail.com**

Статья посвящена анализу процесса внедрения норм международного права, касающихся экологической безопасности, в национальную правовую систему Республики Таджикистан. Рассматриваются международно-правовые источники, оказывающие влияние на формирование экологической политики, и даётся оценка степени их имплементации в законодательные и институциональные механизмы страны. Особое внимание уделено вопросам гармонизации национального законодательства с международными экологическими стандартами и обеспечению устойчивого правового регулирования в условиях глобальных экологических вызовов.

**Ключевые слова:** Таджикистан, экологическая безопас-ность, международное право, имплементация, охрана окружающей среды, правовая система, устойчивое развитие

Современное развитие человечества сопровождается нарастающими экологическими вызовами, порождаемыми как изменениями глобального климата, так и интенсивным воздействием техногенной деятельности. В результате вопросы охраны окружающей среды и обеспечения экологической безопасности приобретают статус одного из центральных направлений как международной, так и национальной правовой повестки. В этих условиях особое значение получает процесс интеграции норм международного экологического права в национальную правовую систему страны.

Будучи активным участником международного сообщества, Таджикистан последовательно развивает механизмы имплементации универсальных экологических стандартов. Как отмечает Б.А. Сафарзода «данный процесс имеет двойственное значение. С одной стороны, он обеспечивает выполнение международных договорных обязательств, вытекающих из членства в универсальных и региональных конвенциях. С другой стороны, он служит инструментом гармонизации национального экологического законодательства с общепринятыми принципами устойчивого развития, что позволяет государству более эффективно участвовать в международных и трансграничных природоохранных инициативах»[1, 311-325].

Действительно имплементация норм международного экологического права в таджикскую правовую систему выполняет сразу несколько ключевых функций. Во-первых, она способствует институциональному укреплению правовых механизмов защиты окружающей среды, создавая надёжную нормативную основу для борьбы с экологическими правонарушениями и для стимулирования рационального природопользования. Во-вторых, она повышает уровень адаптивности национального законодательства к глобальным вызовам, формируя предпосылки для внедрения новых технологий, направленных на снижение уровня загрязнения и сохранение биоразнообразия. В-третьих, она усиливает позиции Таджикистана в международных переговорах по вопросам экологии и устойчивого развития, позволяя государству выступать не только как объект, но и как активный субъект экологической политики.

Особая актуальность таких усилий определяется ускоряющимся воздействием антропогенных факторов на природную среду. Неконтролируемая эксплуатация природных ресурсов, промышленное загрязнение воздуха, воды и почвы, а также прогрессирующая утрата биологического разнообразия уже привели к

возникновению экологических кризисов, последствия которых носят трансграничный характер и выходят за рамки отдельных национальных юрисдикций. Для Республики Таджикистан, учитывающей своё географическое положение, ограниченность водных и земельных ресурсов, а также уязвимость горных экосистем, данные процессы представляют особую угрозу. Об этой проблеме особо подчёркивает Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон. Так, в ходе своего выступления в рамках 80-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций, глава государства подчеркнул, что «проблемы, связанные с изменением климата, сегодня создают серьёзные препятствия на пути достижения Целей Устойчивого Развития в различных странах мира, в том числе и в Таджикистане. Наша страна, 93 процента территории которой занимают горы, также обеспокоена негативными последствиями этого процесса. Изменение гидрологического цикла, наводнения и повторяющиеся засухи, а также сильные пыльные бури за последнее десятилетие напрямую влияют на водные, энергетические ресурсы и продовольственную безопасность. Из-за стихийных бедствий, связанных с водой, мы ежегодно несём серьёзные материальные и финансовые потери. К сожалению, эти явления в большинстве случаев становятся причиной гибели людей и разрушения жизненно важной инфраструктуры. Последствия изменения климата и повышения температуры привели к быстрому таянию ледников и ухудшению состояния морских и океанических экосистем»[2].

В этих условиях имплементация международных экологических норм выступает не факультативным направлением правотворческой деятельности, а объективной необходимостью, обусловленной потребностью в укреплении национальной экологической безопасности и создании условий для устойчивого развития. Таким образом, включение универсальных экологических стандартов в национальную правовую систему Таджикистана является неотъемлемым элементом государственной политики, направленной на предотвращение экологических рисков и обеспечение благополучия настоящих и будущих поколений.

При этом, экологические отношения, находящиеся в сфере действия как международного, так и национального права, обладают особой спецификой. По своей природе они являются интерсистемными, т.е. охватывают взаимодействие государства, общества, личности и природы, выходят за пределы традиционных категорий права. Именно универсальный характер экологических проблем обусловливает необходимость поиска согласованных решений, выработки единых подходов и взаимного признания правовых стандартов в области охраны окружающей среды.

Международное экологическое право в этих условиях выполняет роль интеграционного инструмента, обеспечивающего формирование общих принципов и норм, обязательных для всех участников мирового сообщества. Оно способствует унификации экологических стандартов, что позволяет государствам выстраивать взаимодействие не только в рамках двусторонних соглашений, но и через многосторонние механизмы сотрудничества. Национальные правовые системы, в том числе Республика Таджикистан, воспринимая эти нормы, получают возможность интегрировать глобальные принципы в свою правовую практику. Эти положения находят свое закрепление в статье 10 Конституции страны. Как отмечает А.М. Диноршоев «Конституция Республики Таджикистан наглядно отражает две ключевые тенденции, характерные для конституций нового поколения. Первая из них связана с возрастающим влиянием процессов глобализации и интернационализации современного мира на содержание и структуру конституционных норм. Вторая проявляется в усилении значения общепризнанных принципов и норм международного права, которые всё более закрепляются в качестве системообразующих ориентиров национальных правопорядков»[3,143].

Таким образом, правовые механизмы, базирующиеся на международных нормах, выполняют ключевую функцию в построении систем долгосрочного экологического мониторинга, стратегического планирования и научно обоснованной оценки экологической безопасности. В национальном законодательстве Республики Таджикистан это находит выражение в закреплении принципов устойчивого развития, рационального природопользования и приоритета охраны окружающей среды в ряде нормативных актов. Особое значение имеет создание правовых условий для имплементации международных соглашений, таких как Парижское соглашение по климату, Орхусская конвенция, Конвенция о биологическом разнообразии и другие международные договоры. Эти докумен-

ты обеспечивают государству правовую основу для участия в глобальных инициативах по снижению антропогенной нагрузки и сохранению экосистем.

Следует подчеркнуть, что регулирование экологических отношений на международном и национальном уровнях строится на системе взаимосвязанных правовых и организационных инструментов, закреплённых в международных договорах, конвенциях, резолюциях и внутригосударственных нормативных правовых актах. Их согласованное применение формирует устойчивую правовую инфраструктуру, позволяющую сочетать задачи экономического роста с необходимостью охраны окружающей среды, обеспечивая переход к модели устойчивого развития.

Международные акты по охране окружающей среды оказывают значительное воздействие на национальные правовые системы, в том числе на законодательство Республики Таджикистан. Влияние этих документов проявляется в двух основных формах: во-первых, через прямое присоединение к международным соглашениям и последующую юридическую имплементацию их норм; во-вторых, через опосредованное, рекомендательное воздействие, выражающееся в ориентации национального правотворчества на универсальные экологические стандарты[4, 5-9].

В доктрине международного права обоснованно подчёркивается, что основное влияние международного права на развитие национальных правовых систем проявляется на уровне имплементации норм в действующее законодательство[5, 37-40]. При этом имплементация рассматривается не как механический процесс переноса норм, а как деятельность, требующая создания целостной системы правовых и организационных средств, призванных обеспечить полное и своевременное выполнение международных обязательств[6, 4-16].

Республика Таджикистан, являясь полноправным участником международного сообщества, выстраивает сотрудничество в сфере охраны окружающей среды и обеспечения экологической безопасности на основе общепризнанных принципов и норм международного права. Базовыми ориентирами этого сотрудничества выступают цели устойчивого развития, необходимость предотвращения трансграничного загрязнения окружающей среды и стремление к укреплению глобальной экологической безопасности.

Конституция Республики Таджикистан закрепляет основы государственности, определяя страну как демократическое, правовое и социальное государство. Такое конституционно-правовое самоопределение подразумевает обязанность государства создавать условия для достойной жизни и свободного развития каждого человека. Важным элементом этой обязанности выступает обеспечение экологически безопасной среды обитания, что имеет значение не только на внутригосударственном уровне, но и в контексте выполнения международных обязательств.

Как отмечает С.А. Боголюбов, «государства, провозгласившие себя правовыми и демократическими, не могут не заботиться о включении экологических прав и принципов – общечеловеческих ценностей – в своё законодательство и в механизм их реализации»[7, 19-27]. Данное положение в полной мере применимо и к Республике Таджикистан, экологическая политика которой направлена на восприятие и интеграцию универсальных международных экологических стандартов в национальную правовую систему.

На практике это выражается в нескольких ключевых направлениях, среди которых можно выделить закрепление экологических прав человека в качестве составной части конституционно признанных прав и свобод, что придаёт им высший юридический статус; создание нормативно-правовой базы, обеспечивающей реализацию международных обязательств; а также развитие институциональных механизмов, позволяющих гарантировать как соблюдение международных требований, так и эффективное участие общественности в процессах экологического управления, в том числе посредством доступа к экологической информации и процедур общественного контроля.

В случае Таджикистана имплементация положений международных конвенций сопровождается адаптацией национальной нормативной базы с учётом международных обязательств. Такой процесс не ограничивается формальным закреплением норм в законодательстве, но предполагает институциональное преобразование системы экологического управления, разработку правоприменительных механизмов и создание условий для реализации международных стандартов на практике.

Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» представляет собой показательную иллюстрацию интеграции

международных норм в национальное законодательство. В его положениях нашли отражение базовые принципы устойчивого развития, закреплённые в международных источниках, включая Рио-де-Жанейрскую декларацию и Парижское соглашение. Данный закон устанавливает правовые основы экологической политики государства, ориентированной на достижение баланса между экономическим развитием и сохранением благоприятной окружающей среды, биологического разнообразия и природных ресурсов.

Не менее значимым является процесс имплементации положений Орхусской конвенции (Конвенции ЕЭК ООН о доступе к информации, участии общественности в процессе принятия решений и доступе к правосудию по вопросам, касающимся окружающей среды). В развитие её требований был принят Закон Республики Таджикистан «Об экологической информации»[8], который закрепил: – право граждан и общественных объединений на свободный доступ к информации о состоянии окружающей среды, обязанности государственных органов по обеспечению открытости и предоставлению экологически значимой информации и механизмы участия общественности в принятии управленческих решений, способных оказать воздействие на экологическую обстановку.

Эти законодательные инициативы подтверждают устойчивую тенденцию к институционализации международных стандартов в национальной правовой системе. Таджикистан не ограничивается формальным присоединением к договорам, а предпринимает меры по созданию соответствующей нормативной базы и организационных механизмов для их реализации. Подобный подход свидетельствует о стратегическом стремлении государства к укреплению экологической безопасности и реализации целей устойчивого развития.

Международное право оказывает также непосредственное влияние на развитие механизмов экологического управления в Таджикистане, что проявляется, в частности, в разработке и реализации национальных экологических программ и стратегий, институционализации процедур экологической экспертизы и оценки воздействия на окружающую среду (ОВОС) в соответствии с международными стандартами, а также в обеспечении доступа граждан к экологической информации и их активном участии в принятии решений, что напрямую соответствует обязательствам, закреплённым в Орхусской конвенции.

Таким образом, имплементация международных экологических норм в национальное право Таджикистана выступает сложным, многоуровневым процессом. Она охватывает не только формальное закрепление международных положений в законодательстве, но и трансформацию институциональных структур, совершенствование административных процедур, а также формирование правовой культуры и экологического правосознания как у должностных лиц, так и у широких слоёв общества. Вектор экологической политики Таджикистана направлен на постепенную и целенаправленную трансформацию внутреннего законодательства в соответствии с международными нормами. Ключевой задачей выступает достижение правового баланса между правом на развитие и обязанностью по сохранению экологического равновесия. Дальнейшее расширение международно-правовой интеграции предполагает не только формальное приведение законодательства в соответствие с международными актами, но и глубокую перестройку механизмов экологического управления, совершенствование правоприменительной практики и повышение уровня экологического правосознания населения.

В долгосрочной перспективе подобная политика обеспечивает укрепление экологической безопасности, формирует устойчивую модель природопользования и гарантирует соблюдение фундаментального права человека на благоприятную окружающую среду. Участие Таджикистана в международной экологической кооперации тем самым становится важным фактором национальной правовой эволюции и стратегическим условием устойчивого развития страны.

**Литература:**

1. Сафарзода, Б.А. Понятие международных стандартов в области прав человека и его отражение в правовой системе Республики Таджикистан / Б. А. Сафарзода // Права человека: История, теория, практика: Взгляды на некоторые вопросы прав человека профессорско-преподавательского состава кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ 2006–2016 гг. / под ред. А. М. Диноршоева, У. А.

Азизова. – Душанбе : Голд-принт, 2016. – С. 311–325.

2. Выступление на 80-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций, 24 сентября 2025 г. – Соединённые Штаты Америки. – URL: https://www.president.tj/event/news/52883 (дата обращения: 25.02.2025).

3. Диноршоев, А. М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис. доктора юрид. наук / Диноршоев Азиз Мусоевич. – Душанбе, 2015. – 325 с.

Взаимодействие Национального банка РТ с Правительством РТ установлена как модель институционального партнерства между этими органами. В рамках данного сотрудничества предусмотрены взаимные консультации по вопросам денежно-кредитной политики и координации в сфере разработки общегосударственных программ экономического развития. Информационный обмен между сторонами имеет двусторонний характер: Национальный банка предоставляет правительству аналитику о монетарных процессах, в то время как органы исполнительной власти по запросу Национального банка РТ передают данные, влияющие на платежный баланс и состояние денежно-кредитного рынка, включая бюджетные показатели и параметры государственного долга. Особенностью институционального диалога является взаимное представительство с совещательными полномочиями: руководство Национального банка участвует в заседаниях правительства, а члены Правительства- в заседаниях Правления Национального банка. Принципиально важной гарантией независимости Национального банка служит законодательная норма, согласно которой поддержка экономической политики правительства осуществляется лишь при условии ее соответствия цели обеспечения стабильности национальной валюты.

Законодательство гарантирует невмешательство Национального банка РТ в деятельность органов государства, не будет иметь соответствующих полномочий по контролю над госучреждениями. Отношения между Национальным банком и коммерческими банками (по поводу банковского регулирования, банковского контроля и надзора, регистрации, лицензирования). Также отношения Национального банка РТ с международными организациями (например, со Всемирным банком, Европейским банком реконструкции и развития).

Факты банкротства банков, других финансово-кредитных учреждений, дает основания утверждать, что в нашем государстве недостаточным является уровень публичного финансового контроля в сфере банковской деятельности, контроля за поступлением бюджетных средств к непосредственным распорядителям, по уплате и перечислению агенты. Финансовая деятельность государства в банковской сфере состоит в том, чтобы, опираясь на законы рыночной экономики, влиять на развитие кредитно-финансовых институтов, способствовать получению ими доходов, а благодаря этому – поддерживать стабильность всей кредитно-банковской системы и доверие к ней населения.

Кризисные явления требуют необходимость расширения государственной поддержки частной банковской деятельности и предоставления дополнительных гарантий субъектам банковских отношений. Институциональным выражением такой защиты выступает, в частности, Фонд гарантирования вкладов физических лиц. Что касается поддержки коммерческих банков, то она реализуется через механизмы валютных аукционов, позволяющих пополнять валютные резервы кредитных организаций. Финансово-правовое регулирование банковской деятельности представляет собой неотъемлемый элемент императивного государственного вмешательства, направленного на обеспечение баланса между защитой публичных финансовых интересов государства и частных прав потребителей банковских услуг.

Таким образом, с учетом вышесказанного можно отметить следующие выводы:

1. Ученые также по-разному видят место банковского права среди отраслей и подотраслей права. Подавляющее большинство склонны поддерживать подход, при котором банковское право является подотраслью финансового права. Также банковское право рассматривается как комплексная отрасль права или правовой институт. Существует также подход, при котором банковское право выделяется в самостоятельную ветвь права и охватывает нормы конституционного, административного, международного, процессуального и иного законодательства; банковские отношения регулируются с помощью комплексного метода правового регулирования. По нашему убеждению, в данном случае речь идет о комплексной отрасли законодательства, а не области права. Предмет отрасли права не могут составлять разные по своей правовой природе публичные и частные отношения, ведь для этих отношений существует разный порядок осуществления и защиты. Некоторые ученые предполагают возможность выделения банковского права в самостоятельную отрасль права, но не сейчас. Ввиду сферы существования банковских отношений – связывается с хозяйственной деятельностью, отдельные ученые относят банковское право к системе хозяйственного права.

2. Дать полное определение банковской деятельности и охватить все виды банковской деятельности довольно сложно. Структурные различия и широта

деятельности банков в разных странах затрудняют определение. Более того, можно сказать, что банковская деятельность на протяжении своей исторической эволюции принимала всё более разнообразные формы и приобретала сложную структуру. Одной из важнейших причин этой сложности является постоянная и быстрая трансформация банковской деятельности в ответ на меняющиеся условия. Следовательно, техническое и экономическое развития в каждый период придавали банковской деятельности новое направление. Тем не менее, учитывая юридический контекст, банковская деятельность может рассматриваться как направление публичной финансовой деятельности, имеющее свою правовую основу. В этом процессе выделяется государственное, банковское регулирование банковской деятельности. Лишь государственное регулирование имеет нормативно-правовое закрепление. Само же понятие «правовое регулирование» является доктринальным достоянием, иногда подменяемым понятиями «правовые основы», «нормативные основы», «основы регулирования», «правовые основы».

3. Банковская деятельность является объектом финансово-правового регулирования, поскольку банки выступают субъектами, участниками правоотношений, возникающими в процессе публичной финансовой деятельности (например, банковская система исполнения бюджетов, карточное обслуживание бюджетных учреждений (выплаты зарплат, пенсий, стипендий и т.п.). Именно через банки осуществляются безналичные расчеты. Кроме того, банковские отношения, регулируемые нормами финансового права, складываются между: Национальным банком РТ и органами государственной власти; Национальным банком РТ и коммерческими банками (по поводу банковского регулирования, банковского контроля и надзора, регистрации, лицензирования); Национальным банком РТ и международными организациями (например, со Всемирным банком, Европейским банком реконструкции и развития).

**Литература:**


1. Анишин А.Ю. Предмет динасового права: современное состояние: дисс. … канд. юрид. наук : 12.00.14 / Анишин А.Ю. – М., 2004. – 216 с.
2. Бочкарева Е.А., Вершило Т.А., Мирошник С.В., Косаренко Н.Н., Крохина Ю.А., Пешкова Х.В., Прошунин М.М. Актуальные проблемы финансо вого права: учебник (под ред. д.ю.н., проф. А.Д. Селюкова, к.ю.н., проф. И.А. Цинделиани). - М.: "Юстиция", 2019. - 482 с.
3. Банковское право / отв. ред. Л.Г. Ефимова Д.Г. Алексеева: учеб. для бакалавров. М. 2014. – 180 с.
4. Банковское право Российской Федерации. Общая часть: Учебник / Под общ. ред. акад. Б.Н. Топорнина. М.: Юрист, 1999. 448 с., Ефимова Л.Г. Банковское право. М., 1994. – 276 с.
5. Банковское право Российской Федерации: Учеб. пособие / Отв. ред. Е.Ю. Грачева. М.: Норма, 2008. – 167 с.
6. Воротилина, Т. В. Теоретико-прикладные аспекты правового регулирования банковской деятельности в современных условиях / Т. В. Воротилина // Шестые международные теоретико-правовые чтения имени профессора Н. А. Пьянова : материалы конференций, Иркутск, 01–28 ноября 2024 года. – Москва - Иркутск: Межрегиональная общественная организация "Межрегиональная ассоциация теоретиков государства и права", 2025. – 290 с.
7. Гафуров, А.Д. Формирование и развитие фи нансового права развивающихся стран : монография . - Душанбе: ТНУ Изд. «Сино», 2012. -308 с.
8. Гуревич И.С. Очерки советского банковского права. Л., 1952. - 110 с.
9. Захарова, А. Э. Правовая природа банковского права / А. Э. Захарова, Н. Г. Толочкова // Труды Оренбургского института (филиала) Московской государственной юридической академии. – 2024. – № 1(59). – 225 с.
10. Закон Республики Таджикистан " О банковской деятельности " Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа ADLIA. Версия 7. http//www. Adlia.tj (дата обращения: 07.10.2025).
11. Қурбонова, М. С. Вижагиҳои мафҳуми фаъолияти бонкӣ ҳамчун мавзуи танзими ҳуқуқӣ-маъмурӣ / М. С. Қурбонова // Давлатшиносӣ ва хукуки инсон. – 2024. – 177 с.
12. Колодина, М. В. Банковская система Российской Федерации как объект финансово-правового регулирования / М. В. Колодина // Право и государство: теория и практика. – 2020. – № 10(190). – С. 63-65. – DOI 10.47643/1815-1337_2020_10_63. – EDN GLUXZH. – 90 с.
13. Карасева М.В. Финансовое правоотношение. Воронеж: Изд-во Воронежского государственного университета, 1997. 304 с.
14. Компанеец Е.С. Применение законодательства о кредитовании и расчетах / Е.С. Компанеец, Э.Г. Полонский. М.: Юрид. лит., 1967. 257 с. с.

15. Коган М.Л. Правоотношения между Госбанком и объединениями // Советское государство и право. 1974. № 1. С. 60.
16. Латковская Т.А. Банковское право — комплексный институт или отрасль права? // Банковское право. 2005. № 2. С. 50.
17. Лаутс Е.Б. Обеспечение прав и интересов предпринимате лей в современной экономике России // Предпринимательское право. №1. 2017. 97 с.
18. Осипова М.А. О понятии банковской деятельности в Российской Федерации // Известия Иркутской государственной экономической академии. 2012. №2(82). С.161-167.
19. Очкуренко, С. В. Юридическая природа отношений, складывающихся в процессе осуществления банковской деятельности / С. В. Очкуренко // Научный вестник Крыма. – 2025. – № 2(55). – С.2
20. Пепелова Н. П. Правовое регулирование государственной политики в банковской деятельности РФ государственной политики в сфере банковской деятельности в Российской Федерации: дис. ... кандидата юридических наук: 12.00.14 / - Москва, 2005. С24
21. Пиликин Г.Г. О понимании предмета фінансового права России с позиции структуры финанансового права / Г.Г. Пиликин // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2011. – № 3. 210 с.
22. Поллард А.М. Банковское право США / пер. с англ. ; общ. ред. и послесл. д.ю.н. Куника А.Я. / [Поллард А.М., Пассейк Ж.Г., Эллис К.Х., Дейли Ж.П.]. – М. : Прогресс, 1992. – 768 с.
23. Рустамзода Д. Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография & под. ред. Е. Ю. Грачевой. — Москва : Проспект, 2021. — С 186.,
24. Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қисми умумӣ: Воситаи таълимӣ. Душанбе, 2021. - 208 с.
25. Смирникова, Ю. Л. Финансовое право и политика: соотношение и взаимодействие / Ю. Л. Смирникова ; Российская правовая академия Министерства юстиции Российской Федерации. – Москва : Всероссийский государственный университет юстиции (РПА Минюста России), 2011. – 109 с. – ISBN 978-5-89172-323-8. – EDN QSJBEB.
26. Селюков А.Д. Вопросы методологии в теории финансового права / А.Д. Селюков // Современная теория финансового права : сб. материалов междунар. науч.-практ. конф. – М. : РАП, 2011. – 190 с.
27. Туляй Е.Ю. Финансово-правовое регулирование банковской деятельности в Российской Федерации / Туляй Е.Ю. – Томск : Изд-во НТЛ, 2010. – 184 с.
28. Тосунян Г.А., Викулин А.Ю., Экмалян А.М. Банковское право РФ. Общая часть: учебник / под общ. ред. Б.Н. Топорнина. С. 39.
29. Цинделиани И.А. Предмет и система финансового права в современной финансово-правовой литературе / И.А. Цинделиани // Современная теория фин. права : сб. материалов междунар. науч.-практ. конф. – М. : РАП, 2011. – 310 с.
30. Черникова Е.В. Публично-правовое регулирование банковской деятельности в Российской Федерации (финансово-правовые аспекты): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. М., 2009. 65 с.

**Ҳалимхонов Аминҷон Алиҷонович** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷу.

**Фаъолияти бонкӣ ҳамчун объекти танзими молиявӣ - ҳуқуқӣ**

Зарурати танзими ҳуқуқи-молиявӣ фаъолияти бонкӣ аз он бармеояд, ки дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ, ки бозорҳои миллиро таҳдид мекунад, назорат давлатӣ ба воситаҳои калидии ҳифз ва нигоҳдории эътимод табдил мёбанд. Дар ин робита, бонкҳо, ҳамчун унсурҳои муҳими ин низом, бояд пеш аз ҳама ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ амал кунанд. Дар шароити кунунӣ, як бахши муайяни муносибатҳои бонкӣ ба таври объективӣ дахолати давлатро талаб мекунад, зеро танҳо кафолатҳои давлатӣ метавонанд сатҳи кофии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёнро таъмин кунанд. Танзими давлатӣ дар чунин соҳаҳои асосӣ, ба монанди ташкили низоми бонкӣ, гардиши пул, сиёсати асъор ва назорат, махсусан муҳим аст. Ин таҳқиқот, ки ба назарияи манфиатҳои ҷамъиятӣ-оммавӣ такя намуда эътибори танзими ҳуқуқи-моливии фаъолияти бонкиро таҳлил мекунад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, танзими молиявӣ-ҳуқуқӣ, Бонки миллии ҶТ, амалиёти бонкӣ.

**Khalimkhanov Amindzhon Alidzhonovich** – Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, the applicant.

**Banking activities as an object of financial and legal regulation**

The need for financial and legal regulation of banking activities stems from the fact that, in the context of global instability threatening national markets, government oversight and control are becoming key instruments for protecting and maintaining trust. In this regard, banks, as systemically important elements, must operate primarily in the public and economic interests. Under current conditions, a certain segment of banking relations objectively requires government intervention, as only government guarantees can ensure an adequate level of protection of the rights and interests of all participants. Government regulation is particularly important in such fundamental areas as the organization of the banking system, monetary circulation, foreign exchange policy, and control. This study, drawing on public interest theory, analyzes the validity of financial and legal regulation of banking activities.

**Keywords:** financial law, banking law, banking activities, financial and legal regulation, National Bank of the Republic of Tatarstan banking operations.

**МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 4/1 (57) / 2025**
**АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025**

# ОМИЛҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ ИДЕЯИ ДУНЯВИЯТ ДАР ДАВЛАТДОРИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Холиқов Исломбой Абдумаҷитович** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, муаллими калон. E-mail: blade.1995.95@gmail.com

Мақолаи мазкур таҳқиқи илмии густурда дар мавриди омилҳои таърихии ташаккули идеяи дунявият дар анъанаҳои давлатдории халқи тоҷик мебошад. Муаллиф, бар асоси манобеи таърихӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқӣ - махсусан китобҳои муқаддаси динӣ мисли Авасто - нишон медиҳад, ки ғояи дунявият дар зеҳни ҷамъиятии ниёгони тоҷик дар замонҳои қадим шакл гирифта, бо гузашти таърих ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи давлатдорӣ боқӣ мондааст. Дар маркази таҳлил, лаҳзаи таърихии рад кардани рисолати паёмбарӣ аз ҷониби Ҷамшедшоҳ ва қабули роҳбарии дунявӣ қарор дорад, ки ҳамчун далели бунёдии шаклгирии модели секулярии идораи давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар мақола сохторҳои ҳуқуқии ориёӣ, ҷойгоҳи дин дар давлатдорӣ, муносибати мутақобили қудрати сиёсӣ ва эътиқодиро таҳлил мекунад. Дар асоси далелҳои таърихию фалсафӣ собит мегардад, ки давлатҳои Пешдодиён, Каёниён ва Ҳахоманишиён ба низоми идораи дунявӣ авлавият медоданд, ки ин ҳолат дар рамзҳои сиёсӣ, расму оинҳо ва тартиботи маъмурӣ низ таҷассум ёфтааст. Мақола ба таҳқиқи фаҳмиши дунявият дар зеҳни ҷамъиятии халқи тоҷик мусоидат намуда, доираи васеи донишмандонро дар соҳаи ҳуқуқ, таърих, диншиносӣ ва фалсафаи сиёсӣ фаро мегирад.

**Калидвожаҳо:** дунявият, давлатдорӣ, Авасто, Ҷамшедшоҳ, Зардушт, қудрати сиёсӣ, дин ва давлат, Пешдодиён, Каёниён, фалсафаи сиёсии ориёӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳуқуқи қадим.

Омӯзиши таърихи давлатҳои ҷаҳон гӯёи он аст, ки ҳар як халқи соҳибдавлат дар масири таърихи дуру дарози пайдоиш, ташаккул ва рушди худ дар хотираи таърихӣ ва таҷрибаи давлатдориаш маҷмуи аломату унсурҳои вижа ва махсусгардонидашударо доро аст. Ин маҷмуи унсурҳои махсусгардонида шуда, ки бо таҷрибаи таърихӣ дар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ ба ҳукми анъана даромадаанд, на танҳо махсусияти низоми идора, ташкили қудрати сиёсӣ, шакли идоракунии давлат, сохтори он ва режими сиёсиро аз назари давлатдорӣ муқаррар мекард, инчунин таъсири амиқи худро ба тафаккури халқ ва наслҳоиояндааш бо гузашти айём мегузошт. Ҳолати охирӣ табиат ва рӯҳи сиёсии давлатҳоро дар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ муайян менамояд. Аз ин ҷост, ки иддае аз халқиятҳо табиатан майл ба низоми идораи монархиявӣ, дигаре ба идораи демократӣ ва сеюмӣ ба шакли идораи аристократӣ доштанд. Чунки таҷрибаи дуру дароз дар коди генетикии халқият унсурҳои ин навъҳои идораро ҷойгир карда буд. Роҷеъ ба ин, махсусияти ташаккули давлатҳо ҳанӯз аз аҳди бостон Афлотун [21] ва Арасту [3] дар асрҳои миёна Ибни Халдун [1, 2] ва Макиавелли [15] дар замони нав Монтескё [18], Ж.Ж. Руссо [24] ва Гегел [7] ва дар замони муосир В.С. Нерсесянс [20], Г.Н. Малтсев [16, 17] ва дигарон изҳори назар кардаанд.

Муҳимтарин нуктаи мувофиқати ин унсурҳо ба табиати зиндагии ин кишварҳо дар табиати таҷрибаи таърихии халқ, муҳити зист ва вазъи геосиёсии ҳамон даврон аст. Маҳз аз ин хотир, халқ ва миллат дар паҳнои ҳамон навъи давлатдорӣ худро нисбатан озод эҳсос мекард, ки он шакл ва намо ба вай имкони бештару хубтари зуҳури арзандаро таъмин мекард.

Албатта, ин мувофиқати хостаю орзуҳо на ҳамеша ба воқеият дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ буд, зеро барои амалӣ шудани нияту орзуҳо боз маҷмуи дигар унсурҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқи ногузир буд. Вале бо вуҷуди ин ҳамон нияту орзуҳои халқ, кӯшишу талошҳои мардум ва таҷрибаи нисбатан муваффақи низоми идора таъсири худро дар рушди хотираи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ташаккули ояндаи давлатдорӣ мувофиқ мегузошт. Иддае аз муҳаққиқон натиҷаи ин таъсиррасониро дар шакли рӯҳияи халқ, табиати миллати сиёсӣ ва анъанаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии мардум рӯнамо кардаанд. Ин вазъиятро то ҷое низоми ҳуқуқӣ ва оилаи ҳуқуқӣ дар сатҳи фазои ҳуқуқӣ таҷассум низ мекунад.

**Гузориши масъалаи таносуби давлат ва дин.** Аз зумраи масъалаҳое, ки таъсири амиқи анъанавии худро ба мафкураи ҳуқуқии миллат расонидааст, бешак таносуби давлат ва қудрати сиёсӣ бо дин ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ буд. Ин масъала аз рӯзгори қадим то замони муосир аз мавзуоти бисёр печидаи илми ҳуқуқ ва сиёсат аст. Бешак сатҳи оромӣ ва табиати рушди давлат аз ин омил низ сахт вобастааст. Агар нақши динро аз назари объективӣ

дар ташаккули давлатҳо аз назари умум баҳогузорӣ намоем, мушоҳида мешавад, ки дар баъзе кишварҳо дар ташаккули нахустдавлатҳои ҳамон халқият ва гузаштагони миллат дин дар шакли ибтидоияш таъсири ҷиддӣ дошт (мисол дар давлатдории хилофати Араб) [4, 5], дар баъзеи дигар дин дар ташаккули давлат нақш надошта, танҳо ба масъалаҳои ахлоқӣ ва эътиқодӣ машғул мешуд (салтанати римиҳо то асри 1У, ки дини насронияро қабул карданд) [8]. Ҳамин тавр дар таърихи давлатдории халқу миллатҳо мо речаҳои мухталифи муносибати дину давлатро эҳсос мекунем. Бояд эътироф кард, ки аз ҳамин муносибатҳои ибтидоӣ бо тафаккури динӣ ва муносибати таълимоти динӣ нисбат ба қудрати сиёсӣ баъдан ташаккули табиати давлатдории ҳамин халқиятҳо махсусияту вижагиҳоро касб кардааст. Гузашта аз он мо тавассути дин ва ҷаҳонбинии динӣ ташаккули зиёд аз унсурҳои низоми идораро дар масири таърих дидаем [27], ки баъдан ба табиати давлатдорӣ мазмун бахшидаанд. Ҳатто худи адолати судӣ дар низоми сиёсӣ як навъ таҳаввулоти фикрӣ ва таносухи расмиёти додгоҳии динист, ки аз Осириси Мисрӣ то Рашаносии форсҳою Фемидаи юнонӣ [28] рушд кардааст.

Ҳамин тавр дар таҷрибаи давлатдории халқу миллатҳо аз замонҳои қадим вобаста аз муносибати байни давлат ва дин мо моделҳои мухталифи низоми давлатдориро эҳсос мекунем. Ҷое нақши дин муассир ва ҷое камназир аст. Ин ҳолат албатта, таъсири худро дар ташаккули давлатҳои муосир ва ва инъикоси мафкураи сиёсии халқҳо пайдо кардааст. Нуктаи ташаккули ин муносибат таҷассуми худро дар давлатҳои дунявӣ, секулярӣ ва ё ғайри инҳо пайдо кардааст. Ин ҳолат ҳамчунин таъсири амиқи худро ба коди генетикии миллат дошта, ба ташаккули ғояи дурусти давлатдорӣ таъсир мерасонад.

Аз ин нуктаи назар таносуби дину давлат дар таърихи давлатдорӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқии халқи мо роҳи аҷиб ва сабақомӯзро доро аст. Ба қавли Пешвои муаззами миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Падидаи давлатдории тоҷикон ба мисли як ҳодисаи аҷиб ва ғайримуқаррарӣ аст. Вай аз миёни хокистару нестӣ (борҳо) қомат бардошта, ба арши аълои худ расида, сипас зери ҳаводиси рӯзгор ба вайронӣ гирифтор шуда, боз аз сари нав ғайричашмдошт (барои душманонаш- Х.И.) эҳё гардидааст. Ин навъи фарҳанги давлатдорӣ ба ҳеҷ як халқу миллати дигар дар олам хос нест." [23, 138]

**Дидгоҳи таърихӣ оид масъалаи дунявият ва дин.** Дар остони таърихи сиёсии халқи мо, он замоне, ки давлатдориҳои паҳлавонии Эрону Тӯрони қавмияти ориёӣ унсурҳои сиёсии қудратро ҷоннок мекарданд, нахустдавлатҳои Пешдодию Каёниёни ориёӣ дар ҳавзаи Ховари Миёна қомат меафрохт, дар фазои танзими ҳуқуқӣ ва ташаккули ҳокимияти сиёсӣ дар қатори урфу одат ва анъанаҳо таълимоти дини Зардуштия бо китоби муқаддаси Авасто меистад [25]. Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ гӯёи он аст, ки оини зардуштӣ дар зиёд аз муносибатҳои ҳуқуқӣ ва давлатдории ориёиҳои бостон асаргузор буданд. Вале дар масъалаи он ки аз назари сиёсӣ дин оё омили асли ташаккули давлат ва низоми идорӣ буд ё не сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ ҷавоби амиқ доранд.

Ин ҳолатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии эътирофи қудрати сиёсии дунявӣ ва ҷудоии он аз қудрати динӣ аз зинаи оила то давлат, воқеан таъсири муассири худро дар масъалаҳои бунёдии фаҳм, эътироф ва ташкили ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои қарнҳоиояндаро доро буд. Ин тамғаи афзалияти фаҳми ҳаёти иҷтимоӣ бо ҷудоии амиқи эҳсосоти динӣ аз дунявӣ дар тафаккури мардуми ориёӣ чунон устувор ҷойгир шуда буд, ки ҳатто баъд аз омадани оини ғайриориёии эътиқоди динӣ бо унсурҳои сиёсӣ шакл ва намои ташкили қудрати сиёсиро дар паҳнои амалкардҳои анъанавии худ нарму мулоим ворид намуд. Ин таҷрибаи бостонии низоми идора таърихан собит карда буд, ки афзалияти кори идораи давлатӣ тӯли таърих ба шукуфоию рушд танҳо дар сурате тамоюли устувор дорад, ки агар табиати низоми идораи давлат ба кори худ машғул гардаду низому унсурҳои динӣ ба иҷрои вазоифи тарбиявию ахлоқӣ ва боварҳои фарозаминии худ машғул шуда, кори тарбияи мардумро берун аз таъсири низоми идорӣ бо тарсу ҳароси қудрати фарозаминӣ ва рӯзи қиёмат тавассути олами муньакисшудаи некию бадӣ дар симои гувоҳии ҳаққи "биҳишту" "дӯзах" дар даст дошта бошад.

Мисол, гирем агар муносибати нахустин низоми ҳуқуқии халқи тоҷикро, ки табиатан ба табиати оилаи ҳуқуқӣ [9] мувофиқ буда, аз назари табиати сарчашмаҳои ҳуқуқӣ табиати шаклӣ ва ақлиро доро аст [6] ва дар фазои илмӣ ҳамчун нахустин низоми ҳуқуқии халқи тоҷик собит шудааст, дар муносибат ба қудрати сиёсӣ нисбат ба дин гувоҳи ин гуфтаҳост. Зардуштия асос ва мантиқи зиндагиро дар ду неруи бо ҳам пайваста дар пайкору мубориза мебинад: яке - некӣ дар симои Ахура Маздо ва дигаре бадӣ дар симои Аҳриман. Дар ин мубориза дини зардуштӣ аз қудрати нек дифоъ карда, консепсияи ҷаҳондорӣ ё танзими ҷаҳонро дар ҳалқаи чунин як қонунияти устувори маънавӣ таҳия кардааст: "пиндори нек, гуфтори нек, рафтори (кирдори) нек". Ҳуқуқи зардуштӣ раванди ислоҳоти ҳуқуқиро аз шуури мардум оғоз мекунад, зеро ҳар ақидаи ислоҳотӣ, ки

ба шуури мардум роҳ намеёбад, маҳкуми шикаст аст. Зардуштия бори аввал дар таърихи башарият роҳи хайру некии инсониро кушод, ки аз шуури одамон оғоз мешавад. Дар ин сегонаи одӣ — пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек таҳкурсии иморати бузург, яъне ҷомеа – қишрҳо, табақаҳо ва синфҳои дорои манфиатҳои мураккаб ва бо ҳам зид гузошта шудааст. Ба ақидаи профессор Холиқзода А.Ғ. ҳуқуқи зардуштӣ имкони шомил шудан ба оилаҳои ҳуқуқи диниро комилан дорад, вале бо вуҷуди ин дар он хусусиятҳое ҳастанд, ки ба ин навъи оилаҳои ҳуқуқ мувофиқ нестанд. Агар ба оилаҳои динии ҳуқуқ мабдаи илоҳӣ ва динии идораи давлатӣ хос бошад, пас дар зардуштия шакли ибтидоии ҳокимият – ҳокимияти дунявӣ мебошад.

**Авасто ба Ҷамшед - шоҳи Пешдодӣ рисолати идораи дунявиро додааст.** Дар ҳақиқат агар ба саҳнаи пайдоиши қудрати сиёсӣ дар «Авесто» бингарем, чунин манзараро мушоҳида мекунем: «Зардушт аз Ахура Маздо пурсид: «Эй муқаддас, дар байни мардум, ғайр аз ман, бори нахуст бо кӣ суҳбат кардӣ ва дини аҳуроӣ ба кӣ додӣ?» Аҳура-Маздо гуфт: «Эй Спантаман Зардушт, ғайр аз ту бори аввал бо Йимаи зебо (ишора ба Ҷамшедшоҳи Пешдодӣ - Х.И.), соҳиби рамаҳои хуб суҳбат кардам ва дини Аҳурaро супурда гуфтам: «Эй Йимаи зебо, писари Вивахват. Ман дини худро ба ту месупорам». Йима ҷавоб дод: «Эй Аҳура Маздо, хиради муқаддас, ман барои кори таблиғу нубувват офарида нашудаам». Пас ба ӯ гуфтам: «Барои ту беҳтар аст, ки парваришу афзоиши дунёро бикун». Йимаи зебо гуфт: «Мепазирам, вале ба шарте, ки дар мулки ман на боди сард вазад, на боди гарм, на беморӣ бошад, на марг». Баъд ба Йима ду чиз додам (Дар Вандидод ин ду ашё «сувраи заррин» ва «аштраи зарнисор» номида шудаанд, муҳаққиқон маънии онҳоро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Масалан, Дармстетер «аштра»-ро шамшер медонад, аммо Де Харле ва Бартоломе онро бо қамчин айният медиҳанд. Пури Довуд бошад онро бо асои тиллоӣ айният додааст. «Сувра»-ро баъзеҳо ангуштарин, баъзеҳо ҳамчун най – асбоби мусиқӣтаъбир кардаанд). [10, 425, 597, 598, 703]: ангуштарини тиллоӣ ва асои тиллоӣ. Бо онҳо Йима соҳиби қудрат шуд» [19, 218].

Профессор Холиқзода А.Ғ. дар андешаи он аст, ки тоҷикон таърихан дар анъанаи давлатдориашон таҷрибаи давлатдории дунявиро пеша кардаанд. Ӯ дар асоси мулоқоти Аҳура Маздо бо Зардушт, ки дар Авасто омадааст менависад: "Ҷамшедшоҳ, ки нахустин шохи Пешдодиён аст, рисолати паёмбариро аз Аҳуро Маздо қабул накарда, бо хоҳиши ӯ (Аҳуро Маздо) рисолати подшоҳиро пазируфтааст. Ҳамин далели қатъӣ бар он аст, ки давлатдории қадимаи тоҷикон на дар шакли ғояи давлати теократӣ, балки дар шакли идеяи давлати дунявӣ нахуст шуда рӯи кор омадааст [25]." Андешаҳои Холиқзода А.Ғ. асосҳои илмӣ ва таърихӣ доранд, зеро сарчашмаҳои таърихӣ, ки дар бораи ибтидои давлатдории ниёгони тоҷику форс, ки сарчашмаҳои боэътимоданд, ҳамагӣ гувоҳи он аст, ки дар остонаи давлатсозӣ гузаштагони мо навъи давлатдории секулярӣ ва дунявиро асоси таъсиси иттиҳоди сиёсӣ донистаанд. Ин навъи таснифоти идораи иттиҳод аз шаклҳои ибтидоӣ то мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ аз қадим миёнаи ҷамоаи авастоӣ маълум будааст.

Дарвоқеъ сарчашмаҳои илмӣ, адабӣ ва таърихию динӣ далели қатъӣ доранд, ки ниёгони мо дар остонаи таърих шаклу услубҳои ниҳоят мантиқии таснифшудаи рукнҳои идориро доро буданд. Авасто, ки нахустин маълумотномаи динӣ, таърихӣ ва адабию забонии ниёгони мо буда, ба ҳайси сарчашмаи илмии "энсиклопедӣ" [22, 33-48] эътироф шудааст, гӯёи ин ҳақиқати бебаҳс аст.

Тарзе дарк мекунем, дар китоби муқаддаси зардуштиён Авасто оғози идораи давлатӣ дар таърихи халқ, ҳатто бо дахолати Худованди некӯ Аҳуро Маздо на дар шакли идораи динӣ, балки дар шакли идораи дунявӣ бо усулҳои маъмурӣ фармонравоӣ пешбинӣ шудааст. Ҷавоби Ҷамшед инъикосгари он аст, ки Ҷамшедшоҳ рисолати паёмбариро дар шакли пешбаранди сиёсати динии ҷомеа қабул намекунад ва ишора мекунад, ки кори таблиғу нубувват кори ман нест. Вале чун Аҳуро Маздо аз ӯ хоҳиш менамояд, ки "«Барои ту беҳтар аст, ки парваришу афзоиши дунёро бикун»." Яъне чун ту рисолати паёмбариро қабул накардӣ пас беҳтар аст, ки масъалаи идораи давлат ва ҷомеаро ба даст гирӣ, зеро "парваришу афзоиши дунё" ифодагари масъули идораи ҷомеа будан аст. Ин кор вазифаи динӣ не, балки дунявӣ аст, ба нафаре мансуб мешавад, ки вай дар пайи афзоиши неъмати дунё ва идораи дурусти иттиҳод банд мегардад. Ба ин муроҷиат шоҳаншоҳи нахустини Пешдодӣ, ки он вақт ба ин мансаб набудааст, ҷавоби тасдиқӣ медиҳад, яъне розӣ мешавад. Худи ҳамин масъалаи он, ки ту дар ҳолате, ки рисолати ҳукумати диниро қабул надорӣ пас ба кори идораи дунё машғул шав гувоҳи аз он аст, ки дар ҳамон олами куҳан масъалаи идораи дину дунё миёни мардуми ниёгони мо аз ҳам ҷудо будаанд ва аз ҳам ҷудо баррасӣ мешудаанд.

**Идораи дунявӣ ва рамзҳои қудрати сиёсӣ.** Нуктаи назари ҷолиб он аст, ки аз он замонҳои дур сар карда, дар таърихи сиёсии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон рамзҳои сиёсати давлатӣ таҳия мегардад. Ишораи Аҳуро Маздо ба ангуштарин ва асои

тиллоӣ ҳамчун нишони расмиёти эътирофи қудрату ҳокимият пазируфта шудааст.

Дар давраҳои минбаъда мундариҷаи нишонаҳои қудрат ва ҳокимият бо фар(р)ҳо – рамзҳои гуногуне ғанӣ гашт, ки ҳар кадомашон вобаста ба аломатҳои худ ба ин ё он ҳокими мушаххас тааллуқ дошт [13, 158]. Масалан, рамзи «гов» – аломати вориси тахт, моҳи ҳилол – аломати ҳоким ва шаҳрдори Форс маҳсуб мешуд. Чунин тақсимоти расмии ниҳодҳои давлатӣ дар Шарқ – хусусияти хоси рушди ниҳодҳои ҳуқуқӣ-давлатӣ мебошад, ки дар Ғарб назири худро надошт. Гузашта аз ин, чӣ тавре, ки ин нуктаро ҳафриётҳои бостоншиносӣ тасдиқ мекунанд [29, 4], аз эҳтимол дур нест, ки онҳо дар ибтидо нишонаҳои худоён ҳам дар тамоми Шарқи қадим [11, 176], ҳам дар Осиёи Марказӣ буданд. Баъдан чун ба табиати давлатдории шоҳони асрҳои миёна менигарӣ дарк мекунӣ, ки ин анъанаи рамзгузории қудрати сиёсӣ ба таври назаррас рушд кардааст.

Тибқи иттилои дақиқи сарчашмаҳои илмӣ ва андешаи собитшудаи муҳаққиқон дар асрҳои миёна аз Сомониён сар карда, то Темуриён намунаи равшани аломатҳои рамзии давлат ва мақомоти давлатӣ мавҷуд будаанд.

Аломатҳои рамзии сиёсии мақомоти давлатиро на танҳо дар шакли парчам ва расмҳои бо масъулияти баланди сиёсӣ офаридаи салтанатҳоро дар паҳнои парчам ва ё дигар рукнҳои қудрати сиёсӣ ҷойгирифта ба мисли нимамоҳ, сари ҷондорон ва ғ.ҳ. мушоҳида мекунед, ки ҳар як ба мақому манзалати низоми идораи даврон шукӯҳу шаҳомати хоса мебахшид, инчунин онҳоро дар шакли ашёҳои ҷудогонаи соҳаҳои муайяни иҷтимоӣ низ ҳамчун гувоҳӣ аз рушди амалии соҳаҳои идораи давлатӣ вохурдан мумкин аст. Мисол, ба сифати рангу рангдон, чатрҳои бо рангҳои махсус гардонида шуда ва ғ.

Ин аломатҳо ҳамчун рамзи мансаби муайян аз мансаби олии давлатӣ шоҳ ё амир саркарда ба ҳар як мансабдори далватӣ бо ишорати тасдиқшудаи муайяни моддӣ ва ё рамзӣ дар шакли аксу мусаввараҳои дигар аз ашёи олами моддӣ дода мешудааст. Сарчашмаҳои таърихӣ далолат бар он доранд, ки дар вақти маҷлисҳо султонҳои Хоразмшоҳӣ вазиронро аз дасти рости худ мешинонданд. Вазир дар курсии сиёҳ менишаст. Вазир лақаби Низом-ал-мулк (низоми мулк) дошта, ҳангоми ворид шудани ашхоси мансабдор (ҳатто агар он шахс султонзода, меросбари мулки шоҳӣ бошад ҳам) аз ҷой намехестанд. Воқеан таҷрибаи давлатдории Шарқ гувоҳи чунин муносибатҳои расмии ба ҳукми анъана даромадаи сиёсӣ ва рамзие буданд, ки ҳамагӣ гувоҳӣ аз табиати баланди низоми идораи давлатӣ ва дунявӣ доштани онҳо аст. Ҳатто ҳангоми маҷлисҳо онро баъзе мавридҳо ҷаласаҳои қабули шоҳӣ ва султонӣ мегуфтанд, ҳар яке аз шахсони мансабдору донишмандон ҷои муайяни худро доштанд. Ин ҳама этикети низоми давлатдориро аз як тараф баланд бардошта, аз ҷониби дигар ба табиати расмиёти давлатдорӣ шукуҳу шаҳомати хоса мебахшид. Ин ҳолати зуҳури қудрати дунявиро баъзе аз сарчашмаҳои адабӣ низ хуб тасвир кардаанд. Мисол, Мавлонои Румӣ, ки шоир ва мутафаккири бузурги асри XII ба шумор меравад ва дар давраи охири ҳукмронии хоразмшоҳиён зиндагӣ кардааст, ба тариқи зайл овардааст:

Подшоҳонро чунин одат бувад,<br>
Он шунидӣ бош он ёдат бувад.<br>
Дасти чапшон паҳлавонон истанд,<br>
З-он, ки дил паҳлӯи чап бошад ба банд.<br>
Мушрифи аҳли қалам бар дасти рост.<br>
З-он ки илми сабту хат он дасти рост.<br>
Сӯфиёнро пеши рӯ мавзуъ диҳанд,<br>
К-оина ҷонанду в-аз оина биҳанд.<br>
Ҳоҷибон он сӯфиёнанд, эй писар,<br>
Содаву озодаву афканда сар [14, 284].

Ба андешаи Холиқзода А.Ғ. дар ин манзума Мавлоно Ҷаллолиддини Балхӣ дар дасти рост нишастани вазиру аҳли қаламро бо қобилияти дасти рост, ки навиштанро бар дӯш доранд, вобаста мекунад.

Дигар ин ки равиши росту ростқавлӣ аз қадим тарғиб мешуд, гуфтааст ӯ [26, 196]. Ҳамин тавр тарзи ташкили қудрат дар асрҳои миёна зери таъсири ҳамон рукнҳои давлатдории дунявӣ ва андешаҳои таснифоти ҳокимияти давлатӣ аз динӣ ва дар навбати худ дар партави сохторҳои идоракунии давлатӣ бо ворид намудани аломатҳои соҳавӣ ва касбӣ ба маротиб такмил ва тавсеа ёфта буд.

Намои давлатҳои дунявии ин даврон ба дараҷае рушд карда тағйир ёфт, ки тартибу ташкили зуҳури қудратҳои сиёсӣ дар ҳудуди давлатҳои муайян бо рамзу усулҳои фарҳангӣ, ҳудудӣ ва ҷуғрофию сиёсиашон аз ҳамдигар комилан фарқ мекарданд. Ин ҳама гувоҳи он буд, ки шоҳроҳи рушди давлатдории дунявӣ ба паҳноҳои нави дарки қудрат ҳамчун нуқтаи идоракунии ҷомеа ва давлатҳо расида буд. Сарчашмаи ин ҳама рушду такмили қудрати дунявии сиёсӣ ба назари мо ба таҷрибаи идоракунии ниёгони тоҷику форс дар аҳди бостон рафта мерасад, ки баъдан бо хатти таърихии интиқолдодаи Ҳахоманишиҳо, Сосониён ва Сомониён ҳамчун иттилооти бунёдии шоҳроҳи сиёсӣ ба дигар қабоили давлатдоршудаи Ховари Миёна расидааст.

Дар саргаҳи низоми идораи дунявии мо тоҷикон давлатдориҳои бостоние чун Пешдодиён, Каёниён ва Ҳахоманишиҳо истодаанд. Тибқи китоби Авасто

Пешдодиён низоми идораи дуняviро оғоз намуда Каёниёну Ҳахоманишиҳо онро идома додаанд. Пешдодиён дар сарчашмаҳои таърихӣ давлати комилан дунявӣ муаррифӣ мегардад. Каёниён тавозуни муносибати одилонаи дину давлатро нигоҳ дошта, низоми дунявӣ ҷудо аз низоми динӣ фаъолият мекард. Маҳз дар ҳамин давра дар замони ҳукмронии Гуштосп оини зардуштӣ зуҳур кардааст.

Дастовардҳои давлати Каёниёнро дар самти таносуби дурусти низоми идораи дунявӣ бо динӣ минбаъд Ҳахоманишиҳо ва дигар салтанатҳои тоҷику форс ва дигар аз мардумони минтақа чун намуна истифода кардаанд.

Ба андешаи Ю. Яъқубов "Давлати Каёниён дар таърихи халқҳои ориёнажод нақши бузург бозидааст. Маҳз дар ҳамон давра чаҳорчӯбаи сохтори давлатдорӣ ташкил шуда буд, империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиҳо аз он истифода намудааст. Шоҳони Ҳахоманишӣ худро ворисӣ Каёниён медонистанд, агарчӣ ба онҳо ҳеҷ хешовандӣ надоштанд [12, 6-7]". Далоили мазкур гувоҳи он аст, ки ниёгони тоҷикон аз аҳди бостон дар коди генетикии худ нақши дунявиятро устувор ҳифз ва тарғиб кардаст.

Дигар ин ки дар таърихи фалсафаи иҷтимоӣ ва афкори сиёсии мардуми форсинажод тавассути ҳамин муқаррароти Авасто равшан мегардад, ки низоми идоракунӣ қабл аз тарғиб ва идораи динӣ нахуст шакли идораи дунявӣ гирифтааст. Зеро истилоҳи "парваришу афзоиши дунё" ишора ба шакли идораи дунявӣ ва сиёсии мамлакатро дорад. Ин суханони шахси одӣ ё олими ҷудогона ва ё сарчашмаи таърихӣ не, балки суханоне аст, ки мардуми бостонии форс ба сифати Худованд Ахуро Маздо ӯро эътироф мекарданд.

Ин суханон дар китоби муқаддаси Авасто омадааст. Дар китобе, ки гузаштагони ориёӣ дар ҳудуди чор салтанати ҷаҳонии форсҳо Каёниён, Ҳахоманишиҳо, Сосониён ва Портҳо ҳамчун китоби бовару эътиқоди мардум баромад мекард ва ба сифати нахустдастурамали зиндагӣ эътироф шуда буд. Дастурамале, ки барои пайравони худ равшану возеҳ мегуфт, ки дар оғози тамаддуни Шумо ниёгонатон дар симои Ҷамшедшоҳ ба намои идораи дунявии давлат пардохта рисолати паёмбарӣ ва тарғиби идораи диниро қабул накард. Мардум низ аз он огоҳии рӯзмарра мегирифтанд, ки нахустподшоҳи онҳо фармонравои давлату ҳукумат ва дорои қудрати сиёсӣ буда, на динӣ.

Муҳимтар аз ҳама ин ҳолат дахолати беҷои ташкилоти динӣ ва ҷаҳонбинии диниро дар сарҳади муайян аз давлат ҷудо нигоҳ медошт. Ин аломат, унсури бениҳоят равшани ҷудоии идораи шакли идораи дунявӣ аз динии давлат ва ғояи теократия дар оғози таърихи мардуми форсҳо буд, ки ҳанӯз дар оғози таърихи худшиносии динию бумии мардумони тоҷику форс дар қолаби ташаккулёбии тафаккури иҷтимоӣ ва сиёсӣ сарҳади устувори ҷудоии намои дуняviро аз намои динии идораи ҷомеа матраҳ мекард. Ин равиш мобаъд дар анъанаи давлатдории тоҷикон то дергоҳ ҳамчун рукни муҳими табиати идораи давлат бор мушкилиҳои фикрӣ ҳам бошад устувор ва ҷиддӣ ҳифз шудааст. Мояи асли одилӣ ва таърихияти ин ҳифозат табиати зиндагии иҷтимоии халқ, равиши мафкуравии миллат ва хотираи таърихии арзишманди халқ аст.

**Адабиёт:**


1. Абдурахмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун : [в 2 т.] / пер. с араб. на перс. Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷикистон, 2019. – Т. 1. – 688 с.

2. Абдурахмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун: [в 2т.] / пер. с араб. Парвини Гунободӣ. – Душанбе : Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷикистон, 2019. – Т. 2. – 704 с.

3. Аристотель. Политика. Афинская полития. – М.: Мысль, 1997. – 458 с.

4. Бартольд В. В. Работы по истории ислама и Арабского халифата. – М.: Наука, 1966. – С. 173–177.

5. Большаков О. Очерки истории арабской культуры. – М.: Наука, ГРВЛ, 1982. – 440 с.

6. Вебер М. Хозяйство и общество: очерки понимающей социологии. Т. 3. Право / пер. с нем. – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2018. – 332 с.

7. Гегель Г. В. Ф. Философия права / пер. с нем. Б. Г. Столпнера, М. И. Левиной. – М.: Мысль, 1990. – 524 с.

8. Графский В. Г. Всеобщая история права и государства: учебник для вузов. – 3-е изд. – М.: Норма ; ИНФРА-М, 2010. – С. 218–224.

9. Давид Р., Жоффре-Спинози К. Основные правовые системы современности. – М.: Прогресс, 1996.

10. Дӯстхоҳ Ҷ. Авесто. – Душанбе, 2001. – С. 425, 597, 598, 703.

11. История Востока: в 6 т. – М.: Восточная литература, 2000. – Т. 1. – С. 176.

12. Яқубшоҳ Ю. Давлати Каёниён. – Душанбе: ЭР-граф, 2012.

13. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана. – М.: Наука, 1969.

14. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ). Маснавии маънавӣ. Дафтари аввал. – [Б. м. : б. и.], [б. г.].

15. Макиавелли Н. Государь. – М.: Рипол-классик, 2010. – 392 с.
16. Мальцев Г. В. Культурные традиции права. – М.: Норма ; ИНФРА-М, 2013.
17. Мальцев Г. В. Социальные основания права. – М. : Норма ; ИНФРА-М, 2011. – 800 с.
18. Монтескье Ш.-Л. О духе законов / пер. А. Горнфельда; вступ. ст. Д. Хаустова. – М. : РИПОЛ классик, 2018. – С. 10–310.
19. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма. М.и., Г.и.– С. 218.
20. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства : учебник для юрид. вузов и факул. – М. : Норма ; ИНФРА-М, 2001. – 552 с.
21. Платон. Государство. Законы. Политика / предисл. Е. И. Темнова. – М.: Мысль, 1998. – 798 с.
22. Раҳмон Э. Первая энциклопедия предков // Раҳмон Э. Таджики в зеркале истории: от арийцев до Саманидов. – Душанбе : Ирфон, 2012. – С. 33–48.
23. Раҳмон Э. Таджики в зеркале истории: от арийцев до Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 2012.
24. Руссо Ж.Ж. Об общественном договоре: трактаты. – М. : Канон-пресс-Ц ; Кучково поле, 1998. – 416 с.
25. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – 488 с.
26. Холиқзода А. Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014.
27. Холиқзода А.Ғ., Маҷидзода Ҷ.З. Конституция ва масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2024.
28. Холиқзода А.Ғ., Шосаидзода Ш.Ш., Аминҷонов А.Х., Соҳибзода М.С. Ҳуқуқ дар таърихи халқи тоҷик: монография. – Душанбе : ЭР-граф, 2022. – 508 с.
29. Якубов Ю. Религия древнего Согда. – М.и., Г.и.– С. 4.

**Холиков Исломбой Абдумаджитович - –** Государственный уинверситет права, бизнеса и политики Таджикистана, старший преподаватель. E-mail: blade.1995.95@gmail.com

**Исторические факторы формирования идеи светскости в государственности таджикского народа**

Статья представляет собой комплексное научное исследование исторических предпосылок формирования идеи светскости в государственности таджикского народа. На основе анализа философских и правовых источников — в частности, религиозного текста Авесты — автор доказывает, что идея светского правления укоренилась в общественном сознании предков таджиков ещё в глубокой древности и продолжала формироваться в ходе исторических процессов.

Особое внимание уделяется эпизоду из Авесты, в котором Джамшедшах отвергает роль пророка, принимая на себя миссию светского правителя, что автор трактует как символический момент становления секулярной государственности. Рассматриваются системы арийского права, роль религии в управлении, символика власти и ритуалы, отражающие раздельность духовной и политической сфер. Основанные на анализе династий Пешдодиён, Каёнидов и Ахеменидов, выводы автора указывают на то, что секуляризм был глубоко вплетён в политико-правовую культуру таджиков.

Статья будет полезна специалистам по истории государства, права, политической философии и религиоведению, предлагая ценные аргументы для осмысления национальных форм светского управления.

**Ключевые слова:** светскость, государственность, Авеста, Джамшедшах, Заратуштра, политическая власть, религия и государство, династия Пешдодиён, династия Каёниён, арийская политическая философия, государственные символы, древнее право.

**Kholiqov Islomboy Abdumajitovich** - the State University of Law, Business and Politics of Tajikistan
a senior lecturer. E-mail: blade.1995.95@gmail.com

**Historical factors in the formation of the idea of secularism in the statehood of the Tajik people**

This scholarly article provides a comprehensive analysis of the historical roots of secularism in the statehood traditions of the Tajik people. Using ancient legal and philosophical sources — primarily the Avesta — the author argues that secular governance is not a modern invention but deeply embedded in the cultural and political consciousness of the Tajik ancestors.

The article highlights a key narrative from the Avesta in which King Jamshid (Jamshidshah) rejects a prophetic mission and embraces secular leadership, which the author interprets as a symbolic departure from theocratic governance and the affirmation of early secular statecraft. The study explores Aryan legal systems, the division between religion and politics, and the use of royal symbols that embody administrative authority independent from spiritual doctrine.

Through analysis of the Peshdadian, Kayanian, and Achaemenid dynasties, the article concludes that secularism has long served as a framework for Tajik

political culture. The findings contribute to a deeper understanding of the evolution of Tajik secular thought and are relevant to scholars of law, philosophy, political science, and religious studies.

**Keywords:** secularism, statehood, Avesta, Jamshidshah, Zoroaster, political power, religion and state, Peshdadian dynasty, Kayanian dynasty, Aryan political philosophy, state symbols, ancient law.

# АФКОРИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ МАОРИФПАРВАРИ ТОҶИК АҲМАДИ ДОНИШ

**Шоев Сино Ҳайдаралиевич** - Академияи милли илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, доктор PhD курси дуюм. E-mail:sinosoev08@gmail.com

Асри XIX ва ибтидои асри XX барои халқҳои Осиёи Миёна, бахусус барои мардуми тоҷик, давраи таҳаввулоти амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ буд. Дар ин марҳилаи тақдирсоз, дар баробари бӯҳрони амиқи дохилии аморатҳои феодалӣ ва таҷовузи низомии империяи Русия, ҷараёни нави фикрӣ бо номи маорифпарварӣ ба арсаи таърих қадам ниҳод. Ин ҷараён, ки сарчашмааш аз афкори мутафаккирони бузурге чун Аҳмади Дониш гирифта, дар фаъолияти ҷадидон таҷассум ёфт, кӯшиши посух додан ба чолишҳои мураккаби замон, дарки сабабҳои ақибмондагӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои наҷоти миллат буд. Барои фаҳмидани моҳияти афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии ин равшанфикрони замон, таҳлили вазъияти таърихие, ки ин афкор дар он ташаккул ёфтаанд,.аҳамияти.аввалиндараҷа.дорад.

**Калидвожаҳо:** Аҳмади Дониш, фаъолияти ҷадидон, Аморати Бухоро, Осиёи Миёна, Рисолаи таърихӣ, ҷараёни ҷадидия, мероси маорифпарварон

Дар асри XIX Аморати Бухоро, ки тахти идораи сулолаи манғития қарор дошт, дар ҳолати бӯҳрони амиқи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ қарор дошт. Низоми давлатдорӣ монархияи мутлақа буд, ки дар он ҳокимияти амир амалан бемаҳдуд буда, танҳо ба таври расмӣ бо меъёрҳои шариати ислом танзим мешуд. Сохтори идорӣ мураккаб ва номуназзам буд. Пас аз амир, ки соҳибихтиёри мутлақ ба ҳисоб мерафт, мансаби баландтарин қӯшбегӣ (сарвазир) буд, ки тамоми корҳои маъмурӣ ва хоҷагиро идора мекард. Дар дарбор мансабҳои дигаре чун иноқи калон (барои қироати фармонҳо) ва кӯкалтош (масъули ҷосусӣ) вуҷуд доштанд, ки низоми идораи дарбориро ташкил .медоданд.

Аморат аз ҷиҳати маъмурӣ ба вилоятҳо (бекигариҳо) ва туманҳо тақсим шуда буд, ки аксаран аз ҷониби хешовандон ва наздикони амир идора мешуданд. Ин ҳолат аз як тараф ба тақвияти ҳокимияти марказӣ мусоидат мекард, аммо аз ҷониби дигар, боиси худсарӣ ва зулми беандозаи .ҳокимони .маҳаллӣ .мегардид. [1,210]

Вазъи иҷтимоӣ ниҳоят вазнин буд. Зулму истибдоди феодалӣ, ки бо системаи андозҳои гарон ба монанди хироҷ, закот, танобона ва боҷипулӣ ҳамроҳ буд, деҳқонон ва косибонро ба ҳолати қашшоқии шадид оварда расонида буд. Деҳқонон маҷбур мешуданд, ки барои пардохти андозҳо аз сарватмандон бо фоизҳои баланд қарз гиранд, ки ин аксаран ба хонахаробии онҳо меанҷомид. Дар шаҳрҳои калон ғуломфурӯшӣ ва истифодаи меҳнати маҷбурӣ (қарачирик) як падидаи маъмулӣ буд, ки аз сатҳи пасти рушди иҷтимоии ҷомеа шаҳодат медод. Ин вазъияти ноумедкунанда дар эҷодиёти шоири ҳамзамони Аҳмади Дониш, Ёрӣ, ба таври возеҳ инъикос ёфтааст, ки бо сӯзу гудоз аз бедодии замон ва ҳоли парешони мардум шикоят мекунад. Задухӯрдҳои доимии байни давлатҳои минтақа – аморатҳои Бухоро, хонигариҳои Хева ва Қӯқанд – онҳоро ба гирдоби рукуд ва инқироз кашида, заиф .гардонида буд.

Дар чунин шароити бӯҳрони дохилӣ, аз миёнаҳои асри XIX таҳдиди омили беруна – таҷовузи империяи Русия – ба авҷи худ расид. Русия, ки аз замони Пётри I ба минтақа таваҷҷӯҳи стратегӣ дошт, бо сабаби рушди муносибатҳои капиталистӣ дар дохили кишвар ва рақобати геополитикӣ бо Англия, ба забти Осиёи Миёна оғоз кард. Дар натиҷаи як қатор амалиёти ҳарбӣ, ки бо шикасти лашкари бесарусомон ва суст мусаллаҳи аморат анҷом ёфт, қисми зиёди .Осиёи .Миёна ба. тасарруфи. Русия .даромад.

Аморати Бухоро истиқлолияти худро дар сиёсати хориҷӣ комилан аз даст дод ва дигар наметавонист бо давлатҳои ҳамсоя мустақилона муносибат кунад. Дар Бухоро "Агенти сиёсии императории Русия" таъсис дода шуд, ки фаъолияти амир ва ҳукумати ӯро назорат мекард. Ҳатто таъини валиаҳди тахти Бухоро аз ирода ва ризоияти подшоҳи рус вобастагӣ пайдо кард. Дар натиҷа, амирони охирини манғит, ба монанди амир Музаффар, ба ҳомиёни содиқи сиёсати мустамликадорӣ табдил ёфтанд, то ҷое ки генерал-губернатори Туркистон К.П. Кауфман ӯро "беҳтарин ҳокими уездии ман" номида буд.

Иқтисодиёти аморат пурра ба манфиатҳои империяи Русия тобеъ карда шуд. Хатҳои гумрукии байни Русия ва Бухоро барҳам дода шуда, сарзамин ба бозори умумирусӣ кашида шуд. Соли 1893 бо талаби Русия сикка задани тангаи нуқраи бухороӣ

қатъ карда шуд, ки ин яке аз нишонаҳои асосии.истиқлолияти.давлатдориро.аз.байн.бурд.

Ҳамроҳшавӣ ба империяи Русия боиси ворид шудани унсурҳои нав гардид. Дар шаҳрҳо чопхонаҳо (1868, Тошканд), китобхонаҳои оммавӣ (1870, Тошканд), рӯзномаи нахустин "Туркестанские ведомости", 1870), мактабҳои русии маҳаллӣ, муассисаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо пайдо шуданд. Инчунин, сохтмони роҳи оҳан ва пайдоиши корхонаҳои хурди саноатӣ муносибатҳои иҷтимоиро .тағйир.дод.[2,.174]

Маҳз дар ҳамин заминаи мураккаб ва зиддиятнок афкори маорифпарварӣ ташаккул ёфт. Истилои Русия, аз як тараф, як фоҷиаи миллӣ буд, ки боиси аз даст рафтани истиқлолият ва истисмори бераҳмонаи иқтисодӣ гардид. Аммо аз тарафи дигар, он ба таври ғайричашмдошт ҳамчун як катализатори тағйирот амал кард. Он низоми асримиёнагӣ ва рукудзадаи амoратро ба ларза овард ва бо ворид кардани унсурҳои муосири идоракунӣ, технология ва фарҳанг, як навъ "оина"-ро пеши рӯи ҷомеаи Бухоро гузошт, ки дар он ақибмондагии худаш ба таври возеҳ намоён шуд. Зиёиёни пешқадам, ки бо ин тағйирот рӯ ба рӯ шуданд, ба андеша фурӯ рафтанд. Онҳо сабабҳои аслии шикаст ва ақибмондагиро на танҳо дар қудрати низомии Русия, балки дар ҷаҳолати дохилӣ, фасоди дастгоҳи давлатӣ ва таассуби динӣ медиданд. Маҳз ҳамин муқоисаи шадиди байни "кӯҳна" ва "нав" ва дарки фоҷиаи вазъи мавҷуда заминаи асосии зеҳниро барои пайдоиши афкори ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва баъдтар ҳаракати ҷадидия фароҳам овард.

Аҳмад Маҳдуми Дониш (1827-1897) ҳамчун ситораи дурахшони осмони фикри асри XIX-и Осиёи Миёна эътироф шуда, саромади ҷараёни маорифпарварӣ ва бунёдгузори афкори ислоҳотхоҳии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар минтақа ба шумор меравад. Фаъолият ва осори ӯ посухи амиқи зеҳнӣ ба бӯҳрони аморати Бухоро ва чолишҳои замони нав буд. Афкори ӯ, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳои бевосита аз ҳаёти дарбор, омӯзиши амиқи мероси илмӣ ва сафарҳо ба империяи Русия ташаккул ёфтааст, як барномаи мукаммали ислоҳоти давлат ва ҷомеаро дар бар мегирифт.

Шоҳасари Аҳмади Дониш, ки бо номи шартии "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития" машҳур аст, на танҳо як солномаи таърихӣ, балки як асари таҳлилии сиёсӣ ва памфлети тезутунди иҷтимоӣ мебошад. Дар ин асар Дониш бо ҷасорати беназир ва бо истифода аз забони киноямезу ҳаҷвӣ низоми идораи амирони манғитро мавриди танқиди сахт қарор медиҳад. Ӯ бебунёдӣ, ноустуворӣ, зулм ва фасоди ҳокимияти амирон, бахусус давраи ҳукмронии амир Музаффарро (1860-1885), ки худ шоҳиди он буд,.бо.далелҳои.мушаххас.фош.мекунад.

Ба ақидаи Дониш, сарчашмаи асосии тамоми бадбахтиҳо ва ақибмондагии аморат дар ҷаҳолат, тангназарӣ ва бемаърифатии худи ҳокимон ва атрофиёни онҳо нуҳуфтааст. Ӯ бо нафрат менависад, ки амирону амалдорон танҳо ба чаҳор чиз машғуланд: "хӯрдан, ридан, ҷамъ кардан ва асп давондан". Ин танқиди сахт аз мавқеи як мутафаккире садо медод, ки солҳои зиёд дар дарбор хидмат карда, тамоми пастию баландиҳои онро аз наздик мушоҳида намуда буд ва аз бесарусомонии усули давлатдорӣ ба дод омада буд. Ӯ дар "Рисолаи таърихӣ" ҳодисаҳоеро интихоб ва тасвир мекунад, ки ноустувории пояҳои давлати манғитиёнро баръало нишон медиҳанд ва бо ин роҳ ба хулосае меояд, ки чунин низоми бар зулму ҷаҳолат асосёфта оянда надорад.

Агар "Рисолаи таърихӣ" ташхиси бемориҳои давлат бошад, пас асари дигари ӯ "Рисола дар назми тамаддун ва таовун" (таълиф тақрибан 1870-1873) як барномаи мукаммали табобат ё ислоҳоти он аст. Ин асар, ки пас аз сафари дуюми Дониш ба Петербург навишта шудааст, як лоиҳаи воқеии ислоҳоти конститутсионӣ барои аморати Бухоро мебошад. Пешниҳодҳои калидии Дониш дар ин рисола, ки барои замони худ комилан инқилобӣ буданд, иборатанд..аз:

* Маҳдуд кардани ҳокимияти мутлақи амир: Дониш пешниҳод мекард, ки ҳуқуқ ва салоҳиятҳои амир бояд дар асоси қонуни муайян (як навъ конститутсия) маҳдуд карда шаванд. Ин гузариш аз монархияи мутлақа ба монархияи машрута (конститутсионӣ) буд, ки дар он ҳоким на болотар аз қонун, балки дар доираи он амал мекунад.

* Таъсиси маҷлиси машваратӣ: Яке аз пешниҳодҳои ҷасуронаи ӯ таъсиси як ниҳоди машваратии шабеҳи парламентҳои аврупоӣ буд. Дар ин маҷлис бояд намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ (уламо, тоҷирон, сарбозон, ашроф) ширкат варзида, дар ҳалли масъалаҳои муҳими давлатӣ райъ ва андешаи худро изҳор намоянд. Қарорҳои муҳим бояд дар ҳамин машваратхона баррасӣ шуда,. Сипас .аз. ҷониби.амир.тасдиқ.мегардиданд.

* Ташкили низоми вазоратҳо: Барои бартараф кардани идораи худсарона ва бесарусомон, Дониш ҷорӣ намудани як сохтори муназзами идориро дар шакли вазоратҳо пешниҳод мекард. Ҳар як вазорат бояд барои соҳаи муайяни ҳаёти давлат (молия, артиш, корҳои дохилӣ ва ғайра) масъул бошад. Ин имкон медод, ки аз идораи худсаронаи як шахс ба идораи коллективӣ ва масъулиятнок.гузашта.шавад.

Ин ғояҳо, ки бешубҳа аз мушоҳидаи сохтори давлатии Русия ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои

авруподӣ сарчашма мегирифтанд, барои амири мустабид ва дарбори муҳофизакори ӯ ғайриқобили қабул буданд. Амир Музаффар ин пешниҳодҳоро ҳамчун таҳдид ба ҳокимияти худ арзёбӣ карда, онҳоро рад намуд ва худи Донишро бо баҳонаи таъин кардан ба вазифаи қозӣ ба манотиқи дурдасти аморат бадарға .кард.

Меҳвари асосии тамоми таълимоти сиёсӣ ва ҳуқуқии Аҳмади Дониш мафҳуми адолат мебошад. Ӯ бар ин бовар буд, ки пояи ҳар як давлати устувор ва ҷомеаи солимро адолат ташкил медиҳад. Дар "Рисола дар назми тамаддун ва таовун" ӯ даҳ шарти асосиро барои подшоҳи одил пешниҳод мекунад, ки онҳо синтези ахлоқи исломӣ ва мантиқи ақлонии дунявӣ мебошанд. Муҳимтарини ин шартҳо инҳоянд: подшоҳ бояд ҳамеша худро ба ҷои раияти шикояткунанда гузорад; ҳукми одилона барорад ва аз хашми норозиён натарсад; аз зулму ситам парҳез кунад, зеро зулм боиси харобии мулк мегардад; ва барои аъмоли ношоистаи мансабдоронаш худро масъул бидонад. [3,.144]

Дониш низоми судии мавҷудаи аморатро шадидан танқид мекард. Ӯ қозихонаҳои Бухороро, ки бояд маркази адолат мебуданд, ба лонаи фасод, ришвахорӣ, беадолатӣ ва тафсири ғаразноки шариат табдил ёфта буданд, мазаммат менамуд. Гуманизми ӯ ҳатто дар танқиди усулҳои ҷазои ҷисмонӣ дар мактабҳо зоҳир мешавад, ки онро барои саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдакон.зараровар.меҳисобид.

Таҷрибаи сафар ба Русия ба афкори ҳуқуқии ӯ таъсири амиқ гузошт. Ӯ бо тааҷҷуб ва эҳтиром қайд мекард, ки русҳо "корҳоро дар асоси тартиботи муайян ҳал мекунанд" ва "қонуни онҳо ба зӯроварӣ асос наёфтааст". Ин мушоҳида ӯро ба хулоса овард, ки барои Бухоро на танҳо ҳокими одил, балки як низоми ҳуқуқии муназзам, устувор ва ғайришахсӣ зарур аст, ки дар он қонун барои ҳама, ҳатто барои .худи. амир,.яксон.бошад.

Таълимоти Аҳмади Дониш як падидаи нодир дар таърихи афкори Осиёи Марказӣ мебошад. Ӯ кӯшиш намекард, ки анъанаи исломиро комилан рад кунад, балки мехост онро аз таассуб, хурофот ва тафсирҳои ҷоҳилона тоза карда, бо ақл (rationalism) ва талаботи замон мутобиқ созад. Лоиҳаи ислоҳоти ӯ, дар асл, як кӯшиши бунёди "монархияи исломии мунаввар" буд, ки дар он ҳоким ҳам масъулияти динӣ дорад ва ҳам бо сохторҳои муосири дунявӣ (парламент, вазоратҳо) маҳдуд шудааст. Таҳаввули фоҷиавии афкори ӯ аз як ислоҳотхоҳи содиқ, ки ба амир умед мебаст, ба як мунаққиди оштинопазир, ки нобудии сулоларо пешгӯӣ мекард, нишон медиҳад, ки чӣ гуна нокомии ислоҳот "аз боло" метавонад заминаро барои афкори инқилобии "аз поён" фароҳам оварад. Маҳз ҳамин мероси зеҳнии Дониш буд, ки роҳро барои ҷараёни ҷадидия, ки дигар ба ислоҳ шудани амир бовар надошт,.ҳамвор.кард.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар муҳити зиёиёни бедоргаштаи Осиёи Миёна ҷараёни нави иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ бо номи ҷадидизм (аз калимаи арабии "ҷадид" - нав) ба вуҷуд омад. Ин ҷараён, ки дар ибтидо ҳамчун ҳаракати ислоҳоти маориф оғоз шуда буд, ба зудӣ ба як қувваи сиёсии мухолифи низоми амирии Бухоро ва тартиботи мустамликадорӣ табдил ёфт. Фаъолияти ҷадидон ба муқобили зулми иҷтимоӣ, хурофоту ҷаҳолат, ҳокимони бесалиқа ва уламои мутаассиб раво-на шуда.буд.

Пайдоиши ҷараёни ҷадидия натиҷаи таъсири мутақобилаи якчанд омилҳои дохилӣ ва берунӣ буд. Сарчашмаҳои асосии ғоявии онро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ кард:

* Мероси маорифпарварии Аҳмади Дониш: Аксари муҳаққиқон барҳақ Аҳмади Донишро пешрав ва асосгузори зеҳнии ҷараёни ҷадидия мешуморанд. Ғояҳои ӯ дар бораи зарурати ислоҳоти давлат, танқиди аморат, тарғиби илму маърифати дунявӣ ва омӯхтани таҷрибаи Русия барои ҷадидон ҳамчун.як.барномаи.асосӣх.идмат.кард.

* Таъсири ҷараёнҳои ислоҳотхоҳии беруна: Ҷадидони Осиёи Миёна бо ҷараёнҳои ислоҳотхоҳии дигари ҷаҳони ислом, бахусус бо ҷадидони тоторҳои Қрим ва Поволжйе, ки пешвои онҳо Исмоил Гаспринский буд, робитаи зич доштанд. Инчунин, ғояҳои маорифпарварони Туркияи усмонӣ, Эрон ва кишварҳои араб тавассути матбуот ва сафарҳои мутақобила ба минтақа ворид шуда, ба афкори .зиёиёни .маҳаллӣ .таъсири .амиқ мерасонданд.

* Воқеияти нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ: Тавре қайд шуд, ҳамроҳшавӣ ба империяи Русия боиси рушди муносибатҳои молию пулӣ, пайдоиши синфи нави тоҷирон ва зиёиёни дорои тафаккури муосир гардид. Ин табақаи нав дигар намехост дар чорчӯбаи низоми кӯҳнаи феодалӣ зиндагӣ кунад ва ба тағйирот.ниёз.дошт. [4,153]

Ду абзори асосӣ дар дасти ҷадидон барои паҳн кардани ғояҳои худ хидмат мекарданд: мактаб ва матбуот. Онҳо ба ҷои мактабҳои кӯҳнаи динӣ, ки дар онҳо таълим ба азбаркунии матнҳои динӣ асос ёфта буд, "мактабҳои усули нав"-ро таъсис доданд. Дар ин мактабҳо дар баробари улуми динӣ, фанҳои дунявӣ ба монанди ҳисоб, ҷуғрофия, таърих ва забони русӣ бо усулҳои нави педагогӣ таълим дода мешуданд. Ҳамзамон, ҷадидон нахустин рӯзномаҳои миллиро таъсис доданд. Рӯзномаи "Бухорои Шариф" (1912) ва

маҷаллаи "Оина" (1913), ки дар Самарқанд аз ҷониби Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ нашр мешуд, ба минбари асосии тарғиби ғояҳои ислоҳотхоҳона, бедории .миллӣ .ва .танқиди .низоми .мавҷуда табдил.ёфтанд.

Дар маҷмӯъ, ҷадидизм як лоиҳаи бузурги нотамоми "модернизатсия аз поён" буд. Баръакси Аҳмади Дониш, ки умедашро ба ислоҳот "аз боло" ва тавассути амир баста буд, ҷадидон дарк карданд, ки тағйироти воқеӣ бояд аз тағйири шуури худи ҷомеа оғоз шавад. Онҳо бо истифода аз мактабу матбуот кӯшиш карданд, ки як насли нави равшанфикрро тарбия кунанд, ки худ талабгори ислоҳот гардад. Аммо ин лоиҳаи таҳаввули тадриҷӣ бо ду монеаи бузург рӯбарӯ шуд: аз як тараф, муқовимати шадиди нерӯҳои муҳофизакори дохилӣ ("қадимиён"), ки ҷадидонро дар куфру бединӣ айбдор мекарданд , ва аз тарафи дигар, сиёсати фишоровари ҳокимияти Русия (ҳам подшоҳӣ ва ҳам шӯравӣ), ки аз ҳар гуна ташаббуси мустақили сиёсӣ ҳарос дошт. Ин фишори дуҷониба ҷараёнро аз рушди табиӣ маҳрум сохт ва дар ниҳоят ба сарнавишти фоҷиавии аксари пешвоёни.он.дар.солҳои.30-юми.асри.XX.оварда.расонд.

Мероси сиёсӣ ва ҳуқуқии маорифпарварони асрҳои XIX-XX аҳамияти худро то имрӯз гум накардааст. Ғояҳои онҳо дар бораи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, таъмини адолати иҷтимоӣ, ислоҳоти маориф, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мубориза бо таассубу хурофот дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дигар кишварҳои минтақа ҳамчунон мубрам боқӣ мемонанд. Омӯзиши амиқи ин мероси гаронбаҳо на танҳо барои дарки гузаштаи таърихӣ, балки барои таҳкими пояҳои давлатдории навин, тақвияти худшиносии миллӣ ва сохтани як ҷомеаи муосиру пешрафта, ки бар арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ асос ёфтааст, зарур ва ҳатмӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин нукта аҳамияти ҷовидонаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии равшанфикрони халқи тоҷик нуҳуфтааст.

**Адабиёт:**


**1.** Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С. 675.

**2.** Раджабов З.Ш. Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш.Сталинабад,.1961..С.212.

**3.** Аҳмадӣ Дониш. Наводир-ул-вақоеъ / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1988.

**4.** Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития / Таҳияи А. Мухторов. –Душанбе: Ирфон, 1992.



**Шоев Сино Хайдаралиевич** - Национальная академия наук Таджикистана,.Институт философии, политологии и права, докторант, PhD студент второго курса. E-mail:sinosoev08@gmail.com


**Политические и правовые мысли таджикского просветителя Ахмада Дониша**


В XIX веке Бухарский эмират, которым правила династия Мангытов, находился в состоянии глубокого политического и социально-экономического кризиса. Государственное устройство представляло собой абсолютную монархию, в которой власть эмира была практически неограниченной и лишь формально регулировалась нормами исламского права. Административная структура была сложной и неорганизованной. После эмира, считавшегося абсолютным сувереном, высшим положением был кушбеги (премьер-министр), который управлял всеми административными и экономическими делами. При дворе были и другие должности, такие как великий инак (для зачитывания указов) и кокалтош (ответственный за шпионаж), которые составляли систему управления судом.



**Ключевые слова:** Ахмад Дониш, джадидская деятельность, Бухарский эмират, Средняя Азия, исторический трактат, джадидское движение, просветительское наследие.



**Shoev Sino Haydaralievich** - doctoral student, second-year student of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law of the.E-mail:sinosoev08@gmail.com


**Political and legal thoughts of Tajik educator Ahmad Donish**


In the 19th century, the Emirate of Bukhara, ruled by the Mangitian dynasty, was in a state of deep political and socio-economic crisis. The state system was an absolute monarchy, in which the power of the emir was practically unlimited and was only formally regulated by the norms of Islamic law. The administrative structure was complex and disorganized. After the emir, who was considered the absolute sovereign, the highest position was the kushbegi (prime minister), who managed all administrative and economic affairs. There were other positions at the court, such as the great inaq (for reading out decrees) and the kokaltosh (in charge of espionage), which formed the court administration system.



**Keywords:** Ahmad Donish, Jadid activity, Emirate of Bukhara, Central Asia, Historical treatise, Jadid movement, Educational heritage.

МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ – 4/1 (57) / 2025
АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ – 4/1 (57) / 2025

# МАСОИЛ ВА АҲАМИЯТИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ ДАР ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

**Азизқулова Маликабону Қосимовна** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов, докторанти PHD.

Дар мақолаи мазкур системаи принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ тадқиқ карда шуда, алалхусус оид ба қонуният ва ифодаву нақши он дар принсипи қонунияти системаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ карда мешавад. Яке аз ҷанбаҳои муҳим ин зарурати таъсиси заминаҳои возеҳи ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ифодаи қонуният дар принсипи қонунияти ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши муҳим дорад.

**Калидвожаҳо:** қонун, принсипи қонуният, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Қонуният ҳамчун принсипи ҳуқуқӣ риояи талаботҳои ҳуқуқӣ ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, ки ба доираи васеи субъектҳо вобаста мебошад. Принсипи қонуният яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки адолатро дар татбиқи ҳуқуқ таъмин мекунад. Моҳияти он дар он аст, ки таъқиби ҷиноятӣ ва ҷазо танҳо дар асоси қонун ва дар доираи он татбиқ карда мешавад.

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа қонуният яке аз принсипҳои муҳимтарини фаъолияти давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Бидуни таъсир ва афзалияти принсипи қонуният, ки бо риояи дақиқ ва устувори қонунҳо ва кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон тавсиф мешавад, тасаввур кардани ҷомеаи демократие, ки тибқи Конститутсия кафолат дода шудааст ғайриимкон мебошад.

Дар моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. (моддаи 1, қисми 1) Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. (моддаи 1, қисми 3).

Имрӯзҳо тасаввур кардани давлате, ки дар он қонунҳои амалкунандаи онро шаҳрвандонаш риоя накунанд номумкин аст. Аслан, чунин давлат наметавонад ба таври муқаррарӣ кор кунад. Ин яке аз хусусиятҳое, ки ин ба рушди ҷомеа вобаста аст, ки фард наметавонад берун аз он ва тартиби муайянкардаи он вуҷуд дошта бошад. Давлат дар ҷараёни таълим ва эволютсия меъерҳои ҳатмии рафторро барои тамоми аҳолӣ таҳия мекунад. Одамон аз замони пайдоиши давлатдорӣ зарурати риояи қонунҳоро дарк карданд, ки ин барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлату давлатдорӣ нақши бориз дорад.

Мазмуни принсипи қонуният дар тафсири ҳуқуқии ҷиноятии он дар Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Қонуният дар қонуни ҷиноятӣ дар он зоҳир мешавад, ки КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона манбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Қонуни ҷиноятӣ аз рӯи қиес татбиқ карда намешавад [4, 23].

Нақши қонуният ва принсипи қонуният дар татбиқи ҷазои ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки яке аз принсипҳои таъин кардани ҷазои ҷиноятӣ ин риояи талаботи қисми умумии КҶ ҶТ (масалан, ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо ё ҳукмҳо, маҳкумияти шартӣ) ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи санксияи моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳангоми таъин кардани ҷазо, суд инчунин бояд меъерҳои умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ-ро риоя кунад, яъне тариқи қонунӣ амал кунад.

Принсипи қонуният амали худро на танҳо ба таъини ҷазо, балки ба истифодаи дигар чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ яъне таъсири тарбиявӣ, чораҳои хусусияти тиббӣ, ки метавонанд танҳо тибқи қонун таъин карда шаванд, татбиқ мекунад.

Дар илми ҳуқуқ андешаи "ҷиноят бе нишон додани он дар қонун вуҷуд надорад" ба он маъно аст, ки истифодаи усули қиёс дар қонунгузорӣ манъ мебошад.

Дар ҳуқуқи маданӣ назар ба ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин омадааст, ки дар он истифодаи на танҳо қиёси қонун, балки қиёси ҳуқуқ низ имконпазир аст, танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ муайянкунии расмиву қатъии меъёрҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Пурра намудани ҳуқуқ тавассути паҳн кардани қонун ба ҳолатҳое, ки дар он зикр нашудаанд, ғайриқобили қабул аст. Ҳатто агар кирдор барои ҷомеа хатар эҷод кунад ё расман ба кирдори ҷиноятӣ монанд бошад ҳам. Аммо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мустақиман манъ нашудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно карда мешавад.

Ба ибораи дигар, муайян кардан мумкин аст, ки риояи принсипи қонуният дар ҳама марҳилаҳои татбиқи дигар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳатмист. Бо исботи он, ки принсипи қонуният шакли ифодаи принсипҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, бояд қайд кард, ки принсипи қонуният на танҳо ифодаи

қонунгузории принсипҳои дигарро таъмин мекунад, балки доираи фаъолияти онҳоро танзим (маҳдуд мекунад). Масалан, принсипи баробарии ҳама дар назди қонун меъёрҳои иҷтимоию физиологии шахсро дар бар мегирад, ба монанди озодии дин, эътиқод, мансубият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Масалан, ташкили иттиҳодияи динӣ ё ҷамъиятӣ, ки фаъолияти он бо зӯроварӣ ба шаҳрвандон ё ба таври дигар ба саломатии онҳо зарар расонидан, аммо чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо қонун манъ карда шудааст ва мувофиқан баҳс дар бораи қонунияти онҳо ва баробарӣ бо иттиҳодияҳои манъшуда маъно надорад.

Принсипи қонуният, тибқи мавқеъи умумиҳуқуқӣ ва конститутсионӣ, ба ҳар як марҳилаи танзими ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Дар ниҳоят, маҳз қонуният мансубияти ҳар як санади меъёрию ҳуқуқиро ба шумораи шахсият, ҷомеа ва умуман давлат, ки барои фаъолияти муқаррарии ҳаёт заруранд, нишон медиҳад ва ӯҳдадории иҷрои онҳоро муайян мекунад [5, 52]. Дар ин ҳолат қонуният хусусияти ҷудонопазири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ мебошад. Мисол, амали принсипи қонуниятро ҳангоми интихоби усулҳо ва усулҳои татбиқи принсипҳо ва меъерҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба кодекси ҷиноятии ватанӣ овардан мумкин аст. "Принсипи қонуният дар ин ҳолат бо принсипҳои умумиҳуқуқии гуманизм ва адолат робитаи зич дорад, зеро маҳз дар ин принсипҳо муқарраротиҳуқуқии ҷиноятӣ дар бораи гуманизм ва адолат асос ёфтаанд".

Олимон хусусиятҳои зерини принсипи қонуниятро ҷудо мекунанд:

1. Ҷинояти кирдорро танҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар кардан мумкин аст.

2. Қонунгузор аломатҳои ҳар як ҷиноят, унсурҳои таркиби онро муайян кардааст. Ҳангоме ки масъалаи таъқиби ҷиноятӣ ба миён меояд, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд мувофиқати дақиқи қонунро муқаррар кунанд. Дар амали мушаххас, набудани ҳатто як аломати дар қонунгузорӣ тавсифшуда, монеаи бешубҳа ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Дар асоси охирин, монандӣ ба намуди зоҳирии комил ва қонунгузорӣ гузошта намешавад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ принсипи қиёс вуҷуд надорад [6,124]. Бартараф кардани камбудиҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ салоҳияти истисноии қонунгузор аст.

3. Ба шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор аст, танҳо ҷазоҳои дар қонун зикршуда татбиқ карда мешаванд.

4. Ҳамаи дигар (дар баробари ҷазо) оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахс низ танҳо дар қонуни ҷиноятӣ муайян карда шудаанд".

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, қонуният дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар идораи давлат, дар фаъолияти қонунгузорӣ нақши басо муҳим дорад. Принсипи қонуният, ки шакли ифодаи принсипҳои дигар аст, метавонад на танҳо амали принсипҳоро дар қонун мустаҳкам кунад, балки маҳдудиятҳоро низ ба амал оварад.

**Адабиет:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016).
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори МО ҶТ, с.1998, № 9, мод.68, мод.69, № 22, мод.306; ҚҶТ аз 17.12.2020 № 1730, аз 20.04.2021 № 1776, аз 23.12.2021 № 1809, аз 19.07.2022 № 1895, аз 19.07.2022 № 1896.
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009. - Душанбе: Матн, 2020.- 570 с.
4. Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми махсус) – Дастури таълимӣ. – Хуҷанд: матбааи Ношир, 2009.– 336 с.
5. Тафсири илмию омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 417 с.
6. Криминалистика: китоби дарсӣ / Назаров А.Қ., Ямакова З.Д., Қодиров Д.С., Давлатов Д.Д.. – Душанбе, 2019. – 708 с.
7. Холиқзода, А. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби I. Ҳуқуқ дар аҳди Бостон. Қисми 1. Авасто; Қисми 2. Вандидод / А. Холиқзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 240 с.



**Азизкулова Маликабону Косимовна** – Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права. Докторант PhD.


**Вопросы и значение принципа законности в уголовном праве**


В данной статье рассматривается система принципов уголовного права, с особым акцентом на законность, ее выражение и роль в принципе законности в системе принципов уголовного права. Одним из важных аспектов является необходимость создания четкой правовой базы, которая играет важную роль в подтверждении легитимности принципа законности уголовного права.



**Ключевые слова:** закон, принцип законности, принципы уголовного права.

**Azizkulova Malikabonu Kosimovna** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law. PhD

**Issues and significance of the principle of legality in criminal law**

This article examines the system of principles of criminal law, with particular emphasis on legality, its expression and role in the principle of legality in the system of principles of criminal law. One of the important aspects is the need to create a clear legal framework, which plays an important role in confirming the legitimacy of the principle of legality of criminal law.

**Keywords:** legality, principle of legality, principles of criminal law.

**<u>Аббревиатура</u>**

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**ИФСҲ** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ

**ДМТ**– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**АВКД** – Академияи Вазорати дохилии ҶТ

**д.и.ҳ.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**н.и.ҳ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**СИ** – Сарходими илмӣ

**ХПИ** – Ходими пешбари илмӣ

**ХКИ** – Ходими калони илмӣ

**ХХИ** – Ходими хурди илмӣ

**<u>Аббревиатура</u>**

**НАНТ** – Национальная академия наук Таджикистана

**ИФПП** – Институт философии, политологии и права

**ТНУ** – Таджикский нацональный университет

**ТГУПБП** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

**д.ю.н.** –доктор юридических наук

**к.ю.н.** –кандидат юридических наук

**ГНС** – Главный научный сотрудник

**ВНС** –Ведущий научный сотрудник

**СНС** – Старший научный сотрудник

**МНС** – Младший научный сотрудник

**РТСУ** – Российско – Таджикский (Славянский) университет

**<u>Abbreviation</u>**

**NAST** – National Academy of Science of Tajikistan

**IPPL** – Institute of philosophy, political science and law

**TSUPBL** – Tajik State University of politics, business and law

**TNU** - Tajik National University

**D.L.** – doctor of law

**C.L.** – candidate of law, кандидат юридических наук

**a.p.** – assistant professor – доцент

**M. of law** – Master of law – магистр права

**PhD** –philosophy doctor, доктор философии

**C. for a d.** – candidate for a degree – соискатель

**c.s.r.** – chief scientific researcher – Главный научный сотрудник

**g.** – graduant – соискатель ученой степени

**j.s.r.** – junior scientific reseacher – младший научный сотрудник

**s.s.r.** – senior scientific researcher – Старший научный сотрудник

**L.R.** - leading Researcher– Ведущий научный сотрудник

## ТАРТИБИ ТАҚРИЗИ МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ АКАДЕМИИ ҲУҚУҚ" ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Нисбат ба мақолаҳои ба Маҷалла барои нашр пешниҳодшуда, ташхиси аввалия (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), гузаронида шуда, сипас тибқи тартиботи муқарраршуда барои нашр қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони "Қоидаҳо барои муаллифон" дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо то супурдан ба тақриз бояд ислоҳ карда шавад.

Сипас, мақолаҳо бо тартиби муайян аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд (номзад ё докторҳои илм) тақриз дода мешаванд.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои ҷойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзуъ, ё ба чоп тавсия надодан, бояд қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти лозимиро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба ҳайати таҳририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад. Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхабардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷ шударо надоранд.

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЕННЫХ В "АКАДЕМИЧЕСКИЙ ЮРИДИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ"

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статьей приводятся в "Правилах для авторов", публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

## REVIEWING ORDER OF ARTICLES PRESENTED TO "THE ACADEMIC LAW JOURNAL"

Articles coming to the editorial board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in case of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of the reviewing manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for their needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

## ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар Маҷаллаи академии ҳуқуқ мақолаҳое чоп карда мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илми ҳуқуқшиносӣ бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва калидвожаю фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 16 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на камтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд на камтар аз даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хосси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, ном ва насаби муаллиф вазифа ва ҷои кор, суроғаи электронӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар оғози мақола ному насаби муаллиф, дараҷа ва унвони илмӣ, муассисае ки дар он кор мекунад, вазифаи муаллиф, почтаи электронӣ фишурда ва калидвожаҳо ба забоне, ки муаллиф мақоларо пешниҳод кардааст оварда мешавад. Минбаъд матни мақола, рӯйхати адабиёт, фишурда ва калидвожа бо ду забони дигар ҷой дода мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушаххасоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифаи умумӣ; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифаи умумӣ (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф бароиислоҳот ё ҷиҳати таҳрир муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисор намудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

Редакционная коллегия журнала просит авторов предоставлять свои материалы в редакцию, в печатной и электронной формах, обратив особое внимание к научным и практическим аспектам своего творчества.

В Академическом юридическом журнале публикуются научные статьи по результатам научных исследований по юридическим наукам.

Статьи принимаются к публикации по рекомендации одного из отделов Института или одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

Объём статьи не должен превышать одного п.л. (до 16 страниц компьютерного текста), включающий в себя также рисунки, таблицы, графики, аннотации и ключевые слова на таджикском, русском и английском языках, приводимые в конце статьи. Аннотация на одном языке должна содержать не менее четырёх предложений, а количество ключевых слов должны быть приведены не менее десяти единиц. Текст статьи должен быть представлен в программе MicrosoftOfficeWord: размер шрифта – 14, гарнитура – TimesNewRomanTj, межстрочный интервал – 1,5, поля – 2,5 см со всех сторон. Использование специфических таджикских букв в материалах, подготовленных на таджикском языке, а также в ключевых словах и аннотации обязательно. Страницы должны быть пронумерованы.

К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего отдела Института, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, имени и

фамилии, должности, места работы и электронной почты автора.

К публикации принимаются материалы исследований, не опубликованные ранее в других печатных изданиях. В начале статьи приводится название, ФИО автора, место работы, должность и электороная почта автора, а также аннотация и ключевые слова на языке, на котором подготовлена статья. После дается текст статьи и литература, а также аннотации и ключевые слова на двух других языках.

При оформлении списка использованной литературы следует указать: а) для книг – фамилия и инициалы автора, полное названия, место издания, издательство, год издания, номер тома, общую страницу; б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и общую страницу (для сборника). К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, они должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

Ответственность за использование данных, не предназначенных для открытых публикаций, несут авторы статей в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, к производству не принимаются.

## RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board asks authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 16 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size – 14 headset – Times New Roman Tj, line spacing – 1.5, farmland – 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, name and surname, position, plase of work and e–mail of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. Research materials that have not previously been published in other print media are accepted for publication. At the beginning of the article, the author's name, full name, place of work, position and email address of the author are given, as well as the abstract and keywords in the language in which the article was prepared. After that, the text of the article and literature are given, as well as annotations and keywords in two other languages.

When making a list of references one should indicate: a) for books – the author's surname and initials, full name, place of publication, publisher, year of publication, volume number, general page; b) for journal articles and collections – the author's surname and initials, the title of the article, the name of the journal or collection, the year of publication, number and the general page (for the collection).To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33, 19.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Институти фалсафа сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов

734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, 19
Национальная академия наук Таджикистана
Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова

734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, 19 Rudaki Avenue.
Tajikistan National Academy of Sciences
A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law

Ба матбаа 26.XI.2025 супорида шуд:
Барои чоп 24. XII. 2025 имзо шуд
Коғази офсетӣ. Андозаи 60Х84 ½
Ҷузъи чопии шарти 12, Адади нашр -100 нусха.
Супориши № . Нархаш шартномавӣ

Дар Матбааи адрес: